ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД: 659.3+321.01+1(575.3) (32.811+76;66.3 (2 тоҷик))

**ДАВЛАТАЛИЗОДА ХУРШЕД ДАВЛАТАЛӢ**

# НАҚШИ РАСОНАҲО ДАР ТАШАККУЛИ АФКОРИ УМУМ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор
аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ
(6D050401 – Рӯзноманигорӣ)

**Роҳбари илмӣ:**
номзади илмҳои филологӣ,
дотсент Гулов С. Н.

ДУШАНБЕ – 2026

## МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА.........................................................................................3-13**

**БОБИ I. ОМӮЗИШ ВА ТАҲЛИЛИ НАЗАРИЯВИИ НАҚШИ ВАО ДАР ШАКЛГИРИИ АФКОРИ ОММА .................................................14-52**

1.1. Назаре ба шинохт ва таъсирбахшии расонаҳо..........................................14-32

1.2. Таъсири мубориза ҳои иттилоотӣ ба афкори умум....................................33-39

1.3. Фаъолияти телевизион дар самти шаклдиҳии афкори умум.....................39-52

**БОБИ II. ВАО-И ВАТАНӢ ВА БУНЁДИ АФКОРИ СОЗАНДА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН...................................................53-110**

2.1. Матбуот – василаи аввалини нашру паҳни иттилоот................................53-69

2.2. Нақши матбуоти даврӣ дар ташаккули афкори умум (дар мисоли нашрияи “Ҷумҳурият”)...............................................................69-88

2.3. Телевизиони Тоҷикистон ва махсусияти барномаҳои он дар фазои иттилоотӣ .................................................................................88-110

**БОБИ III. НАЗАРПУРСӢ – ВАСИЛАИ ОМӮЗИШ ВА ТАҲҚИҚИ АФКОРИ ОММА.........................................................................111-160**

3.1. Баррасии назари коршиносон дар бораи нақши расонаҳо дар афкори омма...............................................................................111-134

3.2. Таъсири расонаҳо дар шинохти аудитория............................................134-160

**ХУЛОСА.....................................................................................161-164**

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ..........................................................................................165**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ.......................................................................166-181**

**ЗАМИМАҲО.................................................................................182-183**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Ҷомеаи муосирро бидуни васоити ахбори омма (ВАО) тасаввур кардан ғайриимкон аст. ВАО дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ нақши калидӣ дошта, ба дарки равандҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ таъсири амиқ мерасонад. Дар шароити рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ ва рақамикунонӣ, ВАО на танҳо манбаи иттилоот, балки воситаи пурқуввати таъсиррасонӣ ба шуури одамон гардидааст. Ин раванд, алалхусус, барои кишварҳои рӯ ба тараққӣ, аз қабили Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар он расонаҳо ба иҷтимоикунонии сиёсӣ, иштироки шаҳрвандон дар қабули қарорҳои муҳим ва рушди муколамаи ҷамъиятӣ мусоидат мекунанд, дахл дорад.

Давоми асрҳои XX-XXI дар сохтор ва вазифаҳои ВАО тағйироти назаррас ба амал омад. Рушди интернет, технологияҳои мобилӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба ҷаҳонишавии фазои иттилоотӣ оварда расонд, ки тарзи қабул ва интишори иттилоотро ба куллӣ тағйир дод. Дар ин замина, нақши ВАО ҳамчун механизми ташаккули афкори ҷамъиятӣ меафзояд, зеро онҳо дар баробари хабарҳоро интиқол додан, рӯйдодҳоро тафсир намуда, ба афзалиятҳои сиёсии шаҳрвандон таъсир мерасонанд ва меъёрҳо ва арзишҳои иҷтимоиро ташаккул медиҳанд.

Дар ҷаҳони муосир, ВАО якчанд вазифа асосиро иҷро мекунад: иттилоотӣ, иҷтимоӣ, сафарбаркунии сиёсӣ, назорат ва фароғат. Таъсири онҳо дар он зоҳир мешавад, ки одамон воқеиятро чӣ гуна дарк мекунанд, дар бораи рӯйдодҳои ҷорӣ чӣ гуна доварӣ мекунанд ва чӣ гуна онҳо дар ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсӣ қарор қабул мекунанд. Омӯзиши ин таъсир дар кишварҳое, ки дар онҳо институтҳои демократӣ дар раванди ташаккулёбӣ қарор доранд ва ВАО ба воситаи асосии ҳамкории ҷамъиятӣ табдил меёбанд, махсусан муҳим аст.

Дар Тоҷикистон мисли бисёр аз кишварҳои дигар, афкори ҷамъиятӣ зери таъсири омилҳои гуногун, аз ҷумла, анъанаҳои фарҳангӣ, хусусиятҳои таърихӣ, низоми сиёсӣ ва сатҳи рушди технологияҳои иттилоотӣ ташаккул меёбад. Аммо ВАО дар ин ҷо нақши махсус дорад, зеро он манбаи асосии иттилоот барои қисми зиёди аҳолӣ мебошад. Телевизион, радио, нашрияҳои чопӣ ва захираҳои

интернетӣ тасаввуроти шаҳрвандонро дар бораи рӯйдод, равандҳои сиёсӣ ва тағйироти иҷтимоӣ ташаккул медиҳанд.

Вазъи сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии кишвар хусусияти кори ВАО ва таъсири онро ба шуури ҷамъиятӣ муайян мекунад. Дар шароити гузариши иқтисодӣ, навсозии сиёсӣ ва афзоиши фаъолияти шаҳрвандӣ, ВАО омили асосии муайянкунандаи сатҳи огоҳии аҳолӣ, муносибати он ба ҳокимият, сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат мегардад. Ғайр аз он, рушди воситаҳои нави иттилоотрасонӣ, ба монанди шабакаҳои иҷтимоӣ, ки имкониятҳои таъсиррасониро ба афкори ҷамъиятӣ хеле васеъ кардаанд, бояд ба назар гирифта шаванд. Солҳои охир дар Тоҷикистон афзоиши шумораи истифодабарандагони захираҳои интернетӣ ва платформаҳои иҷтимоӣ ба мушоҳида мерасад, ки хусусияти робитаи байни давлат, шаҳрвандон ва ниҳодҳои гуногуни ҷамъиятиро тағйир медиҳад. Ин тағйирот фаҳмиши амиқи илмӣ ва таҳлили механизмҳои таъсири ВАО ба шуури оммаро талаб мекунанд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар раванди таҳлил ва таҳқиқи мавзуи мазкур муаллиф аз сарчашмаҳои гуногуни илмӣ, оммавӣ ва ҳуқуқии мухталиф, ки паҳлуҳои гуногуни фаъолияти ВАО-ро дар Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор додааст, истифода кардааст. Мавзуи таъсири ВАО дар шаклгирии афкори умум барои ҷомеаи Тоҷикистон нисбатан мавзуи нав мебошад. Аз ин ҷост, ки маводди илмӣ ва публитсистии мустақиман ба мавзуъ дахлдошта нисбатан камтар мебошад. Аммо дар ҷараёни таҳқиқ аз маводу мақолаҳои гуногуне, ки ба самти илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сиёсатшиносӣ, равоншиносӣ, ҷомеашиносӣ, таърих ва ғайра тааллуқ доранд, истифода гардидааст.

Ташаккули афкори ҷамъиятӣ таҳти таъсири ВАО дар Тоҷикистон раванди мураккаб ва гуногунҷанба буда, таҳлили муфассали илмиро талаб мекунад. Имрӯзҳо таҳқиқи ин падида вазифаи муҳим боқӣ мемонад, зеро ҳамкории байни ҷомеа ва муҳити ВАО таҳти таъсири омилҳои технологӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ пайваста рушд мекунад. Дар гуфтугӯйи илмӣ якчанд равиш барои омӯзиши нақши ВАО дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ мавҷуданд. Сиёсатшиносон ва ҷомеашиносон ВАО-ро ҳамчун воситаи муҳимми

таъсиррасонӣ ба равандҳои интихоботӣ, механизми қонунигардонии ҳокимият ва воситаи сафарбаркунии ҷамъиятӣ меҳисобанд. Равоншиносон таъсири ҷараёни иттилоотро ба равандҳои маърифатӣ ва қабули қарорҳо нисбат медиҳанд. Журналистон ва муҳаққиқони ВАО ба масъалаҳои объективӣ, мустақилият ва сензура дар кори ВАО таваҷҷуҳ доранд. Дар заминаи Тоҷикистон таҳқиқоти марбут ба таъсири танзими давлатӣ ба озодии матбуот, рушди расонаҳои мустақил, нақши шабакаҳои иҷтимоӣ дар паҳн кардани иттилоот ва таъсири мундариҷаи ВАО ба ташаккули ҳувияти миллӣ муҳим шуморида мешавад. Аз ин рӯ, адабиёти марбутаро шартан ба 4 гурӯҳ ҷудо намудан дуруст мебошад.

**1. Пажуҳишҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ,** ки вобаста ба мавзуи таҳқиқот анҷом шудааст. Дар ин гурӯҳ, асосан дар диссертатсияҳо, мақолаҳои илмӣ ва китобҳои олимон, аз ҷумла, И. Усмонов [100; 105; 106], А. Саъдуллоев [91; 93], А. Нуралиев [68], М. Муродӣ [61; 62], А. Азимов [9], М. Муқимов [55; 56], Ҷ. Саъдуллоев [85], М. Абдуллозода [7], Д. Давронов [24], С. Гулов [21], Б. Ҳошимзода (А.Ҳ. Қутбиддинов) [40], З. Эшматов [125], И. Мирзоев [51], Х. Сафарзода [89], М. Сафарзода [88] ва дигарон инъикос гардидааст. Дар пажуҳишҳои муҳаққиқон воситаҳои ахбори омма ҳамчун омили асосии таъсиррасон ба афкори ҷомеа арзёбӣ гардида марҳалаҳои ташаккул ва рушди расонаҳо, нақши онҳо дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеаи муосир мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Муҳаққиқон таъкид мекунанд, ки дар шароити рушди босуръати технлогияҳои иттилоотӣ ва густариши шабакаҳои иҷтимоӣ нақши расонаҳои дар ташаккули афкори омма беш аз пеш афзудааст. Ҳамзамон, дар пажуҳишҳои муҳаққиқон вазифаҳои асосии воситаҳои ахбори омма, аз ҷумла, иттилоърасонӣ, маърифатӣ, тарбиявӣ ва ташаккули фарҳанги сиёсиву шаҳрвандии аҳолӣ баррасӣ гардидаанд. Бо вуҷуди ин, масъалаҳои вобаста ба таъсири расонаҳо ба шаклгирии афкори омма то ҳол таҳқиқи амиқу фарогирро тақозо менамояд. Асарҳои мазкур ҳангоми таҳияи диссертатсия ҳамчун роҳнамо хидмат намуданд, дар баррасии ҷанбаи назариявии пужуҳиш такя карда шуд.

**2. Мақола ва китобҳои олимони хориҷӣ.** Азбаски дар ҷаҳони имрӯза нақши ВАО ва таъсири он миёни ҷомеа басо бузург мебошад ва бевосита ба шаклгирии сиёсати давлатҳову ҳукуматҳо таъсир мерасонад, миёни муҳаққиқон ва олимони кишварҳои гуногун масъалаи муҳимми таҳқиқиро ташкил менамояд. А. Алиев [11], Л. Егорова [27], Б. Грушин [18], М. Лойко [157], Е. Прохоров [72; 73], Е. Пронина [71], В. Косяков [39] ва дигарон паҳлуҳои гуногуни фаъолияти воситаҳои ахбори омма ва таъсири онҳоро ба шуури ҷамъиятӣ, раванди сиёсӣ ва фарҳанги ҷомеа мавриди омӯзиш қарор додаанд. Дар осори муҳаққикон нақши расонаҳо ҳамчун воситаи муҳимми ташаккули афкори омма, идоракунии равандҳои иҷтимоӣ ва таъсир ба рафтори аудитория аз нигоҳи илмӣ асоснок гардидааст. Онҳо нишон медиҳанд, ки воситаҳои ахбори омма манбаи расонидани иттилоот, механизми таъсиррасонӣ ба арзишҳо, ҷаҳонбинӣ ва мавқеи шаҳрвандон низ мебошанд. Таҳлили адабиёти илмии хориҷӣ нишон медиҳад, ки масъалаҳои таъсири расонаҳо ба афкори омма технологияҳои иттилоотӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ ва коммуникатсияи рақамӣ имрӯз яке аз самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ба шумор мераванд. Аз ин рӯ, омӯзиши таҷрибаи олимони хориҷӣ барои такмили асосҳои назариявии диссерттасия аҳаммияти муҳимми илмӣ дошта, маддарасон мебошанд.

**3. Қонунҳо ва меъёрҳои қонунгузории миллӣ**, аз қабили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастрасӣ ба иттилоот» ва ғайра, ки фаъолияти ВАО-и ватаниро дар асоси талаботи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии мамлакат ба танзим медароранд. Маҳз дар замони соҳибистиқлолӣ имкон фароҳам омад, ки дар самти рушди воситаҳои ахбори омма санадҳои муҳимми ҳуқуқӣ қабул гардида, ба пешрафти чашмгири расонаҳо мусоидат намуд ва имкон фароҳам омад, расонаҳои гуногун дар фазои иттилооти кишвар ба фаъолият пардохта, дар ташакуули афкори омма такони ҷиддӣ бахшанд.

**4. Натиҷаҳои пурсишномаҳои ҷомеашиносӣ.** Бо мақсади бештар самаранок гардонидани натиҷаи таҳқиқоти илмӣ, миёни аҳолӣ пурсишномаҳои сотсиологӣ гузаронида шуд, ки дар қисмати таҳлилии диссертатсия нақши муҳимро сазовор гардидааст. Бояд гуфт, ки ҷанбаи амалии дисертатсия бевосита баҳри муайян намудани талаботи ҷомеа ба воситаҳои ахбори омма нақши муҳим мегузорад. Маълум аст, ки бо рушди бавусъати инетернет, технологияҳои навин ва шабакаҳои иҷтимоӣ таваҷҷуҳи аудитория ба баъзе расонаҳои классикӣ камтар шудаву зарурате ба миён омадааст, ки фаъолияти онҳо мутобиқ ба замон гардонида шавад. Бинобар ин, дар натиҷаи омӯзишу таҳлили пурсишномаҳо роҳҳои мушаххас ҷиҳати фаъолияти бавусъати расонаҳо нишон дода шуд, ки бо татбиқи он метавон ба тақвияти расонаҳо дар замони муосир ва ба ин васила, таъсир расонидан ба афкори ҷомеа мусоидат намуд.

Аҳаммияти тадқиқот на танҳо бо моҳияти амалӣ, балки бо зарурати дарки назариявии равандҳои ташаккули афкори ҷамъиятӣ дар шароити муҳити тағйирёбандаи ВАО вобаста аст. Омӯзиши илмии таъсири ВАО ба шуури ҷамъиятӣ имкон медиҳад, ки механизмҳои муоширати иҷтимоӣ амиқтар фаҳмида шаванд, тамоюлҳои асосӣ ва омилҳои муайянкунандаи сиёсати иттилоотии давлат ошкор карда шаванд. Дар ҷаҳони муосир таваҷҷуҳ ба таҳқиқоти байнисоҳавии ВАО, аз ҷумла, сиёсатшиносӣ, ҷомеашиносӣ, равоншиносӣ ва фарҳангшиносӣ меафзояд. Таҳлили ҳамкории ВАО ва ҷомеа дар Тоҷикистон имкон медиҳад, ки заминаи назариявии таҳқиқоти илмӣ ба таври васеъ омӯхта, барои рушди фазои ВАО-и кишвар тавсияҳои мушаххас пешниҳод карда шавад.

**Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Мавзуи кори диссертатсионӣ ба барномаҳои таълимӣ ва илмии самтҳои рӯзноманигорӣ алоқамандии амиқ дорад. Масъалаи таҳқиқшаванда як ҷузъи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад. Ҳамчунин диссертатсия ба ҳадафҳои татбиқи барномаҳои давлатии соҳавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла

«Барномаи давлатии рушди телевизион ва радио дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2020, №429) ва «Барномаи давлатии рушди пахши телевизиони рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 августи соли 2025, №461) мувофиқат мекунад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

**Мақсади таҳқиқ** таҳлили ҳамаҷонибаи нақши воситаҳои ахбори оммаро дар раванди ташаккули афкори ҷамъиятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад. Дар доираи тадқиқот механизмҳои таъсири ВАО ба шуури ҷамъиятӣ баррасӣ карда шуда, омилҳои асосии муайянкунандаи дараҷаи таъсири иттилоотӣ омӯхта шудааст.

Таҳқиқот ба муайян кардани хусусиятҳои фаъолияти расонаҳои миллӣ ва байналмилалӣ дар фазои иттилоотии Тоҷикистон, инчунин, таҳлили нақши онҳо дар ташаккули ақидаҳои сиёсӣ, арзишҳои фарҳангӣ ва муносибатҳои иҷтимоии шаҳрвандон равона шудааст. Дараҷаи эътимоди аҳолӣ ба манбаъҳои гуногуни иттилоот, таъсири расонаҳои рақамӣ ва анъанавӣ ба дарки ҷамъиятии рӯйдодҳои муҳим, инчунин, нақши расонаҳои давлатӣ ва мустақил дар паҳн кардани иттилооти объективӣ минбаъд омӯхта мешавад. Дар асоси таҳлили гузаронидашуда тавсияҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии кори ВАО дар шароити муҳити муосири иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда мешаванд.

**Вазифаҳои таҳқиқ.** Барои ноил гардидан ба мақсади зикршуда, муайян намудани махсусиятҳои бозтоби фаъолият, хусусиятҳои хос ва таъсири ВАО дар шаклгирии афкори ҷомеа ҳалли вазифаҳои зеринро зарур меҳисобем:

- таҳқиқи равишҳои асосии назариявӣ оид ба омӯзиши таъсири ВАО ба афкори ҷамъиятӣ;
- баррасии технологияҳои муосири ВАО ва таъсири онҳо ба дарки иттилоот аз ҷониби шунавандагон;

- тавсифи сохтор ва хусусиятҳои фаъолияти расонаҳои анъанавӣ ва рақамӣ дар кишвар;
- муайян намудани таъсири ВАО-и давлатӣ ва мустақил ба ташаккули афкори ҷамъиятӣ;
- таҳлили таҷрибавии таъсири ВАО ба афкори ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон;
- гузаронидани пурсиши сотсиологӣ ё таҳлили мундариҷаи нашрияҳо оид ба нашрияҳои мубрами ҷамъиятӣ;
- арзёбии дараҷаи эътимоди аҳолӣ ба намудҳои гуногуни ВАО (давлатӣ, мустақил, иҷтимоӣ);
- муқоисаи сатҳи эътимоди аҳолӣ ба ВАО ва платформаҳои интернетӣ;
- муайян кардани омилҳои ба дарки иттилоот аз ҷониби аҳолӣ таъсиррасон;
- таҳлили василаҳои идоракунии афкори ҷамъиятӣ тавассути ВАО.

**Объекти таҳқиқро** васоити ахбори оммаи ватанӣ (телевизион, радио, нашрияҳои чопӣ, захираҳои интернетӣ) бо дарки равандҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии кишвар ташкил менамояд.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқ** – таъсири воситаҳои ахбори омма ба ташаккули афкори ҷамъиятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар кор шаклҳо ва намудҳои гуногуни ВАО-и анъанавӣ (телевизион, радио, нашрияҳои чопӣ) ва платформаҳои рақамии муосир (захираҳои интернетӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ) таҳлил карда мешаванд. Василаҳои таъсири ВАО ба шуури ҷамъиятӣ, инчунин, нақши журналистон, сиёсати иттилоотӣ ва фаъолияти ВАО дар ташаккули афкор ва руҳияи ҷамъиятӣ дар шароити хусусиятҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистон баррасӣ мешаванд.

**Асосҳои назарии таҳқиқ.** Дар диссертатсия таълифоти назарӣ ва амалии донишмандони тоҷику хориҷӣ, ба монанди И. Усмонов, С. Ятимов, М. Имомзода, А. Саъдуллоев, А. Нуралиев, П. Гулмуродзода, М. Муродӣ, Ҷ. Муқим, Ҷ. Саъдуллоев, М. Абдуллозода, А. Азимов, Р. Бобоҷонова, Г. Зокиров, Н. Солеҳов, Ш. Муллоев, З. Муъминҷонов, Б. Ҳошимзода, С. Хоҷазода, Н. Бозорзода, С. Гулов, М. Ҷумъаев, Д. Давронов, Н. Усмонова, Х. Сафарзода, М.

Сафарзода, К. Искандаров, А. Макашов, В. Рудницкий ва дигарон истифода шуд.

**Навгонии илмии таҳқиқро** чунин метавон асоснок намуд:

- дар натиҷаи таҳлили мазкур бори аввал дар Тоҷикистон шаклҳои гуногуни таъсиррасонии иттилоотӣ тавассути ВАО ба ҳаёти ҷамъиятӣ ва шаклгирии андешаву ақоиди аҳолӣ баррасӣ гардидааст;
- нақши шаклҳои гуногуни ВАО дар шаклгирии афкори ҷамъиятӣ ба таври алоҳида таҳлил карда шуда, вижагиҳои ин таъсир дар ниҳояти қабули қарорҳои сиёсӣ муайян карда шуд;
- тавассути гузаронидани пурсишномаҳои ҷомеашиносӣ миёни қишрҳои гуногуни аҳолӣ ва мутахассисони соҳаи рӯзноманигорӣ, ҳуқуқшиносӣ, сиёсатшиносӣ ва ҷомеашиносӣ андешаҳои онҳо муайян гардида, хулосаҳои эътимоднок пешниҳод карда шуд;
- дар натиҷаи таҳлили пурра ва ҳаматарафаи мавзуъ чандин барномаву пешниҳодҳо, ки ба ташаккули самтҳои гуногуни фаъолияти ВАО дар Тоҷикистон нигаронида шудааст, пешниҳод гардид;
- масъулияти ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ниҳодҳои танзимкунандаи сиёсати давлатӣ дар бахши сиёсати иттилоотӣ мушаххасан таъкид шуда, ба баррасии масъалаҳои ВАО таваҷҷуҳ шудааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда**

1. Омӯзиш нишон дод, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон расонаҳои анъанавӣ, бахусус воситаҳои ахбори оммаи давлатӣ, дар ташаккули афкори умум мавқеи асосӣ дошта, тавассути инъикоси сиёсати давлатӣ ва масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ ба ташаккули мавқеи шаҳрвандон таъсири назаррас мерасонанд.
2. Аз баррасиҳои илмӣ бармеяод, ки дар баробари расонаҳои анъанавӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ ва воситаҳои нави иртиботӣ тадриҷан ба унсури муҳимми фазои иттилоотӣ табдил ёфта, махсусан дар байни ҷавонон ҳамчун манбаи ташаккули афкор, мубодилаи иттилоот ва иштирок дар муҳокимаҳои ҷамъиятӣ нақши афзоянда доранд.

3. Таҳлилҳои муқоисавӣ нишон медиҳад, ки самаранокии таъсири расонаҳо ба афкори умум аз сатҳи эътимоди ҷомеа ба воситаҳои ахбори омма, сифати муҳтаво, касбияти фаъолияти журналистӣ ва мутобиқати иттилооти пешниҳодшаванда ба манфиатҳои ҷомеа вобастагӣ дошта, рушди муҳити иттилоотии рақамӣ тақозои такмили сиёсати иттилоотӣ ва заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти расонаҳоро ба миён меорад.

4. Таҳқиқ собит менамояд, ки дар шароити ҷаҳонишавии иттилоот нақши воситаҳои ахбори омма дар таҳкими ҳувияти миллӣ, арзишҳои фарҳангӣ ва суботи иҷтимоӣ афзуда, ҳамзамон истифодаи самараноки имкониятҳои расонаҳои миллӣ барои муқовимат ба таъсироти манфии иттилоотии ғайр ва ташаккули афкори солими ҷамъиятӣ аҳаммияти калидӣ дорад.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ.** Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои такмили сиёсати иттилоотии давлатӣ, баланд бардоштани саводнокии расонаӣ, таҳияи стратегияҳо оид ба таъмини мустақилият ва объективияти ВАО истифода шаванд. Илова бар ин, барои беҳтар кардани омодагии касбии рӯзноманигорон, ташкили механизмҳои самараноки танзими фаъолияти ВАО ва баланд бардоштани сатҳи эътимоди ҷомеа ба он метавонад замина гузорад. Таҳқиқи нақши ВАО дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон вазифаи муҳимми илмӣ буда, ҳам аҳаммияти назариявӣ ва ҳам амалӣ дорад. Бо дарназардошти низоми муҳити ВАО ва таъсири он ба равандҳои ҷамъиятӣ, омӯзиши ин мавзуъ ба фаҳмиши амиқи василаҳои шуури ҷамъиятӣ ва тағйирёбии онҳо дар шароити асри рақамӣ мусоидат мекунад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Натиҷаҳои таҳқиқ эътимодбахш буда, аз тарафи муаллиф бевосита дар марҳалаҳои гуногун коркард, тасвиб ва баррасӣ шудаанд. Ҳамзамон, муаллифи диссертатсия тӯли солҳои зиёд дар соҳаи рӯзноманигории ватанӣ фаъолият намуда, мавзуъро ҳам аз лиҳози илмӣ ва ҳам амалӣ мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор додааст.

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 6D050401 – Рӯзноманигорӣ ва муҳтавои он ба талаботи муқарраршуда оид ба таҳияи

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисос мутобиқат менамояд.

Дар доираи ин ихтисос масъалаҳои зерин мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифтаанд, ки ба бандҳои 7, 9, 10 ва 11-и қисми «Соҳаҳои таҳқиқот»-и шиносномаи ихтисоси илмӣ мутобиқат доранд:

- навъҳои ВАО ва вижагии фаъолияти онҳо;
- дискурси ВАО (таҳқиқи таҳлилӣ);
- ВАО ва ҷаҳони иттилоотӣ;
- ҷанбаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодии рушди рӯзноманигорӣ.

Диссертатсия ба таҳқиқи нақши воситаҳои ахбори омма дар ташаккули афкори умум, таҳлили фаъолияти расонаҳои анъанавӣ ва рақамӣ, арзёбии таъсири онҳо ба шуури ҷамъиятӣ ва омӯзиши равандҳои рушди фазои иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, ба доираи таҳқиқоти пешбининамудаи шиносномаи ихтисоси илмии мазкур ворид мегардад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ** дар ҷамъоварии маводди зарурӣ, тасвиби натиҷаҳо, омода намудани мақолаҳо ва маърузаҳо доир ба мавзуъ зоҳир мегардад. Диссертант дар машварат бо роҳбари илмӣ дар коркарди мавзуъ, дараҷа ва робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифа, объект, фарзия, марҳала, макон ва давраи таҳқиқот, асосҳои назариявию методологӣ ва навгонии илмӣ саҳми шахсии худро гузоштааст. Масъалаҳои асосии таҳқиқ тарҳрезӣ гардида, ҷустуҷӯ ва натиҷагириҳои илмии унвонҷӯ дар диссертатсия, мақолаҳои илмӣ, маъруза дар конференсияҳои донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ инъикос ёфтаанд. Мақолаҳои илмии диссертант натиҷаи таҳқиқоти ӯ буда, дар шакли маърузаҳои илмӣ дар конференсияҳои гуногун пешниҳод гардидаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқ.** Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар шакли маъруза дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳии илмию назариявӣ ва илмию амалӣ (солҳои 2018-2024) мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Бахшҳои асосии диссертатсия дар

ҷаласаҳои кафедраи журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима ва барои ҳимоя тавсия гардидаанд.

Диссертатсия дар ҷаласаи васеи кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (суратмаҷлиси №7, аз 22.01.2026 ) муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Мазмуну моҳияти асосии диссертатсия дар 16 мақола, аз ҷумла, 9 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 7 мақола дар маҷмуаҳои илмӣ ба чоп расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳашт фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт, замимаҳо иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 183 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад.

# БОБИ I

# ОМӮЗИШ ВА ТАҲЛИЛИ НАЗАРИЯВИИ НАҚШИ ВАО ДАР ШАКЛГИРИИ АФКОРИ ОММА

## 1.1. Назаре ба шинохт ва таъсирбахшии расонаҳо

Пеш аз таҳлили мустақими нақши расонаҳо, бахусус телевизион, дар ташаккули афкори умум, зарур аст, ки моҳияти ин мафҳум ва аҳаммияти он дар низоми муносибатҳои иҷтимоӣ ва иттилоотӣ дақиқ карда шавад. Зеро шакл додани афкори умум худ ба худ як раванди мураккаби иҷтимоӣ мебошад, ки зери таъсири омилҳои гуногун, аз ҷумла, муҳити иттилоотӣ, шуури шаҳрвандӣ ва механизмҳои идоракунии ахбор ташаккул меёбад.

Ба таъкиди Волтер Липпман, афкори умум ҳамчун шабакаи *«тасаввуроти рамзӣ»* (pictures in our heads) зуҳур мекунад, ки аз ҷониби расонаҳо ба шуури ҷомеа интиқол дода мешаванд. Ӯ бар он аст, ки аксари одамон ҷаҳонро на аз тариқи таҷрибаи шахсӣ, балки аз тариқи «расонаҳои миёнарав» мешиносанд, ки воқеиятро «баста-баста» пешниҳод мекунанд [45, с. 45]. Аз нигоҳи Гаролд Лассуэлл, ВАО на танҳо манбаи иттилоъ, балки асбоби ҳамоҳангсозии иҷтимоӣ ва шояд танзимгари фазои тафаккури омма маҳсуб мешаванд. Ба андешаи ӯ, маҳз тавассути ВАО муҳити ҷамъиятӣ мутамарказ, андешаҳо ҳидоят ва шуури сиёсӣ шакл дода мешавад [43, с. 40-41]. Ҳамин тавр, вақте ки мо ВАО ва афкори умумро дар муқобили ҳам мегузорем, ин на ба маънои зиддият, балки ҳамдигартаъсир ва вобастагии сохторӣ мебошад. Чунончи, Э. Херман, Н. Хомский дар таҳлили сиёсати ахборӣ таъкид мекунад, ки расонаҳо «на танҳо иттилоъ медиҳанд, балки тарзи фикрро низ истеҳсол мекунанд» [115, с. 12], яъне онҳо консепсияи воқеиятро месозанд, ки дар он афкори умум шакл мегирад.

Дар ҳамин росто, афкори умум ҳамчун мафҳум ва падидаи иҷтимоӣ, тавассути ВАО на танҳо ташаккул меёбад, балки барои идора ва назорати равандҳои сиёсию фарҳангӣ заминаи муҳимми иҷтимоӣ муҳайё мекунад. Аз ин

рӯ, дар баррасиҳои  минбаъдаи таҳқиқ шарҳи луғавӣ, истилоҳӣ ва назариявии «афкори умум» бо истинод ба фарҳангҳо ва таърифҳои донишмандон сурат мегирад, то асоси методологии таҳлил комил ва мушаххас гардад.

Донистани ин ки «афкори умум» худ аз кучо сарчашма мегирад ва зери мафҳуми он бояд чиро фаҳмид, дар луғату фарҳангҳо гуфтаҳои зиёд рӯйи чоп омадаанд. Албатта, ин дар шакли ибора пешниҳод шудааст ва дар тақвияти ҳамдигар меоянд. «Афкор» дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ», ба маънои фикр ва тааммул, ақидаҳо омадааст. «Афкори умум» бошад ҳамчун афкори омма, афкори умумихалқӣ маънидод шудааст [111, с. 432]. Яъне, «афкор» ҷамъи фикр ва «афкори умум» фикрҳои омма. Дар «Фарҳанги мукаммали забони тоҷикӣ” бошад вожаи «афкор» ба маъниҳои зайл омадааст: Фикрҳо, андешаҳо; Тасаввурот, афҳом, тадобир, ақида. «Афкори ҷамъиятӣ»-ро фикрҳои иҷтимоӣ, ҳамчунин, «афкори умум»-ро афкори омма, назари умумихалқӣ, назари мардум [112, с. 683]. Муаллифи «Ғиёс-ул-луғот» Муҳаммад Ғиёсиддин «фикр»-ро ҳамчун «андеша» [22, с. 116] ва Алиакбари Деҳхудо тарзи фикрҳо, андешаҳо, тасаввурот, афҳом ва тадобир-ро истифода намудааст [25, с. 3219].

Шарҳи мукаммали мафҳуми мазкурро дар «Луғати энсиклопедияи фалсафа» вохӯрдан мумин аст. Дар «Фарҳанги энсиклопедии фалсафа» мафҳуми «афкори умум» ба ин шакл омадааст: тарзи мавҷудияти шуури омма, ки дар он муносибат (пинҳонӣ ё аёнӣ)-и гурӯҳҳои гуногуни одамон нисбат ба ҳодисаву равандҳои ҳаёти воқеӣ, ки ба манфиат ва талаботи онҳо дахолат мекунанд, зуҳур меёбад. Ташаккул ва инкишофи афкори умум ё ба таври мақсаднок, дар зери таъсири шуури умумии институтҳои сиёсӣ ва муассисаҳои иҷтимоӣ (ҳизбҳои сиёсӣ, ВАО ва ғ.), ё ки беихтиёр – дар зери таъсири шароити ҳаётӣ, таҷрибаву анъанаҳои мушаххас рӯй медиҳанд [114, с. 312]. «Энсиклопедияи иҷтимоии Русия» «Афкори иҷтимоӣ»-ро зуҳуроти шуури иҷтимоӣ маънидод мекунад, ки дар он муносибати гурӯҳҳои калони иҷтимоӣ, дар маҷмуъ тамоми мардум нисбат ба ҳодисаҳои муҳим дар асоси муносибатҳои ҷамъиятии мавҷуда манфиати иҷтимоӣ доранд. Баҳодиҳӣ ба ҳақиқати атроф мавқеи синфии табақаҳо ва гурӯҳҳои аҳолиро, ки афкори

умумро ифода мекунанд, маънидод менамояд [82, с. 290]. Дар «Донишномаи сиёсӣ» «афкори ҷамъиятӣ» чунин омадааст: «Институти сиёсиест, ки дар амалишавии ҳокимият иштирок менамояд ва як навъ тартиби муайяни раванди қабули қарорҳои сиёсиро дар тамоми соҳаҳо таъмин менамояд. Дар сурати дигар, вай кулли муҳокимарониҳое мебошад, ки умумиятҳои иҷтимоии гуногунро оид ба ин ё он ҳодисаю воқеият ҷудо месозад» [30, с. 35].

Афкори ҷомеа бошад, шуури омма аст. Шуур кӯшиши дохилӣ ва фаъолона ҷиҳати идораи тасаввуроти махсуси худ, маълумот, майлу хоҳиши эҳсосоту ирода, хотирот, умедворӣ ва ғ. мебошад, ки мақсади он ба даст овардани дастури зарурӣ барои идораи вазъият аст [114, с. 280].

Ташаккул ва инкишофи афкори умум бо таъсири шуури муассисаҳои иҷтимоӣ ва шароити ҳаётӣ сурат мегирад. Аз асоситарин омилҳое, ки ба афкори умум таъсир мерасонанд, давлат, масҷид (ибодатгоҳ) ва ВАО мебошанд. Агар ду институти иҷтимоии аввал ба афкори инсоният аз замонҳои қадим таъсир расонида бошанд, ВАО, махсусан, ВАО-и электронӣ ба ҳаёти мо баъдтар ворид гардиданд. Аммо ВАО назар ба дигар воситаҳо зудтаъсир буд. Аз ҳамин лиҳоз, ба зудӣ мавқеъ пайдо намуд ва дар ростои дигар омилҳои таъсиррасон маҳбубият пайдо кард ва аз асоситарин воситаҳои таъсиррасон дар миёни ВАО телевизион ба шумор меравад.

Саҳми олимони бритониёӣ Айртон ва Периро дар пайдоиши телевизион назаррас мебошад, зеро онҳо аввалин шуда идеяи истифодаи тасвирҳоро бо неруи барқ пешниҳод намуданд. Бо вуҷуди ин, ҳангоми кӯшиши амалӣ сохтани ин идея дар соли 1880 маълум гардид, ки татбиқи он дар шароити он замон ғайриимкон аст, зеро сатҳи рушди техника ва истеҳсоли таҷҳизот барои иҷрои ин нақша ҳанӯз хеле маҳдуд буд.

Собиқаи дигари рӯйдод ё худ пайдоиши аввалин нишонаҳои телевизион, ки вазифаи фиристодани аксҳо дар масофаи дурро пешбинӣ намуда буд, ҳамчунин, дар ҳамон сол ба олими амрикоӣ В. Е. Сойер ва олими фаронсавӣ М. Леблан марбут медонанд. Телевизиони ихтиронамудаи ин ду олимро телевизиони электромеханикӣ унвон карданд. Қадами нисбатан устувор дар ин

самт соли 1884 аз тарафи муҳандиси олмонӣ Паул Готлиб (дар баъзе ҷой Нипков) гузошта шуд. Дар солҳои 1920-1922 алакай шакли мукаммали телевизион ба омма пешниҳод гардид.

Калимаи «Télévision» аз юнонии τῆλε «масофа» ва лотинии vīsio «дидан» пайдо шудааст. Аввалин маротиба истилоҳи мазкур дар Фаронса соли 1900 аз ҷониби олими рус Константин Перрит дар VI Конфронси байналхалқии электротехникӣ, ки дар доираи намоишгоҳи ҷаҳонӣ дар шаҳри Париж сурат гирифт, истифода бурда шудааст. Дар забони англисӣ бошад, бори аввал дар соли 1907 дар шарҳи «системаи гипотезӣ барои интиқоли тасвирҳои ҳаракаткунанда дар телеграф ё телефонҳо» ба вуҷуд омадааст. Аввал дар Русия, калимаи «телевизион» истифода намешуд. Танҳо дар нимаи солҳои 30-юми дар ИҶШС калимаҳои «электровидение», «дальновидение» ва «радиотелескопию»-ро иваз намуд.

Дар аввали пайдоиш албатта ҳадаф як чиз буд ба бинанда нишон додани чизе. Рафта-рафта баъди оммавӣ шудани телевизион барои чи нишон додану чи нишон надодан, дар он вазифа ва дастурҳо баромад. Яъне, зарурате ба миён омад, ки телевизион дар доираи муайян барои аудиторияи майян бояд фаъолият намояд. Нигаронкунанда ҳам ҳаст, ки дар фазои ВАО-и имрӯза, бахсус дар телевизион, зимомдорони он баъзан, сарфи назар аз арзишҳои инсонӣ, милливу фарҳангӣ, барои тарғиби манфиатҳои худ, барномаҳоеро пахш мекунанд, ки бар хилофи ҳамагуна одобу ахлоқ ва арзишҳо меистанд.

Матбуот дар худ таърихи ғаниро дорост. Аз давраи пайдоиш онро дар баробари иттилоърасонӣ, ҳамчунин, як воситаи таъсиррасон ном мебурданд. Ба воситаи он ҳодисаҳои гуногун дарҷу паҳн мегардид. Мардум бошанд, ба воситаи мутолиа аз чизҳое огоҳ мешуданд, ки аз он бехабар буданд. Ё навиштаҳоеро мутолиа мекарданд, ки ба чизе боварӣ ва эътиқоди онҳоро меафзуд.

Шаклҳои электронии воситаи ахбори омма ё дигар намуди воситаҳои таъсиррасонӣ бошанд, ҳамакнун, чанд даҳсола аст, ки фаъолият доранд. Бо вуҷуди ин, воситаҳои электронӣ миёни омма бештар мавқеъ пайдо намуданд.

Чун ба воситаи он омма аз навгониҳо бештар беҳтар воқиф гардиданд. Ҳамчунин, онҳо саривақтӣ буда, дастрас намуданаш ҳам осон аст. Вале бояд гуфт, дар ин росто маводди чопӣ низ қимати худро аз даст надодааст ва он ҳамчун як воситаи таъсиррасон дар истифодаи омма қарор дорад.

ВАО дар Тоҷикистон, махсусан матбуот, фаъолияти густурда дошта, тули 70 сол, дар замони шуравӣ дар зери назорати ҳизби коммунист афкореро ба вуҷуд меовард, ки ба сиёсати он давр хос буд. Фаъолияти ВАО як шакли тарғиботе буд, ки фаъолияти ҳамарӯзаи ҳизби ҳоким ва роҳбарони онро тарғиб мекард. Гуфтан мумкин аст, ки дар ин давра ВАО ба ҳама масъалаҳо нақши яктарафа дошт. Аммо гардиши азими таърихӣ давлати абарқударти шуравиро барҳам доду дар ҳаёти миллати тоҷик неъмати бебаҳои истиқлолиятро эҳдо намуд ва ба тамоми соҳаҳо дигаргунӣ ворид кард. Бахусус, самту фаъолияти ВАО-ро дигар намуд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» қабул шуда, фаъолияти ВАО-ро дигар намуд ва сензураро манъ кард. Ба ин тартиб, барои пайдоиши матбуоти ғайридавлатӣ, ҷамъиятӣ, шахсӣ ва ҳизбӣ замина пайдо гардид. Замони истиқлолият чунин шароитеро фароҳам овард, ки нақши расонаҳо барҷаста гардиду афкори мухталиф ба миён омад.

Қавли машҳури «Касе иттилоотро соҳибӣ мекунад, ӯ ҷаҳонро идора мекунад»-ро дар замони кунунӣ метавон ба «Касе ВАО-ро соҳибӣ мекунад, ӯ афкори умумро идора мекунад» иваз намуд. Ҳаводиси солҳои охир низ инро собит мекунанд, ки на танҳо дар давлатҳои абарқудрат, балки дар ҳама кишварҳои ҷаҳон ВАО дар шаклгирии афкори умум нақши калон дорад. Агарчи ин раванд тули як аср идома дорад, вале солҳои охир барои ташаккул додани афкори умум доир ба дилхоҳ масъала саҳми ВАО бориз арзёбӣ мешавад.

Масъалаи нақши расонаҳо дар афкори умум барои қарнҳо ба он хотир мавриди таввачуҳ аст, ки қудрати он метавонад фикру андешаи мардумро нисбати дилхоҳ масъала дигаргун созад. Ба андешаи муҳаққиқон  Муқим Ҷ. ва П. Гулмуродзода: «Дар раванди дигар кардани тафаккури мардум нақши ВАО

хеле зиёд аст, зеро вай ба ҳаёти ҳамарӯзаи мардум таъсири гоногун ва амиқ мерасонад» [54, с. 23].

Дар оғози қарни бистум, замоне ки василаҳои интиқоли иттилоот, ба мисли телефон, телеграф, радио, синамо ва ғайра пайдо гардиданд, ҳамагӣ дар истифодаи васеи ҷомеа қарор гирифтанд. Истифодаи онҳо имкон дод, ки ҳамаи бахшҳои ҷомеа ба иттилооти гуногун дастрасӣ пайдо намоянд. Бинобар ин, усулҳои иртибот бо ҷомеа тағйир ёфтанд ва дар онҳо василаҳои ҷадид баҳри шаклдиҳии афкори умум зоҳир гардиданд. Муҳаққиқи рус Михаил Лойко ҳамин ҳолатро ба назар гирифта мегӯяд: «Дар раванди рушди ҷомеа меъёрҳои ахлоқию қонунӣ ба вуҷуд омад, ки фарҳанги муайянеро муқаррар мекарданд ва ҷузъҳои муҳимтарини шуури ҷамъиятӣ ба шумор мерафтанд. Онҳо дар асоси фикру андешаҳои ҷамъиятӣ, ки дар маҷмуъ дорои як қатор қарорҳо буданд, муносибати ҷомеаро бо мушкилот ва рӯйдодҳо муайян мекарданд. Муносибати ҷомеа ва боварӣ дар дараҷаи начандон зиёд дучори таъсири беруна мегардад. Давлат, масҷид ва васоити ахбори омма ба омилҳои асосӣ таъсир мерасонанд, ки метавонанд дар эҳёи ҷамъият саҳм гузоранд» [157]. Яъне, ВАО низ бо қудрати худ метавонад, дар баробари давлату масҷид дар чигунагии раванди ҷомеа саҳм гузорад. Муҳаққиқ А. У. Муҳаммадиев бошад, ба ин назар аст, ки: «Давлат ва масҷид ба инсон аз қадим таъсир мерасониданд. ВАО (радио, телевизион, шабакаҳои глобалӣ, интернет) бошад, дар зиндагии мо солҳои охир пайдо гардиданд. Бо вуҷуди ин, онҳо дар муддати хеле кӯтоҳ ақидаҳои инсониро бартарӣ доданд. Бинобар ин ВАО «ҳукумати чаҳорум» ном бурда мешавад» [65, с. 386-388].

Аз аввали пайдоиш расонаҳо чун муҳимтарин абзори сиёсӣ қарор гирифта, донишмандону мутахассисон омӯзишу таҳқиқи усулу роҳҳои шаклгирии афкори умумро ба воситаи расонаҳо шуруъ намуданд. Чуноне муҳаққиқи соҳаи журналистика А. Ҳ. Қутбиддинов мегӯяд: «Дар асрҳои гузашта таҳлил, афкор ва ҳукм дар саҳифаҳои рӯзномаҳо мақоми аввалиндараҷа дошт» [41, с. 12]. Мутахассисону мутафаккирон саъй мекарданд, ки ба таври осон ва мувофиқ ба воситаи нашрияҳо афкори ҷомеаро дар самтҳои мухталиф шакл диҳанд:

«Омӯзиши психология бо мақсади таъсир расонидан ба одамон аз давраи антиқа диққати донишмандон ва мутафаккиронро ҷалб намуда буд. Аз ҷумла, Афлотун дар асараш «Республика», Арасту дар «Сиёсат» ва «Этика» ба ин масъала таваҷҷуҳ намуданд. Оҳиста-оҳиста муҳаққиқони соҳаи журналистика ба омӯзиш ва умқи ин масъала, яъне омӯзиши равонии инсон, бо мақсади таъсир ба шуури онҳо машғул шуданд» [89, с. 66].

Таҳлилҳо низ нишон медиҳанд, ки расонаҳо метавонанд барои дар дилхоҳ масъала ва мавзуъ дигаргун намудани афкори умум дастёри хуб бошанд. Дар ин росто, расонаҳо ба унвони абзоре барои равшансозии афкор, эҷоди фазо барои бархурди солим ва созанда, дидгоҳҳо ва иттилоърасонии муносиб аз муҳимтарин омилҳои тавсеа барои таҳрики ҷомеа маҳсуб ёфтанд. Чуноне муҳаққиқи рус Е. П. Прохоров таъкид мекунад: «ВАО, махсусан, телевизион силоҳи муҳимми таъсиррасонӣ ба мафкураи одамон аст, ки онро наметавон ба чизи дигар муқоиса намуд» [73, с. 43]. Аммо бояд пазируфт, ки нақши дугонаи расонаҳо дар шаклсозии афкори умум, чуноне муҳаққиқони ин соҳа мегӯянд, воқеияти инкорнопазир ва ошкор аст. Дар замони кунунӣ расонаҳо бахши густурдаи моҳияти афкори умумро шакл медиҳанд. Ин раванд бошад, рӯз аз рӯз рӯ ба афзоиш аст. Ба таъкиди муҳаққиқон, бунёди ин раванд – нақши расонаҳо ба афкори умум бештар дар солҳои 1930-1960 шакл гирифт ва нақши мутамарказӣ пайдо намуд. Ин раванд имрӯз ташаккул ёфта, шаклу усулҳои нав касб карда, самтҳои навро фаро гирифтааст.

Дар Иттиҳоди Шуравӣ ба шаклгирии афкори умум диққати махсус зоҳир мешуд ва забти фикрониҳо доир ба сиёсати ҳизбӣ, яккаандешӣ дар доираи сиёсати ҳизби коммунистӣ шарти асосии ҳукуматдорон ба шумор мерафт. Чунончи дар Иттиҳоди Шуравӣ барои «... рушди шахсият воситаҳои ахбори омма, махсусан, телевизион нақши муассир доранд» [89, 104] аҳаммияти махсус дошт. Яке аз дастурҳои роҳбари вақти ИҶШС В. И. Ленин ҳам ҳамин буд: «Ташаккули афкори омма чун ҳамеша асос ва мундариҷаи кори мо боқӣ мемонад» [44, с. 369-377]. Барои ба ин ҳадаф ноил шудан ва барои шаклгирии афкори умум давлати шуравӣ ба таври ҷиддӣ ин талошро ба роҳ монда буд, ки

ҳар як шаҳрвандаш рӯзнома бихонад, ба радио гӯш диҳаду телевизион тамошо кунад. «Қудрати таъсири тарғиб чунон аст, ки метавонад ҳар нафарро ба доми худ кашад» [85, 43]. Табиист, ки тарғиби ҳамешагии дилхоҳ мавзуъ дар дигаргунии афкори умум нақш гузошта, барои ҳамфикрӣ ё зиддият нишон додан миёнарави беминнат аст. Чуноне муҳаққиқ М. А. Сафарова мегӯяд: «...воситаҳои ахбори омма метавонанд, ба воситаи таъкидкуниҳои пайдарҳам ва таблиғоти пурзӯр афкори умумро дар бораи масъалаҳои мубрами рӯз ба вуҷуд биёранд» [89, с. 24].

Қудрати ВАО ҳамеша даст медиҳад, ки дар аксар маврид сиёсатмадорон ба мардум тасаллут ёбанд. Чун ҳар иттилооте паҳн мегардад, соҳибқудратон кӯшиш мекунанд, ки он аз доираи манфиатҳои худ берун набошад. Дар ин замина профессор И. К. Усмонов чунин гуфтааст: «Ҳамаи зимомдорон дар тамоми ҷаҳон намегузоранд хабаре паҳн шавад, ки муҳтавояш ба фоидаашон набошад» [106, с. 7]. Бояд таъкид намуд, ки дарки қудрати ВАО дар шаклдиҳии афкори умум маҳз ин масъаларо ба миён овардааст. Равандҳои сиёсӣ ва вазъи байналхалқӣ нишон медиҳанд, ки ин самт сол аз сол аҳаммият бештар касб карда, барои соҳиб шудан ба иттилоот кӯшишҳо бештар шудаанд: «Феълан, рақобатҳои соҳибият ба ахбор ва раванди мураккаби ҷаҳони иттилоотӣ мақоми ахборро баланд бурдааст» [41, с. 13], – мегӯяд муҳаққиқ А. Ҳ. Қутбиддинов.

Дар қиболи дигар ҳадафҳо, раванди мутамарказии расонаҳо ин аст, ки онҳо тавассути ахбору иттилооти худ дар андешаронии ҷомеа нақш гузошта, афкори умумро дар масире, ки ниёз доранд, шакл медиҳанд. Бузургтарин таҳдид барои ҷомеа ин аст, ки расонаҳо дар баъзе аз маворид чун як дастёри сиёсӣ зоҳир мешаванд ва ҷомеаро ба он таҳрик медиҳанд, ки ба манофеи касе ё чизе амал кунанд. Муҳаққиқи эронӣ доктор Муҳаммад Раҳими Авазӣ чунин андеша дорад: «Тасаллут ба расонаҳо ва хабаргузориҳо қудрати бисёр зиёде ба бозигарони саҳнаҳои сиёсӣ ва давлатӣ додааст. Ба гунае, ки бо бакоргирии агентиҳои хабарӣ ва иттилоотӣ метавонанд нисбат ба тағйири боварҳо ва нигаришҳои ҷамъиятӣ ва ё шаклдиҳӣ ба афкори умумимиллӣ ва фаромиллӣ иқдом кунанд» [67, с. 256].

Объектҳое, ки афкори умум ба он равона мегарданд ҳодисаю падидаҳо ва воқеиятҳои иҷтимоӣ мебошад. Одатан барои шаклгирии афкори умум омилҳои мазкур сабаб мешаванд:

1. ВАО ва арзёбии иттилооти он;

2. Ташаккули афкори умум тавассути табодули нуқтаи назари инфиродӣ ва гурӯҳӣ;

3. Изҳорот дар шакли шифоҳӣ;

4. Изҳорот дар шакли рафтор.

Аз ин миён иттилоот бартарии зиёдро соҳиб аст. Чун дар маъракаҳои муҳимми давлатӣ барои шаклгирии афкори умум асосан аз ВАО истифода мекунанд. Чуноне муҳаққиқон Гулов С. ва Ҷумъаев М. мегӯянд: «Дар арафаи маъракаҳои муҳимми сиёсӣ – дар арафаи интихоботҳо вазифаи тарғиботии ВАО хеле барҷаста ба назар мерасад. Ҳизбҳову ҳаракатҳои сиёсӣ дар ин давра кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки барои ба пирӯзӣ ноил гаштан аз тамоми имконоти ВАО ба таври густурда истифода баранд, зеро таъсири ВАО дар ҷомеа ниҳоят бузург аст ва ягон дастгоҳи дигари идеологӣ чунин таъсир дошта наметавонад» [21, с. 37]. Ҳамин аст, ки зимни баргузории интихоботҳо ва дигар маъракаҳои сиёсӣ аҳамияту муҳимияти ВАО беш аз пеш мегарданд. Гузашта аз ин, дар фаъолияти рӯзмарраи одамон низ махсусияти шаклдиҳии ВАО-ро дар афкори умум ба осонӣ ҳис кардан мумкин аст. Муҳаққиқ Б. Н. Сафарова роҷеъ ба ин масъала чунин гуфтааст: «Ҷойи пӯшида нест, ки имрӯз воситаҳои ахбори омма воситаи муҳимми идоракунии шуури мардум мебошанд» [88, с. 156].

Барои шаклдиҳии афкори умум иҷрои якчанд вазифаҳои асосиро муҳим мешуморанд, ки муҳимтарини онҳо иттилоотонӣ ва бо низомӣ ба шумор меравад. Дар баробари ин, вазифаҳои иловагиро низ амалӣ мекунанд. Ба монанди: назоратӣ, машваратӣ, даструдиҳанда ва баҳодиҳанда.

Самтҳои асосӣ барои муайянкунии афкори умум инҳо мебошанд:

- сиёсат (ширкатҳои интихоботӣ, муносибат бо сохторҳои ҳокимияти иҷроия, қабули қарорҳои сиёсӣ);

- соҳаҳои иҷтимоӣ;

- тиҷорат (бозори истеъмолӣ, бозори тиҷоратӣ);

Инҳо самтҳое мебошанд, ки нақши ВАО-ро дар шаклдиҳии афкори умум дар синну соли гуногуни аҳолӣ нишон медиҳанд. Аз ин самтҳо метавон фаҳмид, ки ВАО дар дигаргун намудани андешаи ҷомеа, маҳдуд намудани фазои фикронии инсонҳо чӣ нақш дорад. Зимнан, ба ин восита дилхоҳ шахс метавонад, ки бе ёрии реклама ё тарғиби иловагӣ иттилооти барҳадаф паҳншударо муайян созад.

Аз ин махсусиятҳо метавон гуфт, ки ВАО барҳақ чун ҳокимияти чаҳорум дар ҳаёти инсонҳо нақши муҳим мебозад. Зеро иттилооти аз ВАО расида метавонад, ки моро ба ҳар тарафе моил кунад. Барои дарёфти иттилооти нисбатан дақиқ ба он мебоист аз чанд ҷониб нигарист. Дар муқоиса бо сарчашмаҳои гуногун, ҳамаро ба шубҳа кашид ва аз усулҳои гуногуни рӯзноманигории вуҷуддошта, дурӣ ҷӯст. Ба таъкиди муҳаққиқ А. Азимов: «...журналист ба воситаи эҷоди худ ба мафкураи иҷтимоии ҷомеа таъсир мерасонад» [9, с. 83]. Аз ҳамин сабаб, ҳангоми интихоб ва мутолиаи иттилоот зарур аст, ки ба мазмун ва муҳтавои он таваҷҷуҳ зоҳир намоем. Зеро эҷоди матни журналистӣ ҳамеша бо ҳадафи ташаккул додани афкори умум нисбат ба ҳодисаҳои муайян амалӣ мешавад. Чуноне муҳаққиқ И. К. Усмонов таъкид кардааст: «Бояд дар хотир дошт, ки ҳар гуна фаъолияте, ки мақсадаш ба фикр таъсир расонидан аст, дар батни худ маънои таблиғро дорад. Яъне ба чизе бовар кунонидан, ё аз чизе дилхунук кардан мехоҳанд» [106, с. 7].

ВАО ба тарзи ҳаёти мо, идеология ва густариши арзишҳои фарҳангӣ нақши муассир мегузорад: «ВАО зимни иҷрои вазифаи худ, ки пеш аз ҳама, хабаррасон (иттилоотонӣ) ва ташаккули афкори омма ба шумор меравад, дар таъмини манфиатҳои миллӣ низ нақши муассир мегузорад» [89, с. 13].

Дар асри иттилоот маълумот дастраси ҳамагон ва оммавист. Бе ягон душворӣ, бо пахши тугмачаҳои смартфону компютер ва технологияҳо ахбори бароямон лозимаро дарҳол метавон дастрас кард. Албатта, то наздикиҳо вазъ чунин набуд. Ҳамагӣ якчанд аср пеш, иттилоот танҳо дастраси табақаи болонишини ҷомеа маҳсуб меёфту халос. Барои омма бошад, бо гузашти моҳҳо

дастрас мегардид. Ҳамин буд, ки афкори умум доир ба масъалаҳо вуҷуд надошт. Вале дар замони кунунӣ ҳамарӯза тарз ва механизми таъсиррасонӣ ба афкори умум ва усулҳои тозаи он пешниҳод мегарданд, ки дар шаклгирии афкори умум нақши муассир доранд.

Нақши ВАО, одатан, дар он зоҳир меёбад, ки он метавонад бо қудрати худ дар мудирияти иҷтимоии аҳолӣ саҳм гузорад. Фикру андешаи онҳоро доир ба вазъу ҳаводиси манфӣ мусбат гардонад ё баръакс. Андешаҳои рӯзноманигор Моҳира Сангмамадова бобати ҳамин нукта чунин ироа шудаанд: «Дар марҳилаи кунунӣ ВАО ҳамчун фишанги асосии таъсиррасон ва дастгоҳи пурқуввати таҳрикдиҳандаи афкори ҷамъиятӣ эътироф гардида, ба ҳайси абзори қавии «неруи нарм» баромад мекунад. Бинобар ин, бо истифода аз ВАО бозингарони сиёсӣ ҳадафмандона ба равандҳои сиёсӣ таъсир расонда, осебпазирии давлатҳои миллиро ба вуҷуд меоранд. Дар шароити имрӯза таъсиргузории ин равандҳо ба фазои иттилоотии кишвари мо низ вуҷуд дорад ва нуфузи ВАО-и берунӣ дар он зиёд буда, бо паҳн кардани иттилооти мухталиф афкори ҷамъиятиро ба нафъи худ таҳрик медиҳанд» [154].

ВАО рӯз аз рӯз бо пешниҳоди матолиби гуногунжанр дар шаклгирии афкори умум мавқеи мустаҳкамтарро соҳиб мешавад. Муборизаҳои шадиди иттилоотӣ баёнгари онанд, ки дар замони кунунӣ бе истифода аз ёрии ВАО ҳеҷ як давлати соҳибқудрат ба мақсаду ҳадафҳои сиёсии худ расида наметавонад. Ҳамин аст, ки онҳо василаи асосии худ расонаҳоро қарор дода, аз онҳо ба таври бояду шояд истифода мекунанд. Гузашта аз ин, айни ҳол ВАО дар шаклгирии афкори умум дар ҳама ҷанбаҳои зиндагии мардум нақши назаррас дорад.

Бе ҳузури хонанда, шунаванда ва бинанда, ё ба истилоҳ аудитория фаъолияти дилхоҳ воситаи ахбори оммаро тасаввур кардан ғайриимкон аст. ВАО замоне метавонад фаъолият дошта бошад, ки барои гурӯҳе аз аҳолӣ матолибаш муҳимму даркорист. Дилхоҳ ВАО қабл аз он ки ташкил шаваду ба фаъолият пардозад, бояд доираи хонандаву шунаванда ва бинандаашро омӯзад ва донад. Яъне, аз ҷузъҳои асосӣ дар созмон ва фаъолияти ВАО ин донистани

дақиқи аудиторияи фарогир ба ҳисоб меравад. Ё дар раванди фаъолият ҳатман пайдо кардани он мебошад.

Ногузир аст, ки ВАО бо матолиби дарҷкардааш аудиторияашро соҳиб мешавад. Чунин ҳам нест, ки як расона пеш аз он ки ташкил гардад, аудиторияашро ҷамъоварӣ намояд. Танҳо дар раванди фаъолият инро метавон дақиқ кард, ки оё самти пешгирифтаи расона дуруст аст ё не. Оё он ба ҳадафи худ расидааст, ё не? Ин равандро бошад, замоне метавон аниқ кард, ки ВАО аудитория пайдо карда бошад.

Муҳимтар аз ҳама, барои пайдо кардани аудитория ва нигоҳ доштани он боварӣ мебошад. Хонанда, шунаванда ва бинанда танҳо замоне матолиби расонаеро пайгирӣ мекунад, ки ба он бовар дорад. Гузашта аз ин, ВАО низ дар ҳамин ҷабҳа бояд кӯшиш намояд, ки боварии аудиторияаашро ба даст орад ва онро нигоҳ дорад.

«Албатта, воситаҳои ахбор дар ҳама ҷо як мақсад доранд – ба афкори иҷтимоӣ таъсир расонидан, барои он аз воситаҳои шабеҳ истифода мебаранд. Воситаҳои шабеҳ ба он маъно, ки вобаста ба шароити рушд, имкониятҳои моддӣ ва тахассусӣ, ҳатто вобаста ба сохтори иҷтимоӣ ва ҳадафи иҷтимоию сиёсии воситаҳои ахбори умум ва таблиғи онҳо ҳамсон намешаванд» [102, с. 34], – таъкид мекунад муҳаққиқ И. К. Усмонов. Эътимод ба ВАО аз эътимод ба матолиби он сарчашма мегирад. Он чӣ дарҷу пахш мешавад, агар хонандаву шунаванда ва бинандаи худро ёбад, пас ба ҳадаф расидааст. Эътимоде, ки ба ВАО пайдо мешавад, заминаи асосии таъсир расонидан ба афкори умумро падид меорад. Чун вақте бинанда, шунаванда ва хонанда ба ахбори гирифтааш бовар мекунад, сари он андеша карда, мазмуну моҳияти онро баррасӣ менамояд ва дар бораи он фикр мекунад.

Имрӯзҳо тасвири олам дар одамон аз ҳисоби иттилооте, ки аз ҷониби воситаи ахбори омма пешниҳод мегарданд, ташаккул меёбад. Мо гуфта метавонем, ки ВАО чун воситаи аввалиндараҷаи таъсиррасон ба афкори умум ба ҳисоб меравад. Дар омӯзиши таъсиррасонии пинҳонӣ дар соҳаҳои гуногун ба шуури омма фаҳмиши «идоракунии шуури омма» ё «манипулятсия» аҳаммияти

махсус дорад. Дасткории шуури омма яке аз роҳҳои назорат кардани шумораи зиёди одамон тавассути фароҳам овардани тасаввурот ва шароити назорати рафтори онҳо мебошад. Чунин навъи таъсир ба сохтори равонии инсон нигаронида шудааст. Он пинҳонӣ анҷом дода мешавад ва вазифаҳои назорат аз болои рафтор, маҳрум кардани озодии интихоби объекти дасткорӣ бо тағйир додани ғояҳо ва андешаҳоро дар бар мегирад. Истифодаи таъсири пинҳонии ВАО ба шуури ҷомеа метавонад ба оқибатҳои пешгӯинашаванда барои рушди иҷтимоӣ ва равонии ҷомеа оварда расонад. Гоҳҳо расонаҳо бо мақсади ба даст овардани эътимоди ҷомеа ва таъсиргузорӣ бар шуури умумӣ, бо усулҳои гуногун фаҳмиш ва равонияти аудиторияро таҳти нуфузи худ мегиранд. Дар ин раванд, онҳо ахбор ва иттилооти интихобшударо бо мақсади таҳкими мавқеи худ ва таъсиррасонӣ ба афкори умум пахш менамоянд. Метавон ба назари муҳаққиқ Ҷовид Муқим такя кард, ки чунин мегӯяд: «Меъёри сатҳи камолоти маънавии ҷомеа донистани васоити ахбор, ба назари мо дуруст аст, зеро васоити ахбор муайянкунандаи сатҳи маънавиёти ҷомеа мебошанд ва ба руҳияи инсонҳо таъсири амиқ доранд» [55, с. 5].

На дар ҳама ҳолат ВАО-ро «меъёри маънавии ҷомеа» шуморидан дуруст аст. Меъёри маънавӣ, чуноне таъкид намудем, барои гурӯҳҳои алоҳида расонаҳои мухталиф шуда метавонанд. Расонаҳое, ки гурӯҳҳои алоҳида ба онҳо эътимод доранд ва бо иттилооте, ки тавонистаанд афкори онҳоро дар самте савқ бахшанд. Чуноне дар идома муҳаққиқ таъкид мекунад: «Ин нукта собит шудааст: «Тафаккури инсон чунин сохта шудааст, ки иттилоъро қабул карда, бо таъсири он дар баъзе ҳолатҳо худ куллан тағйир меёбад» [55, с. 5]. Вақте ба иттилои паҳншуда боварӣ ҳосил гардад, аудиторияи он ҳатман зери таъсир мемонад. Дар нигоҳи аввал агар ин раванд як чизи одӣ намояд, вале таъсири махсуси ВАО дар соҳаи дилхоҳ вобаста ба пешниҳодаш зоҳир мешавад. Масалан, мо метавонем таъсири ВАО-ро дар самти сиёсат арзёбӣ кунем. Аввалан, ВАО вазифаи иттилоотӣ ва назоратиро иҷро мекунад ва ба шаҳрвандон имкон медиҳад, ки фаъолияти мақомоти маҳаллиро арзёбӣ кунанд. Дуюм, ВАО мушкилоти муҳимтарини ҳаёти сиёсиро ба мардум мерасонад.

Инчунин, ВАО қодир аст, ки симои мусбат ва ё манфии ин ё он шахсияти сиёсӣ ё ҳизбиро ба омма пешниҳод намояд. Инро метавонем дар давраи интихобот мушоҳида намоем. Дар ин давра ВАО мардумро даъват мекунад, ки ба сиёсатмадори муайян овоз диҳанд ва ин ҳам шаҳрвандонро ташвиқ мекунад, ки дар ҳаёти сиёсии давлати худ ширкат варзанд. Аммо дар хотир бояд дошт, ки афзалияти ВАО дар навбати аввал манфиати худи он меистад ва баъдан адолат. Дар мисоли вазифаҳо, метавон таъсири ВАО-ро ба рушди демократия, иштироки шаҳрвандон дар рушди сиёсии кишварашон мушоҳида кард. Вале паҳлуҳои манфии таъсири ВАО-ро ба ҷомеа бо роҳҳои манипулятсияи сиёсӣ набояд фаромӯш кард. Мо метавонем ин гуфтаҳоро дар партави андешаҳои муҳаққиқ И. Усмонов тақвият диҳем: «Воситаҳои ахбор шахсони алоҳидаро муттаҳид менамояд, андешаҳои парокандаро савқ мебахшанд ва ба самте равона менамоянд, то онҳо бор оранд, маҳсул диҳанд» [106, с. 38].

Дар пахшу пешниҳоди мавод аз ҷониби ВАО дар ҷои аввал ҳадафи пешбинишуда мебошад. «Хусусияти идеологии вазифаҳои ташвиқ натанҳо дар он зоҳир мешавад, ки кадом фактҳо ва воқеаҳо гуфта мешаванд, балки дар он ҳам зоҳир мешаванд, ки чӣ гуна гуфта мешаванд ва оё гуфта мешаванд ва ё не» [106, с. 38]. Ҳамин тавр, на ҳама он чизе ба аудитория иттилоъ дода мешавад, ки асли воқеии масъала аст. Дар маркази ҳама иттилооту матолибе, ки аз ҷониби ВАО пешниҳод мегардад, муҳим боварии аудитория меистад. ВАО бо ин боварӣ метавонад, ки ҳатто нафарони алоҳидаро чун намуна ва ё баръакс муаррифӣ кунад: «Ҳар яке аз дидгоҳи худ ва пеш аз ҳама, вобаста ба сиёсати давлатии худ ба ин қазия баҳо хоҳанд дод. Ба тавассути иттилоъ ва сухан метавон ҷомеаро идора кард. Ҳамин аст, ки иттилоъ дар ҳамаи давраҳои рушди ҷомеа мавқеи муҳим дошт ва он объекти мубориза буд. Беҳуда намегӯянд, ки касе иттилои бештар дорад, ҷаҳонро идора мекунад» [56, с. 4], – мегӯяд муҳаққиқ Ҷ. Муқим.

Гузашта аз ин, ВАО бо он эътимоде, ки ба даст овардаасту аудитория сохтааст, ба воситаи иттилоот имкониятҳои фаррохро соҳиб шудааст. Ин имкониятҳо дар амалӣ намудани ҳадафу нақшаҳои бузург низ ба кор бурда мешаванд: «Дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ, дар асри иттилоот, ки нақши

васоити ахбори оммаро боло бурдааст, дар ҳоле ки имкониятҳои нави дастрасӣ ба иттилоот ягон марзро намешиносад, воситаҳои ахбор ҳамчун неруи пуриқтидор барои амалӣ намудани ҳадафҳои геополитикӣ истифода шуда истодаанд ва ҳар замон имкони сар задани таркиши иттилоотӣ ҳаст» [78, с. 4], – таъкид мекунад Х. У. Раҳимҷонов.

Дар айни замон, имкониятҳои бештари паҳни матолиб ба воситаҳои гуногун ба ВАО имкон медиҳад, ки дар самтгирии афкори умум талоши бештар дошта бошанд: «Дар амалӣ кардани ҳадафҳои геополитикӣ нақши васоити ахбори омма зиёд аст. Зеро тавассути ВАО таъсири иттилоот ба ташаккули инсон ва тафаккури он самараноктар сурат мегирад. Зеро инсон тули ҳаёти худ бо таъсири иттилои ба ӯ расида ташаккул меёбад. Тафаккури инсон чунин сохта шуда аст, ки иттилоъро қабул карда, бо таъсири вай дар баъзе ҳолаҳо худ куллан тағйир меёбад. Ин дар ҳолест, ки як иттилоъ созанда асту иттилои дигар сӯзанда. Иттилои созанда неруи пешбаранда дорад. Иттилои дурӯғ ва барои тахрибкорӣ истифодашаванда метавонад ҷомеаро аз раванди табиии пешрафта берун бикунад. Иттилоъ дар бораи инсон, ҷомеа ва ягон рӯйдод метавонад тасаввури мусбат ё манфиро ба вуҷуд орад» [56, с. 5]. Ҳолатҳои гоногуни ба пешниҳоди мавод низ маҳз дар ҳолати дар боварии аудитория будани ВАО қаробат мегирад. Дар сурати ғайр иттилоот ба ҳеҷ ҳадафу мақсаде намерасад.

ВАО дар раванди фаъолияти худ бовар кунонидани аудиторияро дар зумраи вазифаҳои аввалиндараҷа мегузорад. Ҳар матолибе, ки пешниҳод мегардад, маҳаки асосии онро нуктаҳое ташкил медиҳанд, ки барои бовар кунонидани аудитория равона шудаанд. Бахсус, ин вазифаи ВАО замоне тақвият меёбад, ки он аҳаммияти махсус барои худ касб кунад. Мисли маъракаҳои муҳим, иттилооти муҳим ва ё муаррифии шахсони алоҳида. Усмонов И. перомуни ин вазифаи ВАО чунин андеша дорад, ки: «Таблиғотчии дастаҷамъӣ будани воситаи ахбор (пропагандист) ба он маъно аст, ки вазифаи асосии воситаҳои ахбор бо дурустӣ ё нодурустии ақидае гирандагони худро бовар кунонидан мехоҳад. Гебелс ақида дошт, ки як чизи дурӯғро сад бор гӯӣ мардум гумон мекунанд, ки рост аст» [106, с. 36]. Ин муҳаққиқ дар идома барои

боз ҳам возеҳ фаҳмонидани андешаи худ ҳикояеро мисол меорад, ки шогирдон забон як карда, мехоҳанд аз устоди сахтгирашон қасос гиранд. Вақте муаллим ба дарс меомад, шогирде дар кӯча ӯро дида гуфт, мисле ки имрӯз муаллим тобатон нест, муаллим аҳаммият надод. Вақте ин гапро аз дуввум шунид, асабӣ шуд. Аз сеюм шунид, шубҳа ба вуҷуд омад ва ниҳоят ба бистари беморӣ рафт. «Яъне, ҳадафи ниҳоии таблиғ бовар кунонидан аст» [106, с. 36], – таъкид мекунад, дар охир муҳаққиқ.

Дар нигоҳи аввал дақиқ карда наметавонем, ки фалон барнома сирф мақсади таблиғотӣ дорад. Ҳадафи ниҳоии онро кадом аст, танҳо натиҷаи ниҳоии он дақиқ мекунад. Имрӯзҳо як зумра расонаҳои пуриқтидоре мавҷуданд, ки имкони фаъолият дар як зумра мамолики дунёро доранд. Дар назари аввал, мо гуфта наметавонем, ки онҳо мушаххасан ба хотири чӣ иттилоъ паҳн мекунанд. «Агар аз ҳамин нигоҳ мо ба «Озодӣ», «Садои Амрико», «Би-Би-Си» назар андозем, онҳо ба сифати муассисаҳои хайрияе талаққӣ мешаванд, ки як ҳадаф доранд: ба мо воқеҳои муҳимтарини одиро бидуни ҳеҷ мақсади «нимкосаи зери коса» мефаҳмонанд. Ҳол он ки мутлақо чунин набудааст» [106, с. 37]. Яъне, бо пахши навигариҳои одӣ дар шуруъ боварии мардумро ба расона зиёд мекунанд, аудиторияи худро васеъ мекунанд ва дар ниҳоят ҳатман аҳдофи ниҳоии худро роҳандозӣ менамоянд.

Имрӯзҳо ба назар чунин мерасад, ки ВАО миёни аудиторияи худ эътимодро аз даст дода истодааст. Инро метавон аз он хулоса кард, ки аудитория ба матолибе, ки аз ҷониби ВАО, бахусус, радио ва матбуот, пешниҳод мегардад, чандон таваҷҷуҳ намекунад. Ҳамчунин, чизи дигаре, ки онро бояд таъкид намуд, «имрӯз бо рушди техникаву технологияи муосир, алоқаи маснуӣ, Интернет иттилоъро ҳамон лаҳза метавон ба тамоми олам паҳн кард. Ҳамин аст, ки як рӯйдодро дар як вақт қариб ҳамаи расонаҳои иттилоотии бузурги олам хабар медиҳанд. Вале бо вуҷуди ин, тафсир ба ин рӯйдод аз ҳар як ин расонаҳо гуногун хоҳад буд» [56, с. 5]. Ин имконият боввариро ба расонаҳо коҳонидааст. Муҳаққиқ Ҷ. Муқим мегӯяд: «Як фактро метавон чанд хел тафсир кард ва афкори ҷомеаро ба вуҷуд овард» [56, с. 23]. Албатта, чуноне гуфтем,

пешниҳоди дилхоҳ мавод танҳо ба хотирест, ки афкори умумро ба вуҷуд орад. Иттилоот низ замоне қимату бартарӣ пайдо мекунад, ки фикру андеша нисбат ба он зиёд бошад, таваҷҷуҳ ба он бештар равона гардад. Вале дар аксар маврид чунин ба назар мерасад, ки ин ҳолат, тавсифи факт дар чанд намуд, ба беэътимодии ҷомеа нисбат ба ВАО оварда расонад. Баъзе ВАО метавонанд дар ташаккули тафаккури ҷамъиятӣ дар ба вуҷуд овардани маълумоти нодуруст ё ғалат саҳмгузор шаванд. Аз ҷумла, ин раванд метавонад шаклҳои зеринро дошта бошанд:

1. паҳн кардани иттилооти нодуруст ё яктарафа, ки боиси нофаҳмиву роҳгумӣ дар байни аудитория мегардад;
2. ҷамъоварӣ ва таҳрифи маълумот бо мақсади таъсири равонӣ ё идеологӣ;
3. ифодаи назарҳо ва андешаҳои носаҳеҳ, ки метавонад воситаи таъсири манфиатдорона гардад;
4. истифодаи иттилооти ғаразнок бо мақсади ҷудо намудани ҷомеа ё нисбат ба кишварҳои дигар, ки метавонад ба нооромӣ ва низоъҳои иҷтимоӣ мусоидат кунад.

Дар росто, баланд бардоштани сатҳи саводнокии расонаӣ дар ҷомеа, мустаҳкам намудани меъёрҳои касбӣ дар фаъолияти ВАО ва ташвиқи истифодаи манбаъҳои боэътимод метавонад нақши муҳим дар кам кардани паҳншавии иттилооти нодуруст ва таъсири манфии он ба афкори умум дошта бошад. Ҳамзамон, бояд гуфт, бо ин тарз, рушд кардани ВАО эътимоду боварии мардумро ба худ кам кардааст.

Муҳаққиқ С. Гулов такъид мекунад, ки «агар дар соли 1991 дар кишвар ҳамагӣ 139 адад рӯзномаву маҷалла (аз ҷумла, 4 рӯзномаи хусусӣ) ва ҳамагӣ як агентии иттилоотии давлатӣ вуҷуд дошта бошад, пас имрӯз бино ба маълумоти Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ қариб 500 расона қайд шудаанд, ки 75 дарсади онҳо ба бахши хусусӣ рост меоянд. Аз 11 оҷонсии иттилоотии дар ҷумҳурӣ фаъолиятдошта 10 оҷонсӣ ғайриҳукуматӣ мебошанд. Аз нигоҳӣ муҳтаво нашрияҳоро метавон ба сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, адабӣ, маърифатӣ, экологӣ, ҳуқуқӣ, варзишӣ, ҳизоӣ, соҳавӣ, Барои кӯдакону наврасон, ҷавонон,

бонувон ва ғайра, аз нигоҳи фарогирии ҷуғрофӣ ба умумиҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва маҳалли ҷудо кард. Яъне, тамоми қишрҳои ҷомеаи Тоҷикистон ба матбуоти ба худашон нигаронидашуда дастрасӣ доранд. ...Ҳоло дар Тоҷикистон беш аз 70 муассисаи телевизиониву радиоӣ фаъол буда, 11 телевизион ва 10 радио давлатӣ, 31 телевизион ва 20 радио ғайриҳукуматӣ мебошанд». Ба таъкиди ин муҳаққиқ, «Ин расонаҳо барои боз комилтару рангоранг гардидани фазои иттилоотии кишвар, дар руҳияи тоҷикият, худшиносиву худогоҳӣ, зебоипарастӣ тарбия намудани насли наврас, боло бурдани маърифати ҷомеа, дастрасии бештари мардуми Тоҷикистон ба иттилои зарурӣ мусоидат менамоянд. Агар дар замонӣ шуравӣ радио 80 дарсад ва телевизион камтар аз 70-фоизи ҳудуди кишварамонро фаро мегирифта бошанд, имрӯз ҳудуди «фарогирии шабакаҳои телевизиони давлатӣ то ба 99,1 дарсади ҷумҳурӣ мерасанд. Тавассути моҳвора дар 50 мамлакати ҷаҳон барномаҳои онро дида метавонанд». Бо вуҷуди рушди расонаҳо ва густариши фаъолияти онҳо дар фазои иттилоотии кишвар, наметавон гуфт, ки тамоми васоити ахбори омма тавонистаанд пурра ба афкори умум таъсир расонда, аҳолии кишварро ба ҳайси аудиторияи устувори худ даровarда бошанд. Ин нукта то андозае ба рақобати мавҷуда бо расонаҳои хориҷӣ вобастагӣ дорад. Бахши муайяни аҳолӣ ба воситаҳои ахбори оммаи беруна, аз ҷумла расонаҳои Ӯзбекистон, Туркия, Русия ва дигар кишварҳо таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир мекунанд.

Дар ин замина муҳаққиқ З. Эшматов бар он аст, ки «кормандони телевизион ҳанӯз наметавонанд талаботи рӯзафзуни бинандагонро пурра қонеъ созанд. Барномаҳо аз ҷиҳати ороиши визуалӣ, мазмуну муҳтаво сатҳи паст дошта, ҷустуҷӯҳои эҷодӣ кам ба назар мерасанд. Илова бар ин, шумораи шоуҳои беарзиш зиёд буда, шахсияти журналистон дар эфир ноаён аст; гоҳе одамони тасодуфӣ ва бесалиқа ба барномаҳо ҷалб мегарданд ва сатҳи дониш ва маҳорати касбии кормандони соҳа, аз ҷумла наворбардорон ва овознигорон, қонеъкунанда нест» [125, с. 284-288].

Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки маҳз нарасидани мазмуни рақобатпазир ва сифати касбӣ дар бархе расонаҳои дохилӣ сабаби коҳиши таваҷҷуҳи ҷомеа ва

интиқоли он ба сӯи расонаҳои хориҷӣ мегардад. Илова бар ин, паҳншавии васеи шабакаҳои иҷтимоӣ ва абзорҳои нави рақамӣ дар айни замон барои расонаҳои анъанавӣ, аз ҷумла телевизион ва радио, ҳам мушкилӣ ва ҳам имконият эҷод мекунад. Аз як тараф, дастрасии зуд ва озод ба иттилоот тавассути интернет метавонад боиси коҳиши аудиторияи анъанавии ВАО гардад, аз сӯйи дигар, он ба миён омадани рақобати солим ва эҳтиёҷ ба навсозии муҳтаво ва усулҳои пешниҳодро тақозо мекунад.

Дар баробари ин, паст шудани эътимод ба ВАО бештар ба фазои рақамӣ мансуб аст. Дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва сомонаҳои ғайрирасмӣ на ҳамеша манбаъҳои иттилоотӣ муътамаданд. Аксар вақт дар он ҷо иттилооти беасос, аз манбаъҳои дувум ва бо ангезаҳои шахсӣ паҳн мегарданд. Аз ин рӯ, баланд бардоштани меъёрҳои масъулиятшиносӣ ва тафтиши дақиқи ҳар як хабар ва маълумот барои нигоҳ доштани эътимоди ҷомеа ба расонаҳои дохилӣ муҳим мебошад.

Бо дарназардошти ин, ВАО-и кишвар бояд тамоми чораҳои имконпазирро ҷиҳати таҳкими ҷойгоҳи худ, баланд бардоштани сифати муҳтаво, касбияти кормандон ва шаффофияти иттилоот биандешад. Зеро танҳо бо ин роҳ метавон дар шароити рақобати иттилоотӣ эътимоди ҷомеаро ҳифз кард ва мавқеи устувори худ дар фазои расонаӣ нигоҳ дошт.

Ҳамзамон, пурзур намудани низоми касбии этникии худтанзимкунии ҷомеаи журналистӣ барои муътадил нигоҳ доштани эътимоднокӣ нисбат ба ВАО мувофиқи мақсад аст. Дар фаъолияти журналистӣ, бояд афзалиятҳо барои ҷалби аудитория ва қонеъ кардани ниёзҳо ва манфиатҳои онҳо бошад. Ташкили бахши ягонаи ВАО, яъне, созмоне, ки тамоми иттилоотро назорат мекунад, ба маврид аст. Агар ин муносибати манфӣ ба ВАО роҳи халли худро наёбад, он метавонад ба оқибатҳои ҷиддӣ оварда расонад. Дуруст аст, ВАО метавонад моро идора намояд, аммо бояд ба назар гирифт, ки одамони дигаре пайдо мешаванд, ки мехоҳанд ба ҷомеа таъсири манфӣ расонанд ва онро идора кунанд. Дар ин ҳол ВАО ҷойгоҳи худро аз даст меҳидад.

## 1.2. Таъсири муборизаҳои иттилоотӣ ба афкори умум

Имрӯз беш аз ҳар вақти дигар аён мегардад, ки нақши воситаҳои ахбори омма дар ҳаёти ҷомеаи муосир то чӣ андоза калон ва сарнавиштсоз аст. Воқеан ҳам, матбуот ва дигар воситаҳои иттилоотӣ дар шаклгирии афкори ҷомеа нақши калидӣ мебозанд. Ин таъсир, бахусус дар марҳалаҳои гузариш, дигаргуниҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва шаклгирии ҷаҳонбинии нав, аҳаммияти дучанд пайдо мекунад. Ҳар ҷомеаи демократӣ, ба вижа он кишварҳое, ки тоза ба роҳи демократия ворид шудаанд, ба фаъолияти муассир ва ҳадафманди воситаҳои ахбори омма сахт ниёз доранд.

Рушду нуму ва раванди дигаргуншавии ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳар лаҳза собит мекунад, ки эҳтиёҷ ба иттилооти саҳеҳу мафкурасоз ҳарчи бештар гардида истодааст. Давлатҳои ҷаҳон, новобаста аз шакли идорӣ ва андозаи қудрату иқтидор, дар роҳи даст ёфтан ва соҳибӣ кардани иттилооти муфиду ба фоидаи худ маблағҳои зиёд сарф намуда мекунанд. Роҳбарон ва намояндагони боломақоми давлатҳо аз раванди сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии робитаҳои байниҳамӣ нек дарк намудаанд, ки дар майдони сиёсӣ танҳо нафароне боқӣ мемонанд, ки иттилооти бештар дар даст доранд ва онро дар робита ба даст гирифтани тафаккури мардум хуб истифода бурда метавонанд. «Имрӯз ҳама гуна назарсанҷиҳо, муборизаҳо, ҷангҳои равониву лафзӣ асосан тавассути намудҳои гуногуни ВАО – радио, телевизион, интернет, рӯзномаву маҷаллаҳо роҳандозӣ мешаванд. Аз ин рӯ, қудратҳои ҳоким ба ҳар роҳу восита ВАО-ро зери нуфузи худ нигоҳ медоранд, барои мавҷудияти онҳо маблағҳои зиёд ҷудо мекунанд ва дар лаҳзаҳои муайян онҳоро чун яроқи муҳимтарини идеологӣ истифода мебаранд» [118, с. 254]. Давраи нави тақсимоти ҷаҳонӣ низ миёни абарқудратон ва қудратталабон табиист, ки ба ҳаёти башарият бетағйир набуда, ҷомеа дар он иштирокдори асосӣ ба шумор меравад. Ҷонибдорӣ кардан аз қудрат ва ҳадафҳои пайгирона дар раванди ин тақсимот аз нақшаву дурнамо ва системаи хуби идоракунӣ амалӣ мешавад. Ҳамчунин, дар ин росто хатари дигаре, ки ҷомеаи ҷаҳониро дар чорроҳаи роҳгумӣ қарор медиҳад, ҷаҳонишавист, ки бо имкониятҳои бузургу хатарзо «таҳдидҳои ҷиддиро ба

ҳаёти башарият ворид сохтааст. Таъсири манфӣ ва таҳдиди раванди ҷаҳонишавӣ ба шуур ва маънавиёти ҷомеа тавассути васоити ахбори омма, ки он дорои неруи бузурги таъсиррасонанда аст, эҳсос мегардад ва дар баробари талқини сулҳу субот ва неъмати оромӣ, ҳамзамон, иттилоот ва ВАО дар тарғибу ташвиқи гурӯҳу созмонҳои террористӣ, ки ин зуҳурот бошандагони сайёраро ба ҷунбиш гузоштааст, нақши муҳимро касб кардааст. Ҳамзамон, ВАО дар пиёда шудани манфиати ин ё он қуввову гурӯҳҳои муайян ба тариқи мушаххас истифода мешаванд ва таҷрибаи дилхоҳеро низ баҳри қувваҳои манфиатҷӯ ба бор овардаанд» [158].

Имрӯзҳо пахшу паҳни иттилоот дар сиёсати пешгирифтаи давлатҳо як ҷанбаи асосии фаъолияти сиёсиро дар кишварҳо ташкил медиҳад. Чун ҷаҳони нав зури силоҳро намепазирад. Вале бадтар аз ин як иттилоот метавонад, ки кори садҳо ҷангию ҳазорон силоҳро ба ҷо оварад. Ин силоҳро баробар ба силоҳи қатли ом донистаанд. «Ба ақидаи олимону коршиносони соҳа силоҳи иттилоотӣ ин ба вуҷуд овардани бесарусомонӣ дар мафкураҳост, ки аз бесарусомонӣ дар иқтисод дида бадтару пурхавфтар аст» [156]. Ҳамин аст, ки нақшаву стратегияҳои нав дар маҳаки худ на сиёсати зӯргароёна, балки таблиғеро ҷой додаанд, ки ҳазорон мафкураро моил ба дигар ҷониб месозад. Ҳамин нақшаву стратегияҳои нав мафҳуми «ҷанги иттилоотӣ»-ро ба миён овардаанд.

Таҳқиқ ва пайгирии аҳдофу мақсадҳо дар «ҷанги иттилоотӣ» ва мавзуоти вобаста ба он самтҳои фарохро дар бар мегирад. Қисмати асосии назариявии он ба илми сиёсатшиносӣ рабт мегирад. «Имрӯз дар илми сиёсатшиносӣ мафҳуми нав - «ҷанги иттилоотӣ» ё «муборизаи иттилоотӣ»хеле маъмул гаштааст» ва дар ин самт олимону муҳаққиқон корҳои зарурии илмию таҳқиқотиро ба анҷом расонидаанд [159]. Вале ҷанбаи асосӣ ва ҳадафи ягона, ки дар ҷангҳои иттилоотӣ пешбарӣ мешавад, дар илмҳои сиёсӣ аҳаммияти дуюмдараҷа дорад. Ҳадаф аз ҳама ҷангҳои иттилоотӣ ва тарҳрезии онҳо ин мафкурасозӣ ва таъсир расонидан ба афкори умум аст. Зури иттилоот низ дар ҳамин ҷо ифшо мешавад,

ки иқтидору қувваеро, ки ВАО ба омма муаррифӣ мекунад, тамоми воситаҳои дигар оҷизанд.

Ба таъкиди муҳаққиқ М. А. Муқимов «ҷанги иттилоотӣ ин таъсиррасонии нақшавӣ ба тамоми системаи иттилоотиву иртиботии душман ва давлатҳои бетараф ба мақсади ташаккул додани фазои мусоиди ҷаҳонии иттилоотӣ барои гузаронидани амалиётҳои сиёсӣ мебошад, ки назорати аксари ин фазоро таъмин менамояд. Дар замони муосир ҷанги иттилоотиро асосан кишварҳои абарқудрат барои амалисозии ҳадафҳои геополитикии худ истифода мебаранд» [159]. Аён мегардад, ки дар аксар маврид дар сиёсати ҷаҳонӣ кори иттилоотро ҳеҷ гуна силоҳ ба иҷро расонида наметавонад, баргирифта аз ҳамин нуқта, дар ин раванд дигар самтҳо низ обуранги сиёсӣ касб мекунанд. Аз ҷумла, барои ҷалби таваҷҷуҳ ва ҳамфикрии халқиятҳо давлатҳои абарқудрат ва манфиатхоҳ иттилоотеро барои омма пешниҳод мекунанд, ки заминаи онро шаклдиҳии афкори умум ба самтҳои пешбинишуда ташкил медиҳад. Ба таври дигар, «Солҳои охир аксар мамлакатҳои дунё кӯшиши сохтани ҷомеаи глобалии иттилоотиро доранд» [158].

Дар марҳилаи кунунии рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва илмию техникӣ дар ҳаёти ҷомеа ва давлат иттилоот аҳаммияти махсус дорад. Аз нимаи дуюми асри XX бо сабаби рушди босуръати воситаҳои иттилоърасон, системаҳои иртиботӣ, иттилоот натанҳо хусусияти ба даст овардани муълумот, балки ҳамчун як манбаи муҳимми стратегӣ барои ҳар як давлат ба ҳисоб меравад. Муҳаққиқ Л. С. Егорова чунин мепиндорад, ки дар ҷараёни таҳаввулот, ҷамъияти инсонӣ натанҳо аҳаммият ва самаранокии иттилоотро дарк кард, балки онро ҳамчун як дастгоҳи пуриқтидорӣ таъсирбахш ва яроқи бебаҳое дорои тамоми қудрат, ки баъзан вақт аз ҳама намудҳои маълуми яроқҳо болотар аст, арзёбӣ кардаанд. Ӯ мегӯяд: «Иттилоот – ин силоҳи замон аст. Қобилияти он пайваст намудани шаклҳои гуногуни таъсир, номуайянӣ,  чандирӣ ва танҳо як қисми афзалиятҳои машҳур мебошад. Ин бо истифода аз техналогияҳои иттилоотӣ дар шароити мухталиф ва сатҳҳои гуногун имкон медиҳад. Иттилоот барои ноил шудан ба ин

ҳадафҳо истифода мешавад: тақвият ё шикаст додани қудрат, идоракунии омма, таъсир ба афкори ҷомеа ва ғайра» [27, с. 56].

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки дар охири асри сипаришуда ва оғози асри нав, бо истифода аз қувваи иттилоот ҳар бахше лозим бошад, заиф нишон дода мешавад ва ҳар чизи заиф пурқудрат. Ин нукта баёнгари он аст, ки на дар ҳама маврид ба омма иттилоот саҳеҳу дуруст пешниҳод мегардад. Чуноне профессори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон М. А. Муқимов дар мақолаи худ овардааст: «Ходими илмии Институти таҳқиқотҳои стратегии Россия Дмитрий Беляев ба суоли хабарнигори маҷаллаи бритонии «Jane’s Intelligence Review»- «Оё ҳангоми ҷанги иттилоотӣ журналистика метавонад воқеънигорона бошад?», мегӯяд, ки ҳангоми инъикоси ҳодисаҳои доғи байналхалқӣ ВАО-и Ғарб хеле кам аз воқеият ҳарф мезананд» [159]. Воқеан, метавонем, дар як руҷуи кӯтоҳ дар мисоли таъсиси баъзе гурӯҳҳои террористӣ онро дақиқ созем. Агар ба рӯзҳои аввали таъсисёбии гурӯҳҳои террористӣ, бахусус, созмони ифротии ба ном «Давлатӣ исломӣ» назар афканем, чунин ба назар мерасад, ки чунин гурӯҳҳо маҳз дар қатори ташкил шудани сомонаҳои таблиғотии худ, ҳамзамон, зери муаррифиҳои дар умум ВАО-и ҷаҳонӣ шуҳрат пайдо намудаанд, яъне, ВАО-и байналмилалӣ аз ташкил ёфтани чунин гурӯҳҳо ва қудрату тавоноии онҳо ба сокинони олам маълумот пешниҳод намуданд ва дар баъзе ҳолат аз даъвати онҳо гӯё ба ҷиҳоду хизмат, ки баён менамуданд, маълумотҳои муфассал пешниҳод мегардиданд. «Дар натиҷа, баъзе аз сокинони гумроҳу кӯтоҳандеши мамолики сайёра азми пайвастшавӣ ба онро намуда, ҳамзамон, қувваҳову созмонҳои манфиатхоҳ бо пайдо намудани маълумот оид ба мақсади аслии чунин гурӯҳҳо ва қувваву тавоноии онҳо шояд бо сарпарастиву таъмини лавозимоти ҷангиву дигар омилҳои тавоноӣ азм намуданд, ки мақсади онҳо низ пеш аз ҳама, пиёда намудани ҳадафи худ мебошад» [159]. Яъне, маҳз бо истифода аз қувваи иттилоот дар аввал созмонҳои террористӣ худро муаррифӣ мекунанду дар афкори омма таъсири равонӣ мерасонанд.

Гуфтан мумкин аст, ки иттилоот силоҳи аввалин ва муҳимтарин на танҳо барои ин созмонҳо, балки давлатҳо низ ба ҳисоб меравад. Истилоҳи «ҷанги

иттилоотӣ» дар дастгоҳи консептуалӣ бо маънии иттилоот ҳамчун силоҳ ворид карда шудааст. Дар ташреҳи мутахассисони соҳа ҷанги иттилоотӣ – амали мавриди ҳадафи муайян қарор гирифта, ноил шудан ба бартарии бештар тавассути иттилоот фаҳмида мешавад. Сӯйистифода аз қувваи бузурги иттилоот ба хотири корбурд баҳри амалӣ гардонидани стратегияҳои бузурги муйян дар аввали пайдоиш таваҷҷухро ба иттилоот тезонид. Ҳамин буд, ки дар ибтидо, дар ҳоле, ки иттилоот аҳаммияти хосса касб накарда буд, таваҷҷуҳ ба он равона гардид. Давлатҳои абарқудрат дар аввалин қадамҳо дарк намуданд, ки мубориза бо иттилоот самарабахштар аз ҳар гуна мубориза аст. Чун иттилоот метавонад, ки афкору тафаккурро дар ҷомеа ба ҳар ҷонибе самт бахшад ва бо истифода аз афкори ба даст омада, дилхоҳ нақшаву ҳадафро амалӣ намуд.

Дар давраи ҷадидтар ҷанги иттилоотӣ аз он ҷиҳат қувваи бештарро соҳиб гардид, ки иттилоърасонӣ ба мардум осон гардид. Ҳамчунин, воситаву роҳҳо барои паҳни иттилоот ва дар шаклҳои мухталиф пешниҳод намудани он зиёд шуд. Техника ва технологияи ҷадид имкон медиҳанд, ки ҳар нафар дар алоҳидагӣ ва дар ҳар ҷое аз иттилооти мавҷуда огоҳӣ пайдо намояд. Вале ин раванд ба афкори ҷомеа дар тамоми мамолики дунё зарбаи равонӣ ворид намуд. Чун худу бехуд ба майнаи мардум афкореро таҳмил мекунад, ки дар паёмад метавонад аксаран ба зиён бошад. «Ҷанги иттилоотиро метавон ҷанги шаҳрвандӣ низ номид, зеро технологияҳои иттилоотӣ дар хонаи мо хӯҷаинӣ карда, ҳар яки моро водор менамояд, ки ягон идеяро қабул бикунем ва дигарашро инкор намоем. Вазифаи ҷанги иттилоотӣ дар он аст, ки бояд ҳадафҳо, нигоҳ ва ҷаҳонбинии одамонро аз дохил бишканад. Дар ин ҳол хатари аз ҳама асосӣ дар он мешавад, ки «душмани иттилоотӣ» ноаён ва мутлақо номуайян аст» [159], – таъкид мекунад профессор М. А. Муқимов дар мақолаи худ «Ҷанги иттилоотӣ ва таъмини амнияти фазои иттилоотӣ».

Мутаасифона, дар доираи ҷангҳои иттилоотӣ маҳз ҳамин норӯшан будани «душмани иттилоотӣ» ба шуури ҷамъиятӣ ва афкори умум ба гунае ворид мегарданд, ки дигар шудани дидгоҳ ва самти фикрронӣ бобати дилхоҳ масъала бехудона давра ба давра савқ меёбад. Ба қавли доктори илмҳои сиёсӣ С. Ятимов

«дар структураи шуури рӯзмарра, ҳамакнун беш аз пеш ҷузъиёти хориҷӣ, бегона қувват мегирад. Аз бозе ки асбобе бо номи радио, баъдан телевизион, ҳамакнун васоити ахбор ва алоқаи электронӣ пайдо гаштааст, шаклгирии ҷузъиёти шуури рӯзмарра мансуб ба ононест, ки аз маблағҳои ҳангуфти нафту газ ва ононе, ки аз ин хазинаҳо дар ҳар шакл бархӯрдоранд, инчунин, имконоти ба ҳамин монанд вобастагӣ доранд» [135, 2015. – 17 декабр]. Дар такя ба андешаи муҳаққиқ С. Ятимов ҳаминро метавон тазаккур дод, ки шаклгирии тафаккури омма ва таъсири рӯзмара ба он, ба ВАО бастагии калон дорад ва ҳамеша ҳадафи ҳуҷуми иттилоотӣ маҳз таъсир расонидан ба шуур, афкори муқаррарӣ ва психологияи ҷамъиятии давлатҳои миллӣ равона карда мешавад.

Имрӯзҳо роҳҳои таъсиррасонӣ ба афкори умум хеле зиёд гардида, фишангҳои ҷалби мардум ба масъалаҳои мухталиф сари ҳар қадам вомехӯранд. Ҳама он матолибе, ки дар интернет сари ҳар қадам рӯбарӯ мешавем, барои мо бетаъсир буда наметавонанд. Хоҳу нохоҳ мо ҳар гоҳе, ки ба торнамоҳо ворид мешавем, болои яке аз аксу навор ва ё навиштаҳо тамаркуз мекунем. Чуноне муҳаққиқ Қутбиддинов Б. таъкид мекунад «Кам афродест, ки барои дарк ва воқиф гаштан аз интернет истифода набаранд. Эълон, реклама, нарх, тиҷорат, мактуб, хабардор гаштан аз таҳсили фарзанд ва садҳо масоили дигар боисанд, ки омма ба интернет муроҷиат намояд. Ин як шеваи ноаёни дар зери таъсири фазои иттилоотии мухталиф қарор гирифтан мебошад. Як сайри кутоҳ низ ба мафкура даҳҳо таъсир дорад. Як нигоҳи хушк ба вазъи обу ҳаво низ моро водор менамояд, ки ба сарлавҳаи чанд хабар нигарем» [156].

Дар шароити кунунӣ таваҷҷуҳ ба расонаҳо ҳамеша дар мадди аввал қарор дорад. Қудратҳо ҳар кадом дар алоҳидагӣ мехоҳанд, ки ба воситаи иттилоот ҳадафҳои хешро пиёда созанду дар амал онҳоро татбиқ намоянд. Ба таъкиди муҳққиқ Юнуси Ранҷкаши Кисамӣ «Расона абзори иттилоърасонист, ки бо таваҷҷуҳ ба густураи асаргузорӣ ва тавоние, ки аз назари навъу коркард дорад, дар дунёи имрӯз нақши ҳаёти дар таъсиргузории равобити байнидавлатҳо ва миллатҳо бар асоси манофеи миллии онҳо дорад ва он чи ки беш аз ҳама дар ин замина муҳим аст, нақшу коркарди расонаҳо дар ҳамгироии давлатҳо ва

таъсиргузориҳои фарҳангии байни миллатҳо дар ҷуғрофиёи мухталифи ҷаҳон аст» [38, с. 279]. Гуфтан мумкин аст, ки ВАО имрӯз сирф ҳамчун як абзори сиёсӣ истифода мешавад. Ин андешаи моро таъкиди муҳаққиқ М. А. Муқимов низ тасдиқ мекунад: «ВАО новобаста аз муҳтаво, шакл, намуд ва аудиторияи худ бунёдан ниҳоди сиёсӣ маҳсуб мешавад» [57, с. 251].

Дар хулоса ҳаминро метавон гуфт, ки васоити ахбори омма барои интишори иттилооти дар ҳаёти иҷтимоии аҳолӣ дахлдор нақши асосиро мебозад. Ҳуҷум ба андешаву афкори ҷомеаи ҷаҳонӣ ба восита иттилоот нақшаи якуми ҷангҳои иттилоотӣ ба шумор меравад ва чуноне маълум аст, ин раванд хеле васеъ ва доманадор аст.

Аз ин ҳама андешаву назароте, ки дар боло овардем, метавон хулоса кард, ки телевизион барои таъсир расондан ба афкори ҷомеа дорои имкониятҳои васеъ мебошад. Бахусус, бо ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ беҳ сохтани шарту шароит дар системаи телевизион имкониятҳо фарох гардиданд. Акнун бо истифода аз таҷҳизотҳои замонавӣ шакли барномаҳо рангу намуд ва мазмуни тоза гирифту дар объективии ҳаёти одамон, муҳити ахлоқии ҷомеа ва афкори ҷомеа бештар таъсиррасон гардид. Ҳамин тавр, телевизион чун дастгоҳи бузурги ташвиқотию тарғиботӣ муҳимтарин восита дар шаклдиҳии афкори умум бо тарғиби ин ё он тарзи зиндагӣ, руйдоди рӯзмарраи ҷомеаи ҷаҳон, масоили гуногуни сиёсат, иқтисодиёт, иҷтимоиёт, илму фарҳанг ба шумор меравад.

### 1.3. Фаъолияти телевизион дар самти шаклдиҳии афкори умум

Телевизион чун васоити паҳнкунандаи ахбор танҳо солҳои 60-уми асри гузашта дар баробари матбуот ва радио ҳамчун воситаи расонандаи ахбор шинохта шуд. Агар ба таври умум хулоса кунем, ягон воситаи расонандаи иттилоот ва дастоварди техникӣ ба ҳаёти ҳаррӯзаи омма мисли телевизион зуд ворид нашуд ва ба инкишофи ҳамаҷонибаи инсоният мисли он таъсиргузор нагардид.

«Ин қуттӣ сари чандин шоҳасарро мехӯрад», – гуфта буд, баъди пайдоиши телевизион нависандаи америкоӣ Ҷек Лондон. Воқеан телевизион баъди пайдоиш авлавият пайдо карда, ба зудӣ роҳу равнақи тозаро ба худ касб кард. Дар муддати кӯтоҳ он дар байни дигар ВАО мавқеъ ва ҷойгоҳи махсусро ҷиҳати расонидани хабарҳо ва сареҳияти он ба даст овард. Дақиқан, махсусиятҳое ҳаст, ки ин бартариҳоро ба телевизион додааст. Аз ҷумла, имкониятҳои техникӣ, дидани он, фаҳмою дастрас, тарзи истифодаи мавод, роҳҳои муассир кардани матн, интихоби шакли баён ва ғайраҳо.

Далоиле, ки телевизионро дар қатори дигар ВАО бартар нишон медиҳад, хеле зиёданд. Тавассути системаи жанрие, ки дар телевизион ба роҳ монда шуд, тамошобин метавонист ба ҳар чиз хӯрдагирона нигоҳ кунаду ҳар чизро аз диди худаш хулоса кунад, онро ба бартарии комил оварда расонид.

Дар боби мавқеъ ва ҷойгоҳи телевизион дар миёни дигар ВАО гуфтаю навиштаҳо хеле зиёданд. Нуктаи асосие, ки мо ба он такя мекунем, ин мутааллиқ донистани телевизион ҳамчун яке аз воситаҳои пурнақш дар ташаккули афкори умум мебошад.

Телевизион яке аз воситаҳои пуриқтидортарини таъсиргузор ба шумор меравад. Пуриқтидор маҳз ба он хотир ҳисобида мешвад, ки оммаи васеи одамон ҳамарӯза аз он истифода мекунанд. «40 фоизи ҳаёти шахси замонавӣ маҳз дар тамошои телевизион сарф мешавад» [71, с. 36]. Аз ин зовия метавон гуфт, ки модоме як нафар ин қадар вақти худро ба тамошои телевизион сарф кунад, аз ин миён хоҳу нохоҳ барнома ва наворҳое пахш ва манзури бинанда мегарданд, ки ба шуур ва афкораш бетаъсир намемонанд. Имрӯзҳо телевизион дар баробари оила, ҷомеа, муҳит, равоншиносону ҷомеашиносон ва дигар воситаҳои таъсиррасон дар инкишофи маънавӣ ва тарбияву ахлоқии инсонҳо нақшаш кам нест. Ҳар кадом гурӯҳ ба завқи худ ба таври васеъ аз телевизион истифода мекунанд.

Ҳамчунин, дар ин раванд давлатҳои абарқудрат низ ба фаъолияти телевизион аҳаммияти ҷиддӣ медиҳанд. Бахри таъсис додани телевизионҳои худӣ дар марзи давлатҳои дигар саъю талош менамоянд. Зеро дақиқ гаштааст,

ки телевизион беҳтарин васоити маҳвкунандаи мафкураи омма ба шумор меравад ва барои ба даст гирифтани лаҷоми кишвар беҳтарин ва қулайтарин восита аст. Бо дарназардошти ҳамин, асри XXI-ро замони муборизаҳои идеологӣ, таҳоҷуми иттилоотӣ ва набардҳои шадиди лафзиву равонӣ унвон кардаанд. Давлатҳои абарқудрат, яке аз комёбӣ ва ба абарқудрат бадал шуданашон низ маҳз ҳамин аст, ки дар ин раванди глобалӣ пирӯз шудаанд. Маҳз имконоти васеи онҳо дар баробари имкониятҳои моливу фаннӣ ва неруҳои зеҳнӣ, доштани ВАО-и пуриқтидор, бахусус, телевизион ба ҳисоб меравад. Ин гуфтаро аксари назарсанҷиҳо, муборизаҳо, ҷангҳои равониву лафзӣ, ки тавассути ВАО роҳандозӣ мешаванд, собит намудааст. Шояд баъзан саволеро низ пеш орад, ки ВАО чи гуна метавонад, давлатеро пуриқтидор намояд. Ба таври одӣ, метавон шарҳ дод, ки ВАО қудрату тавони ҳар давлатро ба таври даҳчанд нишон медиҳад. Ин раванд гуфтаи «Овозаи Рустам беҳ аз Рустам»-ро мемонад.

ВАО бо ҳар роҳу восита нуфузи давлатҳоро дар худ нигоҳ медорад ва онро даҳчанд ба ҷаҳониён муаррифӣ мекунад. Ҳамин аст, ки барои таъсис, мавҷудият ва фаъолияти босамари онҳо маблағҳои ҳангуфт ҷудо мегардад. «Дар солҳои охир тавассути тадқиқу мубоҳисаҳо оид ба ВАО истилоҳи «империализми иттилоотӣ» ба миён омад. Онро ҳамчун системаи муайяни ВАО-и давлатҳои бузурги сармоядори инҳисоршуда ва шакли таъмини тарғиби сиёсати дохилию берунаи онҳо маънидод кардан мумкин аст» [69, с. 9], – мегӯяд муҳаққиқи журналистикаи тоҷик А. Нуралиев. Ба таъкиди муҳаққиқи мазкур, ҳоло дар сиёсат ВАО як қисми ҷудонашаванда ба ҳисоб меравад.

Бешак, имрӯзҳо ВАО ба афкори ҷомеа таъсир расонида дар рушду ташаккули он ба таври мусбат ё манфӣ мусоидат мекунад. Оммаро хоҳ ба созандагӣ даъват мекунад ва ё ба роҳи нодуруст мебарад. Мардумро дар атрофи як шахсият ё чанд нафари муҳимми сиёсию иҷтимоӣ бо ҳам меораду муттаҳид мекунанд ва ё баръакс.

Ҳоло танҳо дар бораи иқтидори ВАО сухан гуфтем. Аммо аз объекти гардонкунандаи ВАО – журналистон чизе нагуфтем. Журналистон бошанд, дар

ин раванд ба афкори ҷомеа бо роҳи муайян намудани муносибати шаҳрвандон ба масъалаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ таъсир мерасонанд.

Таъбири ин ки «Фазои иттилоотӣ ба таври табиӣ ҳар қадар худитар монад, ба ҳамон андоза амнияти кишвар беҳтар таъмин мешавад» [102, с. 73] ба замон хеле созгор мебошад. Чун телевизион як андоза самти фаъолияташро тағйир дода, дар баробари расонандаи ахбор ва фароғат ба дастгоҳи азими тарғиботиву тиҷоратӣ табдил ёфтааст. Дар тамоми давлатҳо, ҳоло истилоҳи «глобализатсия»-ро ба кор мебаранд. Ба он маъно, ки дар ин раванд ҳарчи мекӯшад, як фараҳанг болои фарҳанги дигар ғолиб ояд. Ё маҳви фарҳангҳо ба вуҷуд омадааст. Дар ин замина, барои ба ҳадаф расидан, телевизонро дар тамоми ҷаҳон ҳамчун дастгоҳи ёрирасон дар ин самт истифода мебаранд. Чуноне гуфтем, дар замони кунунӣ, умуман, баъди пайдоиш хурду калон ҳама рӯ ба тамошои телевизион оварданд. Новобаста аз самти фаъолият, имрӯз аксарияти телевизионҳо тамошобини худро дорад ва тамошои телевизион як қисми ҳаёти моро ташкил медиҳад. Ҳатто будани онро дар хонаҳои мардум ҳатмӣ меҳисобанд. Ҳамин аст, ки имрӯз ҳеҷ як хонаро бе телевизион тасаввур карда наметавонем.

Албатта, ба кадом намуди фаъолият пардохтани телевизион аз самти пешгирифтаи он вобаста аст. Фароғатӣ, таблиғӣ, омӯзишӣ, маърифатӣ, варзишӣ, иқтисодӣ ва ғайра. Ҳар кишвар вобаста ба ин қонунҳои махсуси худро қабул кардааст. Дар кишвари мо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ» амал мекунад, ки моддаҳои он самти фаъолияти телевизионро муайян мекунанд [3]. Моддаи 9-и қонуни мазкур, ки дар бораи вазифаҳои асосии ташкилотҳои давлатии телевизион ва радиошунавонист, вазифаҳои асосии телевизион ва радиоро муайян мекунад. Дар моддаи мазкур чунин омадааст: «Сари вақт огоҳ намудани шунавандагони радио ва тамошобинони телевизион аз ҳаводиси ҷамъиятию сиёсӣ ва дигар воқеоти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷи он, паҳн намудани ахбори расмӣ, санадҳои мақомоти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва ҳокимияти судӣ, ки ба таблиғи расмӣ ҳуқуқ доранд; таҳия ва пахш кардани барномаҳои иқтисодӣ, публитсистӣ, фарҳангию маърифатӣ, таълимӣ, шавқангез, варзишӣ; инъикоси

рамзи давлати Ҷумҳурии Тоҷикистон; мусоидат ва таҳкими робитаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [3].

Хуб аст, ки имрӯзҳо дар кишвари мо низ вобаста ба самтҳо телевизонҳо фаъолияти рӯзмарра доранд. Барои кӯдакон «Баҳристон», барои дӯстдорони варзиш телевизони «Варзиш» ва «Футбол», барои тамошои филмҳо «Синамо», барои воқиф шудан аз рӯйдодҳои олам «Ҷаҳоннамо», инчунин, телевизони «Тоҷикстон» ва «Сафина» барои хабарҳои расмӣ ва дигар мавзуъҳои дохилию хориҷӣ пешбинӣ шудаанд.

Чуноне дар китоби «Асосҳои журналистикаи телевизион» омадааст: «Телевизион беш ва пеш аз ҳамаи анвои кори эҷодӣ мустафид буда, ба талаботи маънавии ҷомеа вобастагӣ дорад. Ҷолиб, вале факт аст, ки сатҳи фарохонду арзишҳои онро ҷомеа, бинанда муайян мекунад. Телевизион ҳамеша талаб ва завқи гирандаашро ба инобат мегирад» [92, с. 76]. Аммо қисмати зиёди бинандаҳо ё аксарият тарафдори он нестанд, ки дар баробари фароғат телевизион аз таблиғот низ кор гирад. Зеро он ба табиати бинанда то ҷое муносиби ҳол нест. Аммо фаъолияти корӣ новобаста аз хоҳиши бинанда, дар баробари фароғат бояд аз таблиғ низ кор гирад. Зеро ба ин васила дар навбати аввал буҷаи телевизион ғанӣ мегардад. Ин ҷо таблиғи молу маҳсулот дар назар гирифта шудааст, ки реклама мегӯем. Аммо дар умум, ҳама кори телевизион аз таблиғ иборат аст.

«Ҷомеа қишрҳо дорад, ҳар қишр вобаста ба сатҳи маънавиёт талаботи хос дорад. Чунин ҳам мешавад, ки ягон қишр бо таъсири шабакаҳои ба ном пешрафтаи олам аз телевизионҳо тақозои бемислро тақозо мекунанд»,- мегӯяд муҳаққиқ Асадулло Саъдуллоев. Дар дигар ҳолат муассисони телевизионҳо бо дарназардошти он ки ҷомеа чӣ мехоҳаду чи талабот дорад, бояд чиро телевизион нишон бидиҳад, ба назар гирифта, фаъолияти телевизионро ба ҳамон самт равона месозанд. Дар ин раванд таҳлилҳо ва омӯзиши хостаҳои аудитория низ ба назар гирифта мешавад.

«Асри XX дар таърихи миллати тоҷик чун асри худшиносиву давлатдорӣ ва шоҳкориҳову созандагӣ абадан нақш хоҳад баст. Дар қатори дигар бозёфтҳо

воридшавии телевизион-«ҷаҳоннамо ё оинаи нилгун»-ро низ ба ҳаёти мардуми тоҷик метавон чун падидаи нек арзёбӣ кард. Қариб 60 сол аст, ки телевизиони Тоҷикистон дар фазои иттилоотии ҷумҳурӣ ба сифати як воситаи муқтадири ахбор ба мардуми кишвар хизмат мекунад» [125, с. 5]. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 3-юми октябри соли 1959 телевизион ба фаъолият оғоз кард. Дар марҳилаи аввал пайдоиш, ҳатто як даҳаи аввал, солҳои 60 то 70 метавон гуфт, ки вазифаи асосии телевизион танҳо хабар расонидан буду бас. «Таҳлилҳо нишон дод, ки телевизион дар як муддати кӯтоҳи фаъолияти худ бо имкониятҳои фаровонаш тавонист, ҳамчун як воситаи қудратманду тавоно ба силоҳи муҳимми идеологии Ҳизби коммунист мубаддал гардид» [26, с. 20-21].

Дар марҳалаҳои ибтидоии фаъолияти телевизион дар Тоҷикистон, самтҳои кории он бештар ба пахши барномаҳои фарҳангӣ, иттилоотӣ ва тарбиявӣ равона гардида буданд. Аммо масъалаҳои ахлоқӣ, ки имрӯз яке аз бахшҳои муҳимми мазмун ва мундариҷаи барномаҳои телевизионӣ маҳсуб меёбанд, дар он давра дар маркази таваҷҷуҳ қарор надоштанд. Тавре ки муҳаққиқ Мирзоев И. зикр мекунад: «Телевизион дар давраи аввали фаъолият дар Тоҷикистон ба масъалаҳои ахлоқӣ камтар дахл мекард» [51, с. 14]. Ин ишора нишон медиҳад, ки рушди мазмуну самти ахлоқии барномаҳо бо мурури замон, бо иваз шудани вазъи ҷомеа ва болоравии ниёзҳои маънавии мардум сурат гирифтааст.

Дар солҳои 1970-1985 шакли пешниҳоди маводди телевизион дигар шуд. Ба таъкиди муҳаққиқи тоҷик З. Эшматов «Тули ин солҳои фаъолияташ Телевизиони Тоҷикистон марҳала ба марҳала рушду такомул ёфт ва чун як воситаи муқтадири таблиғотӣ то ба имрӯз расид. Бояд тазаккур дод, ки рушду нумӯи телевизион дар Тоҷикистон чун дигар ҷумҳуриҳои бародарӣ ба таърихи таъсис ва ташаккули телевизиони марказии Иттиҳоди Шуравӣ алоқамандии бевосита дорад» [51, с. 14]. Акунун «Телевизиони Тоҷикистон» оҳиста-оҳиста ба дигар самтҳо дахл мекардагӣ шуд. Мухтавои барномаҳо низ беҳтару хубтар гардид. Дар солҳои 1985-1991 бошад, мазмуну мухтавои барномаҳо дар Телевизиони Тоҷикистон ҷанбаи миллӣ ва худшиносии миллӣ пайдо намуданд.

Марҳилаҳои таърихии тушаккул ва таҳаввули телевизиони Тоҷикистонро муҳаққиқ З. Эҳматов то давраи истиқлолият чунин гурӯҳбандӣ кардааст:

1. Солҳои 1969-1970 давраи ташаккули телевизиони тоҷик аст. Дар ин даҳсола пахши барномаҳои таҷрибавӣ бомуваффақият анҷом ёфта, пахши мунтазами намоишҳо ба роҳ монда шуд. Дар ин айём намоишҳо шакл гирифта, ба қолаби муайяни эҷодӣ ворид шуданд. Малакаву маҳорати касбии кормандони эҷодиву техникӣ низ то андозае такмил ёфт.

2. Марҳилаи дуюм солҳои 1970-1985 аст, ки дар ин давра телевизиони тоҷик комилан касбӣ шуда, аз нигоҳи эҷодӣ ва техникӣ заминаи он мустаҳкам гардид. Журналистони касбӣ ба кори телевизион ҷалб карда шуда, имконияти сабту танзим маҳз дар ҳамин давра фароҳам ва таҳияи ҷолибу тамошобоб роҳандозӣ шуд.

3. Давраи сеюм ба таъкиди З. Эшматов аз соли 1985 то соли 1991-ро фаро гирифта, ба давраи бозсозӣ дар Иттиходи Шуравӣ ва то ба замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон рост меояд. Ин давраи фаъолияти телевизион махсусиятҳо дорад. Аввал ин ки телевизион бо таҷҳизоти нави техникӣ муҷаҳҳаз шуд. «Тағйир ёфтани ғояи барномаҳо, ҷанбаи миллӣ пайдо кардани намоишҳо бо шарофати бозсозӣ ва рӯйи кор омадани барномаҳои ҷолибу диданбоб, ташкили гуфтугӯйи мустақим, намоишҳои танқидӣ аз хусусиятҳои дигари ин давра аст» [125, с. 9].

Телевизиони Тоҷикистон ба андешаи мутахассисони соҳа ҳафт давраи такомулро аз сар гузаронидааст. Марҳилаи аввал ба солҳои 50-70-асри XX рост меояд. Вай, асосан, телевизиони ахборӣ буда, ба масъалаҳои мубрами ахлоқӣ камтар дахл мекард. Дар марҳилаи дувум (1970-1985) барномасозӣ дар телевизион тибқи муқоиса бо телевизиони марказӣ сурат мегирифт. Вале ҷолиб аст, ки дар ҳамин марҳала «домани жанрҳои телевизионӣ васеъ ва муҳтавои барномаҳо пуробуранг гардид».

«Солҳои 1991-1997 барои кормандони эҷодию техникии телевизиони Тоҷикистон марҳалаи ҳассос, сарнавиштсоз ва пурмасъулият дониста шудааст, зеро аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолии кишвар дар Тоҷикистон ихтилоф авзои

сиёсии мамлакатро ноҷур сохт» [117, с. 73], – таъкид мекунад С. Хоҷазод. Агар дар солҳои 1980-1991 дар телевизион барномаҳое, ки дар худ ҷанбаи ҳувияти миллӣ доштанд, ҷойи намоёнро ишғол кунанд, пас аз соли 1994 самти телевизион ба куллӣ дигар шуд. Зеро дар ин давра барномаҳо хислати сиёсиро касб карданд. Шуруъ аз соли 1994 масъалаи сулҳу ваҳдат ва ҳамдигарфаҳмӣ нуқтаи меҳварии барномаҳоро ташкил медод. Вазъи ба вуҷудомада дар баробари дигар сохтору идораҳои дахлдор, як ҷузъи созанда ва барқароркунандаи сулҳ – телевизионро низ водор намуд, ки раванду марҳилаҳои музокирот барои дастёбӣ ба сулҳу оштии миллиро ба мавзуи меҳварии худ табдил диҳад.

Метавон ин давраро замони аз ҳама душвор дар пахши барномаҳо барои телевизион унвон кард. Зеро барномаҳо метавонистанд, ки дар он лаҳзаҳои ҳассос ба ҳолати бавуҷудомада таъсири манфӣ расонад. Баъди имзои Созишномаи истиқрори сулҳ дар кишвар ба ин тараф даврони ободонию бунёдкорӣ ва созандагӣ фаро расид. Акнун мебоист телевизион самти худро ба куллӣ дигар кунаду дар тарғиби сиёсати пешгирифта пардозад.

Телевизион, ки дар ҳама ҳолат ба вазъи рӯйдода дар ҷомеа самташ нигаронида мешавад, ҷузъе аз воситаҳои таъсиррасон ба афкори ҷомеа унвон шуданаш ҳам аз ҳамин нуқта сарчашма мегирад. Телевизион иштирокчии бевоситаи тамоми ҳодисаҳо дар ҳама давр аст. Аз ин лиҳоз, манфиату руҳияи мутамаркази ҷомеа, гурӯҳу қишрҳои ҷудогонаи онро омӯхта, барои тасиррасонӣ ба афкори ҷамъиятӣ мусоидат мекунанд. «Ақидаҳо ва назари одамон оид ба масъалаҳои рӯзмарраи ҷории ҳаёти ҷамъиятӣ» ҳамчун афкори ҷамъиятӣ фаҳмида мешавад ва ба ин таъбир агар такя кунем [30, с. 35], «афкори ҷамъиятӣ асосан ба психологияи инсон, ба ҳиссиёт, эҳсосот ва одатҳои одамон таъсир мерасонад» [30, с. 35]. Телевизион ҳам дар навбати худ роҳу усул ва равишҳоеро бояд пеш гирад, ки ба ҳамин нуқта бурда расонад. Маълум гардид, ки телевезиони Тоҷикистон дар ҳар даҳсолаву panҷсола самти фаъолияти худро дигар кард, ин аз он рӯст, ки ҳолати ба вуҷудомада ва шуури пазириши ҷомеа

хостгори он буд ва бояд телевизион низ ба майлу хоҳиши ҷомеа самти худро иваз менамуд.

Дар замони мо аз ҳама воситаи муассир иқтидори таъсиррасонӣ ба афкори ҷомеа, бешубҳа, телевизион боқӣ мемонад. Вай яке аз шабакаҳои пурқуввати таъсирот ба ақлу идрок ва руҳияи инсон мебошад. Он имконоте, ки телевизион дорад, дар ягон воситаи дигар дидан мумкин нест. Ба ҷуз мавҷудияти овоз, дар телевизион тасвирҳои зинда дар экран дар байни ВАО-и электронии дигар телевизионро шухратманд кардааст. Бинобар ин, вай барои таъсиррасонӣ ба шуури ҷомеа фишангҳои бештареро дорост. Аз ҳамин лиҳоз, метавон гуфт, ки дар ҷаҳони муосир телевизион воситаи муҳимме барои ташаккули афкори омма буда, дорои шумораи зиёди аслиҳаҳои таъсиррасонанда ба шуури мардум мебошад.

Сотсиологи рус Борис Грушин таъкид мекунад, ки омӯзиши афкори ҷомеа марҳилаҳои муайяни таърихиро дар бар мегирад ва дар ин раванд асоснок намудани бартарияти як афкори омма (сотсиалистӣ) нисбат ба дигар (коммунистӣ), тавре ки як вақтҳо, дар қиёс замони гузаштаи на он қадар дур вуҷуд дошт, зарурате надорад [18, с. 67]. Бо ин нукта таъкид намудан мехоҳем, ки «Телевизиони Тоҷикистон» дар марҳилаи гузариш ду навъи афкори ҷамъиятиро пушти сар намуд. Албатта, агар ба гуфтаи ин ҷомеашинос такя кунем, мебинем, ки дар асл раванди гузариш аз ҷомеа тақозо менамояд, ки дар баъзе масъалаҳо муқоисаро ба кор бурд. Дар ин раванд, ки ҷомеа аз он кор мегирад, барои ба самти мусбат нигаронидани афкори ҷамъиятӣ саҳми телевизион бориз мегардад. Мураккабшавии таркиби иҷтимоии ҷомеа дар давраи муосир, тағйироти доимӣ – аз як афкори ҷомеа ба дигар афкор гузариш кардан ва ба таҳқиқ дар ин ҳолат дар тамоми соҳаҳои фаъолияти ҳаётии мардум, нақш ва аҳаммияти телевизион дар ҷомеа ҳатмист, чун инро таъсири он ба ташаккули афкори ҷомеа тақозо менамояд.

«Системаи васли коммуникатсияи муосир низоми мавзуни муомилаи журналист ва аудитория, журналист ва исташанҳои густурдаи ахбориро таъмин карда, дар роҳи конеъ гардондани матолиби мавриди истеъмол аз роҳу

воситаҳои гуногун истифода мебарад» [92, с. 48], – таъкид мекунанд, муҳаққиқон дар китоби «Асосҳои журналистикаи телевизион». Дар воқеъ журналистон барои таъсир расонидан ба афкори ҷомеа аз роҳу усулҳои гуногун кор мегиранд. Пайдоиши жанрҳо ё қолабҳои эҷодӣ аз ҷумлаи асосии онҳост. Ҳар жанре, ки дар телевизион истифода мешавад, пеш аз оне, ки як навор ё барномаро дар чаҳорчӯба фаро хонад, он як намуди усули таъсиррасонист.

«Телевизион ҳамчун кашфиёти ақлу хиради инсонӣ як муъҷизаи басо нодир ва муқтадири асри XX аст» [83, с. 16]. Ҷолиб аст, ки новобаста аз майлу хоҳишҳоямон хоҳу нохоҳ ба ягон барномаи телевизион таваҷҷуҳ мекунем. Рағбат ҳам пайдо мекунем, як ё чанд барномаи телевизионро тамошо кунем. Мусаллам аст, ки тамошои барномаҳои телевизионӣ танҳо як амали истеъмоли иттилоот нест, балки раванде мебошад, ки дар шуури инсон фаъолсозии раванди фикрронӣ, хулосабарорӣ ва таҳлили воқеиятҳоро ба вуҷуд меорад. Ин таъсир, бештар вақте муассир мегардад, ки мундариҷаи барномаҳо бо воқеият мувофиқ буда, ба масъалаҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва рӯзмарраи ҷомеа робитаи мустақим дошта бошанд. Ҳамзамон, таъсиргузории барномаҳо ба афкори умумӣ замоне шиддат мегирад, ки онҳо дорои муҳтавои баланд ва равиши касбӣ бошанд. Чуноне муҳаққиқон Давронов Д., Раҳмонова Ҷ. таъкид намудаанд: «Вақте ки тамошобин пайдо шудани рӯзноманигорро дар экран мехоҳад, интизорӣ мекашад, ба сухани ӯ, фикру андешаи ӯ ва чун шореҳи проблемаҳои рӯз ӯро интизор аст, ин дараҷаи олии профессионализми касбӣ ба ҳисоб меравад» [24, с. 95].

«Агар шакли мавҷудияти санъат асари ҷудогона бошад, пас шакли мавҷудияти телевизион барнома аст» [97, с. 211]. Мақсад аз ин гуфта дар он аст, ки маҳз дар доираи барномаҳо, ки бо усулу равишҳои хосса таҳия ва пахш мегарданд, омма ба телевизион таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд. Солҳои соҳибистиқлолӣ ба касе пушида нест, ки маҳз бо таъсири барномаҳои телевизионӣ аҳолии кишвар рӯ ба бунёдкорию созандагӣ оварданд.

Бетардид телевизион имконоти бузурги муттаҳид намудани мардумро дорад. Масалан, чанд сол қабл аҳаммият ва саҳми телевизион барои бунёди

НБО-и «Роғун» бараъло мушоҳида гардид, ки доир ба ин ҳамагон огоҳем. Нақши барномаҳо ва намоишҳои телевизионӣ ба афкори ҷомеа ба ҳадде буд, ки мардум ҳама саҳмия мехариданду дар бунёди ин иншооти аср саҳм гузоштан мехостанд. Маҳз тавассути таблиғоти ҳамаҷонибаи телевизион ва дигар воситаҳои ахбори омма, НОБ-и «Роғун» ба унвони як иншооти муҳими миллӣ муаррифӣ гардид ва ин тасаввур дар шуури ҳар як шаҳрванди кишвар ҷойгоҳи устувор пайдо кард.

Танҳо дар моҳи декабри соли 2010 аз тариқи шабакаҳои телевизион ва радиои марбути Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз 60 барномаи гуногунжанр дар бораи бунёди нерӯгоҳи «Роғун» таҳия шуда буд. Аз ҷумла, дар ин давра барномаҳои мустақими телевизионии фарҳангиву тафреҳии «Пайванд», таҳлилии «Дар мавзуи рӯз», тадқиқотии «Нигоҳи комил», публитсистӣ ва бадеии “Соҳибватан” ва ғайра бо шаклҳои гуногуни пешниҳод ва дар ташаккули афкори умум нақш доштанд. Аз ҷараёни вусъати корҳо дар ин иншоот дар телевизиони «Сафина» наворҳои кӯтоҳ ва лавҳаю очеркҳои сафарии телевизионӣ таҳия карда мешуд. Дақиқ мешуд, ки ин барномаҳо ба афкори қишрҳои гуногуни ҷомеа - наврасон, ҷавонон ва калонсолон равона карда шуда буд. «Дар ҳақиқат ҳам телевизион муҳимтарин воситаи иттилоърасонӣ дар кишвари мо ба ҳисоб меравад. Телевизион на танҳо дар равиши инъикоси афкори иттилоотӣ таҳавуллоти бузург ба амал овард, балки ҳамчунон шакл ва натиҷаи таъсирро ба афкори иҷтимоӣ хеле баланд бардошт» [24, с. 116].

Ба андешаи муҳаққиқ З. Эшматов барномасозӣ ё худ таҳияи намоиш меҳвари аслии фаъолияти рӯзмарраи кормандони телевизион аст: «Ҳар шабакаи телевизионӣ дар доираи он ҳадафҳое, ки назди худ гузоштааст (тарғиби ғоя, ташвиқи сиёсат, ҳукумат кардан, сармоя ғун кардан), бо нигоҳи хоса ва дарку фаҳмиши вижаи худ намоиш омода мекунад» [125, с. 86].

Муҳаққиқи соҳаи журналистика А. Саъдуллоев ба ҳамин масъала чунин андеша дорад, ки «сароғози воситаҳои ахбори умум дар ҳамаи давру замонҳо ва ҳукумату ҷараёнҳо таъсир расонидан ба самтҳои идеологии даврон, ташаккули

афкори омма, завқбахшӣ ба кору фаъолият, баланд бурдани сатҳи ғоявӣ, умумимаърифатӣ, фароҳам сохтани шароит ба ташвиқ ва тарғиби хаттӣ, телевизионӣ ва шифоҳӣ ва гузоштани талаботи қатъӣ ба ин фаъолият будааст» [93, с. 33]. Муҳаққиқи дигари тоҷик И. Усмонов низ роҷеъ ба ин мавзуъ чунин андеша дорад: «Ғояи таблиғ кардан мақсади азалии дастгоҳи идеологӣ буду ҳаст. Дар журналистика таблиғ вазифа ва мақсади ниҳоиро ифода мекунад» [99, с. 4]. Дар воқеъ телевизион, дар маҷмуъ, як дастгоҳи талиғотӣ аст. Индоракунандаи он бошад, журналистон мебошанд. Нақши телевизион низ дар ташаккули афкори ҷомеа ба он вобаста аст, ки як ҳодиса ба кадом роҳу усул пешниҳод карда мешавад, рӯзноманигор ин ё он далел ва ё воқеаро аз кадом нуқтаи назар баён менамояд. Яъне, журналист бояд донад, ки муносибати ҷомеа ба ҳодисаи рӯзмарра ба шарҳу тафсири навгониҳо аз ҷониби ӯ вобаста аст. Ба ҳамин васила расонаҳо вобаста ба мавқеъ, фарҳанги сиёсии рӯзноманигор, тамоюли хабарнигор ба ин ё он гурӯҳ дар инъикоси гуногуни рӯйдоду воқеаҳо дар ташаккули афкори мардум саҳм мегузоранд.

Талабот ва диду хоҳиши тамошо аз телевизони муосири тоҷик имрӯз тақозо менамояд, ки барномаҳоро дар шакли ҷолиб ва диданӣ пешниҳоди ҷомеа гардонад. Аз ҳамин рӯ, рафта-рафта дар телевизионҳои мо усулҳои нави пешниҳоди барномаҳо ба вуҷуд омаданд. Дар шакли барномаҳо дигаргунӣ ворид шуд. Аз жанрҳои асосие, ки дар солҳои охири фаъолияти телевизион истифодаашон дар ҷои аввал меистад, ин очерку ток-шоу мебошад.

Очерк аз жанрҳои маъмул дар тамоми намуди ВАО ба ҳисоб меравад. Аз лаҳзаҳои аввалини пайдоиши матбуот очерк дар саҳифаҳои он ҷойи худро ёфт. Баъди пайдоиши телевизион бошад, очерк аз жанрҳое ба ҳисоб мерафт, ки маҳз бо сабки жанрии худ шахсиятҳоро ба омма муаррифӣ мекарду гӯшаву канори кишварро ба ҷомеа шинос менамуд: «Очерк жанри публитсистию бадеӣ буда, дар хусуси одамони пешқадам, қаҳрамоне, ки ҳаёташон барои дигарон намунаи ибрат аст, ба таври бадеӣ нақл карда мешавад» [24, с. 56], – таъкид мекунанд муҳаққиқон Давронов Д. ва Раҳмонова Ҷ. Маҳз ҳамин хусусият очеркро дар самти таъсиррасонӣ ба шуури омма пешгом кардааст, ки он аз ҳаёти нафарони

пешқадам омода карда мешавад. Табиист, ки вақте сухан доир ба нафарони номдору соҳибтаҷриба меравад, эътимоду боварии халқ ҳам зиёд мегардад.

Чуноне гуфтем, аз дигар жанрҳои маъмули телевизиони мо ин жанри ток-шоу мебошад. Дар китоби «Ҷаҳони муосир: мавқеи симо ва садо» доир ба жанри ток-шоу омадааст, ки дар телевизиони солҳои 60-уми асри XX-и Амрико пайдо шуда, ихтирои онро ба журналист Фил Донаҳиу нисбат медиҳанд. Ривояте мунташир аст, ки ҳини мусоҳиба дар пахши мустаким Фил Донаҳиу дарк намуд, ки дигар суол надорад, аз ҳамин сабаб ӯ ба назди як бинандаи дар студия буда рафта, муроҷиат кард, ки оё ӯ ба қаҳрамони барнома суол надорад? Хушбахтона, бинанда суол доштааст, гӯё ҳамин тавр Донаҳиу нафаҳмида монд, ки жанри ток- шоуро асос гузоштааст. «Дар аввали пайдоиши ток-шоу дар телевизиони Россия он бегоҳиҳо намоиш дода мешуд, вале таваҷҷуҳи мардум ба он чандон зиёд набуд, дар замони истиқлолият бо дарбаргирии мавзуъ, таъминоти барнома мувофиқи сину сол, тахассуси ток-шоуҳо тавонистанд ба дили мардум ҷой гиранд» [24, с. 149].

Ток-шоу барои пайдо шудани андешаи ҷомеа доир ба масъалаҳои мухталиф нақши муҳим мебозад. Масалан, дар барнома ба ягон масоил дахл намуда, зоҳиран чунин менамояд, ки дар студия ҷамъомадагон озодона ибрози андеша карда, ақидаи худро пешниҳод мекунанд, вале дар асл ин тавр нест. Дар ин ҷо баранда (бо мутахассисон) бо маҳорати баланд ақидаи қаблан тарҳрезишуда талқин мекунанд ва аудиторияро барои пазириши онҳо омода мекунанд, дар ин маврид маҳорати баранда нақши муҳим мебозад. «Ғайр аз ин тавре менамояд, ки ток-шоу бе омодагии қаблӣ-навиштани сенария ва тарҳрезии нақша таҳия ва пешкаш мешавад» [24, с. 149].

Нақши телевизионҳои тоҷикро дар ташаккули афкори ҷомеа дар пахши барномаҳои ток-шоу хеле барҷаста мушоҳида кардан мумкин аст. Вобаста ба таҳаввулоти равандҳои сиёсӣ ва иҷтимоии ҷомеа дар кишвар фаъолияти рӯзафзуни телевизион дар барномаҳои ток-шоу ба назар мерасад. Бо таъсири эмотсионалии барномаҳои ток-шоу дар шакл гирифтану ифодаи афкори омма телевизион нақши бориз гузоштааст. Дар баробари ин ду жанр дар телевизони

тоҷик боз зиёданд жанрҳои гуногун, ки чун роҳҳои таъсиррасонӣ ба афкори умум истифода бурда мешаванд.

Дар ин баробар, солҳои охир телевизион ба як навъ дастгоҳи дилхушӣ низ табдил ёфтааст. Баррасии мушкилиҳои гуногун ба шакли ҳаҷву мутоиба, ки омма низ ба он хеле таваҷҷуҳ доранд, дар телевизион ҷойгоҳи махсусро касб мекунанд. Суҳбатҳо доир ба баррасии ягон масъала ва пешниҳоди роҳҳои ҳали мушкилӣ. «...бо боварӣ имрӯз гуфтан мумкин аст, ки телевизион ба минбари қисми зиёди аҳолии кишвар табдил ёфта, он чун оинаест, ки тамоми зуҳуроту ҳаводиси ҷомеаро дар худ инъикос менамояд. Телевизион ба ғайр аз эффекти ба истилоҳ иштирокдор будан, инчунин ба омилҳое вобаста аст, ки онҳо хосси телевизион буда, дар воситаҳои дигари ахбори омма ва таблиғ вуҷуд дошта наметавонанд. Ин пеш аз ҳама, ба рангорангии барномаҳои телевизион вобаста аст» [24, с. 146].

Аз таҳлилҳо боло бармеояд, ки телевизион дар марҳилаи имрӯза на танҳо ҳамчун воситаи пахши ахбор, балки ҳамчун абзори таъсиргузор дар раванди шаклгирии афкори умум амал мекунад. Барномаҳои гуногунжанр, бахусус, барномаҳои дорои унсурҳои таҳлилӣ, бо ҷалби таваҷҷуҳи омма имконият медиҳанд, ки масъалаҳои мубрами иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ ба таври сода, аммо таъсирбахш ба ҷомеа пешниҳод гарданд. Ин раванд, ки тавассути услуби муосири пешниҳоди иттилоот амалӣ мегардад, ба ташаккули дидгоҳи ҷамъиятӣ ва ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ мусоидат мекунад. Ҳамин тариқ, телевизион бо рангинӣ, фарогирӣ ва қобилияти таъсиргузорӣ ба сатҳҳои гуногуни шуур, дар ҳақиқат ба минбари ифодаи андешаи ҷамъият табдил ёфтааст ва дар ташаккули сиёсати иттилоотии кишвар мавқеи муҳиммеро ишғол менамояд.

# БОБИ II
# ВАО-И ВАТАНӢ ВА БУНЁДИ АФКОРИ СОЗАНДА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Матбуот – василаи аввалини нашру паҳни иттилоот

Саҳми матбуот дар заминагузории истиқлоли кишвар, тарғиб ва талқини худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ, дӯстию иттифоқ, шинохти якпорчагии Ватан саҳми калон гузошту гузошта истодааст. муҳаққиқи тоҷик Муродов М. доир ба ин масъала чунин таъкид мекунад: «Матбуот чун воситаи классикии воситаи ахбори омма аз омилҳои муҳимтарини инъикоскунандаи воқеоти зиндагӣ, ташаккулдиҳандаи афкори иҷтимоӣ буда, дар ҳар давру замон на танҳо ба ҳисси ватандорӣ, худшиносию ифтихори миллӣ мусоидат кардааст, балки майда-майда халқи моро ба пояи худогоҳӣ расонидааст. Тавассути он мо моҳияти зиндагӣ, муаммоҳои ҳаёт, тараққиёт, иқтисодиёт, инкишофи адабиёту санъат ва амсоли инро дарк намудем, муносибати худро ба дунё фаҳмидаву арзиш гузоштем. Ҳамчунин, нақши матбуотро дар шинохту дарки моҳияти ҳастии иҷтимоии миллат, орзую омол ва мақсаду вазифаҳои навбатии он, сарфаҳм рафтан ба ҳастии маънавии шахс ва халқ, нодида гузоштан аз рӯи инсоф нахоҳад буд. Агар ба таърихи матбуоти тоҷик назар афканем, ба ҳақиқати ин гуфтаҳо шубҳа намекунем» [62, с. 22].

Аз асолати матбуот бар меояд, ки он дар тӯли таърих барои пос доштани забони давлатӣ ва ҳифзи арзишҳои миллӣ хизмати басо бузург кардааст. Ҳаминро ба назар гирифта, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба 100-солагии матбуоти тоҷик дар баромади хеш чунин иброз намудааст: «Имрӯз беш аз пеш маълум мегардад, ки нақши воситаҳои ахбори омма дар ҳаёти ҷомеаи муосир чӣ гуна бузург аст. Дар ҳақиқат матбуот ва воситаҳои ахбори омма ба ташаккули афкори ҷомеа таъсири муқтадир ва муассир мерасонанд.

Онҳо, хусусан, дар замони таҳаввулот ва тағйирёбии самтҳои рушди ҷомеа, бадалшавии идеологияҳо ва ташаккули диди нави иҷтимоӣ аҳаммияти хосса пайдо мекунанд. Ҳама гуна ҷомеаи демократӣ, алалхусус ҷомеаи кишварҳое, ки нав ба ин ҷода қадам гузоштаанд, ба воситаҳои ахбори омма ва фаъолияти пурсамари онҳо ниёзманд мебошанд.

Таҷрибаи Тоҷикистони соҳибистиқлол нишон медиҳад, ки рӯзномаву маҷаллаҳо ва телевизиону радио ҳамчун воситаҳои асосии таъсиррасонӣ ба афкори омма метавонанд ба ҳалли мушкилоти мавҷуда фаъолона мусоидат намоянд» [161].

Ҳангоме дар бораи нақши расона сухан меравад, пеш аз ҳама пешорӯи мо матбуот меистад. Зеро матбуот аз воситаҳое мебошад, ки асрҳо боз бо махсусияти худ дар пешбурди тамоми соҳот саҳм мегузорад. Зимнан, он аз аввалин василаҳое ба шумор меравад, ки дар баробари иттилоъ расонидан ба мардум ба ин васила, ба афкор ва шуурашон таъсир мерасонд. Ҳамин хусусиятҳо буд, ки мутбуот дар миёни омма аз ҷузъҳои асосӣ ба шумор рафт ва давра ба давра рушд намуд. Шаклҳои беҳтари он пешкаши омма гардонида шуд.

Сухани чопӣ ҳамчун воситаи паҳн кардани иттилоот ва маърифати ҷамъиятӣ яке аз ихтирооти муҳимми инсоният маҳсуб мешавад. Он дар асри XV бо ихтирои матбаа ба вуҷуд омад, ки қадами муҳиме дар таърихи адабиёт ва фарҳанги инсонӣ буд. Тибқи маълумоти таърихӣ, аввалин дафтарҳои чопӣ бо истифода аз ҳарфҳои ҷудогонаи чопӣ (ки ба онҳо «тип» меноманд) дар Аврупо бо дасти Иоҳанн Гутенберг таҳия шуданд. Технологияи матни чопӣ асосан аз Чин пайдо шудааст, ки дар он чоп бо истифода аз лавҳаи чопӣ ва ҳуруфҳои чопӣ амалӣ мешуд. Бо вуҷуди ин, сухани чопӣ бо истифодаи ҳуруфҳои ҷудогона ва матбаа барои нашри васеъ ва зудтар дар Аврупо дар асри XV ташаккул ёфт. Иоҳанн Гутенберг, ки аслан зодаи шаҳри Майнс (Олмон) аст, аввалин шахсест, ки дар солҳои 1440 ин навъи матбааро ихтироъ кард ва бо он нахустин китоби чопӣ, «Инҷили Гутенберг»-ро офарид. Иоҳанн Гутенберг ҳамчун нававар ва ихтироъкор шинохта мешавад, ки тарзи чопи ҳарфҳои ҷудогона ва матбааи механикиро ихтироъ кард. Ин ихтироъ ба табдилёбии иттилоот ва омӯзиш дар

Аврупо ва ҷаҳон таъсири ниҳоят калон расонд. Маҳз бо шарофати ӯ паҳншавии китобҳо, иттилоот ва донишҳо ба миқёси васеъ суръат гирифт, ки ин омил барои инқилоби илмӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ замина гузошт.

Мувофиқи таҳқиқотҳои илмӣ, истифодаи матбаа ва матни чопӣ дар дар Осиёи Миёна, аз асри XIX оғоз мегардад. Дар натиҷа, матни чопӣ нақши муассир дар рушди фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии минтақа бозидааст.

Дар соли 1868 дар Тошканд аввалин нашрияи расмии минтақа, «Туркестанские ведомости» ба табъ расид, ки ҳадафаш паҳн кардани иттилооти расмӣ ва хабарҳои маҳаллӣ буд. Ин нашрия ҳамчун нахустин воситаи иттилоотӣ дар Осиёи Миёна ба шумор меравад ва забони асосии он русӣ буд, гарчанде ки барои мақсадҳои омӯзиш ва таблиғ забонҳои маҳаллӣ низ истифода мешуд.

Мутбуот дар ҷомеаи мо дар муқоиса ба мамолики Ғарб баъдтар зуҳур намуд. Аз рисолату аҳдофи он бармеояд, ки мутбуоти мо низ маҳз ба хотири ташаккули афкори умум ба миён омад. Тавре ки аз таърихи нашрияи нахустини тоҷикӣ «Бухорои Шариф» бармеояд, маорифпарварони замон бо истифода аз имкониятҳои мавҷуда тавонистанд дар Бухоро бо забони мардуми маҳаллӣ роҳандозӣ намоянд. Онҳо бо кордонии хеш мудири матбаа, Левини яҳудиро ба ҳамкорӣ моил сохта, розигии ӯро ба чопи рӯзнома ба даст оварданд.

Дар мактуб ба Элчихонаи рус (Консулигарии Русияи подшоҳӣ дар аморати Бухоро воқеъ дар Коғон) таъкид доштанд, ки таъсис додани нашрияе ба забони мардуми маҳаллии Бухоро ба рушду ривоҷи муносибатҳои тиҷоратии Бухорову Русия кумак мекунад. Инчунин, барои итминони амири Бухоро ва Элчихонаи рус, Мирзохоҷа Мирзобадаловро, ки дар Элчихонаи рус мутарҷим буд, ба ҳайси мудири масъули нашрия муаррифӣ карданд. «Рӯзномаи «Бухорои Шариф» дар мавқеи маорифпарварӣ истода, хонандагони худро бо забони сода аз воқеаҳои ҷаҳон, масъалаҳои гуногуни таърихӣ, ҷуғрофӣ, адабиёт ва ғайра огоҳ мекард. Дар саҳифаҳои он, махсусан, зарурияти омӯхтани илму дониш ва мақолаҳои ташвиқотӣ оид ба ин масъала чоп мешуданд» [152]. Дар навбати аввал аз аҳдномае, ки бо Левини яҳудӣ буд, танҳо пешбурди тиҷорат фаҳмида мешаваду бас. Ҳол он ки маҳаки нашрияи «Бухорои Шариф»-ро маорифпарварӣ ташкил

медод. Бо матолиби дарҷкарда аз масъалаҳои доғ ба афкору шуури ҷомеа таъсир мерасониданду онҳоро барои таҳсил, омӯхтани илмҳои замона ташвиқу тарғиб менамуданд.

Бешак, рисолати аслии ҳар воситаи иттилоърасон, хоҳ телевизион бошад, хоҳ радио ё матбуот, пеш аз ҳама, созандагист. Яъне, он масъалаҳое, ки оромию сулҳу субот, пешрафту ободӣ, ҳамдигарфаҳмию ваҳдат ва амсоли инро ба бор меорад, ба ҷомеа ташвиқ намуда, роҳҳои ҳалли онро дар шаклҳои гуногун ба омма мешкаш мекунад. Аз ҳамин нуқта метавон хулоса кард, ҳар воситае, ки ба миён меояд, ҳатман дар заминаи кадом масъалаест. Бахусус, аз пайдоиши нашрияи «Бухорои Шариф» мебинем, ки он дар натиҷаи сафари аҳли илму маърифат ба мамолики мутараққии дунё ва ошноии онҳо бо комёбиву муваффақият, дастоварду навгониҳои мардумони кишварҳои дигар мебошад. «Аз ҷониби дигар, таъсиси рӯзномаҳои форсӣ дар садаи XIX дар сарзаминҳои мухталиф – Ҳиндустону Эрон, Туркияву Афғонистон, Мисру Англия ва ба рағми ҳамаи монеаҳо нашрияҳои форсии охири садаи XIX ва оғози садаи XX «Ахтар», «Қонун», «Ҳабл-ул-матин», «Парвариш», «Чеҳранамо», ҷаридаву маҷаллаҳои туркиву тоторӣ ва озарбойҷонии «Сирот-ул-мустақим», «Тарҷумон», «Мулло Насриддин» ва монанди инҳо, дастраси мунавварфикрон ва ислоҳталабони Осиёи Миёна мегардид, ки аз байни одамони одӣ низ касони назаркунанда ба матбуот пайдо шудан гирифтанд» [153].

Дар асл, агар дилхоҳ кишвар ба таҳаввулоту дигаргуниҳо ниёз дошта бошад, дар он будани рӯшанфикрону тараққихоҳон ҳатмист. Зеро бидуни ин афрод дигаргунӣ ба миён омаданаш дар гумон аст. Ин раванд ҷунбишу инқилобҳои пайиҳам мехоҳад. Далелҳои мавҷуда баёнгари онанд, ки дар оғози садаи XX дар баробари ошноии ҷадидон ва маорифпарварони тоҷик бо адабиёту матбуоти ҳамзабонону халқҳои дигар, ҳамчунин, табадулоту инқилобҳои барзиёд ба амал омаданд, ки дар сохти давлатдории давр таъсири амиқ гузошт. «Равшанфикрону тараққихоҳони Бухоро бо вуҷуди маҳдудияти фаъолияташон ва таъқиби ошкору ниҳон аз ҷониби ҳукуматдорон бо ҳар роҳу восита мекӯшиданд, ки камбуду норасоиҳои ҷомеаро рафъ сохта, мардуми

Бухороро ба сӯйи тараққию тамаддун ҳидоят намоянд. Мактаби ҷадиди Абдулвоҳиди Мунзим, ки ҳамроҳ бо шарикдарсонаш Садриддин Айнӣ, Ҳомидхоҷаи Меҳрӣ ва Аҳмадҷони Ҳамдӣ таъсис дода буд, дар муддати кӯтоҳ дар байни мардум эътибору нуфузи зиёде пайдо карда, боиси эҷоди муборизаи ошкори навгароёну муҳофизакорон гардид. Чуноне ки С. Айнӣ таъкид мекунад «Ҳукумати Бухоро, ки ба ягон кори одии маданӣ роҳ намедод, ба нашри рӯзномае, ки дар пеши назараш чун муфаттише шуданаш мумкин буд, чӣ гуна роҳ дода метавонист?» [153].

Маорифпарварони тоҷик дар замони худ матбуотро чун дармонбахши дардҳои маънавии ҷомеа, тарғибгари ахлоқи хубу нек ва пеш аз ҳама василаи асосии ташаккулдиҳандаи афкори ҷомеа дониста, барои таъсиси он тамоми қувваи ҷисмонӣ ва зеҳнии худро истифода намуданд. Билохира, аввалин нашрияи сирф тоҷикӣ 11 марти соли 1912 (4 рабеъуссонии 1300) дар ҳаҷми чор саҳифа аз чоп баромад. Муассиси он ҷавонбухориён ва ташаббускорони аслӣ аз онҳо роҳбарони ҳамонвақтаи ҷунбиши ҷавонбухорӣ – Мирзо Муҳиддин ва Мирзо Сироҷи Ҳаким буданд. Мирзо Муҳиддин аз тоҷирони сарватманди қароқӯлфурӯши Бухоро ва Мирзо Сироҷи Ҳаким аз табибони шинохтаи Бухоро маҳсуб мешуданд. Рӯзномаи «Бухорои Шариф» то 14-уми июли соли 1912 ҳаррӯза мебаромад, баъд он ҳафтае чор бор нашр мешуд. Зеро бо нияти ба мардуми ӯзбекзабон расонидани ғояҳои худ, ҷавонбухориён аз 14-уми июли соли 1912 ҷаридаи «Тӯрон»-ро ҳам ташкил доданд, ки ҳамчун иловаи «Бухорои Шариф» ҳафтае ду бор чоп мешуд. Дар моҳи сентябр ин нашрия мустақил шуд ва Ғиёс Ҳуснӣ муҳаррири он таъйин гардид.

Азбаски харҷи нашрияҳо ба ин васила хеле калон шуд ва фоидаи моддии вай камӣ кард, моҳи августи соли 1912 Левӣ аз ҳуқуқи нашр даст кашид. Мирзо Муҳиддин бо дигар ҷавонбухориён маслиҳат карда, иттифоқе таъсис намуданд, ки чопи нашрияҳоро ба зимма гирифт. Акнун таъсири ҷавонбухориён нисбатан бештар гардид ва шумораи мақолаҳои характери пешқадамдошта афзуд.

Ҳамин равияи одӣ ва ҳамин эътибори «Бухорои Шариф» аз тарафи муллоён ва муллобачагони анъанапараст маҳкум ва таъқиб мешуд. Онҳо афкори

ҷадидиро ҳамчун андешаҳои ба маданияти форсӣ бегона инкор мекарданд. Аммо обрӯи рӯзнома байни хонандагон меафзуд. Ҳар қадаре ки обрӯи «Бухорои Шариф» дар байни аҳолӣ меафзуд, ҳукуматдорони рус ҳамоно аз вай хавф мебурдагӣ шуданд ва аз пайи бастани он гардиданд. Аз ин рӯ, моҳи декабри соли 1913 намояндаи губернатори Туркистон аз амири Бухоро хоҳиш кард, ки рӯзномаҳоро бандад. Олимхон бо хушнудӣ ин хоҳишро қабул кард. 2 январи соли 1913 ба идораи нашрияҳо бо имзои Петров мактуби зерин расид: «Мувофиқи хоҳиши аълоҳазрат амири Бухоро аз ҳамин рӯз эътиборан нашри «Бухорои Шариф» ва «Тӯрон» манъ карда мешавад» [153].

Аз он ки «Бахорои Шариф» заминаи матбоути тоҷик аст ва маҳз дар партави он ҷомеаи тоҷикзабон аз аҳаммияти матбуот бархурдор гардид, лозим донистем, ки ба таври фишурда аз таърихи он ёдовар шавем ва ба ин васила, нишон диҳем, ки матбуот ҳамчун воситаи таъсиррасон то кадом андоза неруманд аст. Собит шудааст, ки баъди пайдо шудани «Бухорои Шариф» ва чопи 153 шумораи он дар Бухоро таҳаввулоти куллӣ ба миён омад. Садриддин Айнӣ бо ишора ба ин менависад, ки «Бухорои Шариф» ва «Тӯрон» рӯз ба рӯз диққати мардумро ба худ бештар ҷалб мекарданд. Дар тасаввури хонандагон, фикрҳои нав пайдо шудан гирифт. Ин вазъ ба кайфи Элчихона мувофиқ наомад» [153]. Диди мардум ба шакли давлатдорӣ дигар шуд. Андешаву шуури мардум ба дигар маҷро роҳ пеш гирифт. Ҳар қадаре обрӯйи «Бухорои Шариф» дар байни аҳолӣ меафзуд, ҳукуматдорони рус хавфашон бештар гардид. Бо ҳамин омилҳо ин рӯзнома баста шуд ва баъдтар нашрияҳое пайдо шуданд, ки бо таъсир расонидан ба афкори умум аз асоситарин проблемаҳои даврро ҳал намуданд. Бахусус, нашрияи «Овози тоҷик».

«Овози тоҷик» рӯзномаи тоҷикиест, ки дар шаҳри Самарқанд таъсис ёфт. Шумораи аввалини он бо унвони «Овози тоҷики камбағал» 25 август соли 1924 интишор гардидаст. Чуноне аз таърихи пайдоиши ин ҷарида бармеояд, дар ибтидои солҳои 20-уми асри XX гурӯҳе аз фарзандони бонангу номус ва шарафманди тоҷик нагузоштанд, ки ин миллати қадимӣ аз марзи Осиёи Миёна бенасиб монад. Онҳо дар баробари пантуркистон ва дигар душманони тоҷик, ки

нобудии ин миллатро мехостанд, барои ҳифзи миллати тоҷик ва забону нашрияҳои тоҷикзабон саъю кӯшиш ва хизмати шоистае кардаанд.

Андешаҳоеро низ вомехӯрем, ки аз аҳаммияти матуботи ин давр, бахусус, нашрияи «Овози тоҷик» гуфта шудаанд. «Ш. Шоҳтемур дар ташкил кардани якумин газетаи тоҷикӣ дар Туркистон – «Овози тоҷик», ки аз моҳи сентябри соли 1924 дар шаҳри Самарқанд чоп мешуд, инчунин, дар нашр кардани аввалин китобҳои дарсӣ, барои ба забони тоҷикӣ таълим додани бачагони тоҷик дар мактабҳои советӣ хеле хизмат кард» [44, с. 34]. «Дар шароите, ки пантуркизм ҳукмфармо аст, масъалаи миллиро ҳал кардан ниҳоят душвор, илова бар ин, мутаассифона, қисми равшанфикрони тоҷик таҳти ин вабои мудҳиш сару ҳисобашонро гум кардаанд. Тақдири одамонро набояд як гурӯҳи одамони оҷиз ҳал кунад. Онҳо ҳуқуқ доранд ҷумҳурии мухтори худро дошта бошанд, вазъияти ҳозира инро талаб мекунад. Мо ба ин ноил мегардем». «Дар назди КМ Ҳизби Коммунистии Туркистон сексияи коммунистӣ буд, ки ман онро роҳбарӣ мекардам. Барои мо таъсиси рӯзномаи аввалин бисёр зарур буд, вале мо пул надоштем. Ман бо Ҳоҷибоев шинос шудам ва ӯ, ки дар вазифаи раиси Комитети консесии (предоблконцесском) вилояти Фарғона буд, барои таъсиси газета 2000 рубл дод» [31, с. 16]. Аз ин гуфта бар меояд, ки равшанфикрони давр муҳиммияти матбуот ва ба василаи он таъсир расонидан ба афкори ҷомеа барои ҳифзи арзишҳои миллати худ хеле муҳим медонистанд ва тамоми саъю талоши худро баҳри ба вуҷуд овардани он ба харҷ медоданд.

Вақте ба таърихи матбуоти солҳои шуравӣ менигарем, раванд тамоман дигаргун аст. Албатта, дар ин миён дар муқоиса ба нашрияи «Бухорои Шариф», «Овози тоҷик» ва чандин нашрияе, ки дар замони шуравӣ арзи ҳастӣ намуданд, бисёр фарқиятҳо ба назар мерасад. Аз ҷумла, дастури матолиби чопӣ дар «Бухорои Шариф» нисбат ба матбуоти замони шуравӣ озодтар буд. Яъне, баррасии матолиби нашрмешуда аз ҷониби худи ҳайати эҷодӣ сурат мегирифт. Мушкилҳои умдаро ба баррасӣ мекашиданд. Аз ҳаёти мардум ва аз проблемаи онҳо менавиштанд. Табиист, ки дар ин ҳолат таъсирнок будани матолиби дарҷшуда даҳчанд аст. Ҳамин хусусиятҳо буд, ки «Бухорои Шариф» маълуму

машҳур гардид. Аммо агар ба матбуоти замони шуравӣ нигарем, якрангӣ ба назар мерасад. Дар умум, матолибе, ки дар матбуоти тоҷикии замони шуравӣ ба чоп мерасид, шакли пропагандӣ ё таблиғӣ доштанд. Аммо бунёди матбуоти тоҷик дар ин давра реша гирифт. Дар ин давра, чи дар сатҳи музофот ва чи дар сатҳи ҷумҳурӣ нашрияҳои зиёд, махсусан дар пояи ҳизби ҳоким – комунистӣ арзи ҳастӣ карданд, ки яке аз онҳо нашрияи расмии Тоҷикистон – «Ҷумҳурият» мебошад.

Нахустшумораи«Ҷумҳурият»-и кунунӣ 15-уми марти соли 1925 бо номи «Иди тоҷик» дар Душанбе ба табъ расид, ки воқеан, барои ҷумҳурии тозатаъсиси Тоҷикистон ва миллати тоҷик рӯйдоди муҳимми таърихӣ буд. Мақсаду мароми рӯзнома аз шумораи дуюм, ки ба худ номи «Бедории тоҷик»-ро гирифт, мушаххасу равшантар гашт. Тоҷик, воқеан, беш аз ҳама ба бедории сиёсӣ ва худшиносии миллӣ ниёз дошт. Рӯзномаи «Бедории тоҷик» бо дарки масъулият ин рисолати бузургро бар дӯш гирифт.

Дар саҳифаҳои нашрияҳо на танҳо муаррих, балки роҳбарони аввал, арбоби сиёсиву ходими ҷамъиятӣ, адибу омӯзгор, муҳандису пизишк, ҳунарпешаву варзишгар, коргари одиву деҳқони хокпош ва, албатта, беш аз ҳама рӯзноманигор баромад карда, муҳимтарин ва қиматтарин маълумотро ба хонанда пешкаш менамоянд. Фарзандони баруманди тоҷик дар равнақи рӯзномаи «Ҷумҳурият» фаъолона саҳм мегирифтанд. Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ яке аз муаллифони нахустини рӯзнома буд. Ӯ ин рӯзномаро «модари матбуоти Тоҷикистони советӣ» номида, бо истифода аз фурсатҳои фароҳамомада адибонро ба ҳамкорӣ ва мардумро ба рӯзномахонӣ ташвиқ менамуд.

Аллома Бобоҷон Ғафуров низ солҳои сиюми асри гузашта аз муаллифони фаъоли рӯзнома буд ва бисёр мақолаҳои ҷолиби худро, ки ба таъриху фарҳанги миллати тоҷик бахшида шудаанд, маҳз дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» ба табъ расондааст. Устод Мирзо Турсунзода ҳам дар мақолаи худ «Аввалин газета, аввалин мӯъҷиза», ки ба ифтихори 50-солагии «Ҷумҳурият» навишта буд, аз

эътиқоди самимии хеш ба ин рӯзнома ва нақши он дар муборизаҳо бо муҳаббати гарм ҳарф задааст.

Дар солҳои гуногун чеҳраҳои шинохта, ба монанди Абулқосим Лоҳутӣ, Аминҷон Шукӯҳӣ, Ашӯр Ҳалимов, Шодӣ Саидов, Ғоиб Қаландаров, Ибод Файзулло, Нур Табаров, Мазҳабшо Муҳаббатшоев ва Шоҳмузаффар Ёдгорӣ сармуҳаррири рӯзнома будаанд. Аксари журналистони номдори кишварамон дар «Ҷумҳурият» кор кардаанд. Бисёр адибон, аз қабили Фазлиддин Муҳаммадиев, Мутеъулло Наҷмиддинов, Ибод Файзуллоев, Салимшо Ҳалимшо, Раҷаб Мардон, Абдулҳамид Самадов ва дигарон дар ин нашрия фаъолият намудаанд.

Рӯзномаи «Ҷумҳурият» дар муборизаҳо барои манофеи миллӣ пешгому парчамбардор буд. Маҳз бо талошҳои рӯзномаи «Ҷумҳурият» забони тоҷикӣ мақоми давлатӣ гирифт. Саҳми рӯзнома дар боло бурдани дараҷаи худшиносии миллӣ ҳам шоистаи таҳсин аст [151].

«Бояд иқрор шуд, ки дар ҳеҷ давру замон барои фаъолияти матбуот мисли даврони истиқлол шароиту имконоти иҷтимоиву замонӣ ва ҳуқуқиву қонунӣ набуд. Басо хуш аст, ки дар шароити кунунии Тоҷикистон низоми гуногуни матбуот ташаккул ёфта, заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти нашрияҳои мухталиф ба вуҷуд омадааст. Имрӯз дар кишвари мо системаи нави матбуот ҳукмфармост. Баробари нашрияҳои расмию давлатӣ, фаъолият доштани нашрияҳои ҳизбию шахсӣ, тиҷоратӣ, фарҳангию маънавӣ далели гуногунрангу хоси демократия будани матубoти тоҷик аст» [62, с. 36]. Дар асл давраи асосии рушду нумӯи матбуоти тоҷик ба давраи соҳибистиқлолӣ рост меояд. Шуруъ аз аввали рӯзҳои истиқлолият нашрияҳои мустақил таъсис дода шуд. Нашрияҳои ҳукуматие, ки аз замони шуравӣ боқӣ монда буданд, фаъолияти худро дучанд намуданд. Дар солҳои аввали 90-уми асри гузашта нашрияву маҷаллаҳое ба мисли «Ҷавонони Тоҷикистон», «Адабиёт ва санъат», «Омӯзгор», «Садои Шарқ», «Фарҳанг», «Илм ва ҳаёт» ва ғайра фаъолият мекарданд.

Дар оғози Истиқлоли давлатии Тоҷикистон, воситаҳои ахбори омма, бахусус матбуоти чопӣ, ба марҳилаи нав ва пур аз тағйирот ворид гардиданд.

Теъдоди нашрияҳое, ки қаблан бо шумораи аз 100 то 200 ҳазор нусха паҳн мешуданд, бо сабаби мушкилии молиявӣ ва набудани хонанда, тадриҷан коҳиш ёфт ва баъзе аз онҳо фаъолияти худро қатъ намуданд. Дар маҷмуъ, матбуоти тоҷик дар ин давра тағйири раванд ва самтгирии худро таҷриба кард. Ин раванд аз як тараф, зери таъсири равандҳои ҷомеаи навин ва эҳтиёҷоти афзояндаи хонандагон, ва аз ҷониби дигар, бо рушди технологияҳои иттилоотӣ ва густариши шаклҳои нави иттилоърасон тавҷеҳ ёфта, зарурати дигаргунсозии шакл ва муҳтавои маводди матбуотиро ба миён овард.

Дар ин марҳала, шакл ва мазмуни нашрияҳое, ки аз қабл фаъолият доштанд, таҷдид гардиданд. Баробари рушди воситаҳои электронии ахбор ва афзоиши дастрасӣ ба иттилооти фаврӣ тавассути шабакаҳои интернетӣ, нақши матбуоти анъанавӣ бештар ба таҳлил, тавзеҳ ва шарҳи амиқи масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ равона гардид. Ҳамин тавр, журналистикаи чопӣ тадриҷан аз нақши анъанавии иттилоотрасонӣ ба самти пешниҳод ва баррасии мавқеъҳои таҳлилӣ ва иҷтимоӣ гузариш намуд.

Матбуоти замони давраи истиқлолият бо вижагиҳои хосса фарқ мекунанд. Бахусус, рангорангӣ, ки дар заминаи он матбуоти ҳукуматӣ, соҳавӣ, ҷамъиятӣ, саҳҳомӣ, ғайриҳукумтӣ ва ғайра амал мекунанд. Хусусиятҳои мазкур бошанд, заминае барои ошкорбаёнӣ ва гуногунфикрӣ гардиданд. Талаботи аслии ин ҳама бошад, аз як шакли давлатдорӣ ба дигар шакли давлатдорӣ гузар кардани Тоҷикистон мебошад. Бояд дар раванди демократикунонии давлат матбуот саҳм мегузошт ва чунин ҳам шуд.

Аз он ки дар ҷомеа барои истиқлоли комил талош мекарданд, баъзе нозукиҳое буд, ки маҳз матбуот метавонист бо таъсир расонидан ба афкори омма, равона кардани фикру андешаҳои одамон ба дидгоҳи ҳадафманд, онро дақиқу равшан намояд. Ба таъкиди муҳаққиқ М. Муродов «Демократия ва озодии матбуот чизи нав нестанд. Аммо ҷомеаи имрӯзаи мо, ки барои истиқлоли комил талош доранд, ба раванди дигаргуниҳои куллии иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ҳамчун эъмори органҳои наву демократибунёд ба вуҷуд пайвастааст, демократия ва озодии матбуот маънии дигарро касб менамоянд.

Гузашта аз ин, инкишофи ҷамъияти башардӯстонаи демократӣ аз ҳар ҷиҳат ба журналистика, минҷумла матбуот вобаста аст» [62, с. 37].

Истиқлолият ба матбуоти тоҷик, пеш аз ҳама озодӣ дод. Ин «озодӣ» дар худ шарҳу тавзеҳ мехоҳад. Албатта, қабл аз истиқлолият низ озодӣ буд. Озодии фаъолият буд, озодии баррасии мушкилӣ буд. Аммо озодии баррасии масъала аз дидгоҳ ва паҳлуҳои мухталиф вуҷуд надошт. «Тибқи арзёбии коршиносони байналмилалӣ матбуоти кишвари мо имрӯз дар қиёс бо бисёр кишварҳо аз дидгоҳи озодии баён пешрафта мебошад. Ба таъбири дигар, матбуот ба мақсаду мароми халқ ва арзишу манфиатҳои миллӣ наздиктар шуд. Имрӯз дар фаъолияти матбуоти мустақили Тоҷикистон, яъне дар фаъолияти онҳое, ки худашон рӯзномаву маҷалла, агентии иттилоотӣ, шабакаи телевизион ё радио таъсис дода, кори онро мустақилона пеш мебаранд, унсурҳоеро мебинем, ки сазовори пайравӣ кардану омӯхтан ҳастанд. Муҳим нест, ки рӯзноманигорон дар кадом самт – матбуоти давлатӣ ё матбуоти мустақил фаъолият доранд» [160].

Мафҳумҳое мисли «матбуоти хусусӣ», «матбуоти соҳавӣ», «озодии баён» ба ҷомеаи мо маҳз дар замони истиқлолият роҳ ёфтанд. Дар ин давра таъсиррасонии матбуот ба афкори ҷомеа маънии тоза пайдо кард. Зеро дар ин давра гуногунандешӣ, ки хоси демократия аст, ба вуҷуд омад.

Дигар паҳлӯ ин назари мардум мебошад. Хоҳу нохоҳ дар дилхоҳ ҷомеа фикру ақидаҳо нисбат ба проблемаҳо гуногун мебошад. Яъне, баҳои яктарафа боиси норозигии тарафи дигар мегардад. Хусусияти вижаи матбуоти замони соҳибистиқлолӣ ин аз байн рафтани баҳодиҳии яктарафа буд.

«Агар ба сайри таърихии матбуоти тоҷик назар андозем, онро метавон ба се марҳала – давраи пеш аз инқилоб, даврони шуравӣ ва замони истиқлол ҷудо намуд. Бояд гуфт, ки матбуот дар ҷумҳурии мо дар ин давраҳои таърихӣ, аз ҷумла, дар замони шӯравӣ ба таври назаррас рушд кардааст. Воситаҳои ахбори омма, махсусан, дар самти инъикоси масъалаҳои вобаста ба бунёди иншооту сохтмонҳои азим, ташкили ҳаёти нав ва масоили адабиву фарҳангӣ нақши созанда ва пешоҳанг доштанд. Давраи комилан нав ва аз лиҳози сохтор ва

услуби кор ба таври ҷиддӣ фарққунандаи фаъолияти воситаҳои ахбори оммаи мо маҳз дар замони Истиқлоли давлатии Тоҷикистон оғоз гардид ва матбуот вобаста ба воқеияти замон такомулу ташаккул ёфт» [161]. Воқеан, истиқлоли комил дар пайдоиши матбуоти озодандеш инқилоби куллиро ба бор овард. Замони аввали эълони истиқлолияти давлатӣ то миёнаҳои соли 1992 дар таърихи журналистикаи тоҷик мавқеи муҳим ва чашмрас дорад. Дар ин давра низоми матбуоти Тоҷикистон комилан тағйир ёфт. Бо вуҷуди он ки як давраи кӯтоҳро дар бар мегирад, аммо дар ин вақт низому равиши матбуот дигаргун гардид. Ин давра идомаи равандҳои оғози солҳои 90-ум ва авҷи ташаккули матбуоти ғайридавлатӣ буд. Нашрияҳои нави «Бизнес и политика», «Тоҷикистон», «Пайванд», «Тоҷик-пресс», «Ориён», «Навиди бозаргон» ва ғайра ба гурӯҳи ҳафтаномаҳои мустақил пайвастанд ва шумори умумии нашрияҳои озод ба зиёда аз 30 номгӯй расид. Авҷи матботи хусусии кишвар маҳз ба ин давра рост омадааст. Агар аз рӯйи нишондоди дар боло овардашуда нигарем, дар ин давра Тоҷикистон дар байни ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ аз лиҳози чопи матбуоти мустақил дар ҷои аввал буд. «Дар соли аввали истиқлолият барои матбуоти тоҷик як фазои комили озодандешӣ фароҳам шуд ва дар баррасии масоили кишвар дигар ҳаросе ва мавзуи мамнӯе барои рӯзноманигорон вуҷуд надошт. Нуфузи расонаҳои чопӣ дар ҷомеа ба таври бесобиқа боло рафт ва ин давраро бисёре аз рӯзноманигорон ҳамчун «соли тилоӣ»-и матбуоти тоҷик ном мебаранд. Тибқи омори расмии соли 1992, теъдоди интишори солонаи тамоми нашрияҳо ҳудуди 112 миллион нусхаро ташкил дода, барои 6 миллион аҳолии Тоҷикистон ба хубӣ дастрас буд. «Ибтидои солҳои 90-уми садаи 20 давраи шукуфоии матбуоти озоди Тоҷикистон шуморида мешавад, ки ба нашрияҳое монанди «Чароғи рӯз», «Растохез», «Сухан», «Адолат» ва монанди инҳо нисбат дода мешавад» [163]. Ин баҳо то андозае нисбист. Аз як тараф ҳамагуна озодӣ нисбист ва аз паҳлуи дигар матбуот озод буда наметавонад.

Аз мазмуну мундариҷа ва муҳтавои матолиби чопии нашрияҳои солҳои аввали истиқлолият аён аст, ки ҳар нашрияе, ки рӯйи чоп меомад, ҳадаф ё

мақсадҳои як ҷониби манифатхоҳро ифода менамуд. Махсусан дар солҳои пуртаззоди ҷанги таҳмилии шарҳрвандӣ ин раванд ба таври ало мушоҳида мешавад.

Дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ дар баробари матбуоти мустақил саҳми матбуоти давлатӣ дар ташаккули афкори омма низ калон буд. «Бо поён ёфтани ҳокимияти ҳизбӣ рӯзномаҳои марказӣ, аз ҷумла, «Тоҷикистони Шуравӣ» («Ҷумҳурият») ва «Коммунист Таджикистана» («Народная газета») тағйири ном карданд ва аз тобеияти ҳизби коммунист озод шуданд» [164].

«Ҷумҳурият» аз 15-уми марти соли 1925 бо номи «Иди тоҷик» фаъолият мекард. Нашрия дар тамоми фаъолияти худ дар муборизаҳо барои манофеи миллӣ пешгому парчамбардор буд. Саҳми ин нашрия дар боло бурдани дараҷаи худшиносии миллӣ баланд арзёбӣ мегардад. Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ба рӯзномаи «Ҷумҳурият» ва кормандони он болу пар бахшид. Марҳилаи наву муҳимтаре барои кору эҷод дар нашрия оғоз ёфт. Вале низоъи шаҳрвандӣ, ки кишварро гирифтори бӯҳронҳои шадиди сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ намуд, ба фаъолияти рӯзномаи «Ҷумҳурият» ҳам таъсири манфӣ расонд. Ҳарчанд нашрия ҳамчунон ба арзишҳои давлатӣ ва манфиатҳои миллӣ содиқ буд, вале нақши он дар пешбурди сиёсати давлатӣ тадриҷан камтар ба назар мерасид. Вазъи молиявӣ ва маънавии он низ бо мурури замон мураккабтар гардид.

Вазъи моддиву маънавии он бадтар мегашт. Кор ба дараҷае расид, ки «Ҷумҳурият» дар миёнаҳои солҳои 90-ум ҳафтаҳо, моҳҳо рӯйи чопро надид. Аксари рӯзноманигорони соҳибқаламу моҳир ба хотири таъмини рӯзгор ноилоҷ «Ҷумҳурият»-ро тарк гуфтанд. Соли 1995 бошад, «Ҷумҳурият» мақоми нашрияи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро гирифт ва чопи мунтазами он ба роҳ монда шуд. Дар аввалҳо ҳафтае як шумора, баъдтар ду шумора аз чоп мебаромад. «Вале ҳатто бо ҳамин миқдор шумора ва адади нашри хеле кам ҳам «Ҷумҳурият» зарурати хешро дар таблиғу татбиқу пешбурди сиёсати дохиливу хориҷии давлат собит сохт ва ҳамзамон маҳбубияти қаблиашро дар ҷомеаи кишвар пойбарҷо намуд» [151].

Дар баробари нашрияҳои давлатӣ, даврае, ки дар маҷмуъ, ба матбуоти тоҷик латмаи сахт зад ва ба нестшавию аз чоп мондани қисме аз нашрияҳо гардид, замони ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ буд. Оғози ноорамиҳо дар саҳнаи сиёсии кишвар дар миёнаҳои соли 1992, қисме аз нашрияҳои навтаъсисро ба нестӣ бурд. Дар ин давра рисолати аслии журналистикаи тоҷик як кам аз байн рафт, зеро ихтилоф ва бухрон шуруъ шуд. Сар задани ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, аз соли 1992 то 1997 даҳҳо ҳазор мардуми Тоҷикистонро қурбон ва садҳо ҳазори дигарро муҳоҷир карда, иқтисоди кишварро фалаҷ сохт. Табиист, ки он ба соҳаи журналистика низ бе таъсир намонд. Ба андешаи коршиносон, дар ин даргириҳо ҳудуди 60 рӯзноманигори тоҷик ҷони худро аз даст дод. Ноорамиҳо расонаҳои кишварро ба бухрон рӯбарӯ кард. Бисёре аз нашрияҳои мустақил фаъолияти худро қатъ намуданд. Номгӯйи рӯзномаву маҷаллаҳо аз 145 якбора ба 114 адад фаромад ва теъдоди умумии нашри онҳо ба маротиб коҳиш ёфт.

Воситаҳои ахбори омма, бахусус, матбуот бо талаботи ҷомеа ниёз дорад. Вақте ки талабот бошад, ҷомеа ба навиштаҳои матбуот таваҷҷуҳ зоҳир намоянд, дар он сурат таъсир ва нақши он зиёд мешавад ва номгӯи нашрияҳо низ вобаста ба талабот зиёд мешаванд. Аммо дар ин солҳо дар бархе аз ноҳияҳо набудани хонанда, беталабот мондани нашрияҳо, мушкилоти иқтисодӣ ва камбуди коғаз садди роҳи нашри ҳафтаномаҳо шуд. Дар фазои иттилоотии минтақаҳои дурдасти мамлакат ин вазъ холигиро ба вуҷуд овард ва аз солҳои аввали ҷанги дохилӣ аксари ноҳияҳои кӯҳистон аз нашри ҳафтаномаҳои маҳаллӣ маҳрум гардиданд. «Масалан, он солҳо дар Бадахшон танҳо як ҳафтаномаи вилоятӣ ҳамагӣ бо теъдоди ҳазор нусха чоп мешуд» [164].

Шуруъ аз соли 1997, баъди ҷанги шаҳрвандӣ таърихи навини журналистикаи тоҷик рӯйи кор омад. Баъди имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар кишвар фазои оромӣ ҳукмрон гардид. «Дар ин давра системаи воситаҳои ахбори омма дар Тоҷикистон рушди ба тадриҷ ва собит дошт. Ин раванд то ҳол идома дорад. Дар остонаи тасвиби Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ва баъди имзои он як

силсила ҳафтаномаҳои нави мустақил, аз қабили «Истиқлол», «Дайджест-пресс», «Чархи гардун», «Суруш», «Крим-инфо», «Азия плюс», «Озодӣ ва инкишоф» вориди майдони матбуот шуданд, ки аз оғози як давраи наву тоза гувоҳӣ медод. Бино ба иттилои Вазорати фарҳанги Тоҷикистон, шумори умумии рӯзнома ва маҷаллаҳо дар соли 1998 то 225 номгӯй афзоиш ёфт ва ин нишондод дар солҳои 2003 278 ва 2007-то 350 адад расид. Вале теъдоди умумии нашри онҳо баръакс коҳиш ёфта, дар оғози солҳои 2000-ум ҳамагӣ 400 ҳазор нусхаро ташкил менамуд.

Дар солҳои баъдӣ феҳрасти расонаҳои мустақил бо таъсиси ҳафтаномаҳои ҷамъиятиву сиёсии «Нерӯи сухан», «Рӯзи нав», «Факты и комментарии», «Миллат», «Фараж», «Нигоҳ», «Озодагон», «Пайкон», «СССР» ва даҳҳо нашрияи дигар васеътар шуд ва онҳо фазои иттилоотии кишварро гармтар карданд. Агарчи иддае аз ин ҳафтаномаҳо бо сабабҳои мухталиф баста шуданд, шумори қобили таваҷҷуҳи нашрияҳои мустақили феълӣ ва ширкати фаъоли онҳо дар баррасии масъалаҳои доғи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷумҳурӣ аз он далолат медиҳад, ки дар Тоҷикистон як фазои нисбатан озод барои матбуоти даврӣ фароҳам шуд. Ҳамзамон, заминаҳои мусоиди ҳуқуқӣ барои нақши расонаҳои чопӣ боиси ҳар сол ба майдони матбуот ворид шудани даҳҳо нашрияҳои нав мегардад.

Чуноне ки М. Муродов таъкид мекунад «дар матбуоти замони истиқлол сол ба сол рақобати нашрияҳо зиёд мегардид, бо талаби айём ва хости гурӯҳе аз эҷодкорон нашрияҳои нав рӯи чоп омаданд. Баъзе аз нашрияҳо ба ин рақобат тоб наоварда, майдони матбуотро тарк намуданд. 7-уми августи соли 2003 ҳафтаномаи «Рӯзи нав» ҳамчун «минбари озод» ба майдони матбуот дохил гардид, январи соли 2004 нашрияи «Оламу одам» чун минбари ҳамагон ба табъ расид, моҳи марти соли 2004 нашрияи «Зиндагӣ» ва 1 сентябри соли 2005 нашрияи «Миллат» ба фаъолият шуруъ карданд» [60, с. 56]. Ҳамин тавр, сар аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ба тадриҷ дар фазои иттилоотии кишвар нашрияҳои нав ба нав пайдо гардиданд. Онҳо вобаста ба хоҳишу талаботи аудитория матолиби гуногунранг ба чоп мерасониданд. Ба ҳамин восита,

матолиби чопшуда вобаста ба завқу талаби хонандаҳо нақши созгори худро ба афкор ва шуури ҷомеа ба таври назаррас иҷро менамуд.

Ҳар нашрияи таъсисёфта бо пайдоиши худ аудиторияи махсуси худро дошт. Ин аудитория бошад, албатта, пеш аз ҳама, ба нақши нашрия дар миёни ҷомеа мароқ зоҳир менамуд. Дар маҷмуъ, нашрияҳо бо фаъолияти чашмрас нақш ва вазифаи азалии худро дар бунёд ва татбиқи афкору андешаҳои гуногун сомон медоданд. Муҳаққиқ М. Муродов таъкид мекунад, ки «... дар ҳар давру замон матбуоти даврии мо афкори гуногунро инъикосу баррасӣ намуда, ба рангорангии афкори оммавӣ мусоидат кардааст» [62, с. 45]. Дар ин давраи фаъолият низ матбуоти мо вобаста ба талабот ва вазъи ҷомеа нақши созгор дошт.

Хулоса, дар ҳама вазъ демократисозии Тоҷикистон, ба эътидол овардани мардум, таҳкими сулҳу суботи сиёсӣ, ҳамдигарфаҳмию ваҳдати миллӣ, ки бо роҳи таъсир расонидани андешаҳои созанда ба афкори ҷомеа ба даст меоянд, матбуоти даврӣ нақши калон дошт. Ин раванд, хусусан, дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ бараъло ба назар мерасад.

Аз рисолати худи матбуот бар меояд, ки он хос барои тарвизи афкори ҷомеа бобати ин ё он масъала мебошад. Бахусус, дар даврае, ки рисолати он дучанд мегардад, нашрияҳо бояд фарогири матолибе бошанд, ки ба фикру андеша ва диди ҷомеа таъсири мусбат расонанд. Мазмуну мундариҷаи маводди нашрияҳо бояд тарзе бошад, ки ба табъу завқи хонанда созгор бошанд. «Чаро ки дар фаъолияти кори матбуот хонанда аз омили муҳим ба ҳисоб меравад. Фикру андеша ва мулоҳизоти хонанда нисбати ин ё он мавод, воқеан, аз як рӯ, ғизое барои омма, нашрия ва эҷодкор гардад, аз сӯйи дигар ба ҷараёни ташаккули демократикунонии афкору ирода мусоидат мекунад» [62, с. 45].

Дар маҷмуъ, матбуоти тоҷик рисолати худро дар замони аввали соҳибистиқлолӣ, дар гузашти Тоҷикистон аз як шакли давлатдорӣ ба шакли дигар, тарғиби худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ дар замони ҷанги таҳмилӣ, даст ёфтан ба оромӣ ва истиқлолияти комил, тарғиби бунёдкорию созандагӣ ва даҳҳо мафҳуми дигар, ки ғояи мантиқии онҳоро афкори неку мусбат ва созанда

ташкил медиҳад, иҷро кардааст. Сарфи назар аз он ки дар замони нооромиҳо баъзе нашрияҳо бо истифода аз эҳсоси мардум, матолиберо низ ба нашр расонданду дар афкори ҷомеа ҳисси бадбинӣ ва нифоқро бедор намуданд, аммо ағлаб нашрияҳои чопӣ кӯшиданд, ки бо истифода аз маводди таҳлилию хонданӣ ва мавқеи бетарафии худ афкори ҷомеаро ба роҳи дурусту мусбат таҳрик диҳанд.

## 2.2. Нақши матбуоти даврӣ дар ташаккули афкори умум (дар мисоли нашрияи "Ҷумҳурият")

Дар марҳалаи кунунии рушди ҷомеаи иттилоотӣ, ки бо шиддат гирифтани раванди рақамисозӣ ва густариши васеи шабакаҳои иҷтимоӣ, телевизион ва сомонаҳои интернетӣ тавсеа меёбад, нақш ва мақоми матбуоти анъанавӣ, бахусус нашрияҳои даврӣ, ба таври назаррас коҳиш ёфтааст. Таҳаввулоти замони муосир ва шаклҳои нави интиқоли иттилоот сабаб гардиданд, ки муҳити рақобат барои воситаҳои ахбори омма боз ҳам шадидтар гардад ва талаботи хонандагон дар баробари суръат, эътимоднокӣ ва муҳтавои ҷолиби мавод афзоиш ёбад.

Дар чунин шароит матбуоти чопӣ ва пеш аз ҳама, рӯзномаву маҷаллаҳои даврӣ, бо зарурати мутобиқшавӣ ба воқеияти нав рӯ ба рӯ шудаанд. Яъне, бо дарназардошти таҳаввулоти зикршуда, аз нашрияҳои даврӣ талаб карда мешавад, ки дар навиштани матолиб сабку услуби муъҷаз, пурмазмун, таъсиргузор ва диққатҷалбкунанда истифода баранд, то тавонанд на танҳо мавқеи худро дар бозори иттилоот нигоҳ доранд, балки хонандагони навро низ ҷалб намоянд.

Дар ин замина, рӯзномаи «Ҷумҳурият» ҳамчун яке аз нашрияҳои бонуфузу таърихии ҷумҳурӣ, ки аз замони таъсисёбӣ то имрӯз дар фазои иттилоотии кишвар ҷойгоҳи хосси худро нигоҳ доштааст, намунаи ибратомӯзи мутобиқшавӣ ба шароити нав арзёбӣ мегардад. Ин рӯзнома тавонистааст бо нигоҳ доштани вижагиҳои касбии матбуоти анъанавӣ, ҳамзамон, дар муҳтаво,

шакл ва намуди пешниҳодии маводди худ ислоҳоти муҳимму зарурӣ ворид намояд.

Баррасии мавқеи нашрияҳои даврӣ дар шароити муосири рақобати воситаҳои иттилооти оммавӣ, таҳлили механизмҳои мутобиқшавии онҳо ва пажуҳиши таҷрибаи рӯзномаи «Ҷумҳурият» ба сифати мисоли барҷаста, метавонад ба дарки амиқи вазъи феълӣ ва дурнамои рушди матбуоти тоҷик мусоидат намояд.

Дар тули фаъолияти худ «Ҷумҳурият» дар тарғиб ва ҳимояи забони миллӣ, марзу бум, нигаҳдошти якпорчагии Тоҷикистон, истиқлолияти давлатӣ, ваҳдати миллӣ саҳми калон дорад. Ҳоло нашрияи «Ҷумҳурият» бо теъдоди беш аз 50 ҳазор нусха аз чоп баромада, ягона рӯзнома дар миқёси ҷумҳурӣ ба шумор меравад. Рӯзнома дорои сомонаи худ буда, ҳамарӯза матолиби нашршуда дар он гузошта мешавад.

Доир ба пайдоиш ва таърихи рӯзномаи «Ҷумҳурият» дар сомонааш чунин омадааст: «Нахустшумораи «Ҷумҳурият»-и кунунӣ 15-уми марти соли 1925 бо номи хушсадову умедбахши «Иди тоҷик» дар Душанбе ба табъ расида, воқеан ҳам барои ҷумҳурии тозатаъсиси Тоҷикистон ва миллати мутамаддини тоҷик рӯйдоди муҳимми таърихӣ буд. Зеро замонаи бераҳм рӯшанфикронамонро нишони тир мекард, китобҳои ниёконамонро дар оташи ҷаҳолат месӯхт ва доираи амали забони тоҷикиро маҳдуд месохт.

Мақсаду мароми рӯзнома аз шумораи дуввум, ки ба худ номи «Бедории тоҷик»-ро гирифт, мушаххасу равшантар гаштанд. Тоҷик воқеан ҳам беш аз ҳама ба бедории сиёсӣ ва худшиносии миллӣ ниёз дошт. Рӯзномаи «Бедории тоҷик» бо дарки масъулият ин рисолати бузургро бар дӯш гирифт.

Нашрияи «Ҷумҳурият» таърихи зиндаи Тоҷикистон ва мардуми он мебошад. Он дар мубориҳазо барои манофеи миллӣ пешгому парчамбардор буд. Маҳз бо талошҳои рӯзномаи «Ҷумҳурият» забони тоҷикӣ мақоми давлатӣ гирифт. Саҳми рӯзнома дар боло бурдани дараҷаи худшиносии миллӣ ҳам шоистаи таҳсин аст. Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ба рӯзномаи «Ҷумҳурият» ва кормандони он болу пар бахшид. Марҳилаи наву муҳимтаре

барои кору эҷод оғоз ёфт. Соли 1995 «Ҷумҳурият» мақоми нашрияи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро гирифт ва чопи мунтазами он ба роҳ монда шуд: аввалҳо ҳафтае як шумора, баъдтар ду шумора. 14-уми марти соли 2000 бо фармони Президенти мамлакат «Ҷумҳурият» нашрияи расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобида шуд. Нақшу саҳми «Ҷумҳурият» дар тарғибу ташвиқи дастовардҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол бебаҳс мебошад» [155].

Рӯзномаи «Ҷумҳурият» қабл аз солҳои соҳибистиқлолӣ низ ҳамчун нашрияи расмӣ дар ҳудуди мамлакат таҳти унвони «Тоҷикистони советӣ» нашр карда мешуд. Аз сатҳ ва дараҷаи маводди тӯли ин солҳо дар рӯзнома нашргардида маълум мегардад, ки аҳаммияти муҳими ташаккули афкори ҷамъиятиро доро буда, хонандагони сершуморро соҳиб буд. Махсусан пас аз дигаргуниҳои сиёсӣ ва ирфонии охири солҳои 80-уми асри пешин сатҳ ва дараҷаи маводди нашршаванда боз ҳам бештару таваҷҷуҳи ҷомеа ба он куллан тағйир ёфтааст.

Мо барои равшантар эҳсос намудани мавзуъ ва хусусияти маводди нашршаванда зарур шуморидем, ки чанд шумораи ин рӯзномаро аз соли 1990 мавриди таҳлил қарор дода бошем. Пеш аз ҳама нуктаи басо ҷолиби диққат ин унвонгузории маводди нашрия мебошад. Дар шумораи №170 аз 28 июли соли 1990 матлабҳое таҳти унвони «Трактори ҳамакора», «Алафи фаровон», «Бо маблағи колхоз», дар шумораи №173 аз 3 августи соли 1990 таҳти унвони «Дашти лабташна шунав», дар шумораи №201 аз 6 сентябри соли 1990 таҳти унвонҳои «Дастагуле дар оғӯши кухсор», «Одам ҳасту коргар нест», «Ҳоит обод мешавад» ва даҳҳои дигар маводди ҷолиби публитсистиро вомехӯрем. Хусусияти хоси ин маводҳои нашршуда аз он иборат аст, ки хусусияти сирф ҳизбӣ надорад ва аслан ба рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат дар он солҳои душворро ифода менамояд. Фаъолияти рӯзноманигорӣ дар баробари тавсиф аз фаъолияти анҷомдодашуда, инчунин танқиди мушкилоти мавҷударо низ дар бар мегирад, ки дар маводҳои соли зикргардида баръало дида мешавад.

Пас аз мақоми нашрияи расмии Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлолро соҳиб гардидан низ рӯзномаи «Ҷумҳурият» фаъолияти самаровари худро идома дода, ба хонандагони худ матлабҳои басо диққатҷалбкунанда ва арзишмандро пешкаш намуд. Дар арафаи иду ҷашнҳои муҳими миллию давлатӣ саҳифаи аввали рӯзномаро номаҳои табрикии сарвари давлат, дар саҳифаҳои дигар рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар ва матолиби арзишманд нашр карда мешуданд. Масалан дар шумораи №41 аз 12 апрели соли 2005 маводе таҳти унвони «Деҳқонон шитоб доранд» басо муҳиму диққатҷалбкунанда мебошад. Сарлавҳаи мазкур нишон медиҳад, ки мардуми заҳматкаш ба оғози мавсими киштукор бо рӯҳияи баланд ва омодагии ҷиддӣ машғуланд. Ин унвон паёми умедбахш дошта, аз фаъолият, меҳнатдӯстӣ ва талоши деҳқонон барои ҳосили фаровон дарак медиҳад, ки барои Тоҷикистони баъдиҷангӣ басо рамзиву муҳим арзёбӣ карда мешавад.

Соли 2005 барои мардуми тоҷик ҳамчун соли қабули яке аз аввалин пешниҳодҳои Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ басо муҳиму рамзӣ мебошад. Дар яке аз шумораҳои нашрия аз моҳи марти соли 2005 матлабе таҳти сарлавҳаи «Даҳсолаи байналхалқии «Об барои ҳаёт» оғоз ёфт» нашр гардидааст, ки қисмати асосии матлаб чунин оғоз меёбад: «22 март Рӯзи байналхалқии об ва боигариҳои обӣ эълон шудааст. Мувофиқ ба резолютсияи Ассамблеяи генералии СММ дар ситоди СММ маъракаи ботантанае гузашт, ки ба оғози «Даҳсолаи амалиёти байналхалқии «Об барои ҳаёт 2005-2015» бахшида шуда буд. Дар ин бора сардори департаменти хабарнигории Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Игор Сатторов дар нишасти матбуотӣ хабар дод».

Ин матлаб намунаи хабари расмӣ ва иттилоотии муҳиме мебошад, ки ба мавзӯи глобалӣ ва барои Тоҷикистон дорои аҳаммияти бузург рабт дорад. Рӯзноманигор дар ин хабар бо услуби расмӣ ва кӯтоҳ рӯйдоди байналмилалӣ-оғози «Даҳсолаи амалиёти байналхалқии Об барои ҳаёт 2005-2015»-ро ба хонандагон мерасонад. Иқтибоси манбаи расмӣ (Игор Сатторов) эътимоднокии иттилоотро таъмин мекунад ва нишон медиҳад, ки хабар ба таври касбӣ таҳия шудааст. Нашри чунин мавод на танҳо огоҳии ҷомеаро дар бораи сиёсати об ва

масъулияти инсон дар истифодаи дурусти он баланд мебардорад, балки ҷойгоҳи Тоҷикистонро ҳамчун пешсаф дар ташаббусҳои ҷаҳонии марбут ба захираҳои об муаррифӣ мекунад.

Дар шумораҳои соли 2010 яке аз масъалаи муҳимтарин ин масъалаи бунёди НБО « Роғун» мебошад. Давоми ин сол дар шумораҳои гуногуни рӯзнома маводҳои зерин ба ин масъала бахшида шудаанд: шумораи № 1-2 аз январи соли 2010 «Роғун – имтиҳонгоҳи номус ва ҳамбастагии миллӣ»; № 5-6 аз 7 январи соли 2010 «Бунёди неругоҳи Роғун масъалаи ҳаёту мамоти давлати Тоҷикистон аст!”; №7 аз 9 январи соли 2010 «Роғун – агар ба ҳашар ниёз аст, бо ҷон мепазирем»; №20 аз 6 феврали соли 2010 « Роғун хоби киро ҳаром мекунад»; № 31-32 аз 11 марти соли 2010 «НБО-и Роғунро бе Шумо ҳам месозем»; № 33-34 аз 13 марти соли 2010 “Ба сохтмони нерӯгоҳи Роғун таваҷҷуҳ бештар мегардад» ва даҳҳо матлаби дигар дар ҳар шумораи рӯзнома, ки барои он солҳои хусусияти хос ва муҳими ҳам сиёсӣ ва ҳам иқтисолӣ дошт.

Матлабҳои рӯзномаи «Ҷумҳурият» дар соли 2010, ки ба мавзуи сохтмони Неругоҳи барқи обии Роғун бахшида шудаанд, аз нигоҳи публитсистӣ аҳаммияти фавқулодаи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ доранд. Онҳо намунаи олии журналистикаи ватандӯстона ва публитсистикаи сафарбаркунанда ба ҳисоб мераванд, ки қудрати суханро ба хидмати манфиатҳои миллӣ равона кардаанд.

Рӯзномаи «Ҷумҳурият» дар ин маврид вазифаи хоси худ – бедор кардани ҳисси ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ ва масъулияти шаҳрвандиро бо тавоноӣ иҷро намуд. Мақолаҳои мисли «Роғун – имтиҳонгоҳи номус ва ҳамбастагии миллӣ» ва «Бунёди нерӯгоҳи Роғун масъалаи ҳаёту мамоти давлати Тоҷикистон аст!» бо забони эҳсосӣ ва далелҳои қавӣ навишта шуда, хонандаро ба андеша ва амал даъват мекарданд. Дар онҳо на танҳо иттилоъ, балки нерӯи қавии равонӣ ва ҳисси ҳамбастагӣ эҳсос мешуд. Ин гуна навиштаҳо рӯҳи миллӣ ва иродаи ҷомеаро бедор намуда, Роғунро аз як сохтмони техникӣ ба рамзи ваҳдат ва худшиносии миллӣ табдил доданд. Ҳар як ҷумлаи ин матлабҳо на танҳо хабар, балки паёми мубориза барои истиқлолияти энергетикӣ ва сарбаландии давлат

буд. Ин матлабҳо василаи ташаккули афкори умум гардиданд, онҳо байни мардум ва давлат иртиботи равонӣ барқарор карданд. Бо забони даъватгарона ва бо ишораи масъулияти шаҳрвандӣ, рӯзнома мардумро ба ҳисси ягонагӣ даъват намуда, сохтмони Роғунро ҳамчун корномаи умумимиллӣ муаррифӣ кард.

Дар ин шумораҳои ин солаи нашрия ҳамчунин маводҳое, ки баробарии гендерӣ, саломатии ҷомеа, фарҳангу маданият, вазъи сиёсиву иқтисодии ҷаҳони муосир, мушкилоти иқтисодиву иҷтимоии замон ва монанди инҳоро низ дар мегирад. Масалан мақолаи «Занон неруи созандаанд» дар шумораи 29 – 30 аз 6 марти соли 2010 мақоми занон дар ҷомеа, «Панҷрӯд – маккаи ҳаводорони шеъри форсӣ-тоҷикӣ» дар шумораи № 13-14 арҷгузорӣ ба фарҳанг ва адабиёти миллӣ, «Саломатии модар – саломатии миллат» дар шумораи 29-30 аз 6 марти соли 2010 аҳаммияти солимии ҷомеа ва монанди ин мақолаҳои басо ҷолиб ва дорои аҳаммияти бузурги илмиву амалиро метавон вохӯрд, ки дар ташаккули афкори аҳолӣ ва ҷомеаи кишвар басо саҳмгузор, дар рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат бошад нақши басо муҳими такягоҳи идеологиро иҷро намуд. Дар чанд соли охир рӯзномаи «Ҷумҳурият» бо маводди ҷолиб ва шакли пешниҳодот миёни хонандаҳо маҳбубияти тоза касб намуд. «Сухани рӯз», «Тоҷикистон», «Ҷаҳон дар як сатр», «Шаҳрванд: Гӯшаи номаҳои бетаҳрир», «Ҷаҳон», «Ҷиноят ва ҷазо» ва «Пурсиш ва посух» аз рубрикаҳои доимии нашрия дар солҳои охир мебошад. Бо истифода аз матолиби дар солҳои мухталиф нашршуда дар рӯзномаи «Ҷумҳурият», таҳлилу баррасӣ менамоем ва мебинем, ки чӣ гуна «Ҷумҳурият» дар як муддати кӯтоҳ ба ин сатҳи баланд расид. Кадом омилҳо таъсир гузоштаанд, то эътимоди омма ба нашрия боло равад ва боиси қавӣ гардидани иртиботи мардум ба ҳаёти расмӣ гардад. Ҳамчунин, кадом мавзуъҳо нақши нашрияро дар ҷомеа пуртаъсир намудааст.

Маҷмуан, дар ҳар шумораи нашрия аз 15 то 25 маводди хабарию таҳлилӣ ба чоп мерасад, ки онҳо фарогири мавзуъҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, энергетика, муҳоҷират, илм, маориф, фарҳанг ва туризм мебошанд. Ҳамчунин, аз он ки «Ҷумҳурият» нашрияи расмии кишвар мебошад, дар ҳама шумораи он одатан дар саҳифаи аввал, баъзан дар ҳама саҳифа паёмҳо, суханрониҳо,

мулоқотҳо, сафарҳо, мусоҳибаҳо, барқияҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр мерасанд. Қонуну фармонҳои Президент, қарорҳои ҳукумат, амрҳои Президент низ дар ин нашрия ба чоп мерасанд.

Бо вуҷуди он ки «Ҷумҳурият» нашрияи расмист, аммо дар ин росто, аз матолиби хонданию ҷолиб низ орӣ намебошад. Муҳаққиқ М. Муродов ба ҳамин мазмун чунин таъкид мекунад: «Нашрияи «Ҷумҳурият» дар низоми матбуоти имрӯзаи мо аз ҳар ҷиҳат бартарӣ ва афзалият дорад, ки инро метавон дар шакли воҳид, мундариҷаи рангин, ороиши касбӣ, усули замонавии таҳияи мавод, гуногунжанрии матолиб, забони шево ва қобилияти хуби нигорандагии ходимонаш арзёбӣ намуд» [63].

Мавзуъҳои рӯзнома шарҳу тавзеҳи рафти воқеаҳо дар Тоҷикистон ва ҷаҳон, таҳлил ва шарҳи масъалаҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ, иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ва ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии мамлакатро дар бар мегирад. Нашрия ба андозаи А-2 дар 4 саҳифа нашр мешавад. Дар як ҳафта 5 маротиба: рӯзҳои душанбе, сешанбе, чоршанбе, панҷшанбе ва ҷумъа рӯйи чоп меояд.

Дар рӯзнома аксари жанрҳо истифода мешаванд. Аммо хабар дар ин рӯзнома ҷойгоҳи махсус дорад, аз он ки хабар сареҳиятро меписандаду ҷомеа низ навгониро дар он ҷӯё мешаванд, он бояд ба таври фаврӣ ба омма пешниҳод карда шавад. «Ҷумҳурият», ки нашрияи ҳаррӯза аст, рӯйдодҳоро ба таври фаврӣ ба омма паҳн мекунад ва аз ҳар навгонии кишвару хориҷ оммаро огоҳ месозад.

Қариб дар ҳама шумораҳои рӯзномаи «Ҷумҳурият» ахбори дохилу хориҷ ба назар мерасад. Зери як рубрикаи «Ҷаҳон дар як сатр», ки дар саҳифаҳои 1 ва 3-и нашрия ҷой дода шудааст, ҳамарӯза хабарҳои ҷаҳон дар шакли хроника ва хабари кутоҳ пешкаши хонандаҳо мешавад. Масъули гӯша ё рубрикаи ҳамарӯза бо истифода аз хабаргузориҳои машҳури дунё, муҳимтарин рӯйдодҳоро таҳияву тарҷума ва ба чоп мерасонад.

Аз он ки ҳама хабарҳои ин гӯша дар шакли хроника ва хабари кӯтоҳ зери таҳияи як нафар ба чоп мерасанд, табиист, ки якшаклии онҳо аён аст. Аз ҳамин сабаб, мо лозим надонистем, ки ахбори ин гӯшаро низ ба таҳлили худ дохил кунем.

Рубрикаи «Тоҷикистон» дар саҳифаи аввали рӯзномаи «Ҷумҳурият» ҷойгир аст. Зери ин рубрика ҳамарӯза хабарнигорони нашрия хабарҳо ба табъ расонидаанд. Дар шумораи №7-и 9 январи соли 2017 чор хабар чоп шудааст. «Дар натиҷаи тадбирҳои андешидаи Ҳукумати мамлакат соли 2017 шумораи сайёҳон 24,9% афзуд», сарлавҳаи хабаре мебошад, ки дар ин шумора ба чоп расидааст. Нахуст бояд гуфт, ки сарлавҳа хеле дароз аст. Аллакай аз сарлавҳа ҳавсалаи хонанда барои идомаи минбаъдаи хабар мекоҳад, зеро ҳадаф муайян шудааст. Матни хабар чунин аст: «Ҷорӣ шудани реҷаи бераводид бо 11 кишвари ҷаҳон, дар тӯли панҷ соли аввали фаъолият аз андоз аз фоида озод намудани ширкатҳои сайёҳӣ, аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод намудани воридоти таҷҳизот ва масолеҳи сохтмонӣ барои бунёди иншооти сайёҳӣ, таъсиси мақоми алоҳидаи давлатии бахши сайёҳӣ, татбиқи самараноки Барномаи рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2015-2017, дар шабакаи Интернет фаъол шудани Портали миллии сайёҳӣ бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ ва дигар тадбирҳои андешидаи Ҳукумати мамлакат имконият доданд, ки соли 2017 шумораи сайёҳон дар кишвар 24,9 % афзояд», – шарҳ медиҳад муаллиф. Ин хабари васеъ буда, муаллиф бо зикри чанд сарчашма зиёд шудани «шумораи сайёҳон дар кишвар 24,9 %»-ро зикр мекунад.

«Баррасии масоили мубрами ҳамкориҳо. Муовини якуми вазири корҳои хориҷӣ Низомиддин Зоҳидӣ бо Сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳаммадгул Залмай Юнусӣ мулоқот кард. Ҳангоми вохӯрӣ мусоҳибон атрофи масъалаҳои мубрами муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Афғонистон ва таҳкими ҳамкориҳо дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва амният мубодилаи афкор намуданд». Хабари баъдӣ ба талаботи жанрӣ ҷавобгӯ набуда, дар он бисёр камбудиҳо ба назар мерасанд. Фаврият аслан риоя нашудааст. Ҳатто дақиқ нест, ки кай вохӯрӣ доир гаштааст.

Дар хабари баъдӣ мушоҳида мекунем, ки ин раванд то кадом андоза риоя карда шудааст. Ин хабари кутоҳ, ки мазмуни: «22 декабри соли 2017

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паём ба Маҷлиси Олӣ, дар баробари дигар вазорату идораҳо, дар назди Бонки миллӣ низ як қатор вазифаҳо гузоштанд. Дар робита ба ин, бо мақсади иҷрои саривақтии вазифаҳои гузошташуда, раёсати Бонки миллии Тоҷикистон бо қарори навбатӣ, ҷиҳати таъмини рақобати солим дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва дастрасии аҳолӣ ба воситаҳои молиявӣ, ҷалби бештари сармоя ба низоми бонкӣ, ба Дастурамали №176 «Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ» тағйирот ворид намуда, ҳадди ақалли сармояи оинномавиро барои таъсиси бонк 50 миллион сомонӣ муқаррар намуд», – ифода мекунад, аслан хабар нест. Танҳо бо як ҷумла аз Паём гуфтаеро дубора муаллиф таъкид кардааст. Яъне, хабаргузорӣ ва роҳҳои огоҳонидани ҷомеа ба воситаи хабарҳо дар нашрия ҷоннок ба назар намерасад. Ин тарзи пешниҳоди матлаб нақши нашрияро камранг кардааст ва таъсиррасонӣ дар нашрия заиф шудааст. Мебояд, ки дар шакли пешниҳод ва сареҳияти ахбори рӯзнома диққати ҷиддӣ дода шавад.

Рубрикаи «Ҷаҳон» рӯйдодҳои ҷаҳонро дар бар мегирад. Дар ин гӯша 4 то 6 хабар аз расонаҳои машҳури дунё, мисли «РИА Новости», «АИР Новости», «Space News», «Khaieej Times», «Reuters», «Росталт.ру», «Interfax.ru», «Zakon.kz» ва ғайраҳо таҳия мегарданд. Ин гӯша аз чанд ҷиҳат барои таъсир расонидан ба афкори умум муфид аст. Аз ҷумла, вақте ки дар ин гӯша хонанда хабарҳои ҷаҳонро мехонаду аз набзи ҷаҳон огоҳ мешавад, онро ба осоиштагии кишвар муқоиса намуда, дар нигоҳдошти сулҳу субот ҷаҳд менамояд. Чун аз рӯйи мушоҳидаҳо дар гӯша одатан хабарҳое чоп шудаанд, ки аз нооромиҳои дунё оварда шудаанд. Чанде аз сарлавҳаҳоро меорем: «Низомиёни Камерун 12 сайёҳи аврупоиро аз асорат озод карданд» «Ҷангиёни «ДИ» дар иҳотаи низомиёни Сурия», («Ҷумҳурият» 5.04.2018. №68), «Боздошти таблиғгари террористон дар кишварҳои ИДМ», «Ба Афғонистон дар мубориза бо терроризм танҳо Русия ёрӣ дода метавонад» («Ҷумҳурият» 7.04.2018. №68), «ИМА ба «ҳамлаи кимёӣ» дар Сурия «ҷавоби байналмилалии низомӣ» доданист» («Ҷумҳурият» 11.04.2018. №68). Дар дигар самтҳо низ хабарҳо ба чашм

мерасанд, аммо бештари онҳоро вазъи ноороми дунё ташкил медиҳад. Агар зери ин рубрика маводди таҳлилӣ низ ба чоп мерасид аз манфиат холӣ намебуд. Саҳифаи 2 ва 3-и нашрияро аслан маводди таҳлилӣ ташкил медиҳад. Дар самти сиёсат ва тарғиби ҳамарӯза матолибе ба нашр мерасад, ки барои тарғиби сиёсати ҳукумат ва ба афкори умум расонидани он мусоидат мекунад.

Дар ин самт дар чор моҳи соли 2018 ҳудуди 120 мавод аз чоп баромадааст. Мавзуъҳои бахши сиёсӣ аслан ба Истиқлолияти давлатӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Паёми Президент, Ваҳдати миллӣ, хатари терроризму экстремизм, хатари ҳизбҳои динӣ ба давлатдории миллӣ ва дар умум ҳама он масъалаҳое, ки ҳадафу мақсад ва дурнамои сиёсатро бозгӯ мекунанд, ба ҷомеаи Тоҷикистон бо таҳлилу баррасӣ фаҳмонида шудаанд.

Самти фарҳанг дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» ҷойгоҳи махусус дорад. Дар ҳама шумораҳои нашрия як ё якчанд маводди фарҳангиро вохӯрдан мумкин аст. Масалан, дар боби ҳифзи забони тоҷикӣ ва гиромидошти он дар шумораи №44 27.02.2018 таҳти унвони «Забони тоҷикон» мақолаи Шоири халқии Тоҷикистон Камол Насрулло аз чоп баромадааст, ки дар он гуфта мешавад: «Мо тоҷиконем ва аминем, ки миллати фарҳангпарвар ва некманиши мо ҳамеша дар олами илму ҳикмат, шеъру адаб ва инсонигариву сифатҳои шоиставу баланди инсонӣ, мисли маниши неку ҳомии роҳи ростин будан, тоҷе аз шараф бар сар доштааст. Имрӯз мо тоҷикон бо Истиқлолияти давлатии худ тоҷи шарафи худро бар сар ниҳодаем ва ифтихорманду сарфароз аз ҳувияти миллӣ ва гузаштаи пурифтихори хешем. Бале, мо миллате ҳастем, ки бунёди зебоипарастӣ дорад, зебоиҳоро мепарастем ва ҳар чи зебову шоиста аст, мансуби хеш медонем ва бо он ифтихор мекунем. Ва вожаи «тоҷ»-ро ба исми миллати шарифи мо тоҷбахши тақдир бахшидааст, яъне ин амри Худованд аст ва мо онро бо ифтихор дар номи худ ҷовидона нигоҳ хоҳем дошт» [135, 2018. – 27 феврал]. Албатта, дар дигар нашрияҳо низ дар ин боб мақолаҳо ба чашм мерасанд, аммо афзалият ва пуртаъсир шудани аксари матолиби «Ҷумҳурият» дар он аст, ки бештари мақолаҳоро дар баробари ходимони худи нашрия, нафарони шинохтаи кишвар, мисли нависандаҳо, шоирон ва олимон, менависанд.

Ҳамчунин, дар шумораҳои соли 2018 маводҳои зиёдеро вомехӯрем, ки доир ба зинда намудани ҳунар ва русуми мардумӣ бахшида шудаанд. Вижагиҳои матолиби нашршудаи мавзуъҳои фарҳангӣ дар он аён мегардад, ки онҳо дар заминаи хушку холӣ навишта нашудаанд, балки бо роҳи таҳқиқ ва муайян намудани нозукӣ ва таърихи ҳунарҳои мардумӣ пешкаши хонанда шудаанд. Масалан, «Ашаглони ростина... » яке аз урфу одатҳои тоҷикони қадима ба ҳисоб меравад ва он то чанд соли қабл дар баъзе аз деҳоти кишварамон монда буду халос. «Ашаглони ростина... » – зери ҳамин унвон барои аз сари нав эҳё намудани ин одат маводде ба чоп расидааст, ки бозгӯйикунандаи таърих ва сабаби истифодаи он аст: «Аз қадим фарҳанги мардуми мо таронаҳое, ки ақоиди бостонии инсонҳоро роҷеъ ба ҳаводиси табиат ва воқеаҳои зиндагӣ иброз намудаанд, мавқеи муҳим доранд. Чунин таронаҳоро «сурудҳои афсунӣ» гуфтан ҷоиз аст. Тавассути таронаҳои афсунӣ мардум ҳар гуна ҳаводиси нохуши табиат ва рӯзгорашонро пешгирӣ карда, бо ин роҳ ба зироаташ хайру баракат таманно менамуд. Масалан, ҷиҳати раҳоӣ аз нохушиҳо маросиме ташкил мекарданд, ки он дар байни мардуми водии Хатлон, Рашт як қисми водии Ҳисор «Ашаглон» ва байни мардуми Ҳисор, Сурхандарё, Қашқадарё, Бухоро, Самарқанд, водии Фарғона «Сусхотун», «Сусмомо», «Ялконхотун», «Момои борон», «Чилахотун», «Тӯйи Сусмомо» ва ғайра ном дошт. Иҷрокунандагони маросим, ки асосан пиразанҳо буданд, ба Ашаглон - Худои борон, ки дар «Авасто» бо ин симои обу ободонӣ ва баҳру дарёҳо бо номи Аноҳито мавҷуд аст, муроҷиат мекарданд, ки борон фиристад» [135, 2018. – 15 феврал], – омадааст дар мақола. Ба ин мазмун, чандин мақоларо вохӯрдан мумкин аст, ки барои эҳёи расму русум ва анъаноти гузашта бахшида шудаанд.

Давоми соли 2019 низ дар рӯзнома маводҳои зиёди ҷолибу хонданиро мутолиа мумкин аст. Дар шумораҳои нашршудаи соли 2019 бештар дар масъалаҳои ободонию созандагӣ, таҷлили ҷашну маросимҳои миллию аҷдодӣ, истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ, бунёди корхонаҳои саноатӣ ва ободонию бунёдкорӣ мақолаҳо чоп шудаанд. Аз ҷула, дар шумораи №18 таҳти сарлавҳа

«Исфара. Симои нави шаҳри куҳан» маводе ба нашр расидааст, ки аз пешрафт ва ободкориҳо дар шаҳри Исфара дар он оварда шудааст. Ба таъкиди муаллифи мақола: «Исфара яке аз минтақаҳои қадимаи кишвар аст, ки ба шарофати соҳибистиқлолӣ ва заҳмати софдилонаи мардуми сарбаланду меҳнатдӯст ва илмпарвару адабпарвараш, беш аз пеш шукуфтан дорад. Сокинони ин шаҳри бостонӣ бо шукргузорӣ аз фазои орому осудаи Ватан баҳри боз ҳам ободтар намудани он камари ҳиммат бастаанд» [135, 2019. – 23 январ]. Муаллиф дар мақолаи худ хонандаро ба андешае водор месозад, ки маҳз иқдомҳои ҳамешагӣ, талошу заҳмат дар роҳи ободонӣ метавонад, дилхоҳ ҷойро ободу зебо созад. Ба хулосаи муаллиф натиҷаи талошу заҳмати сокинон аст, ки имрӯз шаҳри бостонии Исфара симои шаҳри муосир ва пешрафтаро гирифтааст. Дар шумораи дигари ин сол ба ҳамин мавзуъ монанд, мақолаи дигар вобаста ба рушду пешрафт ва ободкориҳо дар шаҳри Душанбе таҳти унвони «Душанбе. Фардо аз имрӯз зеботар мешавад» ба чоп расидааст. Дар ин мақола муаллиф таъкид месозад, ки бахши меъморию шаҳрсозӣ ҳамеша зери таваҷҷуҳи роҳбарияти олии Тоҷикистон қарор дорад. Аз ҷумла, рушди чашмраси шаҳри Душанбе натиҷаи ҳамин таввaҷҷуҳ ба ҳисоб меравад. Дар мақола оварда шудааст: «Дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таҳия ва тасҳеҳи нақшаҳои генералии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, дар асоси қоидаҳои шаҳрсозӣ бунёд намудани иншоот ва биноҳои замонавӣ боз як таконест ба рушду нумуи шаҳрсозӣ. Аз ин рӯ, Тоҷикистон рӯз ба рӯз мешукуфат. Солҳои охир, симои тамоми шаҳру ноҳияҳои кишвар куллан дигар шудааст, хусусан пойтахти он – Душанбе» [135, 2019. – 29 март]. Ҳамин тавр, вобаста ба масъалаи ободонию созандагӣ дигар мақолаҳоро низ мутолиа намудан мумкин аст, ки маҳаки талбиғ ва ташвиқи он тафаккури хонанда ҷо намудани созандгӣ ва рушд мебошад.

Дар баробари ин, дар шумораи соли 2019 чуноне зикр намудем, оид ба дигар мавзуъҳо низ матлабҳо ба нашр расидаанд. Аз ҷумла, дар шумораи №188 соли 2019 вобаст касби омӯзгорӣ дар саҳифаи аввали рӯзнома мавод ба чоп расидааст. Дар матлаб таҳти унвони «Муқаддастарин пешаи рӯи олам» муаллиф

оид ба касби пурифтихори омӯзгорӣ андешаҳояшро овардааст. Дар мақола ба хонанда талқин мегардад, ки «устод, омӯзгор – муаллиф маданияти баланд дошта, бо тамкину одоби хосса суханронӣ менамояд, намуди зоҳирии худро ҳамеша таҳти назорат қарор медиҳад ва пурсабрию таҳаммулпазириро шиори ҳамешагии худ менамояд» [135, 2019. – 4 октябр]. Муаллиф дар мақола ба андешаи хонанда ҷо намудан мехоҳад, ки омӯзгори асилу ҳақиқӣ ҳамеша ҳусни баён ва муоширати худро такмил медиҳад ва покизагию боназокатиро риоя карда, бо маданияти худ намунаи ибрати шогирдон мегардад.

Соли 2020 низ рӯзномаи «Ҷумҳурият» бо фарогирии тамоми соҳаҳо матолиби худро дар жанрҳои мухталиф ба нашр расонидааст. Мавзуе, ки дар ин сол бештар нашр шудааст ва мо онро маврди таҳлилу таҳқиқ қарор додем, ин мавзуи коронавирус мебошад. Аз масъалаҳое, ки дар ин давра хабарсоз гашта буд, ки мавзуи коронавирус буд. Дар ин давра маҳз паҳни иттилооти бардурӯғ ва хабарҳои ҳангомаофар боис гашта буд, ки ҷомеа бо таҳлука аз ин вабо зиндагӣ мекард. Бо назардошти ҳамин ҳоат рӯзномаи “Ҷумҳурият” барои паст кардани шиддати ин ҳангомаҳо силсила маводҳоро дар шаклҳои гуногуни жанрӣ ба нашр расонидааст. Масалан, дар шумораи №127 мавод таҳти унвони «Коронавирус. Аз муборизаи босамар то судури фармоне, ки коми наҳзатиҳоро талх кард», дар шумораи №116 таҳти унвони «COVID ва Кабири – ду вирусе, ки тухми мусибат мекоранд», дар шумораи №99 таҳти унвонҳои «Коронавирус. Набояд ба иғвои шабакаҳои иҷтимоӣ дода шуд!», «436 нафари дигар аз бемории COVID-19 шифо ёфт», «Дар рӯи ғизо зарарҳои COVID-19 нест!», дар шумораи №97 таҳти унвони «1008 нафар аз бемории COVID-19 шифо ёфт», дар шумораи №95 таҳти унвони «Коронавирус. Дар 15 дақиқа аз нурҳои ултабунавш нобуд мешавад!» ва амсоли ин матлабҳо ба нашр расидаанд. Дар маҷмуъ агар мазмун ва моҳияти мақолаҳоро ба таҳлил кашем, дар онҳо як навъ руҳбаландкунии ҷомеа ба зиндагӣ, роҳҳои табобат, нотарс будан дар баробари ин беморӣ, гӯш надодан ба иғвои дигарон, дода нашудан ба овозаву дасисаҳо ва ғайра ба хонанда пешкаш карда шудааст. Гуфтан мумкин аст, ки аз мавзуъҳои марказӣ ва пурнашри соли 2020 дар нашрияи «Ҷумҳурият» маҳз ҳамин мавзуъ мебошад.

Дар солҳои 2021-2022 низ шумораи хонандагони рӯзнома бештар гардида, он мавқеи калидии худро ҳамчун серхонандатарин рӯзнома нигоҳ доштаст. Дар ин давра «Ҷумҳурият» ба бозтоби сиёсати давлатӣ, қарорҳо ва паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ аҳаммияти махсус медод. Матлабҳои нашргардида дар шаклҳои таҳлил, мусоҳиба, гузоришҳои махсус ва мақолаҳои таҳқиқотӣ чоп гардида, мавзуъҳои мубрами ба рушди минбаъдаи муносибатҳои байналмилалӣ, иқтисод, истиқлолияти энергетикӣ, амнияти озуқаворӣ, ташаккул ва нигошдошти иқтидори фарҳангӣ ва худшиносии миллиро дар бар мегиранд. Дар ин давра нашрия дар таҳкими афкори ҷамъиятӣ, баланд бардоштани маърифати сиёсӣ ва ҳуқуқии шаҳрвандон ва таблиғи арзишҳои миллию фарҳангӣ саҳми назаррас гузошт.

Рубрикаи «Сухани рӯз»-и нашрия, ки аз қисматҳои муҳим ба шумор меравад. Дар ин қисмат асосан суханҳое интихоб ва нашр карда мешаванд, ки аз корномаҳои фарзандони фарзонаи тоҷик, аҳаммияти таъриху фарҳанг ва Истиқлоли давлативу Ваҳдати миллии Тоҷикистон тавсиф менамоянд. Дар шумораи №8 аз 13 январи соли 2021, ҳамчун сухани рӯз андешаҳои Президенти кишвар оид ба Қаҳрамони Тоҷикистон Шириншоҳ Шоҳтемур ҷой дода шудааст, ки қобили таваҷҷуҳ мебошад: «Шириншоҳ Шоҳтемур дар умри кӯтоҳи худ тавонист дар таърихи миллат саҳифаҳои дурахшонеро сабт намояд. Хизматҳои беназири ӯро ба назар гирифта, Ҳукумати мамлакат баъди 70-соли фаромӯшӣ ин фарзанди ҷонфидои миллатро бо унвони олии кишвар - Қаҳрамони Тоҷикистон сарфароз гардонид» [135, 2021. – 13 январ]. Ин суханҳо барои миллати тоҷик аҳаммияти бузурги тарбиявӣ ва таърихӣ доранд, зеро эҳтиром ба шахсиятҳои миллатро тақвият дода, ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣро дар дилҳои мардум бедор месозанд, ки мақсади асосии нашрия низ аз рубрикаи “Сухани рӯз” маҳз ҳамин мебошад.

Дар шумораи мазкури рӯзнома дар рубрикаи «Ҷаҳон» сарлавҳаи ҷолибе мавриди диққати хонандагон қарор мегирад. Сарлавҳа «Дар Россия озмоиши ваксинаи нави «Спутник Лайт» оғоз меёбад» унвон гирифтааст, барои хонанда

ҷолиб аст, зеро мавзуи мубрами ҷаҳонӣ – мубориза бо пандемияи COVID-19-ро инъикос мекунад. Он таваҷҷуҳи мардумро ба пешрафтҳои илмии Россия ҷалб намуда, ҳамзамон аҳаммияти ҳамкориҳои байналмилалӣ ва умеди ҷомеаро ба ҳалли мушкилоти тандурустӣ нишон медиҳад. Сарлавҳа содда, равшан ва дорои арзиши иттилоотии баланд мебошад. Аммо метавон ба шакли илмии сарлавҳаи мазкур аҳаммияти ҷиддӣ дода, танҳо дар ин ҷумлаи кӯтоҳ мушкилоти хурдеро пайдо намоем. Ба фикри банда дар сарлавҳаи мазкур хатогӣ дар истифодаи вожаи «озмоиши» дида мешавад, зеро аз нигоҳи услуби илмӣ ва забони расоноӣ бояд «озмоиши клиникии ваксинаи нав» гуфта мешуд, то мазмун дақиқ ва илмӣ ифода ёбад.

Давоми солҳои 2020 ва 2021 масъалаҳои мазкур, махсусан мубориза бо пандемияи COVID-19 аз мавзуъҳои доимии матолиби рӯзнома ба шумор мерафт. Дар шумораи №17 аз 26 январи соли 2021 таҳти унвони «Пандемия: вақте ҷомеа аз як гиребон сар баровард» матлабе нашр гардидаст. Матлаби мазкур шакли хулосавии мубоҳисаи рӯзноманигор бо сардори Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мебошад. Вақте хонанда ба сарлавҳаи матлаби мазкур ошно мегардад, фикр мекунад, ки муҳтавои онро талошҳои дастаҷамъонаи ҷомеаи Тоҷикистон барои мубориза бо пандемияи COVID-19 ташкил менамояд. Аз нигоҳи сарлавҳа матлаб ҷаззоб ва ҷалбкунанда мебошад. Аммо баъди ошноӣ бо муҳтаво андешаи хонанда комилан тағйир меёбад. Зеро тавре дар матлаб қайд мешавад, он ба таври пурра масъалаи «таъмини доруҳои муассиру бехатар ва сатҳу сифати хизматрасонӣ»-ро дар давраи пандемия дар бар мегирад. Аслан матлаби мазкур ҷанбаи таҳлилӣ низ надошта, комилан маводди оморӣ мебошад, ки доир ба таъминоти доруворӣ ва техникӣ маълумот медиҳад. Аз ин бармеояд, ки матлаб ва сарлавҳаи он ба ҳамдигар мутобиқ нестанд.

Чун анъана дар шумораҳои гуногуни рӯзнома рубрикаи «Дар партави Паём» ҷой дода шудааст, ки бардоштҳо ва иҷрои дастуру супоришҳои аз Паёми Президенти кишвар бардоштгардидаро шарҳ медиҳад. Матлаби рӯзномаи «Ҷумҳурият» таҳти унвони «Лахш», ки дар шумораи №47 аз 4 марти соли 2021

чоп шудааст, аз нигоҳи мазмунӣ дорои арзиши иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсӣ мебошад. Дар ин матлаб қайд мешавад, ки: «Ноҳияи Лахш яке аз мавзеъҳои зебоманзари ҷумҳурӣ буда, иқлими салқину форамаш барои парвариши меваю картошка ва талу теппаҳои он барои чорводорӣ басо мусоил мебошанд. Ба иттилои раиси ноҳия Файзулло Баротзода, дар Лахш ба рушди соҳаи картошкапарварӣ, ки яке аз манбаъҳои асосии даромаднокии аҳолӣ мебошад, диққати хоса зоҳир мешавад. Аҳли заҳмат дастурҳои дар Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ироагаштаро бобати афзун намудани кишти картошка амиқан дарк намуда, баҳри иҷрои он омодагӣ мегиранд». Дар матни мазкур татбиқи дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат оид ба рушди соҳаи кишоварзӣ, бахусус картошкапарварӣ дар ноҳияи Лахш бозтоб ёфтааст. Матн нишон медиҳад, ки аҳолии ноҳия бо дарки масъулият барои иҷрои Паёми Президент саъю кӯшиш менамоянд, ки ин ба таври умум фазои мусбати рушд ва ҳамбастагии сиёсати давлатӣ бо ҳаёти мардумро инъикос мекунад. Бо вуҷуди ин, дар матн як қатор камбудиҳои услуби рӯзноманигорӣ низ мушоҳида мешаванд. Аввалан, ҳисси яктарафагии таблиғотӣ эҳсос мегардад, зеро матн бештар хусусияти тавсифӣ дорад ва аз иқтибос ё андешаҳои мустақими шаҳрвандон, мутахассисон ё деҳқонон холӣ аст. Дуюм, маълумоти оморӣ ва таҳлилӣ дар бораи ҳаҷми истеҳсол, рушди иқтисодӣ ё натиҷаҳои назаррас зикр нашудааст, ки ин сатҳи иттилоотиро коҳиш медиҳад. Сеюм, услуби забонӣ каме расмӣ ва хушки хабарӣ аст, ки таъсири эҳсосӣ ва ҷолибияти хонданро кам мекунад. Дар маҷмӯъ, мақола бо вуҷуди мазмуни созанда ва ҳамоҳангии он бо Паёми Президент, аз нигоҳи услуби рӯзноманигорӣ ниёз ба таҳкими ҷузъиёти воқеӣ, гуногунрангии манбаъҳо ва истифодаи сабки таҳлилӣ дорад, то бештар таъсирбахш ва эътимоднок гардад.

«Ҷумҳурият» ҳамчун нашрияи серхонанда ва таҷассумгари таъриху фарҳанги ғаниву тӯлонии миллати тоҷик ҳамеша дар гиромидошту ҳифзи ном ва корномаи фарзандони фарзонаи миллати тоҷик талоши ҷиддӣ менамояд ва пайваста дар арафаи ҷашнҳои давлативу миллӣ ва санаҳои таърихӣ озмунҳои

зиёдеро баргузор менамояд. Иқдоми мазкур аҳаммияти бузурги илмӣ ва амалӣ дорад, зеро на танҳо ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллиро дар ҷомеа тақвият мебахшад, балки ба таҳкими худшиносии миллӣ ва посдошти арзишҳои таърихиву фарҳангии халқи тоҷик мусоидат намуда, боиси дарёфти истеъдодҳои нави соҳаи рӯзноманигорӣ мегардад. Аҳаммияти ин озмунҳоро академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Кароматулло Олимов чунин таъкид доштааст: «Озмунҳое, ки «Ҷумҳурият» мегузаронад, як навъ муаррифгари ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоию фарҳангии кишвари мо мебошанд ва аз ин ҷиҳат анъанаи хуб ба шумор меравcovered» [135, 2021. –15 декабр].

Сафҳаи аввали шумораи №202 аз 11 октябри соли 2021 матлаби ҷолибе зери рубрикаи «Ҷамъбасти озмун» таҳти унвони «Ҷумҳурият: хидматҳои мондагори Шириншоҳ Шоҳтемурро бозтоб намуд» ҷойгир шудааст. Матлаби мазкур пурра шакли хабариро дар бар гирифта, доир ба маросими ҷамъбастии озмуне, ки нашрияи «Ҷумҳурият» дар ҳамкорӣ бо Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон доир ба гиромидошти хотираи Қаҳрамони Тоҷикистон Шириншоҳ Шоҳтемур баргузор гардидааст, инъикос менамояд. Аҳаммияти хос ва ҷолибияти матлаб аз он иборат аст, ки аҳли ҳайати эҷодии рӯзнома дар як матлаб ҳам расми накӯи тоҷиконаро дар пазироии меҳмонҳо тавсиф намуда, дар баробари ин ҷаззобияти хона-музейи Шириншоҳ Шоҳтемурро тавсиф намудаанд. Бо ҳамаи ин иқтифо накарда, бардоштҳои иштирокчиёни маросими ҷамъбастии озмунро доир ба шахсият ва хизматҳои фарзонафарзанди модари тоҷик Қаҳрамони Тоҷикистон Шириншоҳ Шоҳтемур ба тарзи зебо ва услуби хоси публитсистӣ дарҷ намудаанд. Матлаби мазкур нигоҳ накарда ба он, ки хусусияти иттилоотрасониро дорад, хонданибоб ва ҷолиби диққату таваҷҷуҳ мебошад.

Фаъолияти сермаҳсули нашрия сол аз сол афзун гардида истодааст. Танҳо давоми моҳи феврали соли 2022 дар шумораҳои рӯзномаи «Ҷумҳурият» зиёда аз 80 матолиби гуногуни иттилоотӣ ба табъ расонида шудааст.

Тавре аллакай қайд намудем, рӯзномаи Ҷумҳурият дар баробари масъалаҳои сиёсӣ ва мубрами иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба хабару

гузоришҳо доир ба рушди варзиши миллӣ ва ҷаҳонӣ низ диққати ҷиддӣ равона менамояд. Дар рӯзнома таҳти рубрикаи «Варзиш» хабару иттилооти ҷолиби диққат ва муҳимтар аз ҳама саривақтӣ доимо нашр карда мешаванд. Масалан дар рӯзнома таҳти унвони «TEL AVIV GRAND SLAM 2022» сарлавҳаи алоҳида барои хабарҳои варзишӣ интихоб карда шудааст. Саҳифаи мазкур аз ҷониби шореҳи варзиши рӯзнома омода карда шуда, аз хабарҳои «Темур бо медали биринҷӣ баргашт», «Бозиҳои олимпӣ хотима ёфт», «Ҳоккей» ва «Ҷоми Осиё – 2022» иборат мебошад. Барои таҳлил мо хабари кутоҳро таҳти унвони «Ҷоми Осиё – 2022» интихоб менамоям. Матни хабар шакли зеринро дорад: «Дар натиҷаи қуръакашии марҳилаи финалии Ҷоми Осиё – 2022 миёни футболбозони то 23-сола (1 – 19 июн, Ӯзбекистон) мунтахаби олимпии Тоҷикистон дар гурӯҳи «D» бо тимҳои Арабистони Саудӣ, АМА ва Ҷопон бозӣ мекунад. Се гурӯҳи дигар чунинанд: Гурӯҳи «А»: Ӯзбекистон, Эрон, Қатар, Туркманистон. Гурӯҳи «В»: Австралия, Урдун, Ироқ, Кувайт. Гурӯҳи «С»: Корея, Тайланд, Ветнам, Малайзия» [135, 2022. – 22 феврал]. Ба фикри банда хабари зикршуда дорои арзиши иттилоотӣ буда, хонандаро бо натиҷаи қуръакашии Ҷоми Осиё-2022 миёни футболбозони то 23-сола ошно месозад. Матн равшан ва фаҳмо навишта шудааст, аммо аз ҷиҳати услуби рӯзноманигорӣ каме хушку якранг буда, ҷолибият ва таҳлил надорад. Дақиқияти баъзе чузъиёт, аз ҷумла номи пурраи мусобиқа ва шакли баёни «се гурӯҳи дигар чунинанд", ниёз баислоҳ дорад. Хабар бояд бо забони расмитар, ҷузъиёти бештар ва сохтори ҷолибтар пешниҳод мегардид, то таъсири хонандагии он афзояд.

Яке аз вазифаҳои асосии ВАО махсусан рӯзномаҳо аз он иборат аст, ки дар ҳама ҳолатҳо аҳолӣ ва хонандагони худро бо маълумоти комилан дақиқ ва боварибахш дастрас намоянд. Хусусан дар давоми ҳодисаҳои нохуши моҳи майи соли 2022 дар Рӯшони ВМКБ маълумотҳои дақиқ ва саривақтии «Ҷумҳурият» боиси таъмини амният ва оромии ҷомеа гардид. Масалан дар рубрикаи «Тоҷикистон» – рӯзнома аз 19 майи соли 2022 матлабе таҳти унвони «Вазъ дар Рӯшон ором аст», бо такя ба маълумотҳои дақиқи мақомоти қудратии кишвар «Ҷумҳурият» хонандагони худро бовар мекунонад, ки оромӣ дар

минтақа таъмин мебошад ва ҷойе барои хавотирӣ нест: «Бо мақсади таъмини амнияти шаҳрвандон, тартиботи ҷамъиятӣ аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ амалиёти зиддитеррористӣ оғоз гардид. Дар натиҷа 8 силоҳбадаст безарар, ёздаҳ нафар захмӣ ва беш аз ҳафтод аъзои фаъоли дастаи террористӣ дастгир шуд. Аз гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ миқдори зиёди силоҳ ва муҳимоти ҷангӣ мусодира гашт. Вобаста ба ин, аз ҷониби прокуратураи вилоят парвандаи ҷиноятӣ оғоз шуда, тафтишот идома дорад. Аз миёни сокинони осоишта касе осеб надидааст. Ҳоло вазъ дар ноҳия ором буда, сокинон ба фаъолияти рӯзмарра оғоз карданд». Хабари мазкур хусусияти расмӣ ва амниятӣ дорад ва ба яке аз вазифаҳои асосии журналистикаи давлатӣ - расонидани иттилооти боэътимод дар бораи вазъияти ҷамъиятӣ - ҷавобгӯ мебошад. Дар матн воқеа бо забони расмӣ, дақиқ ва орӣ аз эҳсосот ироа шудааст, ки ин ба талаботи хабарҳои амниятӣ мутобиқ аст. Ҷузъиёти мушаххас - шумораи безараргардонидашудагон, захмиён, боздоштшудагон ва вазъи ороми ниҳоӣ – боиси баланд шудани сатҳи эътимоднокии матн мегардад. Чопи чунин хабар дар рӯзнома аҳаммияти баланд дорад, зеро ҷомеаро аз вазъияти воқеӣ огоҳ сохта, ҳисси амният, итминон ва эътимод ба фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқро тақвият медиҳад.

Ба андешаи муҳаққиқи соҳаи журналистика М. Муродов чанд омил боиси баланд гардидани нуфузи нашрия миёни хонандагон ва таъсиррасон шудани он гаштааст: «Якум, нашрия аз ҳисоби ҳаҷман хурд кардани матолиб, доираи мавзӯоташро гуногун намуда, ба масъалаҳои мубрам бештар эътибор медиҳад; дуюм, тӯли се соли охир дар ҳамкорӣ бо мақомоти ҳокимиятҳои маҳаллӣ озмунҳо ташкил намуд. Дар озмунҳое, ки ба гиромидошти кору пайкори Қаҳрамонони Тоҷикистон Нусратулло Махсум ва Садриддин Айнӣ баргузор гардид, нашрия беш аз 80 матлаб интишор намуд; сеюм, се сол қабл нашрия саҳифаи махсусеро бо номи «Шоми шанбе» таъсис дод, ки дар таҷрибаи матбуоти даврии тоҷик падидаи тоза аст. Дар ин саҳифа навидҳои тоза ва ҷолиби фарҳангиву адабӣ дар шакли хабар, лавҳа, шеъру ҳикоя аз воқеиёти арзишманди башарӣ, рӯзгори шахсиятҳои барҷастаи ватаниву хориҷӣ бо ороиши хуби диққатангез интишор карда мешавад; чаҳорум, забон ва услуби

“Ҷумҳурият” сода, равон, орӣ аз ҳар гуна илтифоти маҳалливу гуфторӣ аст» [135, 2018. –13 апрел].

Рӯзномаи «Ҷумҳурият» имрӯз ба таври кофӣ ба ҳадафу мароми худ расидааст. Вале чанд камбудие, ки доир ба пешниҳоди хабар ва баъзе масъалаҳои дигар овардем, ба кори рӯзнома халал ворид месозанд. Бояд донист, ки дар айни ҳол нақши матбуотро пешниҳоди ҷолиби матлабҳо миёни аудитория мустаҳкам менамояд.

Дар шароити муосири иттилоотӣ, ки рақобат миёни ВАО шиддат ёфтааст, нақши матбуоти даврӣ дар ташаккули афкори умум муҳим ва зарурӣ боқӣ мемонад. Таҳлили фаъолияти рӯзномаи «Ҷумҳурият» нишон медиҳад, ки ин нашрия бо истифодаи шаклҳои гуногуни таҳлили матлабҳо, равиши содаву равон, истифодаи васеи васоити адабӣ-иттилоотӣ ва таҳкими робита бо қишрҳои гуногуни ҷомеа тавонистааст дар ташаккули афкори умум нақши фаъол ва муассир бозад.

Таҳлили 5-солаи мо нишон дод, ки рӯзномаи «Ҷумҳурият» тавассути пешниҳоди масъалаҳои мубрами рӯз, бозтоби иқдомҳои муҳимми сиёсӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ, инчунин, иштироки фаъол дар таҳкими арзишҳои миллӣ ва ватандӯстӣ, на танҳо ҳамчун манбаи иттилоот, балки ҳамчун омили шаклдиҳандаи муҳити фикрии ҷомеа баромад мекунад. Бо роҳандозии саҳифаҳои махсус, ташкили озмунҳои тематикӣ ва равиши муосири таҳририӣ, рӯзнома ба эҳёи таваҷҷуҳи хонандагон ба матбуоти чопӣ мусоидат намудааст.

Ҳамин тавр, «Ҷумҳурият» мисоли барҷастаи мутобиқшавии матбуоти анъанавӣ ба шароити иттилоотии муосир буда, нақши худро дар ташаккули афкори умум, таҳкими шуури шаҳрвандӣ ва тақвияти мавқеи расонаҳои миллӣ устувор нигоҳ медорад. Таҷрибаи ин рӯзномаро барои арзёбии мақоми матбуоти даврӣ дар ҷомеаи имрӯза намунаи омӯзишӣ ва илмӣ метавон арзёбӣ намуд.

### 2.3. Телевизиони Тоҷикистон ва махсусияти барномаҳои он дар фазои иттилоотӣ

Дар шароити афзоиши рақобати расонаҳо ва табдил ёфтани иттилоот ба манбаи калидии таъсиррасонӣ ба ҷомеа, нақши телевизион ҳамчун яке аз

пурқувваттарин воситаҳои таъсир ба афкори умум ва ташаккули муҳити маънавию сиёсӣ беш аз пеш муҳим мегардад. Ҳарчанд шабакаҳои иҷтимоӣ ва расонаҳои рақамӣ имконоти васеъ фароҳам овардаанд, телевизион то ҳанӯз дар бисёре аз кишварҳо, аз ҷумла, Тоҷикистон, мақоми маркազии иттилоърасонӣ, таҳлил ва ташвиқи арзишҳоро нигоҳ доштааст. Таҳқиқи фаъолияти телевизиони Тоҷикистон ва барномаҳои он дар чунин фазо, барои фаҳми воқеии хусусиятҳо, ҳадафҳо ва таъсири онҳо ба ҷомеа, муҳим мебошад.

Мавқеи телевизион дар муҳити иттилоотии ҷомеаи муосир ба мазмун ва шакли барномаҳои он сахт вобаста аст. Дар ҳамин замина, муҳаққиқон бар онанд, ки «маҳаки мавҷудияти телевизионро барнома ташкил медиҳад» [97, с. 211]. Барнома телевизионро ба мардум мешиносонад. Он ба телевизион низом мебахшад. Сабку услуб ва равиши кори телевизионро барномаҳои он муайян мекунанд. «Барномасозӣ ё худ таҳияи намоиш меҳвари аслии фаъолияти рӯзмарраи кормандони телевизион аст. Ҳар шабакаи телевизионӣ дар доираи он ҳадафҳое, ки назди худ гузоштааст (тарғиби ғоя, ташвиқи сиёсат, ҳукумат кардан, сармоя ғун кардан), бо нигоҳи хоса ва дарку фаҳмиши вижаи худ намоиш омода мекунад» [125, с. 48].

Агар мантиқан ҳам фикр кунем, телевизион бе барнома ва таҳияи намоишҳо дар чаҳорчӯбаи махсус фаъолият карда наметавонад. Маҳз бо пахши барномаҳои худ кормандони телевизион завқу хоҳиш ва талаботи бинандаҳоро қонеъ месозанд. Ба таъкиди муҳаққиқон – Саъдуллоев А. ва Шоев М. «Махсусияти шабака ба муносибати соҳибони он ба воқеият, ба завқ ва сатҳи маърифати бинандагон вобаста аст» [92, с. 25].

Дилхоҳ шабакаи телевизионӣ бо пахши барномаҳо дар сабку жанрҳои гуногун ҳадаф ва нақшаҳои худро амалӣ месозад. Вобаста ба характеру хусусияти шабакаи телевизионӣ, барномаҳо омода гашта, пешкаши бинандаҳо мегарданд. Ба ҳамин мазмун, муҳаққиқи соҳа Эшматов З. мегӯяд: «...муайянкунандаи хислату характери ҳама гуна шабакаи телевизиониро аз мавқеъгирии таҳиягарони он дар иртибот ба ин ё он воқеаву рӯйдод дар барномаҳояшон баръало эҳсос кардан мумкин аст» [125, с. 50].

Вобаста ба давру замон, шаклҳои давлатдорӣ, талабот ва завқу хоҳиши ҷомеа телевизион фаъолияти худро ба роҳ мемонад. Агар ба ташаккул ва фаъолияти Телевизиони Тоҷикистон нигарем, дар давраи фаъолияти худ зина ба зина дар барномаҳои худ тағйирот ва сабку услуби нав ворид сохт. Дар ҳар давра бо вижагӣ ва махсусияти том барномаҳо омода ва пахш менамуд. «Барои мисол, дар Иттиҳоди Шуравии собиқ принсипҳои асосии фаъолият ва вазифаҳои асосии телевизионро қонуну қарорҳои давлатӣ муайян мекарданд. Аз ин рӯ, телевизиони Тоҷикистон низ наметавонист аз доираи муайяни идеологии давр берун фаъолият намояд» [125, с. 51].

Агар ба таври мухтасар ба таърих ва ташаккули телевизиони Тоҷикистон назар афканем, он бо номи «Студияи Душанбе» 3 октябри соли 1959 дар шаҳри Душанбе бори нахуст ба фаъолият оғоз кард. «Намоишҳои аввалини телевизиони Тоҷикистон қариб якуним соат давом мекард. То охири соли 1960-ум ҳаҷми барномаи иттилоотии «Ахбор» 10 дақиқа ва ҳаҷми умумии барномаҳои ҳаррӯза ба 3 соату 30 дақиқа расонида шуд. Дар солҳои 70-80-уми асри гузашта намоишҳои «Чойхонаи Дилкушо», «Беғараз панд», «Театр ва тамошобин» барои тамошобинон маҳбубияти хосса доштанд ва ҳамзамон, дар ташаккули маънавию тарбиявии мардум саҳми калон доранд. Барои ҷолибияти ин барномаҳои телевизионӣ коргардонҳо Шодибек Ҳотамбеков, Наим Латифов, Соҷида Ғуломова, Музаффар Ғаниев, Иззат Самадов обуранги бадеӣ дода, диққати тамшобинро бештар ҷалб менамуданд» [162]. Аз фаъолияти таърихӣ ва ташаккули Телевизиони Тоҷикистон бар меояд, ки он дар ҳама давраи фаъолияти худ барномаҳои ҷолиб ва мувофиқ ба завқи бинандаро пешкаш менамуд.

Бешак ҳамин таваҷҷуҳу диққат ба як ё чанд барнома аз он шаҳодат медиҳад, ки навори пахшшуда ба афкори омма таъсиррасон буда, дар ҳадафи гузоштаи худ муваффақ шудааст. А. Саъдуллоев чунин андеша дорад, ки «Сароғози воситаҳои ахбори умум дар ҳамаи давру замонҳо ва ҷараёнҳо таъсир расонидан ба самтҳои идеологии даврон, ташаккули афкори омма, завқбахшӣ ба кору фаъолият, баланд бурдани сатҳи ғоявӣ, умумимаърифатӣ, фароҳам сохтани

шароит ба ташвиқ ва тарғиби хаттӣ, телевизионӣ ва шифоҳӣ ва гузоштани талаботи қатъӣ ба ин фаъолият будааст» [93, с. 33]. Вобаста ба давру замон, телевизион дар маркази фаъолияти худ ғояҳоеро ҷой медиҳад, ки таблиғгари идологияи давр бошад. Ба ҳамин маънӣ муҳаққиқи журналистикаи тоҷик И. Усмонов мегӯяд: «Ғояи таблиғ кардан мақсади азалии дастгоҳи идеологӣ буду ҳаст. Дар журналистика таблиғ, вазифа ва мақсади ниҳоиро ифода мекунад» [99, с. 34]. Донишманди англис Бертран Рассел гуфта буд, «ҳар ҳукумате, ки ба телевизион таваҷҷуҳ мекунад, фуқароящро ба хости худ тарбият менамояд ва мутеъ мегардонад. Чунин ҳукумат на ба артиш ва на ба полис ниёзманд нест» [95, с. 14]. Гуфтаи мазкур ба он маъност, ки ба иқтидору неруи таъсиррасонии телевизион ҳеҷ гуна восита баробар шуда наметавонад, зеро ба он хоссу ом, ҳамагӣ таваҷҷуҳ доранд ва зери таъсири он фаъолият мекунанд.

Дар Тоҷикистон низ аз замони пайдоиши худ телевизион ҳамчун дастгоҳи таблиғотӣ ҳамеша дар қиболи ҳукумату давлат фаъолият менамуд ва аз арзишҳои миллӣ ҳамеша ҳимоят мекард. Онҳоро ба мардум таблиғ менамуд ва дар доираи барномаҳои махусус, бо истифода аз шаклҳои таъсиррасонӣ ба афкори ҷомеа аҳаммият ва арзиши онҳоро дақиқ мекард ва нақши худро мустаҳкам менамуд.

Бо ба даст омадани истиқлолият ва баъди чанд соли оромӣ дар кишвар майдони фаъолияти телевизионҳо фарох гардид. Ҳатто доир ба ҳар самт телевизиони махсус ба фаъолият пардохт.

Айни замон, дар баробари дигар шабакаҳо Телевизиони Тоҷикистон бо барномаҳои худ ҷой ва мақоми хоссаро касб мекунад. Ин шабакаи телевизионӣ, ки фаъолияти беш аз 60-сола дорад, ҳамеша бо барномаҳои вижаи худ ба афкор ва шуури омма таъсир мерасонд ва дар фазои иттилоотии кишвар нақши бориз дорад. Дар баробари дигар шабакаҳои телевизионӣ, дар замони соҳибистиқлолӣ фаъолияти телевизиони мазкур боз ҳам густурдатар гардид. Акнун ин шабака бо пешниҳоди барномаҳои гуногун дар самтҳои мухталиф, иқтисоду иҷтимоъ, илму ирфон, хоҷагидорӣ, варзиш, солимӣ, ободию бунёдкорӣ, худшиносию

худогоҳӣ ва ғайраҳо, ки меҳвари асосии истиқлолияти кишварро ташкил медиҳанд, барномаҳо омода ва пешкаш месозад.

Бо зиёд шудани шабкаҳои телевизионӣ интихоби тамошобинон низ васеъ гардид. Дар ин замина, рақобат намудану аудитория пайдо кардан низ ба дараҷае мушкил гардидааст. Телевизиони Тоҷикистон бо барномаҳои «Ирфон», «Парвози шоҳин», «Эҷод», «Тоҷикистон ва ҷаҳон», «Этикет», «Сайри маънӣ», «Роҳи рушд», «Агроиқтисод», «Кошона», «Муд», «Ахтари адаб», «Равондармонӣ», «Як ба як», «Дар мавзуи рӯз», «Ҳукумат», «Меҳвар», «Ҷаҳони иқтисод» ва даҳҳо барномаи дигар дар ҷумҳурӣ ва берун аз он тамошобини худро пайдо намудааст. Ба василаи барномаҳои худ дар самтҳои гуногун дар ташаккули афкори ҷомеа нақши муайян дошта, ба воситаи барномаҳои худ дар пешбурд ва рушди кишвар ҷойгоҳи назаррасро касб мекунад.

Барои боз ҳам равшан шудани асли матлаб, пешниҳод, сохтор, мазмуну мундариҷа, роҳҳои таъсиррасонӣ, камбудиҳо ва вижагиҳои барномаҳои пурбинанда ва дар маҷмуъ, нақши созандаи Телевизиони Тоҷикистонро дар солҳои 2018-2022 ба таҳқиқ фаро мегирем.

Чуноне ки ба мо маълум аст, назар ба ҳама воситаҳо, телевизизон бо имкониятҳои ба худ хос роҳҳои таъсиррасонии бештар дорад ва ҳамин имкониятҳо ҷойгоҳи телевизион ва нақши онро дар қиёс ба дигар ВАО мустаҳкам намудааст. Садову симо ва навишта ҳарсе дар як дастгоҳ ҷой доранд, ки ин имконият дар дигар воситаҳои ВАО дида намешавад. Бо шумули сомонаҳои интернетӣ, ки на ҳамеша дар онҳо иттилооти хубу дақиқ ва сара ҷой дорад, радио бо садо ва матбуот бошад, бо навиштаҳо ба афкори ҷомеа таъсир мерасонанд.

Дар телевизион пахши ҳар барнома бо мақсаду мароми хосса аст, ки ба воситаи он ба шуури омма ҳалли ин ё он масъаларо ҷой медиҳанд. Дар ҳолатҳои дигар, ҷомеаро барои корҳои бунёдкорию созандагӣ ва умуман, ҳама самтҳо ҷалб месозанд.

Барномаи «Агроиқтисод»-и Телевизиони Тоҷикистон, чуноне аз номаш маълум аст, доир ба масъалаҳои гуногуни иқтисодӣ баррасӣ мешавад. Дар ин

барнома ходимони телевизион аз ҳар боби масоили иқтисодӣ ҳарф зада, навору навиштаҳоро доир ба ин самт пешкаши бинандаҳо месозанд. Дар барномаи «Агроиқтисод», ки 22-юми январи соли 2018 дар телевизион пахш шудаст, доир ба муътадил нигоҳ доштани ҳарорати гармхона дар фасли сармову тобистон маслиҳати муфид дода шудааст.

Дар ин барнома дастандаркорон доир ба муътадил нигоҳ доштани гармхона ба бинандаҳо маълумоту тавсияҳо дода, аз ҷумла, зикр мекунанд, ки «Муътадил нигоҳ доштани ҳароратхона дохили гамрхона ва риояи қоидаҳои махсуси парвариши растаниҳои ситрусӣ имкон медиҳад, ки на танҳо ҳосилнокии навъи ин дарахтони мевадиҳанда зиёд гарданд, ҳамзамон шароит фароҳам мегардад, ки муҳлати ба ҳосилдароии онҳо дар солҳои наздик таъмин гардад» [136, 2018. – 22 январ]. Дар ин барнома муаллифон доир ба роҳҳои парвариши лиму дар гармхона маълумот дода, бо нишон додан аз гармхонае як фарди лимупарвар бо номи Назар Камолов ба бинанда тарзи нигоҳдошт ва беҳтарин роҳҳои лимупарвариро дар гармхона нишон медиҳанд.

Барнома ба бинанда аз он ҷиҳат нафъовар аст, ки дар он қоидаҳои махсуси агротехникии парвариши лиму нишон дода мешавад. Ҳамчунин, хислати таъсиррасонии барнома дар он дақиқ мешавад, ки муаллифони барнома ба воситаи он ба гурӯҳи бинандагоне, ки ба ин кор сару кор доранд, беҳбудӣ ва роҳҳои омӯхтаашонро истифода мекунанд.

Барномаи дигари «Агроиқтисод» доир ба парвариши аспи зоти “тоҷикӣ” наворбардорию таҳия ва пахш шудааст. Қаҳрамони барнома Собир Одинаев дар бораи чӣ тавр парвариш намудани аспи зоти «тоҷикӣ» ба бинандагон маълумот дода, роҳҳои нигоҳу бин ва парвариши ин намуди аспро ба бинандаҳо мефаҳмонад: «Собир Одинаев соли аввал нест, ки аспҳои давандаро барои иштирок дар бозиҳои миллии аспдавони тамрин медиҳад. Ӯ нозукиҳои ин навъи варзишро аз мураббиҳо омӯхта мехоҳад дар варзиши классикии асптозӣ бозиҳои милливу байналмилалӣ зоти аспи «тоҷикӣ»-ро муаррифӣ намояд» [136, 2018. – 9 апрел]. Баранда бо ҳамин сарсухан ва аспдавонии Собир Одинаев барномаро шурӯъ менамояд.

Дар рафти барнома қаҳрамони он доир ба аспи зоти «тоҷикӣ» маълумот дода, ба бинандаҳо нишон медиҳад, ки ин зоти асп дар мусобиқаҳои аспдавонӣ ва бузакашӣ бо қувва ва давиши тези худ ба дигар зоти аспҳо бартарӣ дорад. Ҳамчунин, дар рафти барнома фикру андешаҳои мутахассисонро ба бинандаҳо пешниҳод мекунад. Аз ҷумла, дар барномаи мазкур гуфта мешавад, ки «То солҳои 2000-ум зоти аспи асли тоҷикӣ 1846 сарро ташкил медод. Ҳарчанд саршумор дар ин давра кам монда бошад ҳам, сифати зот беҳбудиро талаб мекард. Бо мақсади беҳтар кардани сифати зоти аспи асли зоти «тоҷикӣ» зиёд кардани саршумори он ва такмили сифатҳои генетикии он китоби «Зоти аспи «тоҷикӣ» таҳия гардид, ки дар он тамоми хусусиятҳои хосси ин аспи чобуку даванд дарҷ гардидаанд. Чоп шудани ин китоб имкон дод, ки навъи зоти аспи асили «тоҷикӣ» дар миёни аспарварон маҳбубияти бештар пайдо намояд» [136, 2018. – 9 апрел]. Дар рафти барнома доир ба таърихи пайдоиш ва имкониятҳои парвариши асп дар шароити Тоҷикистон ба бинандаҳо нишон дода мешавад.

Самти дигаре, ки дар барномаи «Агроиқтисод» ба бинандаҳо аз он маълумот дода шудааст, тарзи нигоҳубин ва парвариши картошка мебошад. Маълум аст, ки картошка ҳамчун зироати муҳимми истеъмолӣ дар водиҳо, доманакӯҳҳо ва мавзеъҳои кӯҳии Тоҷикистон дар баландиҳои қариб то 3 ҳазор метр парвариш меёбад. Барои парвариши картошка ва ҳосили фаровон ба даст овардан тамошои барномаи мазкур муфид мебошад. Чунки дар он доир ба интихоби ҷои кишт, навъи тухмӣ, дар кадом вазъи боду ҳаво дигар махсусиятҳо бо факту далел ба бинандаҳо нишон дода шудааст. Дар барнома журналист аз таҷрибаи кишоварзон мисол оварда, мегӯяд: «Картошка дар қитъаҳои кӯҳию доманакӯҳӣ, ки иқлими мусоиду хоки ҳосилхез дорад, ҳосили баланд медиҳад. Аз ин рӯ ноҳияҳои кӯҳдомани мамлакат манбаи асосии таъминкунандаи бозори истеъмолӣ бо ин навъи сабзавот мебошад» [136, 2018. – 24 декабр]. Журналист дар рафти барнома доир ба он ки имкониятҳои картошкапарварӣ дар Тоҷикистон зиёданду аксарият онро намедонанд, муълумоти муфассал дода, роҳҳои беҳтару хубтар ва ҳосили бештар ба даст оварданро ба бинандаҳо нишон додааст. Бо истифода аз андеша ва таҷрибаи мутахассисон таъкид

мекунад, ки дар ҳолати ба чунин қоидаҳо амал кардан, ҳосил зиёд шуда, таъмини бозори мамлакат бо ин навъи зироат ба маротиб беҳтар мегардад. Дар ҳоле, ки талаботи аҳолии мамлакат ба картошка торафт меафзояд ва он ҳамчун нони дуюм истифода мешавад, майдони кишт бояд зиёд гардад. Олимони соҳа дар ин барнома андеша ронда, зарур мешуморанд, ки барои ба даст овардани ҳосили баланд бояд аз тухмиҳои хушсифат истифода бурд.

Ҳамин тавр, дар ҳар барномаи «Агроиқтисод» доир ба як ҷузъи иқтисоди кишвар, зироатпарварӣ, чорводорӣ, боғу ток ва ғайраҳо барнома омода мегардад. Барнома дар ҳаҷми начандон зиёд, ки аз 20 то 25 дақиқаро дар бар мегирад, бо шаклу усули хуб пешкаши бинандаҳо мегардад. Барнома асосан ба кишоварзони мамлакат бахшида шуда, роҳҳо ва шаклҳои рушди иқтисоди кишварро ба бинанда нишон медиҳад. Дар ин баробар, камбудиҳо низ дар барнома ҷой дорад. Аз ҷумла, зикр наёфтани камбудиҳо ва такрору обшуста будани ҷумлаҳо ба назар мерасад. Ҷанбаи таъсиррасонии барнома бошад, дар он зоҳир мегардад, ки ба ин васила ба омма намудҳои беҳтарини фаъолияти кишоварзӣ, ки барои рушди иқтисоди кишвар замина мегузорад, фаҳмонида мешавад. Ин дар навбати худ ба бинанда таъсир расонидан аст.

Барномаи «Тоҷикистон ва ҷаҳон» аз зумраи он барномаҳоест, ки тӯли чанд сол дар Телевизиони Тоҷикистон бетанаффус таҳия ва пахш мегардад. Он фарогири муҳимтарин мавзуъҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии Тоҷикистон ва ҷаҳон мебошад. Яке аз нашрҳое, ки 27 октябри соли 2020 пахш шудааст, ба сармояи инсонӣ бахшида шудааст. Дар ин нашри барнома журналист масъалаҳои истифодаи дурусти сармояи инсонӣ ва нигоҳи коршиносонро оид ба ин масъала ҳаллу баррасӣ месозад. Барнома бо назари коршиносон оғоз шуда, минбаъд журналист дар тақвияти андешаи онҳо чунин иброз медорад: «Воқеан, сарвати инсонӣ боигарии ҳар давлат ва ҳар миллати ҷаҳон аст» [147, 2020. – 27 октябр]. Дар идома журналист истифодаи захираҳои инсониро дар мисоли давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон таҳлил намуда, унсурҳои мусбии онро барои Тоҷикистон барои таҷриба намуна меорад. Бо таҳия ва нашри ин барнома журналист ба бинанда мерасонад, ки дар замони мусоир яке

аз омилҳои асосии рушди ҷомеа, баланд рафтани сатҳи рифоҳи иҷтимоӣ ва беҳтар шудани шароити зиндагӣ сармояи инсонӣ ба шумор меравад. Дар дигар барномаи «Тоҷикистон ва ҷаҳон», ки 20 апрели соли 2021 таҳия ва пахш шудааст, журналист масъалаи нақши амният ва сулҳу оромиро дар рушди Тоҷикистон  таҳлилу баррасӣ намудааст. Дар ин нашри барнома ба фарқ аз барномаи дигари таҳлилшуда барнома бо андешаи журналист оғоз мегардад. «Бо гузашти рӯзҳо, равандҳои пурмоҷарои сиёсию амниятии ҷаҳон ва таҳдиди вазъи беҳдошти ҷаҳонӣ кишварҳои дунё ба сулоҳу оромӣ ва суботи сиёсӣ бештар эҳтиёҷ пайдо намуданд» [148, 2021. – 20 апрел]. Таҳия ва пешкаши барнома нишон медиҳад, ки журналист дар расонидани ҳадафи худ муваффақ шудааст. Чун қиёсгузории ҳаёти амни Тоҷикистон бо давлатҳои ҷангзада, тақвияти андеашҳо бо такя ба назари коршиносон ва истифодаи кадрҳои мувфиқ имкон додаанд, ки бинанда мавзуъро дақиқ дарк намояд. Барномаи дигар «Тоҷикистон ва ҷаҳон», ки 14 январи соли 2022 таҳия ва тариқи Телевизиони Тоҷикистон нашр шудааст, масъалаи фалсафаи ахлоқии «Сайри гули лола» таҳлилу баррасӣ гардидааст. Аз нигоҳи аввал аксар бинанда фестивали мазкурро танҳо тамошои манзараи зебои гулҳо мепиндорад. Вале журналист бо истифода аз сарчашмаҳо ва андешаи коршиносон фалсафаи амиқи ахлоқи доштани онро ба бинанда мефаҳмонад.

Дар маҷмуъ, барномаҳои «Тоҷикистон ва ҷаҳон» дар мавзуъҳои мухталиф таҳия гардида, масъалаи фарогирро ҳамаҷониба ба бинанда пешкаш месозад. Муваффақияти журнналист дар он аст, ки ҳар лаҳза кӯшиш мекунад ба бинанда як маълумоти навро пешкаш кунад.

«Ахтарони адаб» барномаи дигари Телевизиони Тоҷикистон аст, ки бо вижагиҳои худ миёни тамошобинони ин шабакаи телевизонӣ маҳбубият пайдо намудааст. Дар ин барнома доир ба осору эҷод, рангинбаёнии каломи ноби адибони классику муосири тоҷику форс сухан меравад. Дар барнома журналист дар бораи таъриху ҳаёти адибон, улгуи шеъру ғазал ва навиштаҳои насрии онҳо ба бинандаҳо маълумот медиҳад. Маҳаки барнома, пеш аз ҳама, огоҳ намудани ҷомеа аз маълумотҳоест, ки то ҳол аксарият ба он дастарсӣ надоранд.

Ҳамчунин, он ғазалу пандҳое, ки дар барнома қироат ва пешкаши бинандаҳо карда мешаванд, аз лиҳози таъсир расонидан ба афкори ҷомеа ҷиҳати сайқали ақлу идрок, донишу биниш, некукорию некхоҳӣ ва даҳҳо амалҳои хуби дигар бе таъсир намемонад.

Яке аз нашрҳои «Ахтарони адаб» доир ба ғазалсарои адабиёти тоҷику форс дар асри 14 Носири Бухороӣ таҳия шудааст. Журналист дар аввали барнома доир ба эҷодиёти шоир, зиндагинома, аҳаммияти асарҳо ва ашъори боқимондаи Носири Бухороӣ ба бинандагон маълумот медиҳад. Аз ҷумла, дар барнома гуфта мешавад, ки «Носири Бухороӣ дар фосилаи ду шоҳи аҳримансиришт Чингиз ва Темур зиндагонӣ кардааст. Доир ба асри Носири Бухороӣ як силсила асарҳои таърихӣ, аз ҷумла доир ба даврони муғул ва темур иншо шудаанд, ки то андозае вазъи сиёсию иҷтимоии он давраро бозгӯ мебошанд» [139]. Ҳамин тавр, дар барнома доир ба эҷодиёти Носир Бухороӣ маълумоти васеъ дода мешавад. Аҳаммияти барномаи мазкур дар он аст, ки аксрият доир ба ин шоири ғазалсарои асри 14 тасаввурот надоранд. Аксарият ҳатто онро намедонанд. Аммо дар ин барнома муаллиф бо истифода аз маъхазҳо ва андешаи профессори соҳа Шарифмурод Исрофилниё ба бинанда маълумоти васеъ медиҳад.

Барномаи дигари «Ахтарони адаб» дар бораи ҳаёту фаъолият ва эҷодиёти шоири асри XIII Ҳаким Саноӣ таҳия шудааст. Нашри мазкур низ чун дигар барномаҳои «Ахтари адаб» дар қолаби муайян омода шудааст. Дар барнома дар баробари аз ҳаёту фаъолияти адибон огоҳ намудани бинанда, ҳамчунин, порчаҳои шеърӣ низ қироат карда мешавад.

Барномаи «Ахтарони адаб» аз он ҷиҳат зарур аст, ки ба воситаи нишон додани он ҷомеа дар баробари он ки аз таърихи адабии худ огоҳ мешавад, ҳамчунин рӯ ба ҷустуҷӯ ва хондани ашъор ва эҷодиёти қаҳрамонони барнома меоранд. Ҳамчунин, ашъори қироатшуда низ бо сабку услуби хосси адабӣ бо зероҳанг ба шуури бинандаҳо бетаъсир намемонад. Барнома аз лиҳози ҳаҷм андак калон буда, ҳар барнома ҳудуди 40 дақиқаро дар бар мегирад.

Либос ҷузъе аз фарҳанги миллист. Ин масъала бебаҳс аст, ки ҳар давлат либоси хосси худро дорад. Аз ҷумла, кишвари моро низ дар қатори дигар ҷузъу шаклҳои фарҳангамон бо либосамон мешиносанд. Таблиғи либосҳои миллӣ ва ба афкори умум таъсир расонидан бахри ба бар намудани он вазифаи ВАО-и кишвар аст. Барномаи «Муд» дар меҳвари худ ҳамин рисолатро ҷой додааст.

Дар ҳар барномаи «Муд» дар баробари нишон додани либосҳои миллӣ, ҳамчунин, доир ба аҳаммият ва таърихи он низ маълумот дода мешавад. Масалан, дар барнома журналист чунин мегӯяд: «Либоси миллӣ дар баробари забону фарҳанг аз рукнҳои асосии ҳастии миллат маҳсуб меёбад. Либоси миллӣ низ дар шебу фарози таърих борҳо дар вартаи нобудшавӣ қарор гирифтааст. Аммо эҳсоси баланди худшиносии бонувони тоҷик ва тарроҳони боистеъдод зебогию шинамии либоси зебои тоҷикиро то ба наслҳои имрӯза расонидааст. Либос ин як порча матоъ нест, балки ҳамчун рукни муҳимми фарҳанги миллӣ ба ҳисоб меравад. Дар либоси миллии ҳар миллат тахаюлу тафаккур ва табиати он сарзамин инъикос гардида аст. Дар либоси миллии мо низ рангорангии табиати зебои Тоҷикистон, иффат, шарму ҳаёи зебандаи бонувони тоҷик тасвир ёфтааст» [144]. Ҳамин тавр дар ҳар нашри барномаи «Муд» доир ба шаклҳои гуногуни либоси миллӣ мавод омода карда мешавад.

Барнома дар ҳаҷми на камтар аз 15 дақиқа омода шуда, дар он тарроҳону духтарон барои нишон додани шаклҳои гуногуни либосҳои миллӣ ба навор гирифта мешаванд. Чуноне маълум аст, дар замони рушду пешравиҳо мутобиқ ба замон будани либосҳои миллӣ низ аз талаботи асосист. Аз ин рӯ, дар тарҳҳои замонавӣ пешниҳод кардани либосҳои миллӣ зарурист. Барномаи «Муд» бо ҷалби тарроҳони ватанӣ ба бинандаҳо беҳтарин намунаҳои либоси миллиро нишон дода, онҳоро барои ба бар намудани он ҷалб месозад ва ба ин васила фарҳанги миллиро тарғиб менамояд.

Рӯзгори одамони аҷиб ва фатҳи қуллаҳои баланди онҳоро дар Телевизиони Тоҷикистон барномаи «Парвози шоҳин» инъикос ва ба афкори умум равона месозад. Ин барнома аз ҳаёту фаъолият ва роҳи пурмашаққати сарояндагону

ҳунармандон, адибу нависандагон, муаррихону олимон ва дар маҷмуъ шахсиятҳои баруманди тоҷик омода карда мешавад.

«Парвози шоҳин» ба дигар барномаи Телевизиони Тоҷикистон «Ахтарони адаб» аз рӯйи шакли пешниҳод монандӣ дорад. Аммо дар ин барнома шахсиятҳое ба тамошобин нишон дода мешаванд ва дар бораашон гап меравад, ки дар ин ё он соҳа ва дар рушди фарҳангу тамаддун, адабиёт, фарҳанг ва илми кишвар саҳми босазо гузоштаанд.

Се барномае, ки мо ба таҳқиқ фаро гирифтем, аз ҳаёти шахсиятҳое омода шудааст, ки дар риштаҳои гуногун кору фаъолият намудаанд. Аз ҷумла, барномаҳо доир ба фаъолияти адиб ва нависанда Садриддин Айнӣ, профессор Мирзоодил Наимов ва сароянда Султон Абдулло омода шудаанд.

Дар барнома аз рӯзгори ин шахсиятҳо ба бинанда маълумотҳое пешниҳод мегарданд, ки меҳру муҳаббат ва шавқи онҳоро зиёд мегардонад. Аз ҷумла, дар оғози барномае, ки ба ҳаёту фаъолияти С. Айнӣ бахшида шудааст, журналист чунин мегӯяд: «Рӯзгори инсон китоберо мемонад ва хуш ба ҳоли он нафаре, ки китоби умри ӯ шоистаи васф ва тақдири ҳамзамонону оянդагон мегардад. Зиндагии шоир, нависанда, муаррих, муҳаққиқ, тарҷумон, ходими хизматнишондодаи Тоҷикистон, доктори илмҳои филология, академик ва нахустин Президенти Академияи илмҳои Тоҷикистон, дорандаи чандин мукофоту ордени собиқ ИҶШ ва Ҷумҳурии шӯравии Тоҷикистон, академики фахрии Ҷумҳурии шӯравии Ӯзбекистон, Сардафтари адабиёти муосири тоҷик, билохира аввалин Қаҳрамони Тоҷикистон – устод Садриддин Айнӣ, ки тавассути хираду маърифат ва ҳиммату хизмати ҷавонмардона ба халқу меҳан номи худро дар дилу дидаи ҳамзамонону фардоиён ҷо намуд, мактаберо мемонад, ки дар зеҳну равони ҳар фард эҳсоси худшиносиву худогоҳӣ, муҳаббат ба илму фарҳанг ва арҷгузорӣ нисбат ба таъриху тамаддуни ниёгонро ҷо менамояд» [145].

Дар маҷмуъ, барнома барои таблиғи худшиносӣ ва худогоҳӣ муфид аст, зеро дар он ғояҳои шинохти арзишҳои маънавӣ ва шахсиятҳои barӯманди кишвар муаррифӣ мегарданд. Дар барнома аз усулҳои таъсиррасонӣ кам кор гирифта шудааст. Аз ҳамин лиҳоз, он каме дилгиркунанда ба назар мерасад.

Вале барномаҳое, ки дар онҳо суруду мусиқист, ҷаззоб ба назар мерасанд. Аз ҳамин рӯ, бояд ҳама барномаҳо бо шаклҳои хоси диққатҷалбкунӣ омода шаванд. Дар акси ҳол, аксари тамшобинон бо масрафи вақти беш аз 30 дақиқа барномаро тамошо намекунанд.

Дилхоҳ навишта, навор ва садо замоне ба афкори омма созгор мегардад, ки он бозгӯйи дарди мардум ва мушкилкушои ҷомеа бошад. Роҳу васила барои раҳо шудан аз мушкилиро ба омма пешниҳод созад. Вақте ки як барнома дар телевизион хос барои ҳалли мушкилоти тамошобинон равона мешавад, он ҳатман тамошобини худро пайдо месозад ва вақте ки барнома тамошобин пайдо намуд, гувоҳи он аст, ки барнома дар ташаккули афкор ва шуури омма нақши калон дошта аст.

Имрӯз пошхӯрии оила ва мушкилоти хушунат ҳамчун проблемаи рақами як ба ҳисоб меравад. Оиладорӣ дарбаргирандаи мафҳумҳое чун масъулият, ноумедӣ, боварӣ, нобоварӣ, хушбахтӣ, буҳрони равонӣ, орзу , муносибат, дард, муҳаббат ва ғайраҳо мебошад. Ин ҳама бошад, роҳу тадбирҳоеро хоҳон аст, ки дар мустаҳкамии оила сабаб мешаванд. Яке аз чунин барномаҳое, ки ба ҳалли мушкилиҳои хонаводагӣ бахшида шудааст, «Равондармонӣ» мебошад.

Дар ин барнома бо ҷалби мутахассисон, хусусан, чуноне аз суроғаи барнома маълум аст, равоншиносон барои ҳалли муҳимтарин масоили хонавода бахшида шудааст. Дар ин барнома саволҳо дар тули ҳафта аз ҷониби тамошобинон ба унвонии барнома ирсол мегарданд ва дар он як навъ мушорикати байниҳамӣ ба назар мерасад. Ҳамчунин, дар барнома равоншиносон доир ба хусусиятҳои психологӣ барои оила тавсияҳо медиҳанд.

Яке аз барномаҳои фарҳангию фароғатии Телевизиони Тоҷикистон «Атри сухан» мебошад. «Атри сухан» минбари истеъдодҳои ҷавонони лаёқатманд буда, инчунин, аз нав маъмул намудани анъанаи ниёгон байтбарак, бурро хондани шеър бо назардошти дарки мазмуну муҳтаво ва риояи оҳанги забони модарӣ мебошад. Барнома аз бахшҳои гуногун иборат аст. Дар он донишҷӯёни мактабҳои олии кишвар даъват карда мешаванд. Аз рӯйи низомномаи барнома донишҷӯён ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд.

Барои мисол яке аз барномаҳои «Атри сухан»-ро таҳлилу баррасӣ мекунем. Бахши аввали барномаи «Атри сухан» «Тарафшон» ном гирифтааст. Дар оғози бахш журналист шуруъ мекунад: «Адабиёт дар тамоми давру замон беҳтарин ва муваффақтарин ҳофизаи фарҳанги Наврӯз ба ҳисоб меравад. Ин рисолатро имрӯз низ аҳли адаб идома медиҳанд. Нуктаи муҳим ин аст, ки беш ва пеш аз ҳама дар муаррифии анъанаву ойинҳои наврӯзӣ аҳли адаб, хоса, қаламкашон нақши бориз доранд. Шоирон беҳтарин вассофони баҳору наврӯзанд ва аз давраи Малик-уш-шуаро устод Абуабдулло Рӯдакӣ то кунун беҳтарин шеърҳо дар васфи баҳору Наврӯз ва гулу борону табиат эҷод гардидааст. Дар бахши аввали барнома гурӯҳҳоро мебояд бо чанд шеъре арӯси сол ва Наврӯзи ҷаҳонафрӯзро васф намоянд» [138].

Бахши дуюми барнома «Ҷустуҷӯ» ном дошта, дар он ба гурӯҳҳо сетоӣ вожа пешниҳод мекунанд, гурӯҳҳо аз миёни ин калимаҳо якtoашро интихоб намуда, шеърҳое мегӯянд, ки калимаи интихобкардаашон дар он шеърҳо мавҷуд бошанд.

Бахши сеюми барнома «Падида» ном гирифтааст. Дар ин бахш ҳунари худро ҷавонон нишон медиҳанд. Дар бахши 4-ум бошад, гурӯҳҳо байтбарак мекунанд ва номи бахш низ «Байтбарак» ном гирифтааст.: «Инак бинандагони гиромӣ бахши 4-уми барномаро оғоз мекунем, ки «Байтбарак» ном гирифтааст. Байтбарак яке аз анъанаҳои ниёгон аст ва он имрӯз миёни мардум хеле маъмул мебошад. Бояд гуфт, ки байтбарак барои барқарор ва қавӣ намудани қувваи ҳофиза мусоидат намуда, дар дилу зеҳн эҳсоси худшиносиву худогоҳиро тақвият мебахшад. Ин лаҳза мо як байтеро қироат мекунем гурӯҳҳоро мебояд бо ҳарфи охирини ин байт мушоираро идома диҳанд, агар дар рафти байтбарак дар муддати 20 сония кадом гурӯҳе натавонист ҷавоб бигӯяд, мағлуб мегардад» [138].

Ҳамин тавр, барномаи озмунии «Атри сухан» ҳар даъфа бо ҳамин шакл пешкаши бинандаҳо карда мешавад. Барнома ҷолибу тамошобоб аст. Он бо шакли озмунӣ пешниҳод гардида, аз иштирокчиён чобукию ҳушёриро талаб мекунад. Чуноне аз таҳлили кардаамон бар меояд, дар баробари зинда намудани расми ниёгонамон – байтбарак, ҳамчунин дар барнома чанд ҷиҳати дигарро низ

ба назар гирифтан мумкин аст. Аз ҷумла, ин барнома ба тамошобинон, хоссатан, ҷавонон, ҳушёрию зиракӣ, огоҳӣ ва ҳозирҷавобиро талқин мекунад.

«Этикет» барномаест, ки ба ҷомеа одоби рафор ва тарзи муошират ба дилхоҳ кор ва муносибатро ба бинандаҳо нишон медиҳад. Бинандаи зиёд доштани барнома худ гувоҳи он аст, ки баррасии мавзуоти он миёни ҷомеа муҳим аст. Чанд барномае, ки мо барои таҳқиқ тамошо намудем, аз вижагиҳои махсус бархурдор аст. Аз ҷумла, иштироки бевоситаи журналист дар мавзуоти баррасишуда, фикру андешаҳои мутахассисон, омода намудани саҳначаҳои ҷолиб дар рафти барнома, ки онро боз ҳам диданӣ ва таъсирнок намудааст.

Мавзуъҳое, ки дар барномаи «Этикет» баррасӣ мешаванд, инҳоянд: «Этикаи муносибат дар марказҳои истироҳатӣ ё худ одоби истироҳат», «Одоби муносибату муоширaт дар беморхона», «Риояи меъёрҳои одоб дар бозору мағоза», «Риояи меъёрҳои одоб дар кинотеатр» ва ғайра.

Сабку услуби суханронӣ низ дар барнома дилчасп ва шуниданист. Масалан, барномае, ки дар бораи «Этикаи муносибат дар марказҳои истироҳатӣ ё худ одоби истироҳат» аст, чунин шуруъ мешавад: «Истироҳати хуб на танҳо тану ҷонро роҳату руҳу равонро оромӣ мебахшад, балки заминаи асосии муваффақиятҳои беназир дар ҳама паҳлӯҳои ҳаёт маҳсуб меёбад ва босамар гузаронидани вақт дар рӯзҳои истироҳати дар бартараф намудани монеаҳо бахри фатҳи қуллаи мақсуд кӯмак мерасонад. Вале тамошобинони азиз фаромӯш насозед, ки дар ҳама ҳолат риояи одоб ба манфиати кор аст, ҳатто ҳангоми истироҳат кардан низ моро зарур аст, чанд қоидаро риоя созем. Мо низ аҳли эҷоди барномаи «Этикет» хоҳони онем, ки бинандагони азиз, шумо ҳамеша муваффақу комёб бошед, ба ҳамин маънӣ барномаи навбатии «Этикет» маҳз ҳамин мавзуъ, яъне этикаи муносибат дар марказҳои истироҳатӣ ё худ одоби истироҳат, бахшида мешавад» [149].

Вуҷуди барномаи «Этикет» дар шароити кунунии мо бисёр зарурӣ ба ҳисоб меравад. Зеро донистани қоидаҳои одоб дар ҷойҳои ҷамъиятӣ бисёр зарур аст. Барномаи «Этикет» бошад, аз рафторҳои бад бинандаро манъ карда, роҳҳои дурусти муомилаву муоширатро ба бинандаҳо меомӯзонад.

«Тоҷикон санъати баланду қадимаи меъмориву кандакорӣ доранд, ки эҳё ва рушду тавсеаи он вазифаи меъморону сохтмончиён аст. Сифати масолеҳи сохтмонӣ масъалаи асосии соҳаи сохтмону меъморӣ ба ҳисоб меравад. Дар Донишкадаи санъат ва дизайни Тоҷикистон солҳост, ки донишҷӯёнро аз рӯйи ихтисоси дизайн - меъмор ва меъмории ороишӣ омода мекунанд. Эҷодгар дар пояи муайяни замон зиндагӣ ба сар мебарад, агар эҷод бикунад, навгоние ба миён оварда тавонад, замони худашро барои фардо бисозад, худ меъмор аст» [150]. Ин гуфтаҳо оғози барномаи «Эҷод» аст, ки доир ба касби меъморӣ таҳия ва пахш шудааст.

Барномаи «Эҷод» тарзи эҷоди ин ё он касбро ба бинанда нишон медиҳад. Ҳамчунин аз муҳимияти касбомӯзӣ дар барнома ҳарф зада мешавад. Ба василаи барномаи «Эҷод» ба афкори ҷомеа касбомӯзӣ ва азхудкунии он ҷой дода мешавад.

Барномаи «Роҳи рушд» дар Телевизиони Тоҷикистон бозгӯкунандаи ободонию созандагӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ таи солҳои соҳибистиқлолист. Дар ин барнома доир ба рафти сохтмон ва иншоотҳо, бунёди майдону маҷмааҳои варзишӣ, роҳу пулҳо ва дар маҷмуъ, доир ба тамоми пешравиҳо дар кишвар гап меравад.

«Рушди созандагию бунёдкорӣ дар шаҳру ноҳияҳои кишвар таи солҳои охир ба он мусоидат намуд, ки соҳаи меъморию шаҳрсозӣ низ ба пешравиҳои назаррас ноил гардад. Таҷрибаи чандинсола ва татбиқи садҳо лоиҳаи меъморӣ мактаби бузурге барои мутахассисони соҳа маҳсуб ёфта, ба рушди ҳамаҷонибаи санъати меъмории миллӣ асос гузоштааст», – омадааст дар барнома [146].

Барномаи мазкур доир ба баланд бардоштан санъати меъморӣ, бо техникаи замонавӣ сохтани иншоот, ба талабот ҷавобгӯ будани сохтмонҳо, бо масолеҳи нав замонавӣ бунёд ёфтани иншоотҳо, таҳияи лоиҳаҳои замонавӣ омода карда мешавад. Дар баробари ин, барнома доир ба дигар соҳот, ки ба рушду нумӯи кишвар сабаб мешавад, таҳияи карда мешавад,

Аз ҷумла, яке аз барномаҳои «Роҳи рушд», ки перомуни мавзеъҳои сайёҳии кишвар омода карда шуд, доир ба пешрафти ин соҳа маълумот дода мешавад.

Барнома дар шароити кунунӣ аз чанд ҷиҳат зарур ва муфид аст, зеро сайёҳӣ яке аз соҳаҳои сердаромад ва бо шуғл фаро гирифтани аҳолии қобили меҳнат, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, рушди дигар соҳаҳои хизматрасонию истеҳсолӣ, муаррификунандаи таъриху фарҳанг, табиат ва анъанаҳои миллӣ ба ҳисоб меравад: «Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои табиати зебою нотакрор ва олами набототу ҳайвоноти нодир аст, ки назираш дар ҷаҳон кам арзёбӣ мегардад. Имрӯз дар мамлакат мавзеъҳои таърихию фарҳангии зиёде мавҷуданд, ки дар ҳоли ташкили инфрасохтори зарурӣ онҳо ба манбаи даромади иловагӣ табдил ёфта, аз ин ҳисоб маблағҳои иловагӣ ба буҷаи давлат ворид мегарданд» [146].

Дар умум, паёми барнома ба мардум чунин аст, ки Тоҷикистон чун кишвари соҳибистиқлол дар солҳои охир ба пешрафтҳои назаррас ноил гаштааст. Агар барнома аз ҷиҳати нишон додани пешравиҳо ва бунёди иншоот маълумоти мусбӣ диҳат, аз тарафи дигар, ба афкори ҷомеа ҷо мекунонад, ки мамлакати мо низ дар солҳои наздик ба як кишвари пешрафта ва мутараққӣ табдил меёбад.

Бо вуҷуди паҳлуҳои зиёди мусбат, дар барнома камбудиҳо низ ба назар мерасанд. Дар онҳо шаклҳои диққатҷалбкунӣ кам истифода шудааст. Масалан, дар нишон додани бунёди сохтмону иншоот бо коргарони қаторӣ, ки корҳои асосиро маҳз онҳо мекунанд, суҳбат намешавад. Ё дар нишон додани барнома доир ба рушди сайёҳӣ аз сайёҳони хориҷӣ фикру андешаи онҳо дар бораи ҷойҳои сайёҳии кишвари мо, истифодаи наворҳои нав ба назар намерасад.

Дар доираи Стратегияи милли рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар соли 2019 барномаи таҳлилӣ фарогири мавзуъҳои мухталиф вобаста ба рушди соҳаҳои кишвар дар Телевизиони Тоҷикистон пахш шудааст. Аз ҷумла, дар нашри барномаи таҳлилие, ки 4 декабри соли 2019 тариқи телевизон нашр шудааст, фарогири масъалаҳои иқтисодӣ буда, масъалаҳои татбиқи нишондодҳои стратегия мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Дар барнома таҳлил мешавад, ки «стратегияи мазкур роҳҳо и рушди иҷтисодии

ҷумҳуриро дар давраи муайян пешбинӣ мекунад ва барои расидан ба ин ҳадафҳо истифодаи имкониятҳо дар он нишон дода шудааст».

Аз барномаҳои марказии Телевизиони Тоҷикистон ин барномаи «Дар мавзуи рӯз» мебошад. Журналисти барномаи мазкур дар ҳама нашрҳои он кӯшиш намудааст, ки мавзуъҳои мубрам ва рӯмарраро ба бинандагон бо иштироки коршиносони самтҳои гуногун таҳлилу баррасӣ намояд. Аз ҷумла, дар нашре, ки 27 августи соли 2019 тариқи телевизон пахш шудааст, масъалаи дигар шудани иқлим, боришоти ғайримуқаррарӣ ва гармии аз ҳад беш мавриди таҳлил қарор гирифаст. Хусусияти хоси ин барнома дар он аст, ки журналист кӯшиш мекунад, он масъалаҳое дар барнома баррасӣ намояд, ки дар шабу рӯз айнӣ маврди таваҷҷуҳи ҷомеа қарор доранд. Ҳамин аст, ки дар оғози ҳар барнома журналист ба ибораҳое чун «таваҷҷуҳи ҷомеа», «муроҷиатҳои хос», «даъват атрофи ин мавзуъ», «муҳим будани баррасии масъала» ишора мекунад. Аз ҷумла, дар барномаи мавриди назар низ журналист чунин барномаи худро оғоз мекунад: «Муроҷиатномаҳои хос, даъвати ҷомеа ба эҳтиёткорӣ ва тадбирҳои саривақтӣ дар робита ба гармӣ ва ё боришоти ғайримуқаррарӣ пайваста сурат мегирад. Аз рӯи мушоҳида имсол сербориш аст, ки баъзан фоидаовар маънидод мегардад... Дар ин робита бо сардори маркази матбуоти назди Кумитаи ҳолаҳои фавқулода мудофияи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Умеда Юсфӣ ва сардори шуъбаи пешгӯиҳои боду ҳавои Маркази бодуҳавосанҷии малакат Фаридун Ахмедов шарҳ медиҳем... » [140, 2019. – 27 декабр]. Ба ҳамин тартиб миёни журанист ба мусоҳибон як навъ саволу ҷавоб ба миён меояд. Бо ҷалб шудани коршиносон ба барнома таҳлили меҳварии мавзуъ албатта хуб аст, вале суҳбати яксамта ва дар ҳар мавзуъ аз барраси якҷонба дилгиркунанда ба назар мерасад. Аз ҳамин нуқтаи назар барномаи «Дар мавзуи рӯз» дар баробари он ки мавзуъҳои доғро интихоб мекунад, бояд таҳлилу баррасиро дар меҳвари худ ҷой диҳад. Дар нашри дигари барнома, ки дар 28 октбяри соли 2020 таҳия ва пахш шудааст, журналист атрофи афзалият ва бартариятҳои сохти конститутсионӣ ва пояҳои устувори давлатдорӣ бо ҳуқуқшинос суҳбат намудааст. Дар ин барнома низ мушоҳида

мешавад, ки мусоҳиб нисбат ба журналист бештар фаъол аст. Ҳамин фаъол будани мусоҳиб боис шудааст, ки ҷолибияти барнома кам шуда, муҳтавои он паст шавад. Баръакси ду барномаи дар боло оварда, нашри дигари барнома, ки 20 ноябри соли 2020 дар Телевизиони Тоҷикистон нишон дода шудааст, пурра берун аз студия сабт гардида, ҷолияти зиёдро дар худ гирд овардааст. Дар барномаи мазкур журналист баръакси нашри барномаҳои дигар, онро мувофиқ ба масъалаи баррасишуда ва мавзуи интихобгардида сабт кардааст. Дар ин барнома журналист масъалаи зимистонгузарониро дар ноҳияи Варзоб ба бинанда таҳлил намуда, ҳолати омодагии ноҳияро ба зимистон нишон медиҳад. Албатта масъалаи мазкурро барои аудиторияи васеъ наметавон пешбинӣ кард, вале тавсия ва ҳолати корҳои анҷомшуда барои қисме аз бинандагон, ки иртибои корӣ ба масъала доранд, метавонад ҷолиб бошад.

Дар нашрҳои соли 2021-и барномаи «Дар мавзуи рӯз» дида мешавад, ки журналист ин нозукиҳоро пурра дар барнома истифода намудааст. Масалан дар барномае, ки 1 марти соли 2021 тариқи телевизион пахш шудааст, мавзуи истиқлоли сиёсӣ бо коршинос суҳбат намуда, кӯшиш мекунад, ки риштаи суҳбатро нигоҳ дорад. Дар ин нашри барнома журналист кӯшиш мекунад, ки ба бинанда маҳаки мавзуи интихобшударо пешниҳод кунад. Журналист дар оғоз қайд мекунад, ки: «Дар шароити ташвишовари ҷаҳони муосир истиқлоли сиёсӣ яке аз рукнҳои асосӣ дониста мешавад. Чун ки бе доштани истиқлоли сиёсӣ ҳеҷ миллате бақои худро ҳифз намуда наметавонад» [141, 2021. – 1 март]. Ба назар мерасад, ки дар ин нашри барнома журналист хеле фаъол аст. Дар ҳар андешаи коршинос кӯшиш мекунад бо анешаҳои тоза суҳбати ҷолибияти дигар бахшад. Ҳамчунин, дар давоми барнома барои боз ҳам ҷолиб шудани барнома гузориши алоҳида таҳия шудааст.

Барномаи дигаре, ки давоми соли 2019 дар Телевизиони Тоҷикистон пайваста нашр гардидааст, ин барномаи «Ҳукумат» мебошад. Барномаи мазкур ба мақсади таҳлили масоили иқтисодию иҷтимоӣ ва раванди татбиқи ҳадафҳои стратегӣ дар Тоҷикистон таҳия ва пахш шудааст. Назари дақиқи коршиносон вобаста ба масъалаҳои ҳалталаби ҷомеа, муайянсозии дурнамои рушд ва

накшаҳои мукаммали сатҳи давлатӣ муҳтавои асосии ҳар нашри барномаро дар бар мегиранд. Яке аз нашрҳои барнома, ки 7 июли соли 2019 тариқи Телевизиони Тоҷикистон пахш гардидааст, фарогири масъалаҳои иҷрои дастур ва нақшаҳои муқарраргардида натиҷагирӣ карда шудааст. Дар ин барнома омилҳои иҷро нагардидани баъзе намудҳои андоз мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Барнома бо сабки ҷолиб пешниҳод шуда, дар он тавсияи мутахассис, таҳлили коршинос, назари шаҳрванд, гузоришҳои алоҳидаи журналистон, андешаи кормандони касбу кори гуногун истифода шудааст, ки дар мукаммал намудани барнома ва ҷолиб сохтани он нақши созгор бозидаанд.

Барномаи таҳлилӣ-сиёсии «Меҳвар» барномаи дигар Телевизиони Тоҷикистон, чуноне аз унвонаш маълум аст, дар меҳвари худ асосан як масъалаи сиёсиро фаро гирифта, журналист бо мусоҳибон онро таҳлилу баррасӣ месозад. Аз ҷумла, дар барномае, ки мо барои таҳқиқ интихоб намудем, масъалаи пешгирӣ аз коронавирус, вакиснагузаронӣ ва дахолати гурӯҳҳои иртиҷоӣ ба он тахия шудааст. Журналист дар оғоз суҳбатро аз он оғоз мекунад, ки: «Беш аз як сол аст, ки ҷаҳон бо буҳрони коронавирус мубориза дорад. Бояд гуфт, ки шеваи мубориза бо ин беморӣ дар ҳамаи ин муддат якранг набудааст. Аз ҳамин лиҳоз баъзе давлатҳо ин буҳронро тавонистанд, бидуни талафоти ҷиддӣ пушти сар намоянд. Бояд гуфт, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз қабили чунин давлатҳост. Тавре маълум аст, айни ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди ваксинакунонӣ бо суръат идома дорад. Вале мушоҳида мегардад, баъзе гурӯҳҳои иртиҷоӣ мехоҳанд ин равандро халадор намоянд. Сиёсикунони ваксина ба гурӯҳҳои иртиҷоӣ чӣ медиҳад ва то кадом андоза ваксинакунонӣ кафили саломатии одамон аст?» [143]. Бо ба миён мондани ҳамин савол журналист баҳсро миёни ду мусоҳиби худ оғоз мекунад. Суҳабти мусоҳибон дар ин барнома як навъ ҷавоб ба саволи дар миёнгузошта буда, журналист ба воситаи мусоҳибони худ тариқи ҳамин савол ба масъала равшанӣ меандозад. Дар дигар нашрҳои барномаи мазкур низ тартиби пешбурд чунин буда, матраҳ намудани масъала бо саволгузорӣ оғоз мегардад.

Барнома дигари Телевизиони Тоҷикистон «Андоз бақои давлат» баръакси барномаи «Меҳвар», ки масъалаҳои гуногунсамти сиёсиро матраҳ мекунад, сиёсати фискалӣ, масъалаҳои низоми андозбандӣ ва таъмини даромадҳои буҷети давлатиро дарбар мегирад. Дар барномаи мазкур асосан коршиносони масоили иқтисодӣ, намояндагони мақомоти андоз, ҳуқуқшиносон ва таҳлилгарони иқтисодӣ ҷалб гардида, масъалаҳои марбут ба такмили қонунгузории андоз, расмикунони муносибатҳои андозӣ, меъёрҳои андоз, имтиёзҳои андоз, андозбандӣ, шаффофияти низоми пардохти андоз, нақши андозҳо дар рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар, инчунин, роҳҳои баланд бардоштани фарҳанги андозсупорӣ дар ҷомеа мавриди таҳлил ва муҳокима қарор мегирад. Аз ҷумла, барномае, ки мо мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додем, ба масъалаи назорати пардохти андозҳо ва маниторинги андозӣ бахшида шудааст. Дар ин нашри барнома журналист таъкид мекунад, ки «муқарраротдар бораи назорати андозӣ аз моддаи 41-и Кодекис андоз оғоз гардида, тибқи он самтҳои амали мақоми назораткунанда ва андозсупоранда ба танзим даровардa шудааст» [137]. Вобаста ба ин журналист бо истифода аз меҳмонон оид ба назорати андозӣ, шаклҳо ва аз ҷониби кадом мақомот назорат шудани он шарҳу тафсир пешниҳод мекунад. Дар умум, агар дигар нашрҳои барномаро низ ба инобат гирем, ҳадафи аслии он ташаккули фаҳмиши дурусти ҷомеа нисбат ба моҳият, зарурат ва аҳаммияти андозҳо чун манбаи асосии нигоҳдорӣ ва рушди инфрасохтор, таъмини иҷрои барномаҳои давлатӣ ва таҳкими иқтидори иқтисодии давлат аст. Тариқи барномаи мазкур боло бурдани сатҳи маърифати иқтисодии аҳолӣ ва ташвиқи масъулияти шаҳрвандӣ дар самти иҷрои уҳдадориҳои андоз, чун як вазифаи муҳим фаҳмонида мешавад.

Барномаи «Иқтисоди ҷаҳон»-и Телевизиони Тоҷикистон чун барномаи «Андоз бақои давлат» дар маҷмуъ ба самти иқтисод нигаронида шуда, моҳиятан он фарогири дигар масъалаҳо мебошад. Чуноне аз унвони барнома бар меояд, дар доираи он мизони иқтисоди ҷаҳон баррасӣ мегардад. Барномаи мазкур аслан дар шакли хабару гузориш пешниҳод гардида, муҳимтарин ахбори олам ва дохилро дар самти иқтисод, рушди он, имтиёзҳои иқтисодӣ, таваррум ва

амсоли ин ба бинанда нишон дода мешавад. Ҳама нашрҳои барномаи мазкур дар як қолаб, маҷмуи хабару гузоришҳои иқтисоӣ таҳия ва пешниҳод мегарданд. Аз ҷумла, дар нашре, ки 14 январи соли тариқи Телевизиони 2022 Тоҷикистон дар барномаи «Иқтисоди ҷаҳон» нишон дода шудааст [142], чор гузориш вобаста бо бардоштани музди меҳнати кормандон, имтиёзҳо барои соҳибкорону сармоягузорон, паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва солҳои 2022-2026 – «Солҳои рушди саноат» гузоришҳои таҳлилӣ пешниҳод шудааст.

Умуман аз таҳлили он барномаҳо дар тули солҳои 2018-2022 нишон дод, ки Телевизиони Тоҷикистон дар ҳифзи манфиатҳои миллӣ, тарғиби расму русум, нигоҳдошти фарҳанг, баланд бардоштани ҳисси хештаншиносию меҳанпарастӣ ва монанди ин саҳм гузошта, бо пахши барномаҳои худ дар ташаккули афкори созандаи ҷомеа нақши бениҳоят калон дорад. Аз таҳлили барномаҳои телевизион ба хулосае омадан мумкин аст, имрӯз Телевизиони Тоҷикистон бо фикру андеша ва шуури аудиторияи худ ҳамрадиф мебошад. Дар умум, ин шабакаи телевизонӣ бо барномаҳои гуногунжанр доир ба соҳоти гуногун дар миёни тамошобинон мавқеи намоёнро касб кардааст. Дар баробари он барномаҳое, ки дар боло таҳлил намудем, ҳар кадом доир ба як бахши зиндагӣ омодаву пахш шудаанд ва табиист, ки дар ҳаёти ҷамъиятӣ бетаъсир намемонанд. Ҳамчунин, барномаҳое низ мавҷуд аст, ки танҳо сеткаи барномаҳоро пур мекунанд. Бешак, аз рӯйи мантиқу мазмун ва шакли пешниҳоди барномаҳо онҳо ба аксарият писанд намеоянд. Масалан, барномаҳои «Сайри маънӣ», «Як ба як», «Андоз бақои давлат» аз рӯйи пешниҳод дар сатҳи хеле паст қарор доранд. Онҳо дар ташаккули афкори ҷомеа аз ягон ҷиҳат таъсир расонида наметавонанд. Тарзи пешниҳод, сохтакориҳо дар барнома, мубрам будани мавзуъ, ба дарозо кашидани сухан, якрангии барномаҳо тамошобинро дилгир мекунад. Ҳамчунин, камбудии дигар ин аст, барномаҳо бояд дар шакли замонавӣ пешниҳод гарданд. Вақти барномаҳо кам карда шавад. Дар ин ҳолат таваҷҷуҳ ба барномаҳо меафзояд. Ватқе ки таваҷҷуҳ зиёд шавад, афкори омма низ ба он равона мегардад ва таъсирнокӣ меафзояд. Аз рӯйи вазифа Телевизиони Тоҷикистон тариқи барномаҳои худ бояд дар савқ

бахшидани афкори созанда, ватандӯстона, ободкорона ва тақвиятбахшандаи арзишҳои миллию фарҳангӣ ва таърихӣ саҳми шоён гузорад.

Телевизиони Тоҷикистон ҳамчун яке аз воситаҳои муассири таъсиррасонӣ ба афкори умум ва ташаккули муҳити иҷтимоӣ-фарҳангии кишвар, дар раванди муаррифӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ, тарғиби расму ойинҳои мардумӣ ва баланд бардоштани ҳисси хештаншиносӣ ва ватандӯстӣ нақши назаррас мебозад. Аз таҳлили барномаҳои пешниҳодшавандаи он бармеояд, ки қисми муҳимми ин мундариҷа ба ҳадафҳои стратегӣ – ташаккули афкори созанда, боло бурдани маърифати сиёсивии шаҳрвандӣ ва таҳкими арзишҳои фарҳанги миллӣ равона шудаанд.

Бо вуҷуди мавҷудияти барномаҳои таъсиргузору пурмуҳтаво, мушоҳида мешавад, ки на ҳамаи барномаҳо ба меъёрҳои замонавии расонаӣ ва талаботи аудитория ҷавобгӯ мебошанд. Бархе аз барномаҳо, ба монанди «Сайри маънӣ», «Як ба як», «Андоз бақои давлат» бо сабаби мазмуни заиф, пешниҳодоти сунъӣ ва набуди ҷозибаи визуалӣ наметавонанд ба ташаккули афкори ҷамъиятӣ саҳми назаррас гузоранд. Ин нишон медиҳад, ки таҳияи барномаҳо бояд на танҳо дар мазмун, балки дар шакл, формат ва услуби иҷро ба талаботи имрӯзӣ мутобиқ гардонида шавад.

Дар шароити рақобати расонаӣ ва афзоиши имконоти иттилоотии рақамӣ, тақвияти нақши Телевизиони Тоҷикистон дар ташаккули афкори умум бояд бо таҷдиди назар дар сиёсати муҳтавои барномасозӣ, ҷалби мутахассисони соҳибтаҷриба ва таҳияи барномаҳои ҷолибу замонавӣ амалӣ гардад. Танҳо дар ин сурат телевизиони мазкур метавонад дар заминаи маърифати миллӣ, иттиҳод ва худшиносии шаҳрвандон саҳми воқеӣ гузорад ва мақоми худро дар фазои иттилоотии кишвар боз ҳам таҳким бахшад.

# БОБИ III
# НАЗАРПУРСӢ – ВАСИЛАИ ОМӮЗИШ ВА ТАҲҚИҚИ АФКОРИ ОММА

## 3.1. Баррасии назари коршиносон дар бораи нақши расонаҳо дар афкори омма

Иттилоот ва хабару андешаҳои тавассути барандаҳо ё муҷриҳои иттилоотӣ паҳншаванда аксаран омили асосии ташаккули андешаву афкор ва шаклгирии рафтори халқу миллатҳо мегардад. Таърих гувоҳ аст, ки ҳанӯз садсолаҳои пеш инсоният ба дарёфт ва паҳнсозии иттилооти дорои хусусияти муҳимми сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоӣ машғул буд ва тавассути барандагони гуногун онро роҳандозӣ мекард. Асрҳои пеш аз барандагони асосӣ ва паҳнкунандагони иттилоот хатрасонҳо, пайкҳо, ҷорчиҳо ва онҳое, ки махсусан дар ҷойҳои серодам ба паҳнсозии иттилооти хусусияти расмидошта машғул буданд, ба шумор мерафтанд. Ин гуна барандагони иттилоот аксаран эҳтиёҷоти қишри элитаи аҳолӣ ва ё коргарони дарбору қасрҳои шоҳону султонҳо ва амиру императорҳоро ба сомон мерасониданд.

Инсоният бо ташаккули илму техника ва иқтидори зеҳнии худ тавонист, дар муддати кутоҳ дар самти паҳннамоии иттилоот ба натиҷаҳои баланд ноил гардад. Ибтидо китобҳо, рӯзномаву газетаҳо, баъдан, маҷаллаву дигар барандагон тавонистанд, ки то ба дараҷае эҳтиёҷоти дар ин самт доштаи қишрҳои гуногуни аҳолиро бароварда гардонанд.

Дар асри XX бо ба ҳаёти ҷомеа ворид гардидани дастовардҳои нави илмиву техникӣ радиову телевизион низ ҳамчун баранда ва паҳнкунандаи расмии иттилоот, ки дастрасии умумро соҳиб ҳастанд, машҳур гардида, мавриди истифода қарор гирифтанд. Вазифаи асосии ҳамаи барандагони иттилооту хабарҳоро, пеш аз ҳама, таъсиррасонӣ ба шаклгирии афкори ҷомеа ташкил менамояд. Дар давоми асри XX шумораи зиёди хонандагони рӯзномаҳо ва таваҷҷуҳи ҷомеаи кишварҳои гуногун ба ин навъи барандагони иттилоот боиси

он гардида буд, ки ҷомеа эҳтиёҷи аниқи худро ба онҳо пайдо созад. Айни ҳол ҳамаи барандагони расмии иттилоотро расонаҳо ва ё ВАО меноманд.

Васоити ахбори омма дар замони муосир қисми ҷудонашавандаи фаъолияти рӯзмарраи ҳаёти инсоният гардидааст. Маҳз тавассути ВАО имрӯз мо метавонем аз авзои амниятиву сиёсӣ ва иқтисодиву иҷтимоии кулли кишварҳои ҷаҳон маълумот пайдо созему фикру андешаи худро оид ба он баён созем. Васоити ахбори омма ва афкори ҷамъиятӣ имрӯзҳо дар алоқаи зич бо ҳамдигар қарор доранд. ВАО имрӯз аз ҷониби аксари коршиносони ватаниву хориҷӣ ҳамчун ҳукумати чорум, ки дар натиҷаи афкори ягонаи истифодабарандагону шунавандагон ба вуҷуд меояд, унвон гирифтааст.

Қисмати мазкур ба омӯзиши ҳамаҷониба ва таҳлили амиқи нақши васоити ахбори омма (ВАО) ва дигар воситаҳои паҳнсозии иттилоот дар раванди шаклгирии афкори ҷомеа бахшида шудааст. Мақсад аз таҳқиқи ин бахш, муайян сохтани сатҳу шиддати таъсири ВАО ба афкори ҷамъиятӣ дар асоси ҷамъоварии маълумоти таҷрибавӣ ва хулосаҳои респондентон, мусоҳибон ва коршиносони соҳавӣ мебошад. Ин таҳқиқот дар заминаи пурсишномаҳои тарҳрезишуда сурат гирифта, ҷанбаҳои гуногуни таъсири ВАО-ро аз нигоҳи амаливу назариявӣ фаро мегирад.

Бо такя ба андешаҳои иброзгардидаи иштирокдорони таҳқиқот ва таҳлили муфассали ҷавобҳои пешниҳодшуда, чанд нуқтаи меҳварӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор мегирад. Пеш аз ҳама, зикр кардан зарур аст, ки мусоҳибон андешаҳои гуногун вобаста ба нақши воситаҳои ахбори омма дар раванди иттилоотрасонӣ ва таъсиргузорӣ ба ташаккули мафкураи иҷтимоӣ баён доштаанд. Гурӯҳи респондентон зимни арзёбӣ ба саволҳои асосии зерин посух доданд:

– Шумо нақши ВАО-ро дар ташаккули афкори умум чӣ гуна арзёбӣ мекунед? Шумо то кадом андоза нақши ВАО-ро дар қабули қарорҳои сиёсӣ дар замони муосир муҳим мешуморед? Аз нигоҳи Шумо оё ВАО иқтидори таъсиррасонӣ ба идеология ва қарорҳои ҳукуматҳоро доро мебошад ва агар ин кор имконпазир бошад, пас бо кадом шакл?

– Оё таҷрибаи мамлакатҳои Ғарб дар роҳи истифодаи ВАО ҷиҳати расидан ба манфиатҳои гуруҳҳои сиёсӣ дар фазои пасошӯравӣ қабулшаванда аст ё не? Ба фикри Шумо иддаои он ки ВАО-и пасошӯравӣ танҳо ба манфиати режимҳои сиёсӣ фаъолият мекунад, дуруст аст? Агар ин иддао дуруст бошад, омилҳои асосии ин тарзи истифода кадом аст?

– Ба назари Шумо телевизион ҳамчун барандаи иттилоот то кадом андоза имкони тағйир додани андешаи оммаро доро мебошад? Кадом шакли таҳқиқоти телевизионӣ ва барномаҳои дар он пахшшаванда бештар имкони таъсиррасонӣ ба афкори ҷомеаро доро мебошанд? Таҷрибаи ҳалли мушкилоти характери сиёсидошта тавассути баррасии он дар ток-шоуҳои телевизионӣ то кадом андоза натиҷаро самараноктар мегардонад? Ба андешаи Шумо, оё дар мамлакатҳои Ғарбӣ таҷрибаи истифодаи дебатҳои телевизионӣ қабл аз интихоботҳо ва маъракаҳои дигари муҳимми сиёсӣ ба натиҷаҳои он таъсир расонида метавонад?

– Ба фикри Шумо чаро дар замони муосир расонаҳо ҳамчун муҳимтарин абзори сиёсӣ қарор дода мешаванд? Фарқи расонаҳои хусусӣ аз расонаҳои давлатии иттилоърасон дар чист? Ба андешаи Шумо кадом навъи расонаҳо ба ҷомеа таъсири бештар мерасонанд?

– Сензура дар ВАО то кадом андоза шаффофиятро дар фаъолияти рӯзноманигорӣ ғайримақсаднок мегардонад? Шаффофияти хабару гузоришҳои сиёсиро бо кадом усулҳо метавон таъмин намуд? Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешгирии сензура ва таъмини озодии баён кадом чораҳо андешида шудааст ва кадом чораҳои дигарро мебояд дар ин самт андешид?

– Оё мафкураи сиёсӣ ва динии рӯзноманигор ба ҷомеа таъсири ҷиддӣ мерасонад? Агар таъсир расонад, онҳоро номбар кунед (мусбат ва манфӣ)? Баҳодиҳии яктарафаи масъалаҳои сиёсӣ ва характери амниятидошта аз ҷониби ВАО ба ҷомеа чӣ таъсир мерасонад? Оё хабарҳои беасос ва сармоягузоришуда дар ВАО аз хабарҳои воқеӣ тафовути зиёд доранд?

– Ба ақидаи Шумо муборизаи иттилоотӣ чист ва онро бо кадом таъбир метавон тавсиф намуд? Оё Шумо бар он боваред, ки дар замони муосир

давлатҳо нақшаву стратегияҳои ҷангҳои иттилоотиро таҳия менамоянд? Ҷангҳои иттилотии муосирро дар чӣ гуна шароит ва омилҳо тасаввур менамоед? Фазои иттилоотии як кишвар метавонад ба мафкура ва тасаввуроти ҷомеаи кишвари дигар таъсири манфӣ расонад?

– Фазои кунунии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистонро чӣ гуна баҳогузорӣ менамоед? Матбуоти кунунии тоҷик то чӣ андоза дар шаклгирии мафкураи аҳолӣ саҳмгузор мебошад? Таъсири матбуот дар кадом давра дар шаклгирии мафкураи ҷомеаи Тоҷикистон бештар мушоҳида мешавад? Ин таъсирот бештар ба чӣ вобаста буд?

– Фазои иттилотии Тоҷикистони имрӯза бештар ба кадом навъи хабару иттилоот эҳтиёҷ дорад? Кадом барномаҳои дар телевизионҳои Тоҷикистон пахшшаванда ба мафкураи аҳолӣ таъсири амиқ мерасонанд? Ба андешаи Шумо матбуоти тоҷик ба кадом навъи тағйирот ва ислоҳотҳо эҳтиёҷ дорад?

– Нақши телевизиони «Тоҷикистон» ва нашрияи «Ҷумҳурият» дар фазои иттилоотии Тоҷикистон чӣ гуна аст? Мақсади асосии телевизиони “Тоҷикистон” ва нашрияи «Ҷумҳурият» аз чӣ иборат аст? Кадом навъи барномаҳо ва хабару гузоришҳо метавонанд, матлабҳои ВАО-и Тоҷикистонро беҳтар гардонанд?

Ҷавоб ба ин саволҳо ба мо имкон медиҳанд, ки дар асоси таҳлили таҷрибавӣ ва муқоисавии маълумотҳо, хулосаҳои илмӣ ва боэътимод дар бораи ҷойгоҳи воқеии ВАО дар равандҳои иҷтимоӣ ва сиёсии ҷомеа пешниҳод намоем. Ҳамин тариқ, натиҷаҳои бадастомада на танҳо андешаву дидгоҳҳои шахсиятҳои алоҳида, балки муносибати умумии гурӯҳи васеи коршиносон ва шаҳрвандони фаъолро дар ин самт инъикос менамоянд.

Яке аз саволҳои асосӣ, ки гуногунандешӣ ва духурагии қарорҳои баъзе иштирокчиёни пурсишномаро ба вуҷуд овардааст, ба масъалаи таъсири ВАО ба афкори ҷамъиятӣ дахл дорад. Ҳарчанд аксари иштирокчиён ба саволи «Шумо нақши ВАО-ро дар ташаккули афкори умум чи гуна арзёбӣ мекунед? » ҷавоби кутоҳ пешниҳод намудаанд, аммо метавон дар инҷо низ гуногунандеширо пай бурд. Масалан, яке мусоҳибони мо ВАО-и муосирро «ҳукумати чорум» унвон

додан нахостааст, дар ҳоле, ки мутахассиси дигар ВАО-ро «ҳукумати чорум ва рамзӣ» унвон намудааст [165]. Ин духурагии ақида, пеш аз ҳама, дар натиҷаи он ба вуҷуд омадааст, ки мутахассисон асосан ба дасти сеюм дар қабули қарорҳои матолиби дар ВАО нашршаванда эътимод доранд.

Респонденти дигари мо ақидаи худро бо он асоснок мекунад, ки ВАО барои он «ҳукумати чорум» мебошад, ки он ба манфиати ҷамъиятии шаҳрвандон равона карда шуда, боиси «ташаккули афкори ҷамъиятӣ ва ташаккули манфиатҳои ҷамъиятии шаҳрвандон» мегардад [165]. Аслан, рад намудани ақидаи муҳаққиқи мазкур низ ба матлаб мувофиқ нест, зеро рисолати асосии ВАО-ро «ташакули дарки воқеият» дар бинанда ташкил менамояд [165]. Вале новобаста ба ин ВАО на ҳамчун ҳокимияти рамзӣ ва ё ҳукумати пасипардагӣ, балки чун оинаи ошкорои талабу дархост ва хоҳишҳои аҳолӣ аз ҷониби мақомоту муассисаи дахлдор мебошад. Яъне, аҳолӣ метавонанд, бо дар телевизиону рӯзнома ва ё дигар барандагони ВАО расонаӣ намудани мушкилоташон барои пайдо намудани роҳи ҳал ба ҷойи зарурӣ муроҷиат кунанд. Ин роҳи содда, осон ва санҷидашуда аксаран боиси ҳалли мушкилоти мавҷуда мегардад. Таҷриба аз самаранокӣ ва натиҷанокии он баръало дарак медиҳад.

Мусоҳиби дигар фикри худро оид ба хато будани «ҳукумати чорум» номидани ВАО чунин шарҳ медиҳад: «Дар асл матбуот «ҳокимияти чорум» нест, балки афкори ҷамъиятӣ ин мақоми рамзист, ки тариқи ВАО гуфта мешавад. Бубинед, моддаи 6-и Конститутсияи Тоҷикистон низ маҳз халқро манбаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ унвон мекунад. Ин чунин маъно дорад, ки ҳар тасмими ҳукумат набояд аз зовияи хостаи мардум берун бошад» [165]. Аз гуфтаҳои муҳаққиқи мазкур ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки вазифаи асосӣ ва рисолати ВАО-ро маҳз тағйир додани афкори ҷомеа ташкил менамояд. ВАО бояд бо интихоби мавзуи дурусти таҳқиқотӣ ва ба ҷомеа расонидани ҳақиқатҳо ба шакли фикру ақидаҳои ҷомеа таъсири ҷиддӣ расонад ва ҳатто дар баъзан ҳолат бояд боиси тағйир ёфтани қарорҳои сиёсӣ низ гардад. Агар ВАО иқтидори аслӣ ва рисолати асосии худро ба таври ошкоро истифода намояд, пас

метавон ба ақидае, ки бузургтарин аслиҳа дар асри навин “иттилоот” мебошад, бешаку шубҳа бояд бовар кард.

Дар баробари ақоиди мазкур, иштирокдори дигари пурсишнома мисоли беҳтареро оид ба масъалаи таъсири ВАО ба ташаккули афкори ҷамъиятӣ баён менамояд. Мавсуф қайд месозад, ки ВАО дар баробари ташаккули афкори омма, ҳамчунин, дар ташаккули рафтори он низ нақши калидӣ мебозад. Ӯ ин ақидаи худро бо мисоли мазкур асоснок менамояд: «Шумо ин саҳар тавассути ВАО (интернет, телевизион, радио ва ё воситаи дигар) маълумот гирифтед, ки эҳтимоли боридани борон дар назар аст ва ба хулосае меоед, ки бояд чатр гиред. Аз ин мебарояд, ки ВАО натанҳо афкор, балки рафтори моро ташаккул медиҳад. Аммо он аз дараҷаи фаъолияти пурсамари ВАО ва эътимоднокии ӯ миёни афроди ҷомеа вобаста аст» [165].

Дар ҳақиқат, тавре ин мусоҳиб ба андешаи худ илова намудааст, ВАО барои он, ки матолиби нашрменамудааш ба ҷомеа таъсиргузор бошад, пас бояд дараҷаи эътимоднокии онро боло барад. Махсусан, дар замони муосир, ки шабакаи ҷаҳонии интернет ба таври ҳангуфт рушд намудаву ҳамарӯза сомонаҳои иҷтимоӣ маркази гардиши иттилооту хабарҳо гардидаанд, беэътимод будани хабару гузоришҳои радиову телевизион ва рӯзномаву маҷаллаҳо боиси коста гардидани боварии ҷомеа ба ин навъи сарчашмаҳои иттилоърасон мегардад.

Ин матлабро зимни пурсишнома нафари дигар низ баён дошта, мегӯяд, ки ВАО бояд «мавқеи расмӣ ва раднашаванда»-и худро дошта бошад [165]. Танҳо бо ба инобат гирифтани ин паҳлуи масъала, ки ба эътимоднокӣ, асоснокӣ ва мавқеи расонандаи матлаб вобаста аст, нақши ВАО-ро дар ташаккули афкори умум нек ва муассир арзёбӣ намудан ба мақсад мувофиқ буда метавонад.

Респонденти дигар замони муосирро «замони таҳаввулот ва тағйирёбии самтҳои рушди ҷомеа, бадалшавии идеологияҳо ва ташаккули диди нави иҷтимоӣ» [165] унвон кардааст, ки чунин ҷомеа бе дастрасӣ ба иттилооти саҳеҳ, мақсаднок ва муҳим аз ҳама, боэътимод наметовонад аз уҳдаи иҷрои вазифа ва рисолатҳои худ баромада бошад.

Пас ба масъалаи мазкур хулоса намуда истода, метавон ошкоро қайд намуд, ки муҳаққиқоне, ки дар пурсишномаи сотсиологӣ иштирок намудаву ақидаҳои худро баён намудаанд, ба нақши ВАО дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ пурра розиянд ва ҳатто аксаран ин ҷанбаро яке аз самтҳои асосии рушди ҷомеаи муосир унвон намудаанд.

Пас аз таҳлил ва омӯзиши ақидаву пешниҳодҳои мухталиф доир ба масъалаи баррасишаванда, метавон ба чунин хулоса омад, ки ВАО дар ҷомеаи муосир нақши калидӣ дорад, ки на танҳо ҳамчун канали интиқоли иттилоот, балки ҳамчун воситаи муҳимми ташаккули афкори ҷамъиятӣ низ баромад мекунанд. Дар шароити ҷомеаи иттилоотӣ, ки дастрасӣ ба иттилоот васеътар шудааст, таъсири ВАО ба шуури одамон махсусан намоён мешавад.

ВАО дар бораи рӯйдодҳои кишвар ва ҷаҳон маълумот медиҳад. Ин ба ҷомеа имкон медиҳад, ки аз мушкилот ва масъалаҳои мубрам огоҳ бошанд. Аммо, интихоби мавзуъ ва таъкид дар пешниҳоди иттилоот метавонад дарки рӯйдодҳоро ба таври назаррас тағйир диҳад. Масалан, таваҷҷуҳ ба ҷанбаҳои манфӣ метавонад тарс ва нобовариро ба вуҷуд орад, дар ҳоле ки хабарҳои мусбӣ метавонанд ба некбинӣ мусоидат кунанд. Яъне, интихоби мавзуи баррасишаванда ва тарзи расонидани хабар дар пешбурди фаъолияти ВАО муҳимтарин нуқта гардад ва ҳатто аксаран боиси ташаккули ақидае гардад, ки пайравони зиёдеро ҷамъ менамояд.

Тавре дар такя ба мисолу пешниҳодҳои респондентон қайд намудем, ВАО на танҳо аз хабару рӯйдодҳои ҷомеа иттилоъ медиҳад, балки рӯзномаи фаъолияти ҳаррӯзаро низ дар инсон ташкил мекунад.

Ақидаҳои иброзгардида моро ба он бовар моил месозад, ки ВАО қодир аст, тасвирҳои гурӯҳҳои одамон, рӯйдодҳо ё падидаҳоро эҷод кунад. Ин метавонад боиси пайдоиши стереотипҳо гардад, ки метавонанд ҳам мусбат ва ҳам манфӣ бошанд. Масалан, инъикоси доимии манфии гурӯҳи муайяни этникӣ метавонад боиси ғаразнокӣ ва табъиз гардад. Мисолҳои возеҳу равшани онро мо бо ҷаҳони муосири иттилоотӣ метавонем муқоиса созем. Айни ҳол низ дар баъзе масъалаҳои муҳимми сиёсӣ ва баҳсталаби муносибатҳои байналмилалӣ ақидаи

пешниҳоднамудаи ВАО-и хориҷӣ ҳамчун дурусттарин матлаб баҳогузорӣ карда мешавад ва зиёда аз ҳафтод дарсади аҳолии ҷаҳон бар он бо соддагӣ бовар мекунанд.

ВАО дар шаклгирӣ ва тарҳрезии ҳаёти сиёсии ҷомеа нақши муҳим мебозад ва ба интихобот ва афкори ҷамъиятӣ дар бораи сиёсатмадорон таъсир мерасонанд. Маъракаҳои сиёсӣ ВАО-ро барои пешбурди ғояҳо ва номзадҳои худ фаъолона истифода мебаранд. Дар ин замина, ба назар гирифтан муҳим аст, ки маълумотро бо майли муайян пешниҳод кардан мумкин аст, ки ба дарки интихобкунандагон таъсир мерасонад. Яъне афкори ҷамъиятии ҷомеаи муосир чунон ташаккул ёфтааст, ки матлабе ки дар ВАО оид ба ин ё он номзад нашр мешавад, боиси тағйир ёфтани фикри ҷомеа нисбат ба натиҷаи интихобот мегардад. Дар ин масъала метавон аз интихоботи президентии ИМА даст кашидани Ҷо Байденро пас аз мубоҳисаи телевизионӣ бо номзади Ҳизби ҷумҳурихоҳон Доналд Трамп ёдовар гардид. Боварии мардум пас аз ин мубоҳисаҳо нисбат ба номзади демократҳо ба дараҷаи хеле зиёд поён рафт ва ин боиси ақибнишинии президенти ИМА ва бозпас гирифтани номзадиаш ба маснади президентии ИМА гардид. Ин гуна мисолҳо бисёранд ва бешак аз иқтидори бузурги олами ВАО дар ҷомеаи муосири ҷаҳонӣ дарак медиҳанд.

Ҳамин тариқ, ВАО ба ташаккули афкори ҷамъиятӣ таъсири назаррас мерасонад. Он на танҳо аз рӯйдодҳои гуногун иттилоъ медиҳад, балки дарки воқеиятро тавассути эҷоди рӯзнома ва тасвирҳо ташаккул медиҳад. Дар шароити муосир, ки фазои иттилоотӣ зери таъсири равандҳои мураккаби сиёсӣ ва геополитикӣ қарор дорад, муносибати интиқодӣ ва таҳлилӣ нисбат ба истеъмоли иттилоот ба як ниёзи муҳим мубаддал гардидааст. Огоҳӣ аз имконияту иқтидори воситаҳои ахбори омма ва истифодаи мақсадноки он метавонад ба таҳкими амнияти иттилоотӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ мусоидат намояд. Аз ин рӯ, истифодаи самаранок ва оқилонаи ВАО ҷиҳати таҳкими худшиносии миллӣ ва таъмини рушди устувори ҷомеа аҳаммияти махсус касб мекунад.

Масъалаи дигар, ки дар доираи пурсиши мазкур бо намояндагони ВАО, мутахассисони соҳаи журналистикаи миллӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ баррасӣ карда шуд, ин аҳаммияти ВАО ҳамчун механизми қабули қарорҳои сиёсӣ мебошад. Мақсади асосии истифодаи чунин навъи савол дар пурсишнома аз он иборат аст, ки мо хостем муайян намоем, ки оё ВАО метавонад, бо шаклдиҳии афкори ҷамъиятӣ барои муайян намудани самти сиёсати давлатҳо нақшгузор бошад. Дар замони муосир натиҷаи асосии ҳамаи муборизаву мушкилот ва ҳатто набардҳои бузурги ҷаҳонӣ маҳз тавассути ҳалли масъалаҳои сиёсӣ ва қабули қарор аз ҷониби ҳукуматҳои кишварҳои гуногун муайян карда мешавад. Ин қарорҳо тибқи талаботи ҳуқуқии аксари кишварҳои демократии ҷаҳон бояд бар асоси хоҳиш ва нияту мақсадҳои аҳли ҷомеа ва аҳоливу шаҳрвандон қабул карда шавад. Бо муайян намудани мақсади аҳолӣ ва навъи қарор метавон бар он расид, ки дар ҳақиқат давлатҳо бо таъсири иттилооту ахборҳои дар расонаҳо паҳншаванда ва дар пайи он иродаи шаклгирандаи аҳолӣ ҳаракат мекунанд ё не?

Мухотаби мо нақши ВАО ва таъсири онро дар қабули ҳама гуна қарорҳои сиёсӣ басо бузург арзёбӣ намуда, илова менамояд, ки: «ВАО василаи асосии таъсиррасонии гуруҳҳои манфиатдор, субъектони алоҳида ва дар умум афроди ҷомеа ба қабули қарорҳои сиёсии Ҳукумат гардидааст» [165]. Ақидаи худро ин мусоҳиби мо бо он қувват мебахшад, ки бино ба иттилои ТАСС имрӯз зиёда аз 68%-и сарони давлатҳои аъзои СММ дорои аккаунти расмии худ дар хабаррасонҳо ва сомонаҳои иҷтимоӣ буда, тариқи ин воситаҳо аз афкори ҷамъиятӣ огоҳ ва доир ба ин ё он мушкилоти ҷомеа андешаи худро баён менамоянд.

Иштирокдори дигари пурсишнома бошад, ба эътибор гирифтани фикру андеша ва афкори ҷомеаро аз ҷониби ҳукуматҳо «нишонаи эҳтиром ба андешаву афкори ҷамъиятӣ» унвон намудааст. Ӯ қайд месозад, ки ҳукумате, ки ба иродаи мардум ва хоҳишу ниятҳои онҳо эътибори ҷиддӣ медиҳад, ҳамеша дар пайомад ба қарорҳои қабулкардааш дорои пайравон ва тарафдорони худ мебошад, ки нишонаи эътимод ва муҳаббату самимияти ҷомеа мебошад [165].

Аммо ҳамаи инҳо аз мушкилоти асосии ВАО-и миллӣ ба шумор намеравад. Ҷиҳати бештар намудани таъсири афкори ҷомеа тавассути барномаҳои дар ВАО нашргардида, мебояд аҳаммияти амалии ин барномаҳову нигоришҳо бештар карда шавад. Яъне, пеш аз ҳама, бояд ВАО инъикосгари ҳаёти воқеии ҷомеа ва бозгӯи мушкилоти аҳолӣ бошад. Ба андешаи мухотаби дигари мо, барои иҷрои рисолати мазкурро ба ВАО-и мо қабл аз ҳама чизи дигар мутахассисони дорои таҷриба ва завқу малакаи баланди касбӣ зарур мебошанд. Чуноне илова менамояд, ки барои расонидани иттилооти дақиқ ҳамаи намуди баранда ва расонандагони иттилоот бояд: "Барои инъикоси мавқеи ҷомеа дар татбиқи қарорҳои Ҳукумат низ назарҳои таҳлилӣ, асоснок ва сариваҷтиро таҳия ва инъикос намояд. Талош намояд то бо таҳияи маводҳои ҷолиб дар ташаккули идеологияи солими ҷомеа воқеан ҷой гирад» [165].

Мақсади асосии ба миён гузоштани саволи мазкур, ки оё ВАО иқтидори таъсиррасонӣ ба идеология ва ё қарорҳои ҳукуматҳоро дорад ё не аз он иборат буд, ки мо андешаи муҳаққиқон ва коршиносони ватаниро, ки аксаран фаъолияти таҳлилиро пеш мебаранд, таҳқиқ намоем. Таҷрибаи давлатҳои абарқудрати ғарбӣ ва махсусан, кишварҳои Аврупову Амрико шаҳодат аз он медиҳад, ки маҳз ташаккули сиёсати озодона нисбат ба воситаҳои ахбори омма метавонад воситае барои дарки мушкилот ва мурочиатҳои аҳолии оддӣ бошад. Имрӯзҳо дар кишварҳои ғарбӣ танҳо як хабари соддатарин, ки шояд аҳаммияти бузурги сиёсиву идеологӣ надорад, бар асари баёни эътирозу норозигӣ ва дархостҳои қишрҳои гуногуни аҳолӣ боиси муайян намудани самти пешбурди сиёсати давлатӣ мегардад. Таҷрибаи кишварҳои боло номбаршуда ба мо баръало нишон медиҳанд, ки қабул накардани пешниҳоду дархостҳои қишрҳои алоҳидаи аҳолӣ боиси шикаст хӯрдани сиёсати як низом гашта метавонад. ВАО ва иқтидори асосии он идеологияи аҳолӣ метавонад, ҳамеша бо он ки манфиати аҳолӣ ҳимоя карда шавад, боиси муайян гардидан, иваз шудан ва ё пурра аз байн рафтани ин ё он қарори давлатҳову ҳукуматҳо гардида бошад.

Саволи дигаре, ки зимни пурсишнома аз коршиносону мутахассисон пурсида шуд, бештар ба масъалаи муқоисагузорӣ миёни ВАО-и Ғарбу Шарқ,

махсусан, кишварҳои пасошӯравӣ ва Амрикову Аврупо мебошад. Мутаассифона, дар давраи Шуравӣ тавре борҳо таъкид карда шуд, воситаҳои ахбори омма ҳамчун абзори сиёсӣ аз ҷониби гурӯҳҳои дар сари қудратбуда, васеъ истифода бурда мешуд. Ҳизби коммунистии иттиҳод ва воҳидҳои он дар кишварҳои иттифоқӣ ҳама гуна матолиби дар ВАО нашршавандаро аз назари пурраи таҳлили намояндагони мақомоти дахлдор гузаронида, пасон ҷиҳати нашр иҷозат медоданд ва ё баръакс нашр намекарданд. Ин омил боиси паст рафтани сатҳи рақобатнокии рӯзноманигорон, боло гирифтани сензура дар соҳа ва аҳаммияти амалии худро аз даст додани касби пурифтихори рӯзноманигорон мегардид.

Бояд таъкид кард, ки дар баробари чунин фазои номусоид, ки аксаран ба матолиби дорои аҳаммияти сиёсӣ ва амниятӣ равона гардида буд, дар давраи Ҳукумати Шуравӣ журналистикаи таҳлилӣ ва танқидӣ низ ба сатҳи баланди инкишоф расида буд. Албатта, ин омил бештар ба сиёсати пешгирифтаи ҳизб ва манфиатҳои он вобастагӣ дошт. Вале новобаста ба ин фаъолият намудани рӯзномаву мақолаҳое, ки ошкоро ва ё ғайриошкоро ба танқиди ин ва ё он фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ё намояндагони он машғул буд, аз он шаҳодат медиҳад, ки сензураи мутлақ вуҷуд надошт. Пас аз эълони сиёсати “бозсозӣ” дар соли 1985 ва авҷ гирифтани ошкорбаёнӣ дар ҷомеа мавқеи ВАО боло рафт. Шумораи зиёди рӯзномаву маҷаллаҳои ғайридавлатӣ, ки дар солҳои охири ҳокимияти Шуравӣ ба табъ мерасиданд, аз он далолат медоданд, ки сатҳи нави инкишофи матбуот дар тамоми кишварҳои пасошуравӣ фаро расидааст.

Оид ба масъалаи самаранокии истифодаи таҷрибаи ВАО-и ғарбӣ дар фазои пасошуравӣ метавон ҳаминро қайд намуд, ки кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ҳамчун ворисони минтақавии Иттиҳоди Шуравӣ бо ба даст овардани истиқлолияти худ якбора ба фазои кушоди иттилоотӣ ворид гардиданд. Ҳарчанд дар интиҳои ҳукмронии иттиҳод то дараҷае озодии баён дар ҷомеа ташаккул ёфта бошад ҳам, дастрасӣ ба манбаъҳои бузурги иттилоотии кишварҳои Ғарб мавҷуд набуд. Танҳо пас аз расидан ба Истиқлоли комили худ кишварҳои пасошуравӣ тавонистанд, аз чаҳорчӯбаи шахшудаи иттилоотии Шуравӣ раҳоӣ

ёбанд ва методу усулҳои нав ба нави фаъолияти рӯзноманигориро аз худ намоянд.

Вақте нақш ва дараҷаи ВАО-ро дар кишварҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ мебинем, ба ақидае омада метавонем, ки шояд истифодаи ин таҷриба барои кишварҳои мо, аз ҷумла, Тоҷикистон манфиатнок бошад. Дар асл ин ақида дуруст аст, аммо дар замони муосир, ки бархӯрди тамаддунҳо ва ҷаҳонишавии фарҳангҳо унвон карда мешавад, имкони истифодаи дурусту самараноки ин таҷриба наметавонад, танҳо бо ба роҳ мондани фаъолияти модели муайяне самаранок бошад. Пеш аз ҳама, бояд талаботи ҷомеа, аҳолӣ ва зиёиёни кишвар ба назар гирифта шуда, пас он бо фарҳангу менталитети кишвар мувофиқ намудани ин таҷриба метавон онро ошкоро истифода намуд. Дар ин бора иштирокчии пурсишномаи мо чунин андеша баён намудааст: «Таҷрибаи мамолики ғарб барои кишварҳои пасошӯравӣ қисман қобили қабул аст, зеро минталилети афроди ҷомеа ва шароити фарҳангӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҳатто идеологии мардум бояд ба инобат гирифта шавад. Яъне, гарчанде таҷрибаи мамолики Ғарб самаранок ҳаст, вале барои мо айни он шояд маҳсулнок набошад ва баръакс омилии ноороми ва ноамнии кишварҳо гардад» [165].

Дар баробари ақидаи самаранокии таҷрибаи кишварҳои ғарбӣ баъзе аз иштирокчиёни пурсишнома ақидаи дигаргуна низ пешниҳод намудаанд. Дар миёни ин қавоид мушоҳида намудани андешае, ки гӯё пиёда сохтани таҷрибаи ғарбӣ дар ВАО-и кишварҳои пасошуравӣ худ қисме аз сиёсати кишварҳои ғарб мебошад, хеле ҷолиб буд. Мусоҳиби мо ин андешаи худро «пиёда кардани стандартҳои ғарбӣ» [165] унвон намудааст. Шояд андешаи ин респондент ба дараҷае дуруст бошад. Аммо наметавон инро ба он баҳо дод, ки ҷомеа дидаву дониста мехоҳад, дар ин росто ғарбигароиро тарғиб намояд. Тавре алакай қайд намудем, истифодаи ин таҷриба самаранок аст, дар ҳоле ба урфу одату анъана ва манфиатҳои миллӣ мувофиқ гардонида шавад.

Дар кишварҳои Ғарбӣ бар асари ташаккули илму техника ва бештар гардидани имконоти таҳлилӣ, ки онро бештар авҷи саводи расонаӣ унвон менамоянд, имкониятҳои бештару хубтари ташаккули ВАО ба вуҷуд омадааст.

Аммо инро танҳо ба омили илмӣ тавъам донистан ба дараҷае хато мебошад, зеро бештар он аҳаммияти сиёсиро низ дорад. Ин кишварҳо, ки роҳи тараққиёти сармоядорӣ ва режими демократиро пеш гирифтаанд, аз ВАО ҳамчун воситаи асосии ҳифзи озодии сухан ва таъмини ҳуқуқҳои инсон истифода менамоянд. Ба манфиати кишварҳои пасошуравӣ будани истифодаи ин таҷрибаро респонденти дигари мо чунин баён намудааст: «Кишварҳои пасошӯравӣ низ ба худ роҳи рушди демократиро интихоб кардаанд ва дар конститутсияҳои худ инро дарҷ намудаанд. Ҳамин ҳолат худ аллакай дар назар дорад, ки давлат озодии суханро кафолат медиҳад ва тасмим гирифтааст, ки ба фаъолияти ВАО мусоидат намояд» [165].

Аслан мушкилоти матбуоти чи тоҷикӣ ва чи дигар кишварҳои минтақаро на дастрасӣ ба иттилооту имконоти татбиқи он, балки норасоии мутахассисони касбии соҳаи рӯзноманигорӣ ташкил менамояд. Дар ҳар ҷомеа маҳз мутахассисон боиси тараққӣ ёфтани ин ё он соҳа мегарданд. Омӯзгори хуб шогирдони хуб ба воя мерасонад, духтури хуб солимии ҷомеаро таъмин менамояд. Аз ин ҷост, ки бояд насли рӯзноманигорони нави миллӣ бошууру босавод, соҳиби завқи баланд ва талаботи касбӣ бошанд. Иштирокдори дигари пурсишномаи мо мушкилоти журналистикаи муосири пасошуравиро бештар ба рушд накардани журналистикаи озод вобаста медонад ва шароити кунуниро дар соҳа чунин баҳогузорӣ намудааст: «Мушоҳида мешавад, ки журналистони варзида ва касбӣ бештар дар ВАО-и ҳукуматӣ ва журналистони ғайрикасбӣ, ки аксар вақт меъёрҳои журналистикаро риоя намекунанд, дар ВАО-и озод фаъолият доранд. Яъне, дар мисоли Тоҷикистон ВАО ба манфиати режими сиёсӣ амал мекунад, чун шохаи ВАО-и ҳукуматӣ фаъолтар аст. ВАО-и хусусӣ бошад, ба манфиати шахсони алоҳида (асосан муассисони ВАО) фаъолият бурда истодаанд ва гӯё ҳадафашон фақат муаррифии чеҳра ва шахсиятҳои «худӣ» мебошад» [165].

Аз ҳамаи таҳлилҳои боло ба хулоса омадан мумкин аст, ки ба саволе, ки дар фазои пасошуравӣ аз расонаҳо чӣ гуна маҳз истифода мешавад, ҷавоби рӯшан нест. Ҳар як ҳолат беназир аст ва ба вазъияти мушаххаси сиёсӣ вобаста

аст. Дарояндаи наздик рушди расонаҳои мустақил дар фазои пасошуравӣ ба таҳкими ҷомеаи шаҳрвандӣ, рушди иқтисодӣ ва ислоҳоти сиёсӣ вобаста хоҳад буд, ки бо эътимоди зиёд талабот ба иттилооти саҳеҳу саривақтӣ ва матбуотро бештар менамоянд.

Тавре аллакай дар боби алоҳидаи рисолаи мазкур қайд намудем, телевизион аз давраи аввали пайдоиши худ то имрӯз ҳамчун воситаи асосии дастрасӣ ба иттилоот барои аҳолӣ ва ҷомеа боқӣ мемонад. Аҳаммияти хоси телевизион дар муқоиса бо дигар барандагони иттилоот аз он иборат аст, ки телевизион дар баробари хабару иттилоот, инчунин, бевосита тасвирҳои амалиро инъикос менамояд, ки аҳаммияти бештарро соҳиб мегарданд. Дар замони муосир телевизион ҳамчун барандаи иттилооти шаклу хусусиятҳои нав ба нави пешбурди фаъолиятро касб намуда истодааст. Махсусан, тарзу усули муосири омоданамоии барномаҳои таҳлилӣ, шоуҳо ва ток-шоуҳо шумори бинандагони телевизионро метавонад бештар намояд. Телевизион ҳамчун объекти муҳимми стратегӣ майдони васеъ ва мусоид барои мафкурасозӣ мебошад.

Телевизион яке аз шаклҳои муҳимми иттилоърасонӣ назар ба дигар шаклҳои ВАО бештар таъсирнок аст. Зеро мардум назар ба радиову сомонаҳо бештар шабакаҳои телевизиониро тамошо мекунанд ва ҳатман он болои афкори ҷомеа таъсири худро мегузорад. Як хабари телевизионӣ метавонад андешаи мардумро доир ба рӯйдоди рӯзмарра дигар намояд. Масалан, вақте мардум аз ҳар ҷо овозаҳо дар бораи гароншавии маҳсулоти ниёзи аввалро мешунаванду ва гӯё захираи кофӣ дар ин масъала вуҷуд надорад, аммо вақте телевизион роҷеъ ба ин масъала бо нишон додани анборҳои пурри маҳсулот гузориш пешниҳод мекунаду дурӯғ будани овозаҳоро исбот месозад, дар ин ҷо албатта мардум ба ин чиз бовар мекунанд ва ором мегарданд. Ин мисоли воқеиест, ки чанд сол қабл ҳангоми хуруҷи COVID-19 дар кишвар мушоҳида намудем.

Бо вуҷуди инҳо, метавон қайд намуд, ки телевизион дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан, барои аҳолии минтақаҳое, ки дар он дастрасӣ ба интернет маҳдуд аст, манбаи асосӣ ва сарчашмаи ягонаи ба даст овардани

иттилооти муътамад ва боварибахш мебошад. Ин андешаро мусоҳиби мо қобили қабул медонад ва илова менамояд, ки «Телевизион барои қишри васеи аҳолӣ дастрас аст ва аксар вақт манбаи асосии ахбор барои мардум аст, бахусус дар кишварҳое, ки инфрасохтори интернети нокифоя аст» [165].

Тавре қайд намудем, дар замони ҳозира ҷойи аксари барандагони қаблии иттилоот, матбуотро воситаҳои муосири техникӣ иваз намудаанд. Мутаассифона, имрӯз иқтидори хабаррасонии интернет, сомонаҳои иҷтимоӣ ва дигар навъи расонандагони иттилоот нисбат ба телевизиону рӯзномаҳо баландтар мебошад. Ин аст, ки дар аксари кишварҳои ҷаҳон имрӯз ҷойи ҳам телевизиону ҳам газетаву рӯзномаҳо танг гардидаасту ин воситаҳо хонанда ва мухлиси худро аз даст додаанд.

Дар баробари ҳамаи ин, мусоҳибони мо аз ин ки мавқеи телевизион дар замони муосир дар таъсир ба афкори ҷамъиятӣ чӣ гуна аст, фикру андешаи мухолифи худро доранд. Дар ҳоле ки гурӯҳи мусоҳибони мо аз таъсири амиқи телевизион ба шаклгирии афкори ҷамъиятӣ сухан гуфтаву роҳу воситаҳои беҳтар намудани онро матраҳ намудаанд, баъзе дигар ин андешаро инкор менамоянд [165].

Яке аз мусоҳибон дар андешаҳои худ масъалаи вобаста ба аҳаммияти телевизионро бисёр дуруст ва бо нозукӣ баррасӣ намуда, нақши онро дар таъсир ба афкори ҷамъиятӣ ба ду чиз вобаста медонад: «Ба назари мо он аз ду омил вобаста аст: 1) аз объекти иттиллот, яъне, масъалаи баррасишаванда, 2) аз дараҷаи эътимоди мардум ба шабакаи телевизионӣ» [165]. Аслан, ба ин андеша мувофиқ набудан ҳам ғайриимкон аст, дар ҳақиқат барои таъсиррасонӣ ба чизе бояд нуқтаи таъсир муайян карда шавад. Дар шароити мо нуқтаи таъсирро иттилоот ва дараҷаи эътимоднокии он муайян менамояд. Аз ин ҷост, ки телевизион танҳо бо ҷавобгӯ будан ба ин ду талабот дар замони муосир метавонад ба шаклгирии афкори ҷамъиятӣ то дараҷае таъсир расонида бошад.

Иштирокдори дигари таҳқиқот ақидаеро ҷонибдорӣ менамояд, ки ҳоло дигар телевизион дар ҷомеа соҳиби мавқеи хосе нест ва ҳоло замони интернет ва воситаҳои интернетӣ мебошад. Ӯ ҳатто мисол меорад, ки интихоботи

президентие, ки соли 2016 дар ИМА баргузор гардид, «интихоботи Твиттеру Фейсбук» [165] унвон намуда буданд. Яъне, имрӯз телевизион қобилият ва иқтидори таъсиррасонӣ ба шаклгирии фикру ақида ва андешаи ҷомеаро надошта, танҳо рисолати оддии хабаррасонии худро иҷро мекунаду халос.

Яке аз мусоҳибон бар он аст, ки то миёнаҳои даҳаи 2000-ум фазои телевизионии Тоҷикистон дар муқоиса бо баъд аз он, бо вуҷуди шумораи нисбатан ками шабакаҳо, дорои равандҳои фаъолтар ва унсурҳои рақобатпазирӣ байни муҳтавосозон будааст. Ба гуфтаи ӯ, шакли пешниҳоди барномаҳо, равиши эҷодии рӯзноманигорон ва интихоби мавзуъҳо метавонанд ин давраро ҳамчун марҳилаи бештарини такомули муҳити телевизионӣ таъриф намоянд.

Дар масъалаи таъсири барномаҳои сиёсӣ ва дебату ток-шоуҳо дар натиҷаҳои маъракаҳои муҳимми сиёсӣ аксаран иштирокдорони пурсишнома ҷавобҳои якхела пешниҳод намудаанд. Аксаран онҳо аз намунаи дар Амрико ва Аврупо истифодашавандаи дебатҳои телевизионӣ қабл аз маъракаҳои интихоботӣ ҷонибдорӣ намуда, ба андешае, ки дар назди экранҳои телевизион ба саволҳои аҳолӣ ҷавоб додани номзадон барои қарори қабул аз тарафи интихобкунандагон кумаки амалӣ мерасонад, роҳи будани худро баён доштаанд. Аҳаммияти хосси ин навъи барномаҳои телевизионӣ дар он зоҳир мегардад, ки ҳар интихобкунанда қаблан аз нақшаи номзад огоҳ гардида, доир ба шароитҳо ва вазъияте, ки метавонад давоми раёсати ӯ ба вуҷуд оянду номзад онро бояд дар кадом шакл ҳал кунад, ҷавоби заруриро пайдо месозанд.

Воситаҳои ахбори омма дар замони муосир василаи муҳимми таъсиррасонии сиёсӣ маҳсуб мешавад, зеро он афкори ҷамъиятиро ташаккул медиҳад, қудратро назорат мекунад ва майдони баҳсро фароҳам меорад. Аз ин ҷост, ки дар замони муосир нақши расонаҳо нисбат ба дигар навъи воситаҳо бештар мебошад. Дар навбати худ, ба расонаҳои давлатӣ ва хусусӣ тақсим шудани расонаҳо дар айни замон миёни хонандагон саволи муҳимми дигареро ба вуҷуд меорад. Кадом навъи ин расонаҳо боэътимод ва сарчашмаи иттилооти он қавитар мебошад.

Барои ин зарур аст, ки қабл аз он ки байни ҳардуи ин расонаҳо монандӣ ва ё фарқро муайян созем, ибтидо мебояд, вазифа ва ё рисолати рӯзноманигоронро новобаста аз шакли фаъолияташон дар расонаи давлатӣ ва ё хусусӣ муайян созем. Ин масъаларо мухотаби мо бамаврид ва ба таври мушаххас муайян намудааст:

«Дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ яке аз хатарҳои ҷиддии мавҷуда ин ҷангҳои иттилоотӣ аст. Барои иштирок дар онҳо ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ журналистон-иштирокдорони моро мебояд:

1. Дониши сиёсӣ, таърихӣ, фарҳангӣ ва дипломатӣ дошта бошанд;

2. Этикаи муошират ва ибрози назарро ба таҳлили амиқ ва риояи қоидаҳои имлоиву техникӣ ба роҳ монанд;

3. Кӯшиши паст задани шаъну эътибор, муқаддасоти давлативу миллии давлати дигар ва ё шахси сеюмро надошта бошанд.

4. Истифодабаранди хуби техникаву технологияи замонавӣ буда, аз навгониҳои ҷаҳон ва хабарҳои охирон огоҳ бошанд» [165].

Аз ин вазифагузориҳо ва муайяннамоии рисолати расонаҳо метавон ба қароре омад, ки новобаста ба шакли фаъолият ва сарчашмаи маблағгузорӣ, бояд рӯзноманигор, пеш аз ҳама, ҷонибдори ҳақиқат ва мудофеи пешсафи манфиатҳои миллӣ бошад. Ҳарчанд самаранокӣ ва ё майдони фарох дар ҷамъоварии маводу иттилоот ба рӯзноманигорони расонаҳои хусусӣ мавҷуд будаву маблағгузорӣ низ ба онҳо зиёд аст, вале новобаста ба ин, рисолати аввалиндараҷаи рӯзноманигорон ҷонибдори мавқеи ҳақиқат будани онҳо мебошад. Иштирокдорони пурсишномаи мо низ аксаран ба ин ақида ҷонибдорӣ баён намуда, қайд менамоянд, ки новобаста ба таъсири мақомоти давлатӣ ва ё моликони расонаҳои хусусӣ бояд, пеш аз ҳама, манфиати ҷомеа ва аҳолӣ тавассути ҳама навъҳои васоити ахбори омма баён карда шуда, маълумоти дақиқу дорои манбаи боэътимод расонаӣ карда шавад, то ҷомеа ба таҳлука наафтаду низому оромӣ вайрон нагардад.

Доир ба ин масъала Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар маҷлиси тантанавӣ бахшида ба 100-солагии Рӯзи

матбуоти тоҷик, 11 марти соли 2012, таъкид намуда буданд: «Муҳим нест, ки рӯзноманигорон дар кадом самт – матбуоти давлатӣ ё матбуоти мустақил фаъолият доранд. Ҳадафи асосии матбуоти ҳукуматӣ ва мустақил ҳамчун ду шохаи бо ҳам пайвастаи матбуоти Тоҷикистон иҷрои рисолати касбӣ, яъне хизмати содиқона ва софдилона ба манфиати халқу Ватан мебошад» [165].

Воситаҳои ахбори омма дар ҷаҳони муосир муҳимтарин василаи сиёсӣ ба ташаккули афкори ҷамъиятӣ, рафтори овоздиҳӣ ва сафарбаркунии иҷтимоӣ таъсир мерасонанд. Тафовут байни расонаҳои давлатӣ ва хусусӣ ба сатҳи мустақилият ва тамаркуз марбут аст, ки ба мундариҷа ва дарки ҷомеаи онҳо таъсир мерасонад. Таъсири бештар ба афкори ҷомеа аз ҷониби телевизион, шабакаҳои иҷтимоӣ ва ВАО-и интернетӣ аз сабаби қобилияти зуд ва васеъ паҳн кардани иттилоот, ҳангоми ташаккули эҳсосоти ҷамъиятӣ ва афзалиятҳои сиёсӣ расонида мешавад.

Барои кишварҳои демократӣ таъмини озодии баён аз вазифаҳои аввалиндараҷа ба шумор меравад, ки аксаран аз ҷониби ҳамаи ҳукуматҳо кафолат дода мешавад. Аз ин ҷост, ки дар замони муосир бештар фазои сиёсӣ ва характери рушди давлатҳоро аз дараҷаи таъмини озодии баён дар ин кишварҳо баҳогузорӣ менамоянд. Таъмини озодии баён асосан ба сатҳи фаъолияти эҷодии ВАО ва дигар намояндагони матбуоти кишварҳо вобаста мебошад.

Сензура ҳамчун яке аз абзорҳои таъсиррасонии давлат ба ВАО дар шароити муосир на танҳо шаффофияти фаъолияти журналистонро коҳиш медиҳад, балки бо дарназардошти рушди технологияҳои рақамӣ ва дастрасии озоди иттилоот, татбиқи ҳамаҷонибаи он ба таври амалии пурра ғайриимкон гардидааст:

*1. Маҳдудияти дастрасӣ ба иттилоот:* Сензура ба рӯзноманигорон аз дастрасии озоди маълумот, бахусус, он чизе ки ҳукуматро танқид мекунад ё ба мавзуъҳои ҳассоси сиёсӣ дахл дорад, манъ мекунад. Натиҷаи ҳамин аст, ки нашрияҳо яктарафа шуда, манзараи тамоми воқеаро инъикос намекунанд.

*2. Худсензура:* Дар зери таҳдиди сензура рӯзноманигорон аксар вақт ба худсензура муроҷиат мекунанд ва аз пӯшиши мавзуъҳои душвор ё баҳсбарангез

худдорӣ мекунанд. Ин боиси таҳрифи фактҳо ва паст шудани сифати маҳсулоти журналистӣ мегардад.

*3. Коҳиши эътимод:* Вақте шунавандагон огоҳ мешаванд, ки васоити ахбори умум сензура мешаванд, он эътимод ба рӯзноманигорон ва умуман манбаъҳои иттилоотиро коҳиш медиҳад. Аудиторияи эҳтимолӣ ба ҷустуҷӯйи манбаъҳои алтернативӣ шуруъ мекунад, ки метавонад эътимоднок бошад ё ҳатто маълумоти бардурӯғ паҳн кунад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тавре борҳо қайд карда шуд, барои пеш бурдани фаъолияти солими рӯзноманигорӣ ҳамаи шароитҳои зарурӣ муҳайё мебошад. Бо такя ба муқаррароти моддаи 30-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки озодии сухан ва паҳнсозии ахборро кафолат дода, сензураро расман манъ менамояд [1], метавон гуфт, ки дар низоми ҳуқуқии кишвар заминаи мавҷудияти сензура вуҷуд надорад. Аз ин рӯ, ҳар гуна мудохила ба фаъолияти воситаҳои ахбори омма, ки боиси маҳдудсозии озодии баён гардад, бар хилофи принсипҳои конститутсионӣ мебошад. Ин андешаро мусоҳибони мо низ дастгирӣ менамояд. Масалан ҳамсуҳбати мо доир ба масъалаи мазкур чунин баёни андеша намудааст: «Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешгирии сензура ва таъмини озодии баён якчанд чораҳо андешида шудаанд, аз ҷумла қонунгузории марбут ба ВАО ва ҳуқуқи рӯзноманигорон» [165].

Дар миёни ин ҳама андешаҳо фикру ақидаи респеонденти мо дар пурсишномаи сотсиологӣ №6 бештар ҷолиби диққат мебошад [165]. Ба ақидаи ин мусоҳиби мо ҳарчанд дар Тоҷикистон озодии баён ва фаъолияти озоди ВАО аз ҷониби давлат кафолат дода шуда бошад ҳам, худмаҳдудкунӣ ва ё таҳқиқгузориву санҷишҳои пешакии матолиби нашршаванда аз ҷониби сармуҳаррирон, сарпарастон ва ё саҳмдорони газетаву рӯзномаҳо ва хусусан дар матбуоти хусусӣ аз ҷониби соҳибмулкон баръало мушоҳида мешавад.

Ба андешаи мо, худмаҳдудкунӣ ба фаъолияти озоди рӯзноманигорӣ хатари ҷиддӣ ворид месозад. Аммо мушкилоти амниятӣ, таҳдиду хатарҳои рӯз аз рӯз афзоишёбандаи гурӯҳҳои гуногуни хиёнаткор, ки сарпарастии онҳоро гуруҳҳои хориҷӣ бар уҳда доранд, метавонад тавассути матлабҳои намояндагони ВАО ба

ҷомеа таҳдид ворид намояд. Аз ин ҷост, ки танзим ва таҳлили пешакии матолиби нашршаванда ва пешгирии таҳдид ба афкори ҷомеа ба ҳар сурат моро ба фикре мебарад, ки худмаҳдудкунӣ дар фаъолияти баъзе расонаҳо дида мешавад. Маҳз ба хотири ин бояд ба назорати кунунии фазои матбуотии кишвар на ҳамчун худмаҳдудкунӣ, балки ҳамчун роҳи таъмини амнияти милливу давлатӣ баҳо дод ва чунин қазоват намуд.

Яке аз масъалаҳои асосӣ ва ё паҳлуи муҳимми саволҳои саволномаи моро муайян намудани афкори шахсии рӯзноманигор ва дараҷаи таъсири ин афкор ба матолиби нашршаванда ва паҳншавандаи ӯ вобаста мебошад. Аслан маҳаки асосии фаъолияти рӯзноманигориро маҳорати касбӣ, завқ ва хоҳишҳои рӯзноманигор ташкил менамояд. Ҳарчанд аксаран дар шароити муосир ва махсусан дар фазои кишварҳои минтақа ба ин чандон аҳаммият дода намешавад, аммо маҳорати касбии рӯзноманигорӣ дар телевизион ва ё хабарнигорӣ дар ин ё он рӯзномаву маҷалларо ҳар шахс соҳиб буда метавонад. Аммо қобилият ва зақу хоҳиши на ҳамчун касб барои даромад, балки ҳамчун шуғли дӯстдошта пеш бурдани онро имрӯз аксари рӯзноманигорон соҳиб нестанд. Албатта, ин ҳолат ба мафкура ва ҷаҳонбинии ҳар як шахс вобаста аст. Асли мақсад дар он аст, ки вақте рӯзноманигор ба касби худ на ҳамчун шуғли дӯстдошта, балки ҳамчун манба ва ё сарчашмаи даромад назар андозад, он гоҳ ин метавонад минбаъд бар зарари давлату ҷомеа хизмат намояд ва таҷрибаи талхе, ки борҳо дар таърих рух додааст, такрор ёбад.

Барои рӯзноманигор доро будани нуқтаи назари шахсӣ басо муҳим аст. Аммо хатарзо он аст, ки агар рӯзноманигор матолиби худро на бар пояи ҳақиқат, балки бар пояи ақидаи шахсии худ ва ё корфамои худ анҷом диҳад, дар ин ҳолат андешаи ҳақ ботил мегардад ва фикри хонанда аҳаммияти худро гум мекунад. Аз ин ҷост, ки вақте ба иштирокдорони пурсишнома бо ин савол муроҷиат намудем, ҷавобҳои мутафарриқ гирифтем.

Аз ҷумла, респонденти мо истифодаи ақидаи шахсӣ ва гурӯҳии рӯзноманигорро хатар ба давлату ҷомеа баҳо дода, онро омили носолимии ҷомеа муаррифӣ намуд: «Баҳодиҳии яктарафаи масъалаҳои сиёсӣ, надоштани

дониши фарох ва нуқтаи назари таҳлилии журналист ба амнияти давлат ва иқтидори мудофиавии кишвар метавонад таъсири ҷиддӣ расонад» [165].

Ҳамсуҳбатони дигари мо бар он ақидаанд, ки маҳз мафкура ва диди шахсии рӯзноманигор метавонад боиси ба вуҷуд омадани баҳодиҳии якҷониба нисбат ба масоили муҳими иҷтимоӣ гардад, ки дар навбати худ метавонад равандҳои иҷтимоиро таҳриф намуда, ба нодуруст шакл гирифтани афкори умум мусоидат намояд. «Баҳодиҳии яктарафа ба масъалаҳои сиёсӣ ва амниятидошта дар расонаҳо метавонад мардумро гумроҳ намуда, танишҳои иҷтимоиро афзоиш диҳад. Хабарҳои беасос ва сармоягузоришуда аз хабарҳои воқеӣ бо таҳриф ва ғаразнокии худ фарқ мекунанд»,- мегӯяд иштирокчии дигари пурсишнома.

Сабаби баҳодиҳии яктарафаи масоили сиёсиро аксаран ҳамсуҳбатони мо ба мавҷуд будани омили коррупсионӣ ва ё маблағгузории матлаби нашршаванда вобаста медонанд ва илова менамоянд, ки ин чиз шарафу номуси касбии рӯзноманигорро паст ва мавқеи онҳоро дар ҷомеа поён мебарад. Новобаста аз ҳама, мафкура ва дигар ақидаҳои шахсии рӯзноманигорон таъмини амнияту осудагӣ хабари ростқавлона ва поквиҷдононаро талаб менамояд. Маҳз ин нуқтаро мусоҳиби мо чунин қайд намудааст: «Фарқи байни хабари беасос ва хабари воқеӣ дар сатҳи воқеъбинӣ, саҳеҳӣ ва гуногунандешии андешаҳост. Барои нигоҳ доштани эътимод ва огоҳ кардани ҷомеа, барои рӯзноманигории объективӣ ва мутавозин кӯшиш кардан муҳим аст» [165].

Муҳимтарин саволи пурсишномаи мазкурро фикру андешаи муҳаққиқону коршиносон дар бораи фазои кунунии журналистикаи тоҷик ташкил менамояд. Албатта, фазои матбуоти тоҷик барои кишваре чун Тоҷикистон, ки соҳиби таърихи начандон тулонии соҳибистиқлолӣ мебошад, созгор ва ҳатто аз имкон бештар аст. Аммо танҳо бо фароҳам овардани шароити муосир намешавад ба натиҷаи дилхоҳ шарафёб гардид. Ин аст, ки саволи асосие, ки ба коршиносон ва собиқадорони соҳаи журналистика, инчунин, рӯзноманигорони ҷавон пешниҳод карда шуд, маҳз андешаҳои онҳо доир ба матбуоти миллӣ ба шумор мерафт.

Азбаски савол фароху доманадор ва паҳлуҳои баррасишавандаи он бисёр буд, ҷавобҳо низ баъзан ғайриинтизор ва гуногунранг буданд. Масалан, яке мусоҳиби мо «фазои кунунии матбуоти тоҷикро барои тамоми кишвар ва аҳолии он созгор ва ҷавобгӯ ба манфиатҳои миллӣ унвон намудааст» [165]. Ин ақидаро ҳамсуҳбатони дигари мо қобили қабул шуморидаанд ва нуқтаҳои ба назари худ ҷузъиеро илова намудаанд.

Иштирокдорони дигари пурсишнома ва ҷавобҳои онҳо аҷибтар ва ҳатто дар баъзан ҳолатҳо баҳсталаб низ мебошад. Масалан яке аз мусоҳибони мо чунин ақида дорад, ки фазои мутбуотии кишвар таҳти назорати қатъӣ ва ҳамешагии давлат қарор дорад. Ин ақидаро ба таври зайл иброз намудааст: «Фазои иттилоотии муосири Тоҷикистон дорои таъсири назарраси давлат ба ВАО мебошад, ки баъзан озодии баён ва гуногунии афкорро маҳдуд мекунад. Матбуоти Тоҷикистон умдатан аз барномаи расмӣ пуштибонӣ карда, дар ташаккули афкори ҷомеа мувофиқи идеологияи давлатӣ саҳм мегузорад» [165].

Дар пайравии ақидаи мазкур, мухотаби дигари мо низ маҳз мушкилоти марбут ба назорати ҷиддӣ ва мушкилоти иқтисодии расонаҳои иттилоотиро мушкилоти матбуоти тоҷик унвон намудааст: «Фазои кунунии иттилоотии Тоҷикистон бо назорати ҷиддӣ ва маҳдудиятҳои иқтисодӣ дар фаъолияти расонаҳо хос аст» [165].

Назари мухотаби дигари мо бештар диққатҷалбкунанда аст. Ӯ бар он аст, ки матбуоти тоҷик дар арафаи нобудӣ ва куллан аз байн рафтан қарор дорад: «Матбуоти тоҷик охирон нафасҳои худро мекашад. Танҳо нашрияҳое «зинда» мемонанд, ки ба кори чандрасонаӣ гузаштаанд» [165].

Қобили зикр аст, ки ҳамраъйӣ ё қабул кардани кулли андешаҳо ва изҳороти иштирокдорони пурсишнома дар сатҳи илмӣ на ҳамеша имконпазир мебошад, зеро гуногунандешӣ ва тафовутҳои назарӣ яке аз хусусиятҳои табиии раванди таҳқиқот маҳсуб меёбанд. Мақсади асосии таҳқиқи мазкур низ дар он ифода меёбад, ки бо роҳи таҳлили фикру андешаҳои мухталиф, як тасвири воқеӣ ва илмии вазъи имрӯзаи ВАО ба даст оварда шавад. Ҳамзамон, мо кӯшиш мекунем, на танҳо мушкилоти мавҷударо муайян кунем, балки имконоти рушди

минбаъдаи соҳа, роҳи бартарафсозии маҳдудиятҳо ва ояндаи кори расонаҳоро низ дар партави дидгоҳҳои гуногун таҳлил намоем.

Тоҷикистон кишвари ҷавон ва тозаистиқлол мебошад ва матбуоти он, ки сарчашма ва ибтидояш таърихи беш аз садсола дорад, барои шароити кунунии кишвари ҷавон аз бисёр ҷиҳатҳо ҷавобгӯйи талаботи давр мебошад. Вале мушкилоте, ки аксари иштирокчиёни пурсишнома онро қайд намудаанд, масъалаҳои ҷузъӣ ва назарногир намебошанд ва барои беҳтар гардидани вазъи матбуоти ватанӣ қадами муҳим ба шумор меравaнд. Дар ин ҷо нишон додан ва пешниҳод намудани роҳи ҳалли мушкилоти соҳа, ки тӯли солҳо мушоҳида шудаанд, фазои матбуоти мамлакатро беҳтару хубтар мегардонад.

Дар Тоҷикистон имрӯз шаклгирии афкори ҷамъиятӣ ва таъсири ВАО ба аҳолӣ мисли солҳои пешин бузург ва назаррас нест. Вале новобаста ба ин, имкони тағйир додани ҳолат ва бештар намудани таъсири матбуот ба аҳолӣ мавҷуд аст. Барои ин, зарур аст, то дар ҷараёни фаъолияти рӯзноманигорӣ ба арзишҳои миллӣ, фарҳангӣ арҷ гузошта шавад ва қоидаҳои касбияти рӯзноманигорӣ риоя гардад. Дар чунин ҳолат матлабҳои дар матбуот нашршаванда нуқтарас ва ба мақсад мувофиқ мегардад. Аммо ин танҳо ба сатҳи озодии сухан ва таъмини озодии баён вобаста нест, балки маҳорати касбии рӯзноманигорон ва тарзу усули воқеъбинонаи хабаргузорӣ низ басо муҳим мебошад. Ҳамаи ин нуқтаҳо дар ҷараёни баррасии зербоби мазкур пурра баррасӣ карда шудаанд ва хулосаҳои асосӣ ва ниҳоӣ оид ба масъалаи мазкур дар қисмати хулосаи рисолаи илмӣ баён карда мешаванд.

Дар асоси таҳлили маводди бадастомада равшан гардид, ки муносибати ҷомеа ба фаъолияти ВАО дар Тоҷикистон то ҳадди зиёд зери таъсири омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ шакл мегирад. Таҳқиқ нишон дод, ки миёни ҷомеа ва расонаҳо фазои мутақобилаи эътимод дар сатҳи кофӣ ташаккул наёфтааст, ки он метавонад ба сифат ва муҳтавои паҳншавии иттилоот таъсири мустақим расонад. Аз як тараф, шароити ҳуқуқиву иқтисодии фаъолияти матбуот омилест, ки муҳтавои иттилоотро маҳдуд менамояд, аз тарафи дигар, худи ҷомеа низ ба

расона ҳамчун воситаи таъсиррасон ва тағйирдиҳандаи воқеият ба назар мерасад, ки ба таври ҷиддӣ муносибат намекунад.

Ин ҳолат собит месозад, ки танҳо мавҷудияти расонаҳо ҳамчун институти иҷтимоӣ кафолати таъсиргузории онҳо ба афкори ҷомеа нест, агар ин таъсир бо мазмун, боэътимодии иттилоот ва риояи меъёрҳои касбии рӯзноманигорӣ ҳамоҳанг набошад. Аз ин рӯ, масъалаи бозсозии эътимод миёни ҷомеа ва ВАО, тақвияти мустақилияти муҳтавои расонаӣ, рушди қобилияти таҳлилии рӯзноманигорон ва таъмини муҳити шаффофи иттилоотӣ бояд самтҳои афзалиятноки ислоҳот дар ВАО-и кишвар бошанд.

## 3.2. Таъсири расонаҳо дар шинохти аудитория

Ташаккул ва рушди технологияи муосир боиси беҳтар гардидани зиндагиву ҳаёти инсонҳо гардид. Интернет, телефонҳои мобилӣ, телевизион ва дигар олоти технологӣ ҳаёти мо, инсонҳоро тағйир ва то ҳол ба тағйир додани зиндагии инсоният идома медиҳад. Дар замони муосир ҳаёти бе техникаву технология бисёр душвор мебошад. Маҳз ташаккули технологияи муосир сабаби он гардид, ки ВАО ҳамчун ягона манбаъ ва сарчашмаи иттилоотрасонӣ мавқеи худро аз даст дода бошад. Аммо бо ин гуфтан ғайриимкон аст, ки матбуот, шабакаҳои телевизионӣ ва ё дигар сарчашмаҳои иттилоотӣ дар замони муосир мавқеи худро пурра аз даст дода бошанд.

Дар ҷаҳони муосир васоити ахбори омма омилҳое мебошанд, ки ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таъсир мерасонанд. Нақши ВАО дар стратегияи рушд, ташаккули афкори ҷамъиятӣ, таъйини самтҳои рушди равандҳои иҷтимоӣ ва сиёсии давлатҳои ҷавону мустақили миллӣ махсусан бузург ва назаррас аст. Огоҳӣ ва баҳодиҳии объективии равандҳои муҳимми сиёсӣ, иҷтимоӣ ва маънавии дар кишвар ва ҷаҳон руҳдода маҳз бо ёрии васоити ахбори омма имконпазир аст. Бо дарназардошти имкониятҳои таъсиррасонӣ ба муносибатҳо ва равандҳои муҳимми иҷтимоӣ ва сиёсӣ, дар нақш ва масъулияти ВАО дар ҷомеаи муосир сояи шубҳа боқӣ намемонад. Тасодуфӣ нест, ки аз рӯйи дараҷаи таъсиррасонӣ ба афкори ҷамъиятӣ ВАО-ро ҳокимияти чорум меноманд.

Бо рушди бесобиқаи технологияҳои рақамӣ ва иттилоотӣ, шинохти аудитория, яъне, донистани сохтор, ниёз, ангезаҳо ва рафтори иттилоотии шаҳрвандон бо яке аз унсурҳои калидии фаъолияти муассир ва мақсадноки ВАО табдил ёфтааст. Ҷомеаи муосир бо як раванду фазои пурҳарорати иттилоотӣ рӯ ба рӯст, ки дар он на танҳо манбаъ, балки суръат, дақиқият ва муносибати ахлоқиву касбӣ ба паҳнкунии иттилоот низ аҳаммияти калидӣ доранд.

Дар чунин шароит, расонаҳо на танҳо нақши интиқолдиҳандаи иттилоотро мебозанд, балки ҳамчун омили ташаккулдиҳандаи воқеият, арзишҳо, рафтор ва дидгоҳҳои иҷтимоӣ амал мекунанд. Маҳз ба ҳамин далел, имрӯз масъулияти расонаҳо аз хабардиҳии одӣ фаротар рафта, ба таҳлил, баҳогузорӣ, таҳкимбахшии худшиносии миллӣ ва ҳидоятгари маърифат табдил ёфтааст.

Дар баробари ин, зарурати мутобиқ кардани муҳтаво бо ниёзҳои аудитория – аз рӯйи синну сол, сатҳи дониш, маҳал, ҷаҳонбинӣ ва манфиатҳо аҳаммияти бештар касб мекунад. ВАО, ки шинохти дақиқи аудиторияро дар маркази стратегияи худ қарор намедиҳанд, бо хатари аз даст додани таъсир ва эътимод рӯ ба рӯ мешаванд.

Дар раванди таҳкими низоми демократӣ, нақши воситаҳои ахбори омма, хосса матбуоти озод ва мустақил, ҳамчун ҷузъи муҳимми фарҳанги сиёсӣ, қобили таваҷҷуҳ аст. Тавре ки муҳаққиқ А. Алиев зикр мекунад: «Матбуоти озод ва мустақил ҳамчун атрибути асосии демократия низ аҳаммияти калон дорад. Аз як тараф он дар муқаррар кардани принсипҳои демократӣ дар ҷомеа нақши пешбарро мебозад, аз тарафи дигар ҳамчун нишондиҳандаи хусусияти демократия баромад мекунад» [11, с. 14].

Дар ташаккули асосҳои қавии давлатдории муосир ва ташаккули фарҳанги сиёсӣ ҳам дар тамоми ҷаҳон ва ҳам дар Тоҷикистон ҳоло зарурат ба истифодаи оқилонаи ВАО ба миён омадааст.

Яке аз ҳуқуқҳои бунёдии инсонро дастрасӣ ба иттилоот ва озодии баён ташкил медиҳад, ки заминаи меъёрии ин соҳа аз маҷмӯи санадҳои муҳими байналмилалӣ иборат аст. Дар ин замина, моддаи 13-и Конвенсияи амрикоии ҳуқуқи башар, ки соли 1978 татбиқ гардидааст, таъкид менамояд: «Ҳар кас ба

озодии сухан ва андеша ҳуқуқ дорад. Ин ҳуқуқ ҷустуҷӯ, дарёфт ва интиқоли ҳама гуна иттилоот ва ғояҳоро, новобаста аз марзҳо, ба таври шифоҳӣ, хаттӣ, чопӣ, бо воситаи санъат ва ё дигар усулҳои ихтиёрии шахс дар бар мегирад».

Воситаҳои ахбори омма яке аз абзорҳои муассири таъсиррасонӣ ба афкори ҷамъиятӣ ба шумор меравaнд. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки моҳияти ин таъсир дар тарзи таҳия, интиқол ва пешниҳоди иттилоот зоҳир мегардад, зеро ВАО, бо истифода аз усулҳои гуногуни иттилоотӣ, ахбори расидаро бо шарҳу таҳлили худ муаррифӣ мекунанд ва ба ин васила «ба ташаккули афкор, мавқеъ ва назари ҷомеа, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва афрод таъсири муайян мерасонанд» [16, с. 20-21].

Дар ҷомеаи муосир ВАО 3 вазифаи муҳимро иҷро мекунад:

- интиқоли иттилоот;
- шарҳи ҳодиса;
- арзёбӣ ё омӯзиши вокуниши ҷомеа ба маълумоти гирифташуда.

Фаъолияти иттилоотии ВАО метавонад, танҳо бо мақсади шарҳ ба рӯйдод ва равандҳои сиёсӣ назари муносиб ташаккул диҳад ва изҳор кунад. Вазифаи дигари матбуот танқид ва назорат аст. Ин вазифа барои демократикунонии ҷомеа ва таъмини қонунгузорӣ хеле муҳим аст. Вазифаи назорати матбуот ба таъсири афкори ҷамъиятӣ такя мекунад, зеро онҳо наметавонанд, даъвоҳои маъмурӣ ё иқтисодиро алайҳи вайронкунандагони қонун татбиқ кунанд. Аммо назорати матбуот дар бисёр ҳолатҳо нисбат ба кори мақомоти дахлдор самараноктар ва ҷиддитар аст. Зеро ВАО ба одамон ва рӯйдодҳо на танҳо арзёбии ҳуқуқӣ, балки ҳам арзёбии иҷтимоӣ ва ҳам арзёбии руҳонӣ медиҳад. Дар байни вазифаҳои дар боло номбаршудаи ВАО, вазифаи сафарбаркунии ҷамъиятӣ, махсусан, бо аҳаммияти давлатии худ фарқ мекунад. Дар ҷалби одамон ба ҳаракати муайяни иҷтимоӣ ва сиёсӣ ё беамалии бошуурона қудрати таъсири ВАО танҳо беандоза аст [16, с. 20-21].

ВАО дар ташаккули афкори ҷомеа дар ҳар кишвар нақши муҳим доранд, хусусан, дар Тоҷикистон, ки рушди устувори ҷомеа ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ аҳаммияти калон дорад. ВАО-и миллӣ ҳамчун манбаи асосии иттилоот ба

мардум хабарҳои воқеӣ ва боэътимодро пешниҳод намуда, ба огоҳии ҷомеа мусоидат мекунад.

Тавассути телевизион, радио, рӯзномаву маҷаллаҳо ва сомонаҳои интернетӣ, шаҳрвандон аз рӯйдодҳои дохилӣ ва байналмилалӣ огоҳ мегарданд. ВАО на танҳо хабар мерасонад, балки дар таҳкими ҳувияти миллӣ ва боло бурдани ҳисси ватандӯстии мардум нақши муҳим дорад. Инчунин, ВАО ба ташаккули афкори сиёсӣ мусоидат намуда, шаҳрвандонро аз сиёсати давлатӣ ва равандҳои муҳимми ҷамъиятӣ бохабар месозад. Ин огоҳӣ ба иштироки фаъолонаи мардум дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ ва таҳкими суботи миллӣ мусоидат менамояд.

Дар шароити ҷаҳонишавии иттилоот ва афзоиши бесобиқаи манбаъҳои хабарӣ, нақши васоити ахбори оммаи миллӣ ба ҳайси абзори стратегӣ дар ҳифзи манфиатҳои миллӣ беш аз пеш муҳим гардидааст. ВАО-и миллӣ, ки фаъолияти он ба арзишҳои фарҳангӣ, таърихӣ ва сиёсати иттилоотии давлатӣ такя мекунад, ҳамчун як навъ «сипари иттилоотӣ» бар зидди паҳншавии иттилооти ғаразнок, таҳрифшуда ва ё таблиғотии дорои ҳадафҳои беруна амал мекунад. Дар чунин муҳит, ки фазои иттилоотӣ, ҳамзамон, майдони рақобат ва таъсиргузорӣ гардидааст, расонаҳои миллӣ бояд на танҳо мақоми интиқолдиҳандаи иттилоот, балки муназзими афкори ҷамъиятӣ, ҳимоятгари суботи иҷтимоӣ ва инъикоскунандаи ҳадафҳои миллӣ бошанд.

Бо пешниҳоди муҳтавои таҳлилӣ, эътимоднок ва воқеӣ, расонаҳои ватанӣ метавонанд дар ташаккули дидгоҳҳои солими шаҳрвандон, боло бурдани сатҳи маърифати сиёсиву ҳуқуқии ҷомеа ва таҳкими ҳувияти миллӣ саҳми назаррас гузоранд. Ба ин тартиб, ВАО на танҳо иттилоотрасон, балки иштирокдори фаъоли равандҳои стратегии миллисозӣ ва ваҳдатгароӣ мебошад. Нақши онҳо дар тавсеаи худогоҳии миллӣ, тақвияти дидгоҳи ватандӯстӣ ва ташаккули масунияти иттилоотии ҷомеа дар замони ҳассоси ҷаҳонишавӣ решавӣ мебошад.

Яке аз ҳадафҳои асосии рисолаи номзадии мазкур омӯхтан ва муайян кардани нуқтаи назари ҷомеа вобаста ба таъсири матолиби дар ВАО нашршаванда ба онҳо мебошад. Махсусан омӯзиши ақидаи қишрҳои гуногуни

ҷомеа боиси мукаммалшавӣ ва таҳлили дақиқи масъалаи таҳлилӣ мегардад. Аммо дар раванди таҳқиқоти мазкур муҳим аст, қабл аз муайян намудани ақидаи ҷомеа ба назарияҳои мукаммали илмие, ки масъалаи мазкурро мавриди таҳлил қарор медиҳанд, диққат дода бошем. Илми муосир ба дараҷае рушд намудааст, ки ҳар як нуқтаи кӯчаки таҳқиқоти мазкур масъалаи баҳси назарияҳои гуногуни илмӣ гардида истодааст. Таъсири ВАО ба ҷомеа ва нақши он дар ташаккули афкори умум низ қисмати муҳими назарияҳои ҳам сотсиологӣ ва ҳам сиёсӣ мебошад.

Дар асри нав интернет, телефонҳои мобилӣ, телевизион ва дигар олоти рақамӣ на танҳо ҳаёти инсонҳоро осонтар намуданд, балки равандҳои иртибот ва интиқоли иттилоотро низ пурра дигар карданд. Ба гуфтаи Ҳаролд Лассуэлл, ки яке аз аввалин назарияпардозони илмии соҳаи коммуникатсия мебошад, ҳар як раванд ё амали иртиботӣ бо посух ба панҷ суоли калидӣ тавсиф мешавад: кист фиристанда, чӣ мегӯяд, ба воситаи кадом иттилоотрасон, ба кӣ ва бо кадом таъсир [39, с. 524-534]. Агар ин назарияро ба вазъи муосири ВАО татбиқ намоем, маълум мегардад, ки таъсири онҳо ба ҷомеа ба таври мустақим аз хусусияти паём, воситаи интиқол ва хосиятҳои иҷтимоиву фарҳангии қабулкунанда вобаста аст. Ҳамин тавр, ВАО ҳамчун фиристандаи асосии иттилоот, бо интихоби мавзуъ, шакл ва услуби паём, самти афкори ҷамъиятиро муайян месозад. Натиҷаҳои пурсишҳои сотсиологӣ низ нишон медиҳанд, ки шаҳрвандон бештар аз он манбаъҳое иттилоот мегиранд, ки дар онҳо паём ба таври равшан, муассир ва ба эҳтиёҷоти иттилоотии ҷомеа мутобиқ пешниҳод мегардад. Яъне таъсир маҳз аз мувофиқати байни «фиристанда кист» ва «ба кӣ» вобаста аст, ки ба моделе, ки Лассуэлл пешниҳод намудааст, пурра мутобиқат дорад.

Бо рушди бесобиқаи технологияҳои иттилоотӣ ва рақамӣ, ВАО аз мақоми воситаи одии иттилоотрасонӣ гузашта, ба омили таъсиргузори иҷтимоӣ ва сиёсии ташаккулдиҳандаи воқеият табдил ёфт. Дар ин замина, татбиқи назарияи таъйини рӯзнома (Agenda-Setting), ки аз ҷониби МакКомбс ва Шоу пешниҳод шудааст, аҳаммияти хос пайдо мекунад. Аз рӯйи ин назария, расонаҳо бо

интихоби мавзуъҳо ва такрори онҳо дар зеҳни ҷомеа «руйхати аҳамиятнокии масъалаҳо» [95, с. 56-59]-ро месозанд. Ҳангоми таҳлили пурсишҳои сотсиологӣ мушоҳида мешавад, ки аксари иштирокчиён ба он масъалаҳое таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд, ки дар барномаҳои телевизионӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ бештар инъикос меёбанд. Масалан, мавзуъҳои вобаста ба рушди миллӣ, сиёсати иҷтимоӣ ва ваҳдати миллӣ аз ҷумлаи мавзуъҳои зиёдтар такроршаванда мебошанд, ки ҷомеаро ба онҳо ҳассос гардондаанд. Ин ҳолат ба таври возеҳ собит месозад, ки ВАО тавассути сохти рӯзномаҳо ва интихоби мавзуъҳо самти афкори ҷамъиятиро идора мекунанд, ки ин мутобиқи қонунмандиҳои назарияи мазкур аст.

Аз ҷиҳати дигар, на танҳо интихоби мавзуъ, балки тарзи пешниҳоди он низ ба дарки иҷтимоӣ таъсир мерасонад. Дар ин замина, назарияи чаҳорчӯбсозӣ (Framing Theory), ки аз ҷониби Гофман ва Энтман ташаккул дода шудааст, аҳаммияти назариявии баланд дорад. Бар асоси ин назария, ВАО воқеиятро дар қолабҳои муайян пешниҳод мекунанд, ки ин қолабҳо дидгоҳи қабулкунандагонро шакл медиҳанд [34, с. 103-113]. Таҳлили ҷавобҳои пурсиш нишон медиҳад, ки вақте расонаҳо мавзуъҳоро дар қолаби арзишҳои миллӣ, худшиносӣ ва рушди иҷтимоӣ пешниҳод мекунанд, дар зеҳни шаҳрвандон эҳсоси ифтихор, масъулият ва иштироки шаҳрвандӣ тақвият меёбад. Аммо вақте масъалаҳо дар қолаби танқидӣ ё номуайян пешниҳод мегарданд, сатҳи эътимод ба манбаъ коҳиш меёбад. Ҳамин тавр, «қолаб»-и иттилоотӣ ба арзёбии шунаванда ва ба самти рафтори иҷтимоии ӯ таъсир мерасонад.

Бо мақсади дарёфти назари ҷомеа ва омӯзиши воқеии муносибати шаҳрвандон ба фаъолияти ВАО дар Тоҷикистон, таҳқиқоти сотсиологии оммавӣ дар шакли пурсишнома анҷом дода шуд. Ин таҳқиқот, ки бо истифода аз усули анкетавии ҷамъоварии маълумот ба роҳ монда шуд, ба таҳлили мушаххаси се ҷанбаи асосӣ равона шудааст:

- Сатҳи дастрасӣ ва истифодаи шаҳрвандон аз манбаъҳои гуногуни ахбор;
- Мизони эътимод ба расонаҳои миллӣ дар муқоиса бо манбаъҳои хориҷии иттилоот;

- Мавқеъ ва нақши расонаҳо дар ташаккули афкори иҷтимоӣ ва сиёсии ҷомеа.

Мақсади тарҳрезии ин саволҳо дар он аст, ки бо такя ба назарияҳои асосии коммуникатсионӣ, аз ҷумла модели Лассуэлл, назарияи «Agenda-Setting» ва «Framing» робитаи байни воситаҳои ахбори омма ва ташаккули афкори ҷамъиятӣ дар шароити иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фарҳангии Тоҷикистон муайян карда шавад. Саволҳо махсус барои санҷидани он таҳия шудаанд, ки чӣ гуна дастрасӣ ба манбаъҳои иттилоот, сатҳи эътимод ба расонаҳои миллӣ ва тарзи пешниҳоди воқеият дар воситаҳои ахбор бо қонунмандиҳои назариявии мазкур мутобиқат доранд ва то кадом андоза онҳо дар ташаккули муносибати шаҳрвандон ба иттилоот, худшиносии миллӣ ва идроки иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон нақш мегузоранд. Маълумоти бадастомада имконият медиҳад, ки дар заминаи афкори худи шаҳрвандон таъсири воқеии ВАО арзёбӣ гардида, тавсияҳои амалӣ барои беҳтарсозии муҳтаво ва самтгирии фаъолияти расонаҳо таҳия карда шаванд.

Ин қисмати супоришнома бо иштироки аҳолии касбу кори гуногун ва гуногунсол баргузор карда шуда, дар он саволҳо, асосан, барои қишри гуногуншуғли аҳолӣ омода карда шудааст. Тибқи натиҷаҳои пурсишномаи мазкур аз шумораи умумии 84 нафар иштирокдор 52 нафари онҳоро занон ва 32 нафари онҳоро мардон ташкил доданд:

**Диаграммаи 1.**




[Сарчашма: натиҷаи таҳқиқи довталаби дараҷаи илмӣ].

Аз шумораи мазкур бармеояд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи бонувон ба матбуоти даврӣ ва шабакаҳои телевизиониву радиоӣ, ки асосан ВАО-и миллиро ташкил менамоянд, зиёд мебошанд. Бонувон ҳамчун қишри пешсафи ҷомеаи Тоҷикисон имрӯз дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти давлативу ҷамъиятӣ фаъолона иштирок намуда, натиҷаҳои назаррас нишон медиҳанд. Шумораи ками таваҷҷуҳи мардон, ки аз натиҷаи пурсишнома маълум гардидааст, бештар ба хоҳиши дар пурсишнома иштирок накардани онҳо вобаста мебошад. Мутобиқи модели коммуникатсионии Лассуэлл, ки равандҳои иртиботро тавассути унсурҳои «фиристанда - паём - восита - қабулкунанда - таъсир» шарҳ медиҳад, чунин таносуби ҷинсӣ нишон медиҳад, ки дар муҳити иттилоотии Тоҷикистон гурӯҳи занон ҳамчун қабулкунандагони фаъол ва таъсирпазир нақши калидӣ доранд. Афзалияти иштироки онҳо дар пурсишнома шаҳодати он аст, ки каналҳои иттилоотӣ ва шакли паёмҳои расонаҳо бештар ба ниёзҳои иҷтимоӣ ва арзишҳои ин гурӯҳи иҷтимоӣ мутобиқ гардида, самаранокии иртиботро дар сатҳи амалӣ афзоиш додаанд.

Қисмати асосии иштирокдорони пурсишномаро, ки донишҷӯёну омӯзгорон ташкил медиҳанд, синну соли миёна доранд (Расми 1).

**Расми №1.**




[Сарчашма: натиҷаи таҳқиқи довталаби дараҷаи илмӣ].

Боиси қайд аст, ки шумораи зиёда иштирокчиёнро (84,5%) ташкил додани ҷавонон дар муайян намудани таъсири ВАО ба мафкураи онҳо нақши созгор мегузорад. Зеро Тоҷикистон кишваре аст, ки зиёда аз 60 дарсади аҳолии онро ҷавонон ташкил медиҳанд. Дар асоси маълумоти диаграммаи синну соли иштирокчиён, ки нишон медиҳад 84,5% иштирокчиён дар синни 16-25 сол, 10,7% дар синни 25-35 сол ва 4,8% дар синни 35-50 сол қарор доранд, натиҷаҳо ба назарияи «Agenda-Setting» мувофиқат мекунанд. Аз нуқтаи назари ин назария, расонаҳо тавассути интихоби мавзуъҳо ва шакли пешниҳоди онҳо дар зеҳни гурӯҳҳои синнусолии гуногун «рӯйхати аҳамият»-ро муайян месозанд. Бартарии иштирокчиёни синни ҷавон нишон медиҳад, ки расонаҳои миллӣ бештар ба мавзуъҳое тамаркуз доранд, ки барои ҷавонон ҷолибанд, мисли пешрафти технология, шабакаҳои иҷтимоӣ ва масъалаҳои иҷтимоиву фарҳангии муосир. Ин ҳолат далели он аст, ки ВАО дар Тоҷикистон тавонистаанд тавассути сохти рӯзномаи иттилоотӣ афкори ҷамъиятии ҷавононро фаъол созанд ва таваҷҷуҳи онҳоро ба масъалаҳои муҳим равона намоянд. Пурсишнома ҳамчун натиҷаи амалии таҳқиқоти илмӣ моро ба натиҷаҳое мерасонад, ки мушкилоти мавҷудаи соҳаи матбуот ва хизматрасонии шабакаҳои ин соҳаро муайян намоем ва роҳҳои ҳалли онро дар қисмати хулоса ва пешниҳодҳои рисола баён кунем.

Қисмати асосии саволҳои пурсишнома ба дараҷаи омӯзиш ва таъсири хабару иттилооти дар ВАО-и миллӣ нашршаванда ва таъсири он ба ҷомеа бахшида шудааст. Муаллиф зимни омода намудани пурсишнома, пеш аз ҳама, ба дараҷаи таваҷҷуҳи иштирокчиён ба ВАО диққати худро равона намудааст. Аз ин аст, ки саволи аввали пурсишнома чунин муайян карда шудааст: «Барои гирифтани иттилоот бештар аз кадом васоити ахбори омма (ВАО) истифода мебаред?»

Ба иштирокдорон ҷавобҳо дар шакли вариантҳои алоҳида пешниҳод карда шуд, ки мақсади он муайян намудани бартарии навъи ВАО дар миёни аҳолии Тоҷикистон мебошад. Натиҷаҳо дар шакли зерин муайян карда шуд [Расми №2]:

**Расми №2.**




[Сарчашма: натиҷаи таҳқиқи довталаби дараҷаи илмӣ].

Маълумоти диаграмма нишон медиҳад, ки 78,6% иштирокчиён сомонаҳои интернетӣ, 11,9% телевизион, 7,1% матбуоти даврӣ ва танҳо 2,4% радиоро барои ба даст овардани иттилоот истифода мекунанд, ки ин натиҷа ба назарияи коммуникатсионии Лассуэлл мувофиқат дорад. Тавре аллакай қайд кардем, модели ӯ равандро тавассути унсурҳои «фиристанда - паём - восита – қабулкунанда - таъсир» мефаҳмонад. Дар ин замина, афзалияти истифодаи интернет нишон медиҳад, ки воситаи иртиботӣ дар замони муосир ба унсури асосии самаранокии иртибот табдил ёфтааст. Дар шароити Тоҷикистон ин ҳолат ифодаи гузариши ҷомеа ба муҳити рақамӣ буда, самти интиқоли иттилоот ва тарзи қабулро дигар кардааст. Афзалияти интернет ҳамчун воситаи асосӣ собит месозад, ки ВАО барои расидан ба аудитория бояд шабакаҳои онлайн ва платформаҳои рақамиро дар маркази стратегияҳои коммуникатсионии худ қарор диҳанд, то таъсири иттилоотӣ мутобиқи талаботи замон таъмин гардад. Бо ин гуфтан мумкин аст, ки имрӯз шабакаҳои иҷтимоӣ ҷойи ВАО-и анъанавӣ аз қабили рӯзнома, радио ва телевизионро танг намуда, маҳбубияти бештарро

соҳиб гардида истодаанд. Ин таваҷҷуҳи аҳолӣ ба шабакаҳои иҷтимоӣ дар Тоҷикистон боиси паст гардидани таваҷҷуҳ ба рӯзномаву маҷаллаҳои даврӣ ва телевизиону радиоҳо гардида, сатҳи барномаву матолиби нашршавандаро бамаротиб поён бурдааст. Саволе ба миён меояд, ки чӣ гуна сомонаҳои иҷтимоӣ ба ҳаёти инсоният ба осонӣ ворид гардид ва бартарии хоси ин навъи сарчашмаҳои иттилоотӣ аз дигар намудҳои ВАО дар чист?

Сомонаҳои иҷтимоӣ ба туфайли дастрасӣ, қобилияти баланди интерактивӣ ва иқтидори паҳннамоии иттилоот ба осонӣ ба ҳаёти инсоният ворид шуданд. Баръакси навъҳои анъанавии ВАО, аз қабили телевизион, радио ва нашрияҳои чопӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ ба корбарон имкон медиҳанд, ки на танҳо ахбор гиранд, балки дар муҳокимаи онҳо фаъолона иштирок кунанд, хабарҳоро мубодила кунанд ва ҷараёнҳои иттилоотии худро эҷод кунанд.

Яке аз бартариҳои асосии шабакаҳои иҷтимоӣ суръати паҳнкунии иттилоот мебошад. Хабарҳо, аксҳо, видеоҳо ва андешаҳо аз ҷониби корбарон нашр карда мешаванд ва дар тули сонияҳо барои миллионҳо нафари дигар дастрас мешаванд. Ин, махсусан, дар ҳолатҳои фавқулодда муҳим аст ва суръатнокиву хароҷоти ғайраро дар раванди ба даст овардани иттилоот барои инсонҳо камтар менамояд.

Ғайр аз он, шабакаҳои иҷтимоӣ ба ҳар як шахс имконият медиҳанд, ки на танҳо истеъмолкунанда, балки эҷодкунандаи иттилоот ва хабару гузоришҳо бошанд. Ҳар як корбар метавонад саҳифаи шахсии худро кушода, дар онҷо фаъолият кунад, фикрҳои худро мубодила намояд, маводди таҳлилӣ нашр кунад ё мустақиман пахш кунад, ки фазои иттилоотиро ба гардиш оварда бошад.

Яке аз бартариҳои равшани сомонаҳои иҷтимоӣ дар он аст, ки онҳо мундариҷаи саҳифаҳои худро бо мақсади фарқкунӣ ва ҷалби аудитория ба таври возеҳ ва равшан таҳия мекунанд. Алгоритмҳои сомонаҳои иҷтимоӣ худкор буда, афзалиятҳои ҷустуҷӯии саҳифаҳои корбаронро таҳлил мекунанд ва ба онҳо ахбор ва нашрияҳоеро пешниҳод мекунанд, ки ба манфиатҳои онҳо мувофиқанд ва истеъмоли иттилоотро қулайтар ва муассиртар мекунанд. Яъне, сомонаҳо майлу хоҳиш ва иродаи корбаронро хонда метавонанд, ки ин ба корбарон дар

дастрас намудани иттилооти ба майлу завқи онҳо мувофиқ бисёр кӯмак мерасонад. Дар баробари ин, маҳбубияти сомонаҳои иҷтимоиро меафзояд.

Ҳамин тариқ, сомонаҳои иҷтимоӣ тарзи ба даст овардан ва паҳн кардани иттилоотро ба таври назаррас тағйир дода, онро барои ҳар як шахс динамикӣ, фардӣ ва дастрастар кардаанд. Аз ин ҷост, ки имрӯз миёни аҳолии Тоҷикистон ва махсусан, насли ҷавони кишвар аз маҳбубияти бештар бархӯрдор буда, дар симати аввали намудҳои истифодашавандаи ВАО-и кишвар қарор гирифтааст.

Зимни пурсишнома иштирокчиён ба суоле, ки «Чаро маҳз ин воситаро истифода мебаред?» ҷавобҳои зайлро пешниҳод намудаанд [Расми №3]:

**Расми №3.**




[Сарчашма: натиҷаи таҳқиқи довталаби дараҷаи илмӣ].

Аз таҳлили масъалаи мазкур бармеояд, ки аҳолии кишвар бештар ба тарзи дастрасӣ ва суръати ба даст овардани иттилоот таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд. Сатҳи дақиқият ва сарчашмаи муътамади иттилоот муҳим ба шумор намеравад.

Пас аз муайян намудани ҳолати мазкур зарур шуморидем, ки сабаби ин таваҷҷуҳро муайян намоем. Чаро аҳолӣ ба суръат ва дастрасӣ ба иттилоот бештар таваҷҷуҳ доранд, нисбат ба эътимоднокии он. Аз натиҷаи омӯзишу

таҳлилҳои инфиродӣ ба чунин хулоса омадем ва омилҳои зеринро муайян намудем:

- маҳдудияти имкониятҳои дигар навъҳои ВАО – рӯзномаву маҷаллаҳо ва телевизиону радиоҳо барои ба аҳолӣ расонидани хабару гузоришҳо муҳлати бештар сарф мекунанд, ки ин аҳамиятнокӣ ва мубрамияти иттилоотро аз байн мебарад;
- раванди муҳоҷират – қисмате аз аҳолии Тоҷикистон дар кишварҳои хориҷӣ ба муҳоҷират машғуланд ва дастрасӣ ба матбуоти даврӣ ва шабакаҳои телевизиониву радиоии ватаниро надоранд. Аз ин ҷост, ки онҳо ба сомонаҳои иҷтимоӣ ҳамчун сарчашмаи ба даст овардани иттилоот бештар таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд;
- вазъи иқтисоди ва иҷтимоии ВАО – барои нашри рӯзномаҳо ва омода намудани маталиби радиову телевизион дар баробари вақт, ҳамчунин, имконоти техникӣ низ зарур мебошад. Имконоти техникӣ дар навбати худ хароҷоти молиявиро ба вуҷуд меорад, ки барои ҳам паҳнкунанда ва ҳам ба дасторандаи иттилоот мушкилоти муайянеро ба вуҷуд меорад;
- зарурати мутобиқ шудан ба шароити зудтағйирёбанда ҷаҳони муосир вокуниши зудро ба тағирот, хоҳ масъалаҳои маориф, хоҳ кор ва хоҳ вазъи иҷтимоӣ талаб мекунад. Ҳар қадаре ки инсон маълумоти муосирро зудтар гирад, ҳамон қадар самараноктар мутобиқ мешавад ва сомонаҳои иҷтимоӣ ин шароитро барои аҳолӣ кафолат медиҳанд.

Ҳамин тариқ, зарурати дастрасии зуд ва бемамониат ба иттилоот дар Тоҷикистон бо дигаргуниҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва технологӣ шарҳ дода мешавад, ки фавран ба даст овардани хабару гузориш ва иттилооти навинро барои аҳолӣ муҳим мегардонад.

Ҳарчанд шабакаҳои иҷтимоӣ миёни аҳолии кишвар аз маҳбубияти бештар бархурдоранд ва таваҷҷуҳро ба дигар навъу воситаҳои ВАО камтар гардонидаанд, аммо онҳоро аз байн набурдаанд. Мо барои маълумоти пурратар ба даст овардан, бо саволе, ки «ВАО-и дӯстдоштаатонро чӣ гуна дастрас менамоед?» ба иштирокчиёни пурсишнома муроҷиат намудем:

**Ҷадвали №1.**

| **ВАО-и дӯстдоштаатонро чӣ гуна дастрас менамоед?** | | | |
|---|---|---|---|
| Вариант | Ҷавобҳои барои интихоб | Шумора | Бо ҳисоби фоиз |
| А | Тамошо мекунам | 21 | 25% |
| Б | Тариқи телефон огоҳ мешавам | 53 | 63,1% |
| В | Дар роҳ | 2 | 2,4% |
| Г | Обуна ҳастам | 5 | 5,9% |
| Ғ | Харидорӣ менамоям | 3 | 3,6% |

[Сарчашма: натиҷаи таҳқиқи довталаби дараҷаи илмӣ].

Тавре аллакай қайд намудем, аз сабаби бештар истифода гардидани шабакаҳои иҷтимоӣ дар миёни аҳолии кишвар бештар дастрасӣ ба иттилоот тавассути сомонаҳои иҷтимоӣ ба миён оварда мешавад. Аммо ҳарчанд миқдори кам бошад ҳам, қисмате аз аҳолии мамлакат то ҳол ба телевизион ва рӯзномаву маҷаллаҳо таваҷҷуҳ доранд. Тибқи натиҷаи пурсишнома агар аҳолии кишварро 10 миллион нафар муайян намоем, пас аз ин шумора зиёда аз 2 миллион нафар барои дастрасӣ ба иттилоот аз телефонҳо ва зиёда аз 500 ҳазор нафар аз рӯзномаву маҷаллаҳо истифода менамоянд. Ин моро ба он бовар меорад, ки то ҳол истифодабарандагони иттилоот ба навъҳои анъанавии он, аз қабили радиову телевизион ва рӯзномаҳо таваҷҷуҳ доранд.

Яке аз саволҳои муҳимтарине, ки зимни пурсишнома ба иштирокчиён дода шуд, ин *ба кадом мавзуъҳо таваҷҷуҳ намудани истифодабарандагони ВАО* мебошад. Дар шароити Тоҷикистон муайян намудани ин масъала чандон осон нест, вале чун ҳамеша ҳастанд мавзуъ ва ё масъалаҳое, ки дар миёни корбарон ва истифодабарандагони иттилоот тарҷеҳи бештарро соҳибанд. Натиҷаи пурсшнома чунин муайян карда шуд [Расми 4]:

**Расми №4.**




[Сарчашма: натиҷаи таҳқиқи довталаби дараҷаи илмӣ].

Таваҷҷуҳи аҳолии Тоҷикистон ба мавзуъҳои сиёсӣ, фарҳангӣ ва варзишӣ ба аҳаммияти онҳо дар ҳаёти ҳаррӯза, таъсир ба ҳувияти миллӣ ва суботи иҷтимоӣ вобаста аст. ВАО дар иттилоъ додани шаҳрвандон, ташаккули афкори ҷамъиятӣ ва таҳкими ваҳдати ҷомеа нақши калидӣ доранд. Тибқи назарияи «Agenda-Setting», воситаҳои ахбори омма тавассути интихоби мавзуъҳо ва басомади пешниҳоди онҳо «рӯйхати аҳамиятнокии масъалаҳо»-ро дар зеҳни ҷомеа муайян месозанд. Бартарии мавзуъҳои сиёсӣ ва фарҳангӣ дар натиҷаҳо далели он аст, ки расонаҳои Тоҷикистон таваҷҷуҳи шаҳрвандонро маҳз ба ин самтҳо равона сохта, ба онҳо аҳаммияти афзалиятнок додаанд. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки ВАО тавассути стратегияи интихоби мавзуъ тавонистаанд, афкори ҷамъиятиро шакл дода, самти таваҷҷуҳи иҷтимоиро дар муҳити иттилоотии кишвар муайян намоянд.

Вазъи сиёсии кишвар бевосита ба ҳаёти шаҳрвандон таъсир мерасонад, аз ин рӯ, одамон мекӯшанд, ки аз қарорҳои ҳукумат, муносибатҳои байналмилалӣ, ислоҳоти иқтисодӣ ва интихоботу дигар навгониҳои ҳаёти сиёсии кишвар огоҳ бошанд. Дар шароити мушкилоти ҷаҳонӣ ва ноустувории минтақавӣ, аҳолӣ мехоҳанд бифаҳманд, ки кишвар чӣ гуна рушд мекунад, кадом қонунҳо қабул

карда мешаванд ва ҷомеа чӣ гуна дурнаморо интизор аст. Ин ба онҳо дар муайян намудани роҳи зиндагиашон кумак мерасонад. ВАО бошад, дар ин масир чун ҳамеша нақши калидиро иҷро намуда, ба аҳолӣ хабару навгониҳоро мерасонад ва мафкураи сиёсии онҳоро ташаккул медиҳад.

Фарҳанг дар Тоҷикистон дар ҳаёти ҷамъиятӣ ҷойгоҳи махсус дорад. Мардум ба хабарҳо дар бораи ҳифзи анъанаҳои миллӣ, рушди забони тоҷикӣ, адабиёт, мусиқӣ, кинематография ва санъат таваҷҷуҳ доранд. Илова бар ин, баргузории чорабиниҳои фарҳангӣ, фестивалҳо ва идҳо, ба монанди Наврӯз, ҳамеша таваҷҷуҳи зиёди аҳолиро ба бор меорад. ВАО дар таблиғи мероси фарҳангӣ ва таҳкими ҳувияти миллӣ нақши муҳим дорад ва аҳолии Тоҷикистон ба ин масъалаҳо маҳз тавассути ВАО хабардор мегарданд.

Миёни анвои гуногуни варзиш, бахусус, варзишҳои футбол, ҷудо, муҳорибаҳои омехта ва варзиши сабук таваҷҷуҳи аҳолии Тоҷикистонро ба худ ҷалб мекунад. Зеро муваффақиятҳои варзишгарон дар арсаи байналмилалӣ боиси ташаккул ёфтани ифтихори миллӣ мегардад. Ғалабаҳои варзишгарони тоҷик дар мусобиқаҳои бузург, аз қабили Бозиҳои олимпӣ, қаҳрамониҳои ҷаҳон ва Осиё ҳамчун дастовардҳои муҳимми кишвар қабул карда мешаванд. Расонаҳо, матбуот ва шабакаҳои телевизионӣ чорабиниҳои варзиширо фаъолона намоиш медиҳанд, бо қаҳрамонҳо ва ғолибони мусобиқаҳои варзишӣ мусоҳиба мекунанд ва барномаҳои таҳлилӣ омода менамоянд, ки ин таваҷҷуҳи шунавандагон ва тамошобинонро боз ҳам афзоиш медиҳад. Шабакаҳо ва матбуоти даврие, ки ба соҳаҳои гуногуни варзиш бахшида шудаанд, солҳои охир дар миёни аҳолии кишвар ва махсусан, насли ҷавонон аз муҳаббати хоса бархӯрдор гардида, самти муҳимми рушди ВАО будани варзишро дар Тоҷикистон муайян намуд. Ин гуфтаҳоро натиҷаҳои пурсишномаи сотсиологии мо низ баръало нишон медиҳад.

Тавре дар қисматҳои пешинаи диссертатсия қайд намудем, телевизион дар Тоҷикистон аз навъҳои маъмултарини ВАО ба шумор меравад ва таърихи тулониро доро мебошад. Аввалин барномаҳои телевизионӣ дар Тоҷикистон дар

солҳои 50-уми асри гузашта намоиш дода шуда, дастрасӣ ба он низ ба ҳамаи аҳолӣ имконпазир мебошад.

Тибқи пурсишномаи гузаронидашуда, маълум гардидааст, ки 11,9 дарсади иштирокдорони пурсишнома ба маводди дар телевизионҳо пахшшаванда таваҷҷуҳ доранд. Барои муайян намудани бартарии барномаҳое, ки дар ин телевизионҳо намоиш дода мешавад, ба иштирокчиён бо саволи «Агар интихоби шумо телевизион бошад, мавзуи писандидаи шумо дар кадом барнома инъикос карда мешавад?» муроҷиат намудем. Дар пурсишномаи мо ба иштирокчиён барои интихоб барномаҳои «Тоҷикистон ва ҷаҳон», «Мавзуи рӯз», «Масъулият», «Нишони ифтихор», «Партави маърифат», «Илм ва инноватсия» ва «Зан ва ҷомеа» пешниҳод карда шуд. Барномаҳои мазкур аз ҷониби муаллиф ҳамчун барномаҳое интихоб карда шуд, ки солиёни дароз дар фазои телевизионии кишвар намоиш дода мешаванд ва шумораи пахшҳои зиёдро доро мебошанд. Дар баробари инҳо, ба иштирокдорон имкони интихоби дигар барномаҳо низ пешниҳод карда шуд. Натиҷа ба таври зайл муайян карда шуд [Диаграммаи №2]:

**Диаграммаи №2.**




[Сарчашма: натиҷаи таҳқиқи довталаби дараҷаи илмӣ].

Тавре маълум гардид, аз шумораи умумии иштирокчиёни пурсишнома аксарияти онҳо барномаҳо дар боло зикргардидаро пайгирӣ мекунанд ва муҳтавои ин барномаҳои барояшон писанд аст. Махсусан, барномаҳои «Тоҷикистон ва ҷаҳон», «Мавзуи рӯз» ва «Илм ва инноватсия” аз ҷониби иштирокчиён бештар мавриди интихоб қарор дода шудааст. Ин аз дуруст будани пурсишнома ва муҳимму саривақтӣ будани таҳлилҳои мо гувоҳӣ медиҳад.

Дар мисоли пурсишнома барои телевизион бо ҳамин савол ва интихоби барномаҳои радиоии «Сарват», «Дармон», «Раҳнамун», «Руҳафзо», «Ватанпарвар”, «Аз фурӯғ то фурӯғ», «Ҷаҳони андеша», «Тафсир», «Ҳамқадами замон» ва «Ҷаҳони варзиш» пешниҳод карда шуд. Натиҷаи ин савол ба тарзи зайл муайян карда шуд [Диаграммаи 3]:

**Диаграммаи №3.**




[Сарчашма: натиҷаи таҳқиқи довталаби дараҷаи илмӣ].

Матбуоти даврӣ дар Тоҷикистон дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ ҳамчун манбаи асосии иттилоот, таҳлил ва маърифат нақши муҳим мебозад. Рӯзномаҳо ва маҷаллаҳо ба аҳолӣ дар бораи сиёсат, иқтисод, фарҳанг, маориф ва ҳаёти

иҷтимоӣ хабарҳои муҳим медиҳанд, ки ба огоҳии шаҳрвандон мусоидат мекунанд.

Таърихан, нашрияҳои чопӣ воситаи асосии паҳнкунии иттилоот буданд ва бо вуҷуди рушди фаъоли технологияҳои рақамӣ то ҳол аҳаммияти худро нигоҳ медоранд. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва афзоиши ҷараёни иттилоот, матбуоти даврӣ ба хонандагон кӯмак мекунад, ки рӯйдодҳоро таҳлил кунанд, тамоюлҳои муҳимро таъкид кунанд ва ақидаи огоҳона ташаккул диҳанд. Яке аз ҷанбаҳои асосии таъсири рӯзномаҳо ва маҷаллаҳо қобилияти таҳлили амиқи равандҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ мебошад. Мақолаҳои таҳририӣ, мусоҳибаҳои коршиносон ва баррасиҳои таҳлилӣ ба одамон имкон медиҳанд, ки рӯйдодҳои ҷориро беҳтар дарк кунанд ва аҳаммияти онҳоро барои кишвар ва ҷомеа дарк кунанд. Илова бар ин, матбуоти чопӣ ба ҳифз ва маъмулгардонии фарҳанг, забон ва анъанаҳои миллӣ мусоидат мекунанд. Бо нашрияҳое, ки ба адабиёт, санъат ва таърихи миллати тоҷик бахшида шудааст, ҳисси ифтихори миллӣ ва худшиносӣ ташаккул меёбад. Матбуоти даврӣ, инчунин, дар тарбияи масъулияти шаҳрвандӣ ва фаъолияти сиёсӣ нақши муҳим мебозад. Нашрияҳое, ки масъалаҳои интихобот, сиёсати давлатӣ ва муносибатҳои байналмилалиро фаро мегиранд, ба одамон кӯмак мекунанд, ки равандҳои мураккаби ҷамъиятиро пайгирӣ кунанд ва қарорҳои огоҳона қабул кунанд.

Ҳамин тариқ, сарфи назар аз рушди технологияҳои рақамӣ, рӯзномаҳо, маҷаллаҳо ва дигар нашрияҳои чопӣ ба афкори ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон таъсири назаррас расонида, ба маърифат, рушди тафаккури интиқодӣ ва таҳкими худшиносии миллӣ мусоидат мекунанд.

Матбуоти даврӣ дар Тоҷикистон таърихи тулонии рушди худро паси сар намуда, ба шакли имрӯзааш омада расидааст. Солҳои пеш талабгорон ва хоҳишмадони мутолиаи матолиби даврӣ бисёр буданд, аммо бо ташаккули сомонаҳои иҷтимоӣ ва пайдо шудани шаклҳои электронии рӯзномаҳо талабгорон нисбатан кам гардиданд. Вале новобаста ба ин, мо бо пешниҳоди номгӯе аз рӯзномаҳо, аз қабили «Ҷумҳурият», «Садои мардум» ва «Ҷавонони Тоҷикистон» ба иштирокчиёни пурсишнома муроҷиат намуда, аз онҳо доир ба

таваҷҷуҳашон ба рӯзномаҳо пурсон шудем. Тибқи натиҷаи пурсиши мо 51,2 дарсади иштирокчиёни пурсишнома ба рӯзномаҳои пешниҳодгардида шиносанду таваҷҷуҳ доранд, 22,6 дарсади онҳо бо ин рӯзномаҳо шинос нестанд ва боқимонда 26,1 дарсад ба саволи мо бетарафӣ нишон доданд [Расми №5].

**Расми №5.**




[Сарчашма: натиҷаи таҳқиқи довталаби дараҷаи илмӣ].

Аз рӯйи натиҷаи пурсишнома доир ба рӯзномаҳо ва матолиби дар он нашршаванда маълум мегардад, ки ҳарчанд сомонаҳои иҷтимоӣ айни ҳол дар маркази диққат ва таваҷҷуҳи корбарони ВАО қарор дорад, аммо аҳолӣ аз рӯзномаву маҷаллаҳо рӯй нагардонидаанд ва онҳоро ҳамчун сарчашмаи муътамади ба даст овардани иттилоот васеъ истифода менамоянд. Махсусан, аз миёни рӯзномаҳои пешниҳодгардида, таваҷҷуҳи бештари иштирокчиён ба рӯзномаи «Ҷумҳурият» ва «Ҷавонони Тоҷикистон» бештар мебошад. Инро натиҷаи интихобҳои иштирокчиён нишон медиҳад.

Масъалаи муҳимми дигар, ки зимни пурсиши сотсиологии мо мавриди диққат қарор дода шуд, ин ҳавасмандии аҳолӣ ба интихоби рӯзноманигори

писандидаашон ба шумор мерафт. Иштирокдорон аз миёни шумораи зиёди рӯзноманигорон, ки дар рӯзномаву маҷаллаҳо, телевизиону радио ва ё сомонаҳои иттилоотӣ фаъолият менамоянд, рӯзноманигори писандидаи худро интихоб намуданд. Дар миёни номҳои рӯзноманигорони маъруф метавон номҳои Орзу Исоев, журналисти радиои «Азия - Плюс», Шаҳлои Гулхоҷа, хабарнигори радиои “Озодӣ”, Далер Ҳасанзода, хабарнигори телевизиони «Синамо», Фатҳиддини Замон хабарнигори Телевизиони Тоҷикистон, Талабшо Муқимов собиқ журналисти телевизиони «Сафина» ва чандин рӯзноманигори саршиноси ватанӣ ва хориҷии дигар ҷой доштанд. Ошноии корбарони ВАО аз фаъолияти касбии рӯзноманигорон боиси хушнудист ва ҳар хонандаро ба ояндаи дурахшони ВАО дар Тоҷикистон, ки аксаран нохуб унвон мекунанд, умедвор менамояд.

Дар қисмати охири пурсиши сотсиологӣ аз иштирокчиён доир ба ин ки ВАО ба онҳо чӣ гуна манфиат расонида метавонад, савол пурсида шуд. Натиҷаи ин пурсиш чунин мебошад [Расми №6]:

**Расми №6.**




[Сарчашма: натиҷаи таҳқиқи довталаби дараҷаи илмӣ].

Маълумоти диаграммаи мазкур нишон медиҳад, ки беш аз нисфи иштирокчиён (55,9%) иттилоотро аз воситаҳои ахбори омма барои огоҳ шудан аз навгониҳо, 25% барои афзун намудани донишҳои касбӣ, 9,5% барои сарфаи вақт, 7,1% барои фароғат ва танҳо 2,5% барои гузаронидани вақт истифода мебаранд. Ин нишондиҳандаҳо нишон медиҳанд, ки расонаҳо дар Тоҷикистон на танҳо манбаи иттилоот, балки омили ташаккули арзишҳои маърифатӣ ва иттилоотӣ дар ҷомеа мебошанд.

Аз дидгоҳи назариявӣ, натиҷаҳои мазкур бо назарияи чаҳорчӯбсозӣ (Framing Theory) комилан мувофиқат доранд. Гофман ва Энтман бар онанд, ки расонаҳо воқеиятро танҳо интиқол намедиҳанд, балки онро дар қолабҳои муайян (frames) пешниҳод мекунанд, ки ин қолабҳо ба тарзи дарки воқеият аз ҷониби афрод таъсир мерасонанд. Яъне, ВАО бо интихоби калимаҳо, мавзуъҳо ва тарзи пешниҳоди иттилоот, на танҳо ахборро мерасонанд, балки маънои онро барои аудитория «созиш» медиҳанд. Дар шароити иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон, ки ҷомеа ба арзишҳои миллию маънавӣ ва иттилооти боэътимод такя дорад, ин раванд аҳаммияти бештар мегирад. Афзалияти категорияҳои «огоҳшавӣ аз навгониҳо» ва «афзун кардани донишҳои касбӣ» нишон медиҳад, ки ВАО дар ҷомеаи тоҷик воқеиятро асосан дар қолаби иттилоотӣ-маърифатӣ пешниҳод мекунанд. Яъне, қолабҳои расонаӣ ба омӯзиш, рушд ва худшиносии иттилоотӣ равона шудаанд, на ба фароғати холӣ ё истеъмоли саргармкунанда.

Ин натиҷаҳо гувоҳи онанд, ки расонаҳои миллӣ дар ташаккули “фреймҳои маърифатӣ ва иҷтимоии миллӣ» нақши муҳим доранд. Паёмҳои онҳо бештар ба баланд бардоштани сатҳи огоҳии шаҳрвандон, ташвиқи донишандӯзӣ ва ҳидоят ба арзишҳои миллӣ нигаронида шудаанд. Ҳамин тавр, мувофиқи назарияи «Framing», ВАО дар Тоҷикистон тавонистаанд, воқеиятро дар чунин қолабҳое пешниҳод кунанд, ки аудитория онро ҳамчун манбаи дониш, иттилоот ва рушди иҷтимоӣ дарк намояд. Бо дарназардошти ин таҳлил, метавон гуфт, ки паёмҳои расонаӣ дар муҳити Тоҷикистон на танҳо иттилоотро интиқол медиҳанд, балки дар ташаккули сатҳи маърифатӣ ва арзишӣ таъсир расонида, афкори ҷамъиятиро ба самти омӯзанда ва худшинос ҳидоят мекунанд. Ин ҳолат собит

месозад, ки ВАО-и миллии Тоҷикистон дар амал бо назарияи «Framing» ҳамоҳанг буда, дар ташаккули дидгоҳи ҷамъиятӣ ва худшиносии иттилоотӣ нақши муассир доранд.

Муҳимтарин хулосаи назарсанҷии мазкур ин муайян намудани таъсири ВАО ба ҳаёти аҳолии Тоҷикистон ва шаклгирии афкори онҳо мебошад. Иштирокчиёни пурсишнома бо ҷумлаҳои кутоҳ хулосаҳои худро баён намуда, нақши ВАО-ро дар ба вуҷуд омадани фикру ақидаи хос оид ба ин ё он масъала дар байни аҳолии Тоҷикистон созгор унвон намуданд.

Бо хулосабарорӣ аз гуфтаҳои иштирокдорони пурсишнома метавон қайд намуд, ки ВАО ба ҷомеаи Тоҷикистон таъсири назаррас расонида, нуқтаи назари мардум, сатҳи огоҳии онҳо ва муносибат ба равандҳои гуногуни иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодиро аз ҷониби онҳо ташаккул медиҳад.

ВАО дар паҳн кардани иттилоот дар бораи фаъолияти ҳукумат, тағйирот дар қонунгузорӣ, муносибатҳои байналмилалӣ ва дигар рӯйдодҳои муҳим нақши муҳим мебозад. Аҳолии Тоҷикистон, бахусус, ҷавонон, барои ба даст овардани хабарҳои фаврӣ аз платформаҳои рақамӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ бештар истифода мебаранд, ки ин васоити ахбори оммаро омили асосии ташаккули афкори ҷамъиятӣ мегардонад

Барои бисёре аз шаҳрвандон, ВАО манбаи мундариҷаи фарҳангӣ ва таълимӣ мебошад. Телевизион, радио, рӯзномаҳо ва сомонаҳои интернетӣ масъалаҳои ҳувияти миллӣ, таърих ва анъанаҳоро фаъолона фаро гирифта, ба ҳифз ва рушди мероси фарҳангӣ мусоидат мекунанд. Ҷавонон ва қишри навраси аҳолии кишварро дар руҳияи муҳаббату садоқат ба Ватану миллат ва арҷгузорӣ ба таърихи пурғановати миллат тарбия менамоянд.

ВАО, инчунин, ба рафтори иҷтимоӣ ва ҷаҳонбинии одамон таъсир мерасонад. Гузоришҳо дар бораи мушкилоти ҷомеа, аз қабили камбизоатӣ, экология, тандурустӣ ва ҳуқуқи инсон сатҳи шуури ҷомеаро баланд мебардоранд ва метавонанд ба тағироти мусбӣ мусоидат кунанд. Ҳамзамон, нигарониҳо дар бораи дурустии иттилоот ва таъсири таблиғот вуҷуд доранд, ки дарки интиқодии ВАО-ро барои шаҳрвандон маҳорати муҳим мегардонад.

Ҳамин тариқ, аҳолии Тоҷикистон ВАО-ро ҳамчун воситаи пурқуввате мешиносанд, ки қодир аст ҳам иттилоъ диҳад, ҳам маърифат диҳад ва ҳам рӯҳияи ҷамъиятиро ташаккул диҳад, ки ба рушди кишвар ва назари шахсии мардум таъсир расонад. ВАО натанҳо дар Тоҷикистон мавқеи худро аз даст намедиҳад, балки баръакс дар шаклу намудҳои нав зоҳир гардида, мавқеи калидиро дар таъсиррасонӣ ба афкори ҷамъиятӣ соҳиб гардида истодааст. Имрӯз бе дастрасӣ ба хабару иттилооти тавассути ВАО паҳншаванда наметавонем барои фардои худ нақшае омода сохта бошем ва маҳз ҳамин нуқтаи ВАО моро ба он умедвор мекунад, ки он ҳеҷ гоҳ мақоми худро аз даст нахоҳад дод ва нақши калидии худро минбаъд низ нигоҳ дошта, густариш медиҳад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ ва таҳлили назариявӣ нишон медиҳанд, ки аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон васоити ахбори оммаро (ВАО) на танҳо ҳамчун манбаи иттилоот, балки ҳамчун омили таъсиргузори иҷтимоӣ ва маърифатӣ, ки ба ташаккули афкори ҷамъиятӣ, ҷаҳонбинӣ ва худшиносии миллӣ мусоидат мекунад, дарк менамоянд. ВАО дар муҳити муосири кишвар нақши бисёрсамтӣ доранд: онҳо ҳам иттилоъ медиҳанд, ҳам арзишҳои маънавиро интиқол медиҳанд ва ҳам тафаккури ҷамъиятиро ташаккул медиҳанд. Дар замоне ки ҷомеа бо рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ, рақобати манбаъҳои иттилоотӣ ва ҷаҳонишавии фазои ахборӣ рӯ ба рӯ аст, зарурати таҳкими нақши ВАО дар ҳифзи ҳувияти миллӣ ва таҳкими ваҳдати ҷомеа беш аз пеш меафзояд.

Дар таҳқиқи мазкур муайян гардид, ки фаъолияти ВАО дар Тоҷикистон бо се назарияи асосии коммуникатсионӣ – модели Лассуэлл, назарияи «Agenda-Setting» ва назарияи «Framing» мутобиқати назариявӣ ва амалӣ дорад. Мувофиқи модели Лассуэлл, иртиботи самаранок дар он ифода меёбад, ки «фиристанда кист, чӣ мегӯяд, аз кадом иттилоотрасон, ба кӣ ва бо чӣ таъсир». Дар шароити Тоҷикистон, ки расонаҳои миллӣ, бахусус шабакаҳои телевизионӣ ва интернетӣ, манбаи асосии иттилоот ба шумор мераванд, ин модел робитаи мустақими байни фиристанда ва қабулкунандаро дар баробари таъсири

иҷтимоӣ тасдиқ мекунад. ВАО тавонистаанд тавассути мутобиқсозии муҳтавои иттилоот бо ниёзҳои фарҳангӣ ва иҷтимоии шаҳрвандон, иртиботи самараноки иттилоотиро таъмин намоянд.

Аз дидгоҳи назарияи «Agenda-Setting», воситаҳои ахбори омма тавассути интихоби мавзуъҳо ва такрори онҳо самти таваҷҷуҳи иҷтимоиро шакл медиҳанд. Натиҷаҳои пурсишнома нишон медиҳанд, ки шаҳрвандони кишвар бештар ба масъалаҳои сиёсӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд. Яъне маҳз ба ҳамон соҳаҳое, ки расонаҳои миллӣ онҳоро фаъолона инъикос мекунанд. Ин ҳолат собит месозад, ки ВАО дар ташаккули «рӯйхати аҳаммияти иҷтимоӣ» нақши муайянкунанда дошта, таваҷҷуҳи ҷомеаро ба самтҳое равона месозанд, ки барои субот, худшиносӣ ва ваҳдати миллӣ муҳиманд.

Тибқи назарияи «Framing», расонаҳо воқеиятро дар қолабҳои муайян пешниҳод мекунанд, ки ин қолабҳо ба тарзи дарки афрод ва дидгоҳи онҳо таъсир мерасонанд. Дар Тоҷикистон, расонаҳои миллӣ воқеаҳои иҷтимоиву сиёсиро асосан дар қолаби арзишҳои миллӣ, худшиносӣ, сулҳ ва субот ифода менамоянд. Ин қолабсозии иттилоот боиси афзоиши ҳисси масъулият, ҳамбастагӣ ва эътимоди иҷтимоӣ гардида, ба таҳкими ҳувияти миллӣ мусоидат мекунад.

Натиҷаҳои таҳқиқ собит месозанд, ки фаъолияти ВАО дар Тоҷикистон бо назарияҳои мазкур ҳамзамон мутобиқ ва фарққунанда аст. Мутобиқ аз ҷиҳати сохтори умумии коммуникатсионӣ; фарққунанда аз ҷиҳати муҳтавои арзишии миллӣ ва вазифаи иҷтимоӣ. Аз ҳамин асос, метавон як назарияи миллии навро баён дошт, ки онро «Назарияи миллии ҳамбастагии иттилоотӣ» номидан мумкин аст. Моҳияти ин назария дар он аст, ки воситаҳои ахбори омма дар ҷомеаҳои миллии дар ҳоли рушд, ба мисли Тоҷикистон, на танҳо воситаи интиқоли иттилоот, балки омили ҳамбастагии иҷтимоӣ, таҳкими худшиносии миллӣ ва ташаккули муҳити маърифатӣ мебошанд. Дар доираи ин назария, ВАО ба сифати «қувваи ҳамбаста» амал намуда, иттилоотро дар қолабҳои арзишӣ ва ватандӯстона пешниҳод мекунанд, ки ин ба ҳамгироии ҷомеа ва устувории давлатдорӣ мусоидат менамояд.

Бо такя ба таҳқиқоти гузаронидашуда, метавон ба хулосаи илмӣ расид, ки воситаҳои ахбори омма дар Тоҷикистон дорои имконоти бузурги стратегӣ ва фарҳангӣ мебошанд. Онҳо қодир ҳастанд, ки на танҳо иттилоотро паҳн кунанд, балки ҳамчун воситаи таъсир ба рафтор, ҷаҳонбинӣ ва дидгоҳи шаҳрвандон амал намоянд. Барои истифодаи пурраи ин имконот, зарур аст, ки сиёсати иттилоотии давлатӣ, фаъолияти муассисаҳои расонаӣ ва сатҳи саводи расонаии ҷомеа дар як низоми ҳамоҳанг рушд дода шаванд.

Аз нигоҳи амалӣ, ҳамоҳангсозии сиёсати иттилоотӣ бо усулҳои илмии коммуникатсионӣ, таҳкими заминаҳои омӯзиши фанни саводи расонаӣ дар муассисаҳои таҳсилотӣ ва дастгирии расонаҳои миллӣ бо муҳтавои таҳлилӣ, фарҳангӣ ва таълимӣ метавонанд, самти асосии рушди сиёсати иттилоотии кишвар бошанд.

Дар натиҷаи ҳамаи ин таҳқиқот, метавон чунин пешниҳодҳои илмиро баён дошт:

- дар тадқиқоту омӯзишҳои минбаъда рушд додани «Назарияи миллии ҳамбастагии иттилоотӣ» ҳамчун модели таҳлилии хоси муҳити Тоҷикистон;
- тавзеҳи робитаи байни иттилоот, арзишҳои миллӣ ва афкори ҷамъиятӣ дар заминаи рақамикунонӣ бо такя ба «Назарияи миллии ҳамбастагии иттилоотӣ»;
- дар сиёсати давлатӣ ва барномаҳои рушди иҷтимоӣ истифодаи модели мазкур метавонад ба таҳкими ваҳдати миллӣ, боло бурдани маърифати шаҳрвандӣ ва рушди устувори ҷомеаи иттилоотии Тоҷикистон мусоидат намояд;
- таҳкими заминаи кадрии таҳлилгарони расонаӣ бо ворид намудани фанҳои вобаста ба коммуникатсияи иҷтимоӣ ва саводи расонаӣ ба барномаҳои низоми таълими олӣ ва таҳқиқоти илмӣ;

Ҳамин тавр, таҳқиқоти анҷомдодашуда собит сохт, ки воситаҳои ахбори омма дар Тоҷикистон на танҳо унсури ҷудонашавандаи низоми иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, балки омили муҳими таҳкими суботи давлатдорӣ ва ҳамбастагии

миллӣ мебошанд. Дар заминаи назарияҳои ҷаҳонии коммуникатсионӣ ва таҷрибаи миллӣ, ВАО дар Тоҷикистон тавонистаанд, паёми иттилоотиро ба паёми маърифатӣ табдил дода, фазои иттилоотии кишварро ба воситаи рушди шуури ҷамъиятӣ ва таҳкими ҳувияти миллӣ гардонанд. Ин раванд нишон медиҳад, ки Тоҷикистон метавонад дар доираи сиёсати миллии худ як модели муосири ҳамбастагии иттилоотиро шакл диҳад, ки он барои наслҳои оянда на танҳо воситаи иттилоот, балки пояи ҳувият ва устувории маънавӣ хоҳад буд.

# ХУЛОСА

Воситаҳои ахбори омма дар баробари пешниҳоди иттилоот, барои ташаккули афкори омма нақши муҳим дошта, ҳамчунин, воситаи асосии огоҳ кардани аҳолӣ, иҷтимоикунонии сиёсӣ, сафарбар кардани афкори ҷамъиятӣ ва ташаккули худшиносии миллӣ мебошанд. Таҳқиқ тасдиқ кард, ки афзоиши нуфузи рақамӣ ва васоити ахбори иҷтимоӣ ба мубодилаи озоди иттилоот ва ташаккули афкори мустақил дар байни аҳолӣ мусоидат мекунад. Гузариш аз ВАО-и анъанавӣ ба платформаҳои онлайн ба шаҳрвандон имконият медиҳад, ки маълумоти гуногун гиранд ва дар муҳокимаҳои ҷамъиятӣ иштирок кунанд. Ин ба огоҳии умумии аҳолӣ таъсири мусбат мерасонад ва ба иштироки фаъолтари шаҳрвандӣ мусоидат мекунад, ки ин як қадами муҳим барои таҳкими равандҳои демократӣ дар Тоҷикистон мебошад.

Яке аз бозёфтҳои муҳимми таҳқиқ зарурати дастгирии фаъолонаи расонаҳои мустақил ва алтернативӣ дар Тоҷикистон мебошад. Татбиқи тавсияҳои тадқиқотӣ оид ба дастгирии ВАО-и мустақил ва ташкилотҳои журналистӣ ба фароҳам овардани фазои гуногуни иттилоотӣ мусоидат мекунад, ки дар он нуқтаи назари гуногун озодона баён карда мешавад, ки ба фаҳмиши беҳтар ва дарки интиқодии масъалаҳои мубрами иҷтимоӣ ва сиёсӣ мусоидат мекунад.

Таҳқиқ аҳаммияти баланд бардоштани саводнокии ВАО дар байни аҳолиро таъкид мекунад, ки ба шаҳрвандон имкон медиҳад, ки дар интихоби манбаъҳои иттилоот огоҳона муносибат кунанд ва қобилияти интиқодӣ қабул кардани хабарро афзоиш диҳанд. Маърифати аҳолӣ дар бораи асосҳои саводи расонаӣ барои шинохти иттилои дурӯғ ва воқеӣ бояд баданд бардошта шавад, то таъсири манфии хабарҳои беасос ва қалбакӣ пешгирӣ карда шаванд.

Таҳқиқи нақши ВАО дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон як қадами муҳим дар дарки равандҳои муосири иттилоотӣ буда, натиҷаҳои он метавонанд ба таҳияи стратегияҳои муассири рушди сиёсати иттилоотӣ ва маърифати иттилоотии ҷомеа мусоидат намоянд. Таъсири ВАО ба дарки воқеият аз ҷониби шаҳрвандон бо маълумоти эмпирикӣ ва равишҳои

назариявии дар ин кор омӯхташуда тасдиқ карда мешавад. Кори диссертатсионии мо низ бо назардошти ҳамин нуктаҳо ва бо фарогирии мақсаду вазифаҳои мушаххас сурат гирифт.

1. ВАО дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ, боло бурдани сатҳи огоҳии шаҳрвандон ва ташкили муносибати онҳо ба равандҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ нақши калидӣ дорад. Он дар паҳн кардани иттилоот дар бораи сиёсати давлатӣ, қонунгузорӣ, муносибатҳои байналмилалӣ ва дигар масъалаҳои муҳим фаъолона саҳм мегузорад [1-М].

2. Барои қисми зиёди аҳолӣ, хусусан, ҷавонон ВАО на танҳо манбаи иттилоот, балки воситаи маърифатӣ ва фарҳангӣ мебошад. Расонаҳо бо инъикоси мавзуъҳои миллӣ, таърихӣ ва фарҳангӣ ба таҳкими худшиносии миллӣ ва тарбияи ватандӯстии насли нав мусоидат мекунанд. Ҳамзамон, бо баррасии мушкилоти иҷтимоӣ, аз қабили камбизоатӣ, муҳити зист ва ҳуқуқи инсон, расонаҳо ба баланд бардоштани сатҳи шуури шаҳрвандон ва ташаккули ҷаҳонбинии интиқодӣ кумак мерасонанд [6-М; 13-М].

3. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва паҳншавии иттилооти таҳрифшуда зарурати таҳкими саводи расонаӣ ва қобилияти таҳлилии шаҳрвандон беш аз пеш эҳсос мешавад. Аз ин рӯ, ҳамоҳангии сиёсати иттилоотӣ, рушди касбии журналистон ва баланд бардоштани фарҳанги иттилоотии ҷомеа бояд самтҳои афзалиятноки минбаъдаи фаъолият бошанд [2-М].

4. Таҳқиқ василаҳои асосии таъсири ВАО ба афкори ҷамъиятиро муайян кард. Дар шароити рушди интернет ва технологияҳои иттилоотию рақамӣ ВАО-и анъанавӣ (телевизион, радио, нашрияҳои чопӣ) ҳарчанд то андозае вазифаи худро нигоҳ медоранд, аммо торафт шабакаҳои иҷтимоӣ нақши бештар мебозанд. Ин таҳаввулот бознигарии равишҳои танзими фаъолияти ВАО ва баланд бардоштани саводи расонаии аҳолиро талаб мекунад [7-М].

5. Таҳқиқот нишон дод, ки сатҳи эътимод ба ВАО дар Тоҷикистон аз омилҳои марбут ба объективият ва мустақилияти журналистика вобаста аст. Махсусан, зимни баргузории пурсишномаи сотсиологӣ бо респандентон ин нуқта пурра инъикос карда шуд ва аз ҷониби онҳо фикру ақидаҳои ҷолиб барои

пешбурди фаъолияти ВАО дар Тоҷикистон пешниҳод гардид. Танзими фаъолияти ВАО зарур аст, аммо маҳдудиятҳо метавонад эътимоди шаҳрвандонро ба манбаъҳои расмии иттилоот коҳиш диҳад ва ҷустуҷӯи иттилоъро дар платформаҳои алтернативӣ бештар кунад. Дар робита ба ин масъала бояд боварии аҳолӣ ба ВАО ва пешниҳоди иттилоот аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва сохторҳои дахлдори он таъмин карда шаванд [5-М].

6. Дар такя ба таҷрибаи миллӣ ва назарияҳои ҷаҳонӣ метавон «назарияи миллии ҳамбастагии иттилоотӣ»-ро ташаккул дод, ки тибқи он ВАО дар ҷомеаи Тоҷикистон на танҳо интиқолдиҳандаи иттилоот, балки омили ҳамбастагии иҷтимоӣ, таҳкими худшиносии миллӣ ва устувории давлатдорӣ мегардад. Барои амалӣ шудани ин модел зарур аст, ки сиёсати иттилоотии давлатӣ, сатҳи саводи расонаӣ ва таҳкими потенсиали касбии рӯзноманигорон дар як низоми ягона ва ҳамоҳанг рушд дода шаванд [4-М; 11-М].

7. Таҳқиқ исбот кард, ки афзоиши нуфузи рақамӣ ва васоити ахбори иҷтимоӣ ба мубодилаи озоди иттилоот ва ташаккули афкори мустақил дар байни аҳолӣ такони ҷиддӣ мебахашад. Гузариш аз ВАО-и анъанавӣ ба платформаҳои онлайн ба шаҳрвандон имкон медиҳад, ки маълумоти гуногун гиранд ва дар муҳокимаҳои ҷамъиятӣ иштирок кунанд. Ин ба огоҳии умумии аҳолӣ таъсири мусбат расонида, ба иштироки фаъоли шаҳрвандон мусоидат мекунад ва ин омил равандҳои демократиро дар Тоҷикистон таҳким мебахшад [3-М].

8. Яке аз паҳлуҳои муҳимми таҳқиқот зарурати дастгирии фаъолонаи расонаҳои мустақил ва ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон мебошад. Ин шакли васоити ахбори омма барои рақобати солими эҷодӣ дар бозори иттилоотӣ нақш дошта, имкони ифодаи афкорро барои қишрҳои гуногуни ҷомеа пешниҳод мекунанд. Татбиқи он ба фароҳам овардани фазои гуногуни иттилоотӣ мусоидат мекунад [5-М].

9. Таҳқиқ зарурати саводи расонаиро таъкид мекунанд, ки ба шаҳрвандон имкон медиҳад, ки дар интихоби манбаъҳои иттилоот огоҳона муносибат кунанд ва қобилияти интиқодӣ қабул кардани хабарро афзоиш диҳанд. Ба аҳолӣ

дар бораи асосҳои саводи расонаӣ ва шинохти хабарҳои қалбакӣ ва ҳақиқӣ бояд маълумот дода шавад, то таъсири манфии хабарҳои беасос ва қалбакӣ пешгирӣ гардад [8-М].

10. Таҳқиқи нақши ВАО дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон як қадами муҳим дар фаҳмидани равандҳои муосири иттилоотӣ буда, натиҷаҳои он метавонанд ба таҳияи стратегияҳои муассири рушди иттилоотии ҷомеа мусоидат намоянд. Барои такмили сиёсати иттилоотӣ дар Тоҷикистон рушди ВАО-и гуногунмоликият, таъмини гуногунандешии ақидаҳо, баланд бардоштани сатҳи касбии рӯзноманигорон ва ҷорӣ кардани фаъолонаи саводи расонаӣ дар ҷомеа муҳим мебошад [9-М; 14-М].

11. Таҳқиқ зарурати қабули қонунҳоеро, ки фаъолияти шабакаҳои иҷтимоӣ ва дигар платформаҳои онлайниро барои риояи стандартҳои қатъии паҳнкунии иттилоот танзим намоянд, исбот менамояд. Ин стандартҳо метавонанд тамғагузории ҳатмии хабарҳои қалбакӣ ва инчунин, рушди системаи санҷиши далелҳоро дар ВАО-и онлайнӣ дар бар гиранд. Инчунин, ҷалби намояндагони шабакаҳои бузурги иҷтимоӣ ва блогерҳо барои эҷоди кодексҳои рафтори худтанзимкунӣ муҳим аст, то одоби расонаӣ ҳифз ва таъсири манфии блогнависҳои муосир ба ҷомеа камтар карда шавад [16-М].

12. Намоишҳои мунтазами телевизионӣ, мубоҳисаҳо ва форумҳои кушодро, ки дар он намояндагони ҳукумат, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва коршиносони мустақил метавонанд масъалаҳои муҳимми ҷамъиятӣ ва сиёсиро муҳокима кунанд, ба фазои ҳаррӯзаи ВАО ворид намудан лозим аст. Ин ба шаҳрвандон имкон медиҳад, ки ақидаҳои гуногунро бишнаванд ва тасвири объективии воқеаҳои дар кишвар рӯйдодаро ташаккул диҳанд. Дар баробари ин, талабу дархостҳои худро ба намояндагони мақомоти давлатӣ бевосита расонида, фикру ақидаҳои онҳоро оид ба ин ё он масъала шунаванд [10-М; 12-М].

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро дар самтҳои зерин истифода бурдан мумкин аст:

1. Нуктаҳо ва натиҷаҳои таҳқиқотро кормандони ВАО метавонанд дар фаъолияти ҳаррӯзаи худ мавриди истифода қарор диҳанд, зеро он ба таҳлилу баррасии нақш ва таъсири расонаҳо ба афкори умум бахшида шудааст.

2. Роҳбарияти ВАО-и Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд натиҷаҳои кори диссертатсиониро дар идора ва нақшагирии фаъолияти расонаҳо ба хотири таъсири мусбат ба афкори ҷомеа истифода баранд.

3. Натиҷаҳои кори диссертатсионӣ метавонанд барои беҳтар кардани муносибати ҳукумат ба расонаҳо мусоидат кунанд. Барои муқовимат ба таҳмили андешаву афкори ба манфиатҳои ҷомеаи Тоҷикистон бегона зарур аст, ки ба воситаҳои ахбори омма имтиёзҳои молиявӣ дода шавад диҳанд.

4. Маводди диссертатсияро омӯзгорони ихтисоси журналистика ҳангоми таҳияи дастуру барномаҳои таълимӣ, таълими курсҳои махсус дар ин мавзуъ метавонанд аз истифода намоянд.

5. Маводди таҳқиқи диссертатсионӣ метавонад ҳангоми навиштани корҳои курсӣ, хатм ва магистрии донишҷӯёни тахассуси журналистика ва ҳамчунин навиштани рисолаҳои илмӣ истифода шавад.

6. Ин таҳқиқ барои омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқи фаъолияти расонаҳо дар самтҳои гуногун, аз ҷумла пурсишҳои сотсиологӣ, таъсири сиёсию равонӣ ва тарғибу ташвиқи идеяҳои созанда аз тариқи ВАО замина буда метавонад.

7. Натиҷаҳои кори диссертатсионӣ метавонанд на танҳо барои беҳтар кардани фаъолияти ВАО, балки барои дигар сохторҳои идеологӣ мавод диҳад, зеро истифода аз усулҳои муосири таъсиргузорӣ ба афкор ба хотири ҳимояи манфиату арзишҳои милливу давлатӣ ва суботи ҷомеа баманфиат хоҳад буд.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

## А) РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

### I. Санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе, 2016. – 84 с.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма». [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://mmih.tj/Search/DocumentView?DocumentId=20009
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ». – Душанбе, 1996. [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://mmih.tj/SEARCH/DocumentView?DocumentId=20103&compareid=162335
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама». [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://mmih.tj/SEARCH/DocumentView?DocumentId=23585&compareid=162674
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон». [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://mmih.tj/SEARCH/DocumentView?DocumentId=14897#
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастрасӣ ба иттилоот». [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://mmih.tj/Search/DocumentView?DocumentId=33142


### II. Адабиёт бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ:


7. Абдуллаев, М. Таджикская публицистика и национальная идентичность [Текст] / М. Абдуллаев. – Душанбе, 2014. – 309 с.
8. Азимов, А. Воқеияти зиндагӣ ва матбуоти тоҷик [Матн] / А. Азимов. – Душанбе: Сино, 2000. – 186 с.

9. Азимов, А. Маҳорати журналисти таҳлилгари телевизион [Матн] / А. Азимов. – Душанбе: Шарқи озод, 2013. – 84 с.
10. Азимов, А. Рӯзнома ва рисолати худшиносӣ [Матн] / А. Азимов. – Душанбе: Шарқи озод, 2015. – 152 с.
11. Алиев, А. Роль политической культуры в формировании современного государства и общества [Текст] / А. Алиев. – Баку, Ширваннешр, 2005. – 84 с.
12. Барсукова, О.В. Телевидение как фактор формирования духовно-нравственных ценностей личности: автореф. дис. … канд. филол. наук: 10.01.10 / О. В. Барсукова. – Воронеж, 2012. – 26 с.
13. Бозорзода, Н. Иқтисод ва менеҷменти васоити ахбори омма (Васоити таълимӣ. Барориши 2. Бо таҳриру иловаҳо) / Н. Бозорзода. – Душанбе: ҶДММ “Ашуриён”, 2022. – 240 с.
14. Владимирова, М. Б. Трансформация массового сознания под воздействием СМИ (на примере российского телевидения) [Текст] / М. Б. Владимирова. – М.: Флинта, 2011. – 137 с.
15. Власть, зеркало или служанка: Энциклопедия жизни современной российской журналистики [Текст]. – М., 1998. – 323 с.
16. Ганунвериъилик вя бейнялхалг тяърцбя. Журналистика вя щцгуг (Законодательство и международный опыт. Журналистика и право) [Текст]. – Баку: Издательство «Qanun», 2002. – 214 с.
17. Глухарев, Д. С. Противодействие экстремизму в современном медиапространстве [Текст] / Д. С. Глухарев // Вестник ЮУрГу. Серия: Социально-гуманитарные науки. – Челябинск, 2012. – №10. – 137-140 с.
18. Грушин, Б. А. Мнения о мире и мир мнений: Проблемы методологии исследования общественного мнения [Текст] / Б.А. Грушин. – М.: Политиздат, 1967. – 399 с.
19. Гулмуродзода, П. Маорифпарварони тоҷик ва матбуот [Матн] / П. Гулмуродзода // Журналистика ва ҷомеа. – Душанбе, 1999. – 248 с.
20. Гулов, С. Амвоҷи сухан [Матн] / С. Гулов. – Душанбе: Эҷод, 2005. – 96 с.

21. Гулов, С. Муқаддимаи журналистика [Матн] / С. Гулов, М. Ҷумъаев. – Душанбе: Ирфон, 2016. – 176 с.
22. Ғиёсуддин, М. Ғиёс-ул-луғот [Матн] / М. Ѓиёсуддин. – Душанбе: Адиб, 1988. – 416 с.
23. Давлатзода, Х. Нақши расонаҳо дар инъикоси сиёсати давлатӣ [Матн] / Х. Давлатзода. – Душанбе: САҲМ, 2021. – 160 с.
24. Давронов, Д. Ҷаҳони муосир: мавқеи симо ва садо [Матн] / Д. Давронов, Ҷ. Раҳмонова. – Душанбе, 2012. – 156 с.
25. Деҳхудо, А. Луғатномаи Деҳхудо. Ҷилди 7 [Матн] / А. Деҳхудо. – Теҳрон. – 1338. – 3211 с.
26. Джруаев, А. Телевидение [Текст] / А. Джураев. – Душанбе, 1979. – 112 с.
27. Егорова, Л. С. Влияние информационных войн на стабильность государства [Текст] / Л. С. Егорова // Коммуникология: электронный научный журнал. Том 3. – М., 2018. – №2. – С. 56-62
28. Журналистика ва ҷомеа. Қисми 1 [Матн]. – Душанбе, 1999. – 32 с.
29. Журналистика ва ҷомеа. Қисми 2 [Матн]. – Душанбе, 1999. – 20 с.
30. Зокиров, Г. Донишномаи сиёсӣ [Матн] / Г. Зокиров. – Душанбе: Деваштич, 2007. – 602 с.
31. Имом, Ш. Таърихи бедории миллӣ ва истиқлоли Тоҷикистон [Матн] / Ш. Имом. – Душанбе: Суннатулло, 2003. – 368 с.
32. Искандаров, К. Славный сын таджикского народа [Текст] / К. Искандаров. – Душанбе, 1999. – 58 с.
33. Исмоилзода, З. Б. Жанрҳо ва баъзе қолабҳои нав дар журналистика (тавсифномаи мухтасар) [Текст] / З. Б. Исмоилзода. – Душанбе, 2019. – 172 с.
34. Казаков, А. А. Теория установления повестки дня vs. фрейминг: к вопросу о соотношении подходов [Текст] / А.А. Казаков // Полития: Анализ. Хроника. Прогноз. – М., 2015. – № 1 (76). – С. 103-113.

35. Камолиддинов, Б. Меъёри забони адабӣ ва забони матбуоти тоҷик (дастур барои журналистони ҷавон) [Матн] / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Пойтахт, 2015. – 108 с.
36. Кара-Мурза, С. Г. Манипуляция сознанием [Текст] / С. Г. Кара-Мурза. – М.: Алгоритм, 2004. – 528 с.
37. Каримзода, Х. И. Особенности освещения социально-политических вопросов на телеканалах таджикистана (на примере программ «первого канала телевидения Таджикистана» и информационного канала «Джахоннамо»): дис. ... канд. филол. наук.: 10.01.10 [Текст] / Х. И. Каримзода. – Душанбе, 2017. – 165 с.
38. Кисамӣ, Ю. Р. Нақши расонаҳо дар ҳамгироии кишварҳои форсизабон [Матн] / Юнуси Ранҷкаши Кисамӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2012. – №4/5. – С.278-282.
39. Косяков, В. А. Реферативный обзор книги Д. МакКуэйла "Теория массовой коммуникации" (1 часть) [Текст] / В. А. Косяков, Е. А. Универсалюк // Вопросы теории и практики журналистики. – Т. 8. – Иркутск, 2019. – №3. – С. 524-534.
40. Қутбиддинов, А. Хосияти публитсистика [Матн] / А. Қутбиддинов, Ҷ. Раҳмонова. – Душанбе, 2018. – 164 с.
41. Қутбиддинов, А. Ҳ. Моҳият ва таъиноти матбуоти маҳаллӣ [Матн] / А. Ҳ. Қутбиддинов. – Душанбе: Аржанг, 2018. – 160 с.
42. Қутбиддинов, Б. Бо забон пайкари миллатро месохт [Матн] / Б. Қутбиддинов // Забон ва ҳувияти миллӣ. – Душанбе: Шарқи озод, 2018. – С. 130-132.
43. Лассуэлл, Г. Структура и функции коммуникации в обществе [Текст] / Г. Лассуэлл // Коммуникация и общество. – М.: Прогресс, 1948. – С. 37-51.
44. Ленин, В. И. Полное собрание сочинений: в 55 т. Т. 13 [Текст] / В. И. Ленин. – М.: Политиздат, 1969. – 471 с.

45. Липпман, В. Общественное мнение. Пер. с англ. В. И. Кошкина [Текст] / В. Липпман. – М.: Институт Фонда «Общественное мнение», 2004. – 384 с.
46. Макашов, А. В. Шириншо Шотемур [Матн] / А. В. Макашов, В. А. Руднитский. – Душанбе: Ирфон, 1964. – 152 с.
47. Масъалаҳои ташаккули идеяи миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (маводди конфронси илмӣ- амалӣ) [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 2007. – 260 с.
48. Маҳмудзода, М. Забони матбуот [Матн] / М. Маҳмудзода. – Душанбе: Адиб, 2017. – 180 с.
49. Мирбобоев, М. Журналистикаи телевизионӣ [Матн] / М. Мирбобоев. – Душанбе: Ирфон, 2018. – 392 с.
50. Мирзоалӣ, С. Равзанаи иттилоотӣ / С. Мирзоалӣ. – Душанбе, 2007. – 65 с.
51. Мирзоев, И. Рукни чорум [Матн] / И. Мирзоев. – Душанбе, 2012. – 268 с.
52. Муайян намудани афзалиятҳои медиавии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон: ТВ, радио, нашрияҳои чопӣ, сомонаҳо, шабакаҳои иҷтимоӣ ва месенҷерҳо. – Душанбе, 2018. – С 33-41.
53. Муқим, Ҷ. Дастурамал барои радиожурналистони ҷавон [Матн] / Ҷ. Муқим, Н. Абдурофеъ. – Душанбе, 2008. – 96 с.
54. Муқим, Ҷ. Гендер ва журналистика [Матн] / Ҷ. Муқим, П. Гулмуродзода. – Душанбе, 2006. – 117 с.
55. Муқим, Ҷ. Радиои Би-Би-СИ: дирӯз ва имрӯз [Матн] / Ҷ. Муқим. – Душанбе, 2006. – 69 с.
56. Муқим, Ҷ. Сиёсат ва ҷанги иттилоотӣ [Матн] / Ҷ. Муқим. – Душанбе, 2006. – 71 с.
57. Муқимов, М. А. Нақши ВАО дар низоми нави ҷаҳонӣ [Матн] / М. А. МуҚимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – №2. – С. 251-255.
58. Муллоев, Ш. Б. Современная таджикская журналистика [Текст] / Ш. Б. Муллоев, А. А. Рахимов. – Душанбе, 2016. – 146 с.
59. Муродов, М. Аз замон то замон [Матн] / М. Муродов. – Душанбе: Шуҷоиён, 2010. – 248 с.

60. Муродов, М. Аз таърихи ташаккул ва инкишофи ҳаҷви публитсистӣ дар матбуоти даврии тоҷик [Матн] / М. Муродов. – Душанбе: Сино, 2007. – 144 с.
61. Муродов, М. Асосҳои эҷоди журналистӣ [Матн] / М. Муродов. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 256 с.
62. Муродов, М. Баъзе масъалаҳои журналистика ва ҳаҷви публитсистӣ [Матн] / М. Муродов. – Душанбе: Деваштич, 2005. – 122 с.
63. Муродов, М. Дар роҳи дарёфти эътимод [Матн] / М. Муродов // Ҷумҳурият. – 2018. – 13 апрел.
64. Муродов, М. Забон ва фарзонафарзандони миллат [Матн] / М. Муродов // Забон ва ҳувияти миллӣ. – Душанбе: Шарқи озод, 2018. – С. 99-104.
65. Мухаммадиев, А. У. Роль и значение информации в построении гражданского общества [Текст] / А. У. Мухаммадиев // Молодой ученый. – Казан, 2012. – №12. – С. 386-388.
66. Мухторӣ, Қ. Хадамоти матбуотӣ ва робита бо ҷомеаи шаҳрвандӣ [Матн] / Қ. Мухторӣ, С. Оламиён. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2023. – 140 с.
67. Муҳаммад, Р. А. Мудирияти расонаҳо ва муҳандиси афкори умум [Матн] / Р. А. Муҳаммад. – Машҳад, 1997. – 270 с.
68. Нуралиев, А. Жанрҳои ахбории матбуот [Матн] / А. Нуралиев. – Душанбе, 2004. – 146 с.
69. Нуралиев, А. Таърихи журналистикаи кишварҳои хориҷӣ. Қ. 1 [Матн] / А. Нуралиев. – Душанбе: Сино, 2001. – 272 с.
70. Оинаи миллат [Матн]. – Душанбе: Эҷод, 2005. – 205 с.
71. Пронина, Е. Е. Психология журналистского творчество [Текст] / Е. Е. Пронина. – М., 2003. – 320 с.
72. Прохоров, Е. П. Введение в теорию журналистики [Текст] / Е. П. Прохоров. – М.: Аспект Пресс, 2001. – 353 с.
73. Прохоров, Е. П. Свобода СМИ в журналистской деятельности [Текст] / Е. П. Прохоров. – М., 2001. – 192 с.

74. Пулодов, Қ. Таърих ва таҳаввули матбуоти тоҷик Қ. Пулодов [Матн] / Қ. Пулодов. – Душанбе: Матбуот, 2020. – 312 с.
75. Равшангари афкори ҷомеа [Матн]. – Душанбе: Деваштич, 2009. – 70 с.
76. Рахимджонов, Х.У. Этические нормы как механизм саморегулирования в журналистских сообществах Таджикистана»): дис. ... канд. филол. наук.: 10.01.10 [Текст] / Х. У. Рахимджонов. – Душанбе, 2017. – 164 с.
77. Раҳимова, Н. Х. Роль СМИ в сближении национальных культур жителей Республики Таджикистан [Текст] / Х. Н. Рахимова // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. – Худжанд, 2021. – №2. – С. 21-30.
78. Раҳимҷонов, Х.У. Меъёрҳои этикаи касбӣ ва журналистикаи тоҷик [Матн] / Х. У. Раҳимҷонов. – Душанбе: Ирфон, 2018. – 184 с.
79. Раҳматов, А. Таъсири расонаҳои рақамӣ ба ҷавонон [Матн] / А. Раҳматов. – Душанбе: Аржанг, 2022. – 192 с.
80. Раҳмонов, А. Ҷомеа ва шабакаҳои иҷтимоӣ [Матн] / А. Раҳмонов. – Душанбе: Сомон, 2020. – 200 с.
81. Раҳмонов, Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби якум: Аз Ориён то Сомониён [Матн] / Э. Раҳмонов. – Лондон: FLINT RIVER EDITIONS, 2000. – 240 с.
82. Российская социологическая энциклопедия [Текст]. – М, 1998. – 672 с.
83. Роҳнамои эҷодии телевизион [Матн]. – Душанбе: Интернюс, 1999. – 189 с.
84. Садуллаев, Дж. М. Концепция межгосударственной телерадиокомпании «Мир» в контексте интеграционных процессов на постсоветском пространстве [Текст] / Дж. М. Садуллаев. – Душанбе: РТСУ, 2011. – 96 с.
85. Садуллоев, Дж. М. Межгосударственная телерадиокомпания «Мир» – как новый тип межгосударственного средства массовой информации в контексте интеграционных процессов СНГ: дис. ... докт. филол. наук: 10.01.10 [Текст] / Дж. М. Саъдуллоев. – Душанбе, 2013. – 315 с.
86. Сангинзода, М. Меъёрҳои ахлоқии журналистика [Матн] / М. Сангинзода. – Душанбе: Ирфон, 2020. – 224 с.

87. Сангинов, Р. ВАО ва ҷомеа [Матн] / Р. Сангинова. – Душанбе: Ирфон, 2019. – 280 с.
88. Сафарзода, М. А. Таъсири телевизион ба афкори умум (Нашри дуюм) [Матн] / М.А. Сафарзода. – Душанбе: ҶДММ “Шоҳин-С”, 2021. – 172 с.
89. Сафаров, Х. Х. Место средств массовой информации России в информационном пространстве Республики Таджикистан: автореф. дис. … канд. филол. наук.: 10.01.10 [Текст] / Х. Х. Сафаров. – Душанбе, 2013. – 23 с.
90. Сафарова, М. А. Телевидение и его влияние на общественное мнение (на примере государственных телевизионных каналов Таджикистана): дис. ... канд. филол. наук.: 10.01.10 [Текст] / М. А. Сафаров. – Душанбе, 2016. – 147 с.
91. Саъдуллоев, А. Хосияти адабиёт [Матн] / А. Саъдуллоев. – Душанбе: Адиб, 2000. – 256 с.
92. Саъдуллоев, А., Шоев, М. Асосҳои журналистикаи телевизион [Матн] / А. Саъдуллоев, М. Шоев. – Душанбе, 2005. – 480 с.
93. Саъдуллоев, А. Наҷвои наҷотофарин [Матн] / А. Саъдуллоев. – Душанбе, 2008. – 112 с.
94. Сербина, Г. Н. Роль интернета в формировании новостной повестки дня: критический анализ теории Agenda-setting [Текст] / Г. Н. Сербина. – Вестник Томского государственного университета. – Томск, 2015. – № 397. – С. 56-59.
95. Советское радио и телевидения [Текст]. – М., 1966. – 266 с.
96. Сохибова, Б. Н. Информация и ее интерпретация как фактор развития современного таджикского телевидения (на примере Первого канала телевидения Таджикистана и информационного канала «Джахоннамо»): дис. ... канд. филол. наук.: 10.01.10 [Текст] / Б. Н. Сохибова. – Душанбе, 2015. – 164 с.
97. Телевизионная журналистика [Текст]. – М.: Высшая школа, 2002. – 304 с.

98. Умарова, Г. Телевизион ва воқеияти Тоҷикистон [Матн] / Г. Умарова. – Душанбе: Шуҷоиён, 2011. – 108 с.
99. Усмонов, И. Назарияи публитсистика [Матн] / И. Усмонов. – Душанбе, 1999. – 100 с.
100. Усмонов, И. Воситаҳои ахбори омма ва сиёсати хориҷии Тоҷикистон [Матн] / И. Усмонов. – Душанбе: Сино, 2003. – 64 с.
101. Усмонов, И. Одоби сухан / И. Усмонов. – Душанбе: Сино, 2005. – 53 с.
102. Усмонов, И. Журналистика. Ҷилди 1 [Матн] / И. Усмонов. – Душанбе, 2005. – 480 с.
103. Усмонов, И. Таърихи журналистикаи тоҷик / И. Усмонов, Д. Давронов. – Душанбе: Маориф, 2008. – 278 с.
104. Усмонов, И. Журналистика. Ҷилди 3 [Матн] / И. Усмонов. – Душанбе, 2008. – 400 с.
105. Усмонов, И. Жанрҳои публитсистика [Матн] / И. Усмонов. – Душанбе, 2009. – 139 с.
106. Усмонов, И. Журналистика. Ҷилди 4 [Матн] / И. Усмонов. – Душанбе, 2011. – 474 с.
107. Усмонов, И. Тоҷикнома. Китоби 1 / И. Усмонов. – Душанбе: Матбуот, 2018. – 328 с.
108. Усмонов, И. Тоҷикнома. Китоби 2 / И. Усмонов. – Душанбе: Матбуот, 2018. – 384 с.
109. Усмонов, И. К. Таърихи журналистикаи тоҷик (курси лексияҳо) [Матн] / И. К. Усмонов, Н. К. Усмонова. – Душанбе, 2020. – 249 с.
110. Файзуллозода, С. Таҳқиқоти сотсиологӣ дар журналистика [Матн] / С. Файзуллозода. – Душанбе: Адабиёт, 2019. – 144 с.
111. Фарҳанги забони тоҷикӣ [Матн]. – Москва: Советская энциклопедия, 1969. – 951 с.
112. Фарҳанги мукаммали забони тоҷикӣ [Матн]. – Душанбе: Шарқи озод, 2011. – 832 с.

113. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ. 1 (нашри дуюм) [Матн]. – Душанбе: Шуҷоиён, 2010. – 966 с.
114. Философский энциклопедический словарь [Текст]. – М., 2002. – 576 с.
115. Херман, Э. Производство согласия: политическая экономия средств массовой информации [Текст] / Э. Херман, Н. Хомски.. – М.: Логос, 2003. – 416 с.
116. Хоҷазод, С. Донишномаи радио ва телевизиони Тоҷикистон [Матн] / С. Хоҷазод. – Душанбе: Шуҷоиён, 2009. – 900 с.
117. Хоҷазод, С. Таърихи телевизиони Тоҷикистон [Матн] / С. Хоҷазод. – Душанбе, 2007. – 288 с.
118. Хоҷазода, С. Ҷангҳои равонӣ ва таъмини амнияти фазои расонаӣ [Матн] / С. Хоҷазода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикисто. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2012. – №4/5. – С. 254-256.
119. Ҳамидов, И. И. Нерӯйи ояндасози миллат [Матн] / И. И. Ҳамидов. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 140с.
120. Ҳусейнов, Т. Фаҳми расонаӣ ва фарҳанги иттилоотӣ [Матн] / Т. Ҳусейнов. – Душанбе: Адабиёти илмӣ, 2023. – 210 с.
121. Ҷумҳурият: Рӯзноманигорӣ ватандорист [Матн]. – Душанбе: Шарқи озод, 2010. – 296 с.
122. Шарифзода, Қ. Дар бораи ду мақолаи ҳамноми Мунзим [Матн] / Қ. Шарифзода // Устод Садриддин Айнӣ ва асолати забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2009. – С. 33-39.
123. Шарифзода, Қ. Дар ҷустуҷӯи шахсият [Матн] / Қ. Шарифзода – Душанбе: Ирфон, 2017. – 192 с.
124. Эшматов, З. А. Становление и развитие Таджикского Телевидения: дис. ... канд. филол. наук.: 10.01.10 [Текст] / З. А. Эшматов. – Душанбе, 2016. – 180 с.
125. Эшматов, З. Таъсис ва ташаккули телевизиони Тоҷикистон [Матн] / З. Эшматов. – Душанбе, 2016. – 130 с.

**III. Адабиёт бо забони хориҷӣ**

126. Allan, S. News Culture [Text] / S. Allan. – London: McGraw Hill, 2010. – 324 p.

127. Bernays, E. Propaganda [Text] / E. Bernays. – New York: Ig Publishing, 2005. – 170 p.

128. Boyd-Barrett, O. Media Imperialism: Continuity and Change [Text] / O. Boyd-Barrett. – London: SAGE, 2016. – 240 p.

129. Castells, M. Communication Power [Text] / M. Castells. – Oxford: Oxford University Press, 2009. – 592 p.

130. Curran, J. Power Without Responsibility: Press, Broadcasting and the Internet in Britain [Text] / J. Curran, J. Seaton. – London: Routledge, 2018. – 480 p.

131. Fenton, N. Digital, Political, Radical [Text] / N. Fenton. – London: Polity Press, 2016. – 248 p.

132. Pavlik, J.V. Media in the Digital Age [Text] / J. V. Pavlik. – New York: Columbia University Press, 2008. – 272 p.

133. Rosenberry J. Public Journalism 2.0: The Promise and Reality of a Citizen-Engaged Press [Text] / J. Rosenberry, B. St. John. – New York: Routledge, 2010. – 248 p.

**IV. Сарчашма**

***а) Нашрияҳо***

134. Рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ»

135. Рӯзномаи «Ҷумҳурият»

***б) Барномаҳои телевизионӣ***

136. Агроиқтисод / Телевизиони Тоҷикистон [Навор]. – 2018.

137. Андоз бақои давлат / Телевизиони Тоҷикистон [Навор]. – 2022. – 11 январ.

138. Атри сухан / Телевизиони Тоҷикистон [Навор]. – 2018. – 12 март.

139. Ахтарони адаб / Телевизиони Тоҷикистон [Навор]. – 2018. – 12 феврал.

140. Дар мавзуи рӯз / Телевизиони Тоҷикистон [Навор]. – 2019.

141. Дар мавзуи рӯз / Телевизиони Тоҷикистон [Навор]. – 2021. – 1 март.

142. Иқтисоди ҷаҳон / Телевизиони Тоҷикистон [Навор]. – 2022. – 14 январ.
143. Меҳвар / Телевизиони Тоҷикистон [Навор]. – 2021. 30 июл.
144. Муд / Телевизиони Тоҷикистон [Навор]. – 2018. – 16 декабр.
145. Парвози шоҳин / Телевизиони Тоҷикистон [Навор].– 2018. – 4 апрел.
146. Роҳи рушд / Телевизиони Тоҷикистон [Навор]. – 2018.
147. Тоҷикистон ва ҷаҳон / Телевизиони Тоҷикистон [Навор]. – 2020.
148. Тоҷикистон ва ҷаҳон / Телевизиони Тоҷикистон [Навор]. – 2021.
149. Этикет / Телевизиони Тоҷикистон [Навор]. – 2018. – 10 апрел.
150. Эҷод / Телевизиони Тоҷикистон [Навор]. – 2018. – 5 январ.

***в) Манбаъҳои интернетӣ***

151. Аввалин муъҷиза [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: https://jumhuriyat.tj/7981-avvalin-muiza.html (санаи муроҷиат: 12.07.2020).
152. Бухорои Шариф [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: https://tg.wikipedia.org/ wiki/Бухорои_Шариф (санаи муроҷиат: 25.06.2020).
153. “Бухорои шариф” – нахустин нашрияи форсизабон дар Осиёи Миёна [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: http://www.bbc.co.uk/tajik/institutional/2 012/03/120306_ea_bukharai_sharif (санаи муроҷиат: 28.06.2020).
154. ВАО-и миллӣ. Чӣ бояд кард, ки он рақобатпазир бошад? [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: http://jumhuriyat.tj/index.php?art_id=28117 (санаи муроҷиат: 20.03.2019).
155. Дар бораи нашрия. [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: https://jumhuriyat.tj/quotumurijatquot/dar-borai-nashrija/ (санаи муроҷиат: 25.06.2020).
156. Қутбиддин, Б. Чанд хосияти фазои иттилоотӣ. [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: http://journalism.tnu.tj/index.php/na-di-

zhurnalist/241-chand-khosiyati-fazoi-ittiloot (санаи мурочиат: 20.08.2020).

157. Лойко, М. Что такое “общественное мнение” и как СМИ формируют его сегодня [Электронный ресурс] // Режим доступа: URL: http://концептуал.рф/chto-takoe-obschestvennoe-mnenie-i-kak-smi-formiruyut-ego-segodnya (санаи мурочиат: 25.10.2019).

158. Маъруфзод, С. Амнияти иттилоотӣ кафили амнияти ҷаҳон [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: https://moh.tj/?s=%D0%9C%D0%B0%D1%8A%D1%80%D1%83%D1%84%D0%B7%D0%BE%D0%B4+%D0%A1.+%D0%90%D0%BC%D0%BD%D0%B8%D1%8F%D1%82%D0%B8+%D0%B8%D1%82%D1%82%D0%B8%D0%BB%D0%BE%D0%BE%D1%82%D3%A3+%D0%BA%D0%B0%D1%84%D0%B8%D0%BB%D0%B8 (санаи мурочиат: 11.04.2020).

159. Муқимов, М. А. Ҷанги иттилоотӣ ва таъмини амнияти фазои иттилоотӣ [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: https://jovidmuqim.wordpress.com (санаи мурочиат: 11.04.2020).

160. Ориён [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: http://orien.info/president/2840-emomal-ramon-man-az-biser-navishtaoi-rznomanigoron-ogo-astam-va-onoro-dar-mavridoi-zarur-mavridi-istifoda-aror-mediam.html (санаи мурочиат: 08.07.2020).

161. Суханронӣ дар маҷлиси тантанавӣ бахшида ба 100-солагии матбуоти тоҷик [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: http://president.tj/node/222 (санаи мурочиат: 17.06.2020).

162. Телевизиони Тоҷикистон (Шабакаи 1) [Манобеи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: https://tg.wikipedia.org/wiki/ТВ_Тоҷикистон (санаи мурочиат: 11.08.2020).

163. Тоҷикистон [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: https://tg.wikipedia.org/wiki/Тоҷикистон (санаи мурочиат: 10.07.2020).

164. Тоҷикистон: журналистикаи 19 соли истиқлолият [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: http://jumhuriyat.tj/index.php?art_id=4089 (санаи муроҷиат 12.07.2020)

***г) Пурсишномаи сотсиологӣ***

165. Нусхаи варақаҳои пурсиши сотсиологии муаллиф

## Б) РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

### I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Мавлонов, Х. Д. Нақши расонаҳо дар шаклгирии афкори умум [Матн] / Х. Д. Мавлонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №3. – С. 305-310.

[2-М]. Мавлонов, Х. Д. Таъсири ҷангҳои иттилоотӣ ба афкори умум [Матн] / Х. Д. Мавлонов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – № 3. – С. 275-279.

[3-М]. Мавлонов, Х. Д. Инъикоси низоъҳои сиёсӣ дар матбуоти ибтидои солҳои 90-уми ХХ [Матн] / Х. Д. Мавлонов // Идоракунии давлатӣ. – Душанбе, 2020. – №4/2. – С. 280-288.

[4-М]. Мавлонов, Х. Д. Нақши матбуоти ибтидои солҳои 90-ум дар ҳаёти ҷомеа [Матн] / Х. Д. Мавлонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. - №2. – С. 227-233.

[5-М]. Мавлонов, Х. Д. Эътимод ба ВАО – заминаи пайдоиши афкори умум [Матн] / Х. Д. Мавлонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – №7. – С. 386-390.

[6-М]. Мавлонов, Х. Д. Афкори умум ва ташаккули он ба воситаи телевизион [Матн] / Х. Д. Мавлонов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе. 2021, – № 5. – С. 215-219.

[7-М]. Гулов, С. Н., Мавлонов, Х. Д. Матбуот аз василаҳои аввалин дар шаклдиҳии афкори умум [Матн] / С. Н. Гулов, Х. Д. Мавлонов // Номаи донишгоҳ. – Хуҷанд, 2021. – №1. – С. 114-120.
[8-М]. Мавлонов, Х. Д. Телевизион – унсури таъсиррасон ба афкори умум [Матн] / Х. Д. Мавлонов // Идоракунии давлатӣ. – Душанбе, 2020. – №3. – С. 83-88.
[9-М]. Давлатализода, Х. Д. Нақши воситаҳои ахбори омма дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ: таҳлили назариявӣ ва арзёбии таҷрибаи Тоҷикистон [Матн] / Х. Д. Давлатализода // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Бахши илмҳои филологӣ. – Кӯлоб, 2025. – №4 (41). – С. 359-367

**II. Таълифоти муаллиф дар маҷмуа ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[10-М]. Мавлонов, Х. Д. Телевизион – унсури таъсиррасон ба афкори умум [Матн] / Х. Д. Мавлонов // Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои муҳимми идоракунии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ дар шароити татбиқи ҳукумати электронӣ». – Душанбе, 2020. – С. 156-160.
[11-М]. Мавлонов, Х. Д. Иттилоот воситаи муассири идоракунии афкори ҷомеа [Матн] / Х. Д. Мавлонов // Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ: моделҳои муосири самаранокии он». – Душанбе, 2021. – С. 72-78.
[12-М]. Мавлонов, Х. Д. Афкори умум ва ташаккули он ба воситаи телевизион [Матн] / Х.Д. Мавлонов // Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Нақши илмҳои гуманитарӣ дар рушди илм ва маорифи кишвар». – Душанбе, 2021. – С. 219-226.
[13-М]. Мавлонов, Х. Д. Нақши барномаи «Тоҷикистон ва ҷаҳон» дар муборизаҳои иттилоотӣ [Матн] / Х. Д. Мавлонов // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Таҳсилоти

журналистӣ дар Тоҷикистон: вазъият, мушкилот ва пешомад (Эҳдо ба 25-солагии Рӯзи ваҳдати миллӣ). – Душанбе, 2022. – С. 289-293.

[14-М]. Мавлонов, Х.Д. Ифротгароии иттилоотӣ ва хатари он ба амнияти миллӣ [Матн] / Х. Д. Мавлонов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – назариявӣ дар мавзуи «Нақши ВАО дар таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Кӯлоб, 2023. – С. 54-57

[15-М]. Мавлонов, Х. Д. Таъсири иттилоот ба арзишҳои маънавии ҷомеа дар замони муосир [Матн] / Х. Д. Мавлонов // Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Самтҳо ва тамоюлҳои стратегии рушди журналистика, филология ва лингводидактика» (Стратегии и тренды развития журналистики, филологии и лингводидактики). – Душанбе, 2023. – С. 163-170

[16-М]. Мавлонов, Х. Д. Таъсири ВАО дар шаклгирии афкори умум: андеша ва воқеият [Матн] / Х. Д. Мавлонов // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Воситаҳои ахбори омма ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ». – Душанбе, 2025. – С. 167-174

# ЗАМИМАҲО

## ***Замимаи 1.*** *Намунаи пурсишнома барои рисолаи номзадӣ*

**ПУРСИШНОМА БАРОИ РИСОЛАИ НОМЗАДӢ**

*Ташаккури зиёд барои қабули даъвати мусоҳиба. Таҷриба ва мавқеи Шумо барои ин таҳқиқот бебаҳо хоҳад буд ва иштироки Шумо барои мукаммал шудани таҳқиқи мо саҳми назаррас хоҳад гузошт. Дар зер Шумо метавонед маълумоти муфассалро дар бораи лоиҳа, маълумоти пурсишнома ва саволҳо пайдо намоед.*

| 1. | **Маълумот дар бораи пурсишнома ва сохтори он** |
|---|---|

| | |
|---|---|
| *a.* | *Мақсади пурсишнома:*<br>Ҳадафи ин пурсишнома ҷамъ овардани андешаҳои муҳаққиқон, коршиносон ва ҷомеаи шаҳрвандӣ оид ба нақш ва таъсири ВАО дар ташаккули афкори умум мебошад. Андешаҳои ҷамъоваришуда ҳамчун саҳми арзанда дар таҳқиқоти рисолаи номзадӣ хидмат хоҳад кард. |
| *b.* | *Маълумот дар бораи муаллиф:*<br>Мавлонов Хуршед Давлаталиевич – докторант (PhD)-и кафедраи телевизион ва радиошунавонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. |
| *c.* | *Иштирок:*<br>Иштироки Шумо дар ин пурсишнома комилан ихтиёрист. Ҳеҷ гуна ӯҳдадорӣ ба ҷавоб додан ба ҳама саволҳо вуҷуд надорад. Лутфан, фикру ақидаҳои худро озодона ва ба қадре баён намоед, ки ба Шумо мувофиқ бошад. |
| *d.* | *Махфият ва истифодаи маълумоти аз мусоҳиб ҷамъовардашуда:*<br>Иштироки Шумо арзишманд ва ҷавобҳои Шумо танҳо барои мақсадҳои таҳқиқот истифода мешаванд. Маълумоти ҷамъшуда ҳифз карда мешавад ва бо ягон шахси сеюм мубодила карда намешавад. Он ба рисолаи ман ва эҳтимолан ба мақолаҳои илмии ман, ки метавонанд дар асоси як қисми рисола нашр шаванд, саҳм хоҳад гузошт. Вобаста ба ин, андешаҳои Шумо дар ҳар ҷойи рисола иқтибос хоҳад шуд (бо маълумоти пурраи Шумо, ё танҳо бо номи пурраи Шумо, ё танҳо бо мансубияти Шумо, ё ҳамчун беном). |
| *e.* | *Пешниҳоди андешаи Шумо:*<br>Ман аз он миннатдор хоҳам буд, агар Шумо дар давоми 10 рӯзи гирифтани ин даъват мавқеи худро пешниҳод намоед. Шумо метавонед пурсишномаи пуркардаи худро тавассути почтаи электронӣ ба суроғаи дар зер овардашуда ё танҳо тавассути ҷавоб додан ба почтаи даъвати гирифтаатон ба ман фиристед. |
| *f.* | *Тамос:*<br>Агар Шумо дар бораи раванди пурсишнома ягон савол ё нигаронӣ дошта бошед, лутфан бо ман тавассути почтаи электронӣ hurshed.0001@mail.ru ва телефон +992 988 68 76 08 Telegram, WhatsAp дар тамос шавед. Ман ҳамеша омодаам, ки ба Шумо ҷавоб диҳам. |

| 2. | **Маълумот дар бораи пурсишнома** |
|---|---|

*Лутфан шакли зеринро пур намоед:*

*Ин танҳо барои мақсадҳои иттилоотӣ аст. Шумо вариантҳоеро интихоб мекунед, ки чӣ тавр Шумо дар рисолаи ман муаррифӣ мешавед.*

| |
|---|
| a. Унвони илмӣ (агар бошад): |
| b. Номи пурра: |
| c. Мансубият (агар бошад): |

**Чӣ гуна шумо дар кори тадқиқотӣ иқтибос овардан мехоҳед?** *Лутфан аз имконоти зер интихоб кунед ва ҷавоби худро (х) мувофиқи он қайд кунед.*

| |
|---|
| d. Бо маълумоти пурра: |
| e. Танҳо бо номи пурра: |
| f. Танҳо бо мансубият:. |
| g. Анонимӣ: |
| h. Дигар *(лутфан варианти худро дар ин ҷо нависед)* : |

| 3. | Саволҳои мусоҳиба |
|---|---|

Лутфан андешаҳои худро оид ба Всаволҳои зерин пешниҳод намоед. Лутфан ба ҳар як савол то дараҷаи имкон, ба таври муфассал шарҳ диҳед. Агар саволе ба Шумо писан набошад, метавонед аз ҷавоб додан худдорӣ намоед. Саҳми пурарзиши Шумо бо баҳои баланд дар муваффақияти рисолаи ман арзёбӣ мегардад.

| | |
|---|---|
| 1. | Шумо нақши ВАО-ро дар ташаккули афкори умум чӣ гуна арзёбӣ мекунед? Шумо то кадом андоза нақши ВАО-ро дар қабули қарорҳои сиёсӣ дар замони муосир муҳим мешуморед? Аз нигоҳи Шумо оё ВАО иқтидори таъсиррасонӣ ба идеология ва қарорҳои ҳукуматҳоро доро мебошад ва агар ин кор имконпазир бошад, пас бо кадом шакл? |
| | *Ҷой барои шарҳи Шумо:* |
| 2. | Оё таҷрибаи мамлакатҳои Ғарб дар роҳи истифодаи ВАО ҷиҳати расидан ба манфиатҳои гуруҳҳои сиёсӣ дар фазои пасошӯравӣ қабулшаванда аст ё не? Ба фикри Шумо иддаои он ки ВАО-и пасошӯравӣ танҳо ба манфиати режимҳои сиёсӣ фаъолият мекунад, дуруст аст? Агар ин иддао дуруст бошад, омилҳои асосии ин тарзи истифода кадом аст? |
| | *Ҷой барои шарҳи шумо:* |
| 3. | Ба назари Шумо телевизион ҳамчун барандаи иттилоот то кадом андоза имкони тағйир додани андешаи оммаро доро мебошад? Кадом шакли таҳқиқоти телевизионӣ ва барномаҳои дар он пахшшаванда бештар имкони таъсиррасонӣ ба афкори ҷомеаро доро мебошанд? Таҷрибаи ҳалли мушкилоти характери сиёсидошта тавассути баррасии он дар ток-шоуҳои телевизионӣ то кадом андоза натиҷаро самараноктар мегардонад? Ба андешаи Шумо, оё дар мамлакатҳои Ғарбӣ таҷрибаи истифодаи дебатҳои телевизионӣ қабл аз интихоботҳо ва маъракаҳои дигари муҳимми сиёсӣ ба натиҷаҳои он таъсир расонида метавонад? |
| | *Ҷой барои шарҳи Шумо:* |
| 4. | Ба фикри Шумо чаро дар замони муосир расонаҳо ҳамчун муҳимтарин абзори сиёсӣ қарор дода мешаванд? Фарқи расонаҳои хусусӣ аз расонаҳои давлатии иттилоърасон дар чист? Ба андешаи Шумо кадом навъи расонаҳо ба ҷомеа таъсири бештар мерасонанд? |
| | *Ҷой барои шарҳи Шумо:* |
| 5. | Сензура дар ВАО то кадом андоза шаффофиятро дар фаъолияти рӯзноманигорӣ ғайримақсаднок мегардонад? Шаффофияти хабару гузоришҳои сиёсиро бо кадом усулҳо метавон таъмин намуд? Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешгирии сензура ва таъмини озодии баён кадом чораҳо андешида шудааст ва кадом чораҳои дигарро мебояд дар ин самт андешид? |
| | *Ҷой барои шарҳи Шумо:* |
| 6. | Оё мафкураи сиёсӣ ва динии рӯзноманигор ба ҷомеа таъсири ҷиддӣ мерасонад? Агар таъсир расонад, онҳоро номбар кунед (мусбат ва манфӣ)? Баҳодиҳии яктарафаи масъалаҳои сиёсӣ ва характери амниятидошта аз ҷониби ВАО ба ҷомеа чӣ таъсир мерасонад? Оё хабарҳои беасос ва сармоягузоришуда дар ВАО аз хабарҳои воқеӣ тафовути зиёд доранд? |
| | *Ҷой барои шарҳи Шумо:* |
| 7. | Ба ақидаи Шумо ҷанги иттилоотӣ чист ва онро бо кадом таъбир метавон тавсиф намуд? Оё Шумо бар он боваред, ки дар замони муосир давлатҳо нақшаву стратегияҳои ҷангҳои иттилоотиро таҳия менамоянд? Ҷангҳои иттилотии муосирро дар чӣ гуна шароит ва омилҳо тасаввур менамоед? Фазои иттилоотии як кишвар метавонад ба мафкура ва тасаввуроти ҷомеаи кишвари дигар таъсири манфӣ расонад? |
| | *Ҷой барои шарҳи Шумо:* |
| 8. | Фазои кунунии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистонро чӣ гуна баҳогузорӣ менамоед? Матбуоти кунунии тоҷик то чӣ андоза дар шаклгирии мафкураи аҳолӣ саҳмгузор мебошад? Таъсири матбуот дар кадом давра дар шаклгирии мафкураи ҷомеаи Тоҷикистон бештар мушоҳида мешавад? Ин таъсирот бештар ба чӣ вобаста буд? |
| | *Ҷой барои шарҳи Шумо:* |
| 9. | Фазои иттилотии Тоҷикистони имрӯза бештар ба кадом навъи хабару иттилоот эҳтиёҷ дорад? Кадом барномаҳои дар телевизионҳои Тоҷикистон пахшшаванда ба мафкураи аҳолӣ таъсири амиқ мерасонанд? Ба андешаи Шумо матбуоти тоҷик ба кадом навъи тағйирот ва ислоҳотҳо эҳтиёҷ дорад? |
| | *Ҷой барои шарҳи Шумо:* |
| 10. | Нақши телевизиони “Тоҷикистон” ва нашрияи “Ҷумҳурият” дар фазои иттилоотии Тоҷикистон чӣ гуна аст? Мақсади асосии телевизиони “Тоҷикистон” ва нашрияи “Ҷумҳурият” аз чӣ иборат аст? Кадом навъи барномаҳо ва хабару гузоришҳо метавонанд, матлабҳои ВАО-и Тоҷикистонро беҳтар гардонанд? |
| | *Ҷой барои шарҳи Шумо:* |
| 11. | Агар Шумо ягон шарҳ, пешниҳод ё тавсияҳои иловагӣ дошта бошед, лутфан илова намоед. |
| | *Ҷой барои шарҳи Шумо:* |

Ташаккури зиёд барои мубодилаи афкор ва тавсияҳои пурарзишатон. Дастгирии Шумо бо баҳои баланд қадрдонӣ мегардад. Агар Шумо ягон савол ё нигаронӣ дошта бошед, дар вақти дилхоҳ бо суроғаи почтаи электронӣ ва телефони дар боло овардашуда тамос гиред. Ба Шумо дар фаъолияти минбаъдаатон барори кор орзумандам!

## ***Замимаи 2.*** *Намунаи анкета барои пурсишномаи сотсиологӣ*

**АНКЕТА №____**

**барои пурсишномаи сотсиологӣ**

*Муҳтарам мусоҳиб, мо дар мавзуи "Нақши расонаҳо дар ташаккули афкори умум" кори таҳқиқотӣ ба анҷом расонидаием. Умедворем посухҳои ҷиддии Шумо барои муайян намудани ҷанбаҳои таҳлилии ин мавзуъ ба мо ёрӣ мерасонад.*

*Қаблан сипосгузорем!*

| **1.** | **Саволҳо** |
|---|---|
| 1. | Барои гирифтани иттилоот бештар аз кадом васоити ахбори омма (ВАО) истифода мебаред? |
| | *а) матбуоти даврӣ*<br>*б) радио*<br>*в) телевизион*<br>*г) сомонаҳои интернетӣ*<br>*ғ) дигар сарчашмаҳо (номбар кунед)* |
| 2. | Чаро маҳз ин воситаро истифода мебаред? |
| | *а) дастрасиаш осон аст*<br>*б) иттилооташ боэътимод аст*<br>*в) иттилоотро саривақт пешниҳод менамояд*<br>*г) иттилоотро шарҳу тавзеҳ медиҳад*<br>*ғ) воқеаҳоро натанҳо инъикос, балки таблиғ менамояд* |
| 3. | ВАО-и писандидаатонро чӣ гуна дастрас менамоед? |
| | *а) тамошо мекунам*<br>*б) тариқи телефон огоҳ мешавам*<br>*в) дар роҳ*<br>*г) обуна ҳастам*<br>*ғ) харидорӣ менамоям* |
| 3. | Бештар кадом мавзуъҳое, ки тариқи ВАО пахш карда мешаванд, ба Шумо писанд аст? |
| | *а) сиёсӣ*<br>*б) иҷтимоӣ*<br>*в) иқтисодӣ*<br>*г) фарҳангӣ*<br>*ғ) варзишӣ* |
| 4. | Аз кадом воситаҳо бештар ин мавзуъҳоро пайгирӣ менамоед? |
| | *а) матбуоти даврӣ*<br>*б) радио*<br>*в) телевизион*<br>*г) сомонаҳои интернетӣ*<br>*ғ) дигар сарчашмаҳо (номбар кунед)* ______________________________ |
| 5. | Агар интихоби Шумо телевизион бошад, мавзуи писандидаи Шумо дар кадом барнома инъикос мешавад? |
| | *а) "Тоҷикистон ва ҷаҳон", "Мавзӯи рӯз", "Масъулият", "Нишони ифтихор", "Партави маърифат", "Илм ва инноватсия", "Илм фурӯғи маърифат", "Зан ва истиқлол"*<br>*б) дигар (номбар кунед)* ______________________________ |
| 6. | Дар ҳолати радио будан кадом барномаҳоро гӯш мекунед? |
| | *а) "Сарват", "Дармон", "Раҳнамун", "Руҳафзо", "Ватанпарвар", "Аз фурӯғ то фурӯғ", "Ҷаҳони андеша", "Тафсир", "Ҳамқадами замон", "Ҷаҳони варзиш"*<br>*б) дигар (номбар кунед)* ______________________________ |
| 7. | Агар интихоби Шумо матбуоти даврӣ бошад, кадом рӯзномаҳоро номбар карда метавонед? |
| | *а) "Ҷумҳурият", "Садои мардум", "Ҷавонони Тоҷикистон"*<br>*б) дигар (номбар кунед)* ______________________________ |
| 8 | Барномаи кадом рӯзноманигор ба Шумо писанд аст (ном ва ҷойи корашро зикр намоед)? |
| | ______________________________<br>______________________________<br>__ |
| 9. | Иттилооте, ки аз ВАО мегиред ба Шумо чӣ манфиат меорад? |
| | *а) аз навгониҳо огоҳ мешавам*<br>*б) ба моҳияти воқеаҳо сарфаҳм меравам*<br>*в) дониши касбиамро афзун менамоям*<br>*г) фароғат мебарам*<br>*ғ) вақтамро мегузаронам* |
| 10. | Доир ба таъсири расонаҳо чӣ гуфтанием? |
| | |

| **2.** | **Маълумот дар бораи мусоҳиб** |
|---|---|

| **Ҷинс** | | **Синну сол** | | **Фаъолият** | | **Ҷойи истиқомат** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | мард | | 16-25 сол | | | |
| | зан | | 25-35 сол | | | |
| | | | 35-50 сол | | | |
| | | | +50 сол | | | |